ISSN 2226-9355

Паёми

ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО

2(46)
2022

Силсилаи илмҳои:
филологӣ
педагогӣ
таърих

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
ДДЗТ

ISSN 2226-9355

ПАЁМИ
ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих)
2022. № 2(46)

ВЕСТНИК
ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)
2022. № 2(46)

BULLETIN
OF THE INSTITUTE OF LANGUAGES
(the series of Philological, Pedagogical and Historical sciences)
2022. № 2(46)

Душанбе – Dushanbe, 2022

ПАЁМИ ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО
Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих
Муассиси маҷалла:
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Маҷалла соли 2011 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:
Гулназарзода Жило Бурӣ *доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

Муовини сармуҳаррир:
Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо *номзади илмҳои физика-математика, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

10.00.00 – Филология	
Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷамшедов Парвонахон	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Турсунов Файёзҷон Мелибоевич	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Восиева Рухшона Қурбоновна	*доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Каримов Амонулло Файзуллоевич	*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
Олимӣ Хосият Ҳоким	*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
13.00.00 – Педагогика	
Шербоев Саидбой	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Неъматов Саъдулло Эргашевич	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Шосаидзода Сафар Ҳасан	*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
Товбаева Мавлуда Мусулмоновна	*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
07.00.00 – Таърих	
Ҳотамов Намоз Басарович	*доктори илмҳои таърих, профессор*
Муллоҷонов Сайфулло Кучакович	*доктори илмҳои таърих, профессор*
Рачабов Саиднеъмон Муллоҷонович	*номзади илмҳои таърих, дотсент*
Икромов Ғайбулло Холович	*номзади илмҳои таърих, дотсент*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2021 ворид гардидааст.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст (http: //elibrary.ru).

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:

Дар соҳаи илмҳои филологӣ: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

Дар соҳаи илмҳои педагогӣ*: 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Дар соҳаи илмҳои таърих: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.payom.ddzt.tj).

Паёми Донишкадаи забонҳо.
Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих.
– 2022. – № 2 (46). ISSN 2226-9355.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи №189/МҶ-97 аз 19.02.2021 сол.
Нишонии маҷалла: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

© ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 2022

ВЕСТНИК ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ
Серия филологических, педагогических, исторических и философских наук
Учредитель журнала:
Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода
Журнал основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор журнала:
Гулназарзода Жило Бури *доктор филологических наук, профессор, ректор Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода*

Заместитель главного редактора:
Наджмиддиниён Асадулло Мирзо *кандидат физико-математических наук, доцент, проректор по науке и инновации Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

10.00.00 – Филология	
Мухаммадджонзода Олимджон Обиджон	*доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм	*доктор филологических наук, профессор*
Джамшедов Парвонахон	*доктор филологических наук, профессор*
Турсунов Файёзджон Мелибоевич	*доктор филологических наук, профессор*
Восиева Рухшона Курбоновна	*доктор филологических наук, профессор*
Каримов Амонулло Файзуллоевич	*кандидат филологических наук, доцент*
Олими Хосият Хоким	*кандидат филологических наук, доцент*
13.00.00 – Педагогика	
Шербоев Саидбой	*доктор педагогических наук, профессор*
Неъматов Саъдулло Эргашевич	*доктор педагогических наук, профессор*
Шосаидзода Сафар Хасан	*кандидат педагогических наук, доцент*
Товбаева Мавлуда Мусулмоновна	*кандидат педагогических наук, доцент*
07.00.00 – История	
Хотамов Намоз Басарович	*доктор исторических наук, профессор*
Муллоджонов Сайфулло Кучакович	*доктор исторических наук, профессор*
Раджабов Саиднеъмон Муллоджонович	*кандидат исторических наук, доцент*
Икромов Гайбулло Холович	*кандидат исторических наук, доцент*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 30.03.2021.

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки (http: //elibrary.ru).

Журнал принимает научные статьи по следующим научным областям:

В области филологических наук: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

В области педагогических наук: *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

В области исторических наук: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.payom.ddzt.tj)

Вестник Института языков.
Серия филологических, педагогических и исторических наук. – 2022. – № 2 (46).
ISSN 2226-9355.
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство № 189/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
Адрес журнала: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

© ТГИЯ им. С. Улугзода, 2022

BULLETIN OF THE INSTITUTE OF LANGUAGES
The series of philological, pedagogical, historical and philosophical sciences
Founder of the journal:
Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda
The journal is established in 2011. Issued 4 times a year.

CHIEF EDITOR:
Gulnazarzoda Zhilo Buri *Doctor of Philology, Professor, Rector of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Najmiddiniyon Asadullo Mirzo *Candidate of Physical and Mathematical Sciences, associate Professor, vice-rector on science and innovations of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

10.00.00 – Philology	
Muhammadjonzoda Olimjon Obidjon	*Doctor of Philology, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum	*Doctor of Philology, Professor*
Jamshedov Parvonakhon	*Doctor of Philology, Professor*
Tursunov Fauyozjon Meliboevich	*Doctor of Philology, Professor*
Vosieva Rukhshona Qurbonovna	*Doctor of Philology, Professor*
Karimov Amonullo Fayzulloevich	*Candidate of Philology, associate Professor*
Olimi Khosiyat Hokim	*Candidate of Philology, associate Professor*
13.00.00 – Pedagogy	
Sherboev Saidboy	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Ne'matov Sa'dullo Ergashevich	*Doctor of Pedagogy, Professor*
Shosaidzoda Safar Hasan	*Candidate of Pedagogy, associate Professor*
Tovbaeva Mavluda Musulmonovna	*Candidate of Pedagogy, associate Professor*
07.00.00 – History	
Hotamov Namoz Basarovich	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Mullojonov Saifullo Kuchakovich	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Rajabov Saidnemon Mullojonovich	*Candidate of Historical Sciences, associate Professor*
Ikromov Ghaybullo Kholovich	*Candidate of Historical Sciences, associate Professor*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 30.03.2021.

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library (http: // elibrary.ru).

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

In the field philological sciences: *10.01.01, 10.01.03, 10.01.08, 10.02.01, 10.02.19, 10.02.20, 10.02.22*

In the field pedagogic sciences: *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08.*

In the field historical sciences: *07.00.02, 07.00.03, 07.00.09, 07.00.15.*

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.payom.ddzt.tj).

Bulletin of the Institute of languages.
The series of Philological, Pedagogical and Historical sciences. – 2022. – № 2 (46).
ISSN 2226-9355.
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
Certificate № 189/JR-97 от 19.02.2021 г.
Address of the journal: 17/6, Muhammadiev str., Dushanbe, 734019, Republic of Tajikistan.
Web site of the journal: www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Phone: (+992 37) 232-87-30

© TSIL named after S. Ulughzoda, 2022

ТДУ 809.155.0

ВИЖАГИҲОИ МАЪНОӢ ВА ЛУҒАВИИ СЛЕНГҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мухторов З.М., Ғафуров З.С.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Нахустин компютерҳо дар ибтидои солҳои 50-уми асри XX пайдо шуданд ва баробари такомули онҳо одамоне, ки бо онҳо кор мекарданд, соҳиби захираи махсуси луғавӣ гардиданд, ки имрӯз ҳам барои теъдоди зиёди одамон ин қабати махсуси луғавӣ дар нутқу гуфтор мавриди истифода қарор мегирад. Аз тарафи дигар, ин раванд то оғози давраи компютерҳои инфиродӣ, яъне то соли 1988 бештар маъмул буд. Албатта, ин гурӯҳи махсуси луғавӣ танҳо ба мутахассисон шинос буд. Дар охири солҳои 80-уми асри XX (ин давраи нави инқилоби компютерӣ буд) лексикаи компютерӣ ва калимаҳои нави ба он иловашуда аз доираи корбурди махсус баромада, дастраси ҳамагон мегардад. Истилоҳоти нав аз лексикони маҳдуди барномасозон ва ихтироъкорони техникаи компютерӣ ба гурӯҳи калимаҳои умумиистеъмол дохил шудаанд. Баробари ин падида боз як раванди аз нуқтаи назари забоншиносӣ маъмул ва қонунӣ, яъне сленги махсуси компютерӣ ташаккул меёбад. Таркиби луғавии забон, нисбатан, серҳаракат ва нисбат ба тағйироти худи воҳидҳои тағйирпазиру созандаи забон ҳассос мебошад. Тағйироти қариб фосилаи таркиби луғавӣ, ки дар он робитаи мустақим ва бевосита бо соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ инъикос меёбад, дар илова гардидани миқдори зиёди калимаю ифодаҳои нав зоҳир мегардад [1, с. 257].

Корбурди мафҳуми “доираи луғавӣ”-ро дар сленги компютерӣ нисбат ба чунин бахши таркиби луғавии забони тоҷикӣ, ба мисли иқтибосоти англисӣ метавон ба ин далел асоснок кард, ки дар омӯзиши ҳодисаҳое, ки бевосита бо мазмуни муттаҳидкунандаи қобили мушоҳида алоқаманд нестанд, мафҳумҳои “*ядро*”, яъне “*маҳак”*, “*ҳаста*”, “*ҳошия*” ба кор бурда мешавад ва дар ин маврид истилоҳи “*доира*”-ро ба кор намебаранд.

Муҳаққиқ Ю. С. Степанов муносибати мафҳумҳои “*сохтор*” ва “система”-ро муайян карда, дар бораи ҳастаи системаи забон чунин мегӯяд: “Ядрои системаи забон қабатҳои бештар серистеъмоли лексика, грамматика ва қабатҳои сермаҳсули калимасозиро фаро гирифта, маркази системаи забонро ташкил медиҳад. Ҳошияи системаи забонро бошад, қабатҳои камистеъмоли лексика, воситаҳои матруки калимасозӣ ва категорияҳои грамматикии дар ҳоли аз байн рафтан ташкил медиҳанд [9].

Дар забони тоҷикӣ ва дар забоншиносии тоҷик вожаҳоро аз нигоҳи доираи истеъмол ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: вожаҳои серистеъмол, вожаҳои камистеъмол ва вожаҳои истеъмолашон муътадил. Сарфи назар аз дидгоҳҳои мухталиф доир ба сохтори доираи луғавӣ-маъноӣ ҳамаи муҳаққиқон дорои зинанизом будани ҷузъҳои доираи луғавӣ-маъноӣ ва дар он мавҷуд будани ҳаста ва ҳошияро қайд мекунанд. Масалан, А.А. Новиков сохтори доираи маъноиро ба тарзи зайл тасаввур мекунад: доираи маъноӣ аз ҳаста (маънои умумӣ), марказ (гурӯҳҳои махсус бо маънои нисбатан мураккаб) ва ҳошия (номҳои дуюмдараҷа) иборат аст [5].

Ҳамин тавр, ҳангоми шарҳи бахшҳои гуногуни забон принсипи доирабандӣ бартарият пайдо кард. Фазои “Иқтибосоти англисӣ дар забони тоҷикӣ”-ро ҳамчун доира тасаввур мекунем, сарфи назар аз он ки воҳидҳои луғавӣ дар он аз ҷиҳати маъно муттаҳид нестанд, вале дар маҷмуъ, ба меъёрҳое, ки доира муайян кардааст, мувофиқат мекунанд. Бинобар ин, аз нигоҳи доираи истеъмол ва басомади истифодаи сленгҳои компютерӣ ҳудуди истифодаи онҳоро иборат аз марказ, назди марказ ва ҳошия донистан мумкин аст. Дар мавзуи мавриди баррасии мо мафҳуми “доираи луғавӣ-маъноӣ” ин на танҳо фазое фаҳмида мешавад, ки дар он

воҳидҳои луғавӣ аз рӯйи хусусиятҳои сохторӣ муттаҳид шудаанд, балки чунин фазоест, ки дар он воҳидҳои луғавӣ аз рӯйи мазмун ҳам муттаҳид шудаанд.

Ҳамин тавр, мафҳумҳои “марказ”//”ҳаста” ва “ҳошия”-ро метавон, нисбат ба маводи мавриди омӯзиши мо ҳам ба кор бурд. Ба бахши марказии он, аз рӯйи намунаи Ю.С. Степанов, метавон иқтибосоти англисии дар забони тоҷикӣ хуб ҳазмшуда ва серистеъмолро мансуб донист. Лексикаи иқтибосии забони англисиро ҳамчун доираи луғавӣ-маъноӣ фаҳмида, мо зарур мешуморем, ки онро бояд аввал ба доираҳои маъноӣ тақсим кард, сипас, дар дохили доираҳо воҳидҳои аз ҷиҳати маъно якхела - гурӯҳҳои луғавӣ - маъноӣ ва ё доираҳои хурди одӣ – қаторҳои нисбатан маҳдуди калимаҳои як ҳиссаи нутқро ҷудо кард [ниг.:9]. Агар сохтори доирае, ки муаллифони назарияи “доираи маъноӣ” пешниҳод кардаанд, дар тақсимоти иқтибосоти англисӣ ба бахшҳо – аз бахши марказ ба самти ҳошия ба кор барем, қобили қабул хоҳад буд

Сохтори сеунсуриро барои тавзеҳи доираи луғавӣ-маъноӣ дар таснифоти иқтибосоти англисӣ нигоҳ дошта, мо се бахши ин доира: марказ, фазои назди марказ ва ҳошияро муайян мекунем. Дар маркази доира калимаҳое ҷой мегиранд, ки ба меъёрҳои таснифот ҷавобгӯ мебошанд. Иқтибосоти англисӣ, ки ба “ядро”-и доира тааллуқ доранд, калимаҳои луғатҳои тафсирӣ ва луғатҳои калимаҳои хориҷӣ мебошанд.

Фазои назди марказро лексемаҳои қисман ҳазмшуда ташкил медиҳанд, яъне он воҳидҳои луғавие, ки дар онҳо як ва ё зиёда меъёрҳое вуҷуд надоранд, ки аз рӯйи онҳо воҳидҳои луғавӣ ба бахшҳои доира ҷудо карда шаванд. Ин фазои калони яксон фарогири иқтибосоти англисие мебошад, ки баъзе аз онҳо батадриҷ ба қисми марказӣ наздик мешаванд, баъзеи дигар бошад, ба ҳошия майл мекунанд. Дар ҳошия лексикаи камҳазмшуда ва ё ҳуд каммутобиқшуда: окказионализмҳо (ҳар гуна калимаи забони англисӣ, ки як бор дар нутқи шифоҳӣ ва ё хаттӣ ба кор бурда мешавад: ***womanizer*** - *занакбоз*), трансплантантҳо (воҳидҳои луғавии забони англисӣ, ки ба хатти забони мабдаи иқтибос навишта шудаанд, морфемаҳое, ки дар калимасозии забони англисӣ иштирок мекунанд (***-анг, -мект, -ер, -ор, -бол, -мейкер***) ҷой мегиранд.

Дар интернет-блогҳо метавон шумораи зиёди калимаҳои ғайримеъёрии англисиро дар шакли транскрипсия ва ё транслитератсия дучор омад: ***коксакер, блокхед, шит-кикер***. Ин гурӯҳи калимаҳо вазифаи эвфимистиро иҷро мекунанд ва бо намуди зебо ва ҷаззоби хоси калимаҳои англисӣ ба ҷойи калимаҳои “номатлуб” кор фармуда мешаванд.

Сохтори доираи луғавӣ-маъноиро набояд ҳамчун як чизи доимию тағйирнопазир ҳисоб кард. Бисёр калимаҳо вобаста аз тағйир ёфтани тамоюлҳои лингвистӣ ва фаролингвистӣ аз як бахши доираи луғавӣ-маъноӣ ба дигараш мегузаранд. Баъзе калимаҳои дар луғатҳои вожаҳои иқтибосӣ сабтшуда дар он шакле, ки онҳо дар он давра истифода мешуданд, аз истеъмол баромадаанд ва ба қатори архаизмҳо дохил шуда, дар ҳошияи наздики маркази фазо ҷой мегиранд, калимаҳои дигар аз ҳошия ва ё фазои наздики марказ ба ядрои марказ мегузаранд, мисли *CD, SMS.*

Дар бораи пайдоиши воҳидҳои нави луғавӣ сухан ронда, зикри сленги компютерӣ зарур аст, ки онро метавон ҳамчун инқилоби забонӣ ва ё ҳамчун неруи бузурги вайронкунандаи системаи забон баррасӣ кард. Сленг усули махсуси ифодаи муносибат нисбат ба ҳодисаҳо ва таҳаввулоти рушди ҷомеа ба шумор меравад [7]. Аз нуқтаи назари рушди забони англисӣ, дар системаи Интернет пайдо шудани воҳидҳои нави луғавӣ дар шароити муошарати электронӣ, ки бо ёрии роҳҳои анъанавии калимасозӣ: пешвандӣ, пасвандӣ ва ба гунаи он ба вуҷуд омадаро зикр кардан зарур аст. Дар байни калимаҳои нави бештар серистеъмол калимаҳои мураккаб, ки аз калимаҳои ҷудогона сохта шудаанд, бештар ба назар мерасанд: ***mouse (mouseclick), web (webmail, www), click (one-click), net (netnews, usenet), hot (hotmail, hotlink), bug (BugNet)***. Инчунин, калимаҳое, ки бо пешванди “***e-***“ сохта шудаанд, низ серистеъмоланд: ***e-*** (email, e-books), ***cyber-*** (cyberspace, cyberculture), ***hyper-*** (hypertext, hyperlink).

Ба мисли забони меъёрии англисӣ калимаҳои нав метавонанд бо роҳи гузариши калима аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ бидуни тағйироти сохтори морфологӣ сохта шаванд: ***a mouse - to mouse; a click - to click***.

Кӯшиши сарфаҷӯйии забонӣ, бахусус, зарурат ба воситаи муошират электронӣ, истифодаи самараноки методи ихтисора ташаккули воҳидҳои навоваронаро талаб менамояд. Бинобар ин, имрӯз дар забони барномаҳо, мукотиботи электронӣ, сабту қайд ва ҳифзу интиқоли иттилоот тавассути технологияҳои муосири иттилоотӣ аз ихтисораҳо хеле зиёд ва ба таври самаранок истифода мебаранд. Дар ин росто, кор то ҷое расидааст, ки дар мактубҳо ва мукотибаҳои гуногуни электронӣ низ мардум ин аббревиатураҳоро хуб мешиносанд ва хеле зиёд истифода мебаранд*: **ASAP – as soon as possible, Bbfn – bye bye for now, ISP – Internet Service Provider, bbl – be back Later, b4 – before, cfc – call for comments, cm – call me, cu – see you, cul – see you later, dk – don't know, dur? – Do you remember, f2f – face to face, gr8 – great, ruok - are you OK, thx – thanks*** ва монанди инҳо, аз қабили воҳидҳои луғавии мансуб ба иттилооти рақамию электронианд, ки на танҳо дар забони англисӣ, балки дар забонҳои дигар, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ низ истифода бурда мешаванд. Мавриди зикр аст, ки ихтисора ва истилоҳоти мазкур дар забони тоҷикӣ дар мавридҳои ҷудогона бидуни тарҷума истифода гардида, аз тарафи хонандагон ба осонӣ фаҳмида мешаванд.

Сленги компютериро бештар донишҷӯён ва донишомӯзон истифода мебаранд ва миқдори калимаҳои истифодашаванда аз сатҳи донистани компютер ва истифодаи он вобаста аст: ***hard disk drive*** - диски сахт (жестяк), ***RW memory*** - хотираи фаврӣ (оперативка), ***data processing machine*** - протсессор (проц), ***megabyte*** - мегабайт (метр), ***gigabyte*** – гигабайт (гектар), ***email*** - суроғаи электронӣ (мыло), ***Internet Common Questions - ICQ*** (асока), ***ID*** - истифодабарандаи компютер (юзер), ***hacker*** - шахсе, ки компютерро хуб медонад, инчунин, қулфшикани барномаҳо, бо истилоҳи асл дар шакли "хакер" низ истифода мешавад.

Сленги аз ҳама нофаҳмо ва камистифодатарини барномасозонро аз мисолҳои зерин метавон пай бурд: *"To create a website, you need to install a **local server** on your computer, preferably an **Apache** with **pkhp5**, a **dreamviver**, and after creating a **dynamic page**, upload it to the **host**".– "Барои сохтани сайт дар компи худ аз **сервaки** корӣ насб кардан лозим аст ва беҳтар аст, ки, агар он **апач с пхп5**, **дримвивер** бошад ва пас аз эҷод кардани **саҳифаи динамикӣ** онро дар **хост** боргузорӣ кардан зарур аст". - "Чтобы создать сайт, нужно установить себе на комп **локальный сервак**, желательно **апач с пхп5**, **дримвивер**, и после создания **динамической странички** выгрузить на **хост**"* [10; 11; 12].

Ҳамин ҷумла бо забони адабии тоҷикӣ ин тавр садо медиҳад: "*Барои он ки сомона сохта шавад, лозим аст, дар компютер барномаи ёрирасон, беҳтараш барнома бо номи **Apache**, ки бо забони барномасозии **php**, нусхаи 5 кор мекунад ва барномаи **Macromedia Dreamweaver**-ро насб кард ва баъди сохтани саҳифаҳо онҳоро ба хостинг ворид бояд кард".* Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳар ду муодили ин ҷумла барои истифодабарандагони одӣ, яъне шахсони ғайр аз барномасозони компютер, комилан, фаҳмо нестанд. Ҳамзамон, дар байни мутахассисони соҳа ба ҷойи гунаи адабии ин ҷумла, ки дар боло оварда шуд, бештар гунаи аввали он, ки шакли нисбатан одӣ ва омиёна дорад, бештар маъмул аст.

Бояд тазаккур дод, ки сленги компютерӣ дар забони тоҷикӣ тайи 20 соли охир вуҷуд дорад ва пайваста инкишоф меёбад, бо воҳидҳои нави забонӣ пурра мегардад; нақш ва ҷойгоҳи сленг дар фарҳанги муосири нутқ яксон нест ва фаҳмиши амиқтарро талаб мекунад [6, с. 106-108].

Роҳҳо ва тарзҳои пайдоиши сленги компютерӣ хеле гуногунанд, вале ҳамаи онҳо ба ин натиҷа меоранд, ки калимаи англисӣ барои истифодаи доимӣ созгор аст. Методҳои асосии ташаккули сленг, вижагиҳои маъноӣ ва луғавии бештари лексикаи мавҷудаи компютерӣ аз инҳо иборатанд:

1. Калка (иқтибоси пурра). Ҳар як овози вожаи иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ тибқи қонунҳои фонетикӣ овози мувофиқро иваз мекунад: мисолҳои калимаҳое, ки пурра аз забони англисӣ иқтибос шудаанд: ***device*** *– девайс,* ***hard drive*** *– хард.*

2. Калкаи нопурра (асосҳои иқтибосшуда). Истилоҳи англисӣ дар ихтиёри грамматикаи забони тоҷикӣ ва русӣ қарор мегирад ва ба қоидаҳои он итоат мекунад. Масалан, дар забони русӣ исмҳо морфемаҳои падежиро қабул мекунанд: ***application*** *– барномаи татбиқӣ (аппликуха) – апликух**у (в.п.),** апликух**и (р.п.).*** Пасвандҳо ва бандакҳо ба феъл илова

мешаванд: ***to connect*** *– тавассути компютер пайваст шудан (коннектиться),* ***to programm*** *– программакунонӣ, ба барномасозӣ машғул шудан (програмить),* ***to click*** *– клавишаҳои мушакро пахш кардан (кликать).*

3. Тарҷума. Тарҷума бо ду тарзи маъмул сурат мегирад. Тарзи якум – тарҷумаи калимаҳо бо истифодаи калимаҳои муътадили дар забони тоҷикӣ мавҷудбуда, ки дар ин маврид ин калимаҳо бо обуранги услубии паст соҳиби маънои нав мегарданд: ***Windows*** *– равзана (форточка), virus –мавҷудоти зинда,* **usrer's manual** *– алифбо, to delete — тоза кардан (сносить),* ***to read from disk*** *- кӯшиши хондани маълумот аз дискҳои бад (пилить диск),* ***to seek smth on disk*** *– хиширр-хиширр кардан (шуршать).* Ба ин гурӯҳ танҳо он калимаҳое мансубанд, ки онҳо пештар маъноҳои слангӣ надоштанд. Тарзи дуюм истилоҳоте мебошанд, ки тарҷумаи слангии худро бо роҳи истифодаи лексикаи гурӯҳҳои дигари касбӣ соҳиб шудаанд. Дар натиҷаи ин маънои калима то андозае тағйир меёбад ва барои слангии компютерӣ маънои махсусро соҳиб мешавад. Аксаран, калимаҳо ва ифодаҳо аз слангии ҷавонон дучор меоянд: ***incorrect program*** *– барномаи нодуруст (глюкало),* ***streamer*** *– стример (морфон),* ***microassembler*** *– микроассемблер (макрушник),* ***to connect tow computers*** *– барои пайваст кардани компютерҳои эвакуаторӣ (шлангировать).* Масалан, дар бораи тамғаи компютери "Pentium – 200" мегӯянд: *"Аробаи нав бо муҳаррики дусадум". - "Модная тачка с двухсотым мотором".*

4. Омонимияи фонетикӣ. Ин метод дар заминаи мувофиқати шаклии калимаҳои умумиистеъмоли аз ҷиҳати хусусиятҳои луғавӣ мутафовит ва истилоҳоти компютерии англисӣ қарор мегирад: ***jumper*** *– ҷаҳанда (джемпер//жемпир).* Дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ин калима аз нигоҳи талаффуз ба вожаи джемпер//жемпир ҳамталаффуз шудааст, ки барномасозон онро гоҳ-гоҳ истифода мекунанд. Мисоли дигар: ***button*** *– тугма (батон).* Дар тавофут аз забони англисӣ дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ин калима низ бо вожаи "батон" ба маънои як навъи нон ҳамгунталаффуз буда, дар забони барномасозон истифода мешавад ва ин низ боиси эҷоди як омоними нав шуда метавонад. Бо ҳамин тартиб, метавон мушоҳида кард, ки калимаҳо тавассути гузариш аз забони англисӣ ба русӣ ва тоҷикӣ боиси ташаккули як навъи омонимҳо шуда истодаанд. Калимае, ки ба слангмегузарад, тамоман, маънои навро ифода мекунад ва он ба ҳеҷ ваҷҳ ба маънои умумиистеъмолии он алоқаманд нест. Масалан, ***Laser printer*** – принтери лазерӣ (лазерь). Ҳамин тавр, калимае, ки дар забони умумихалқии русӣ маънои номи мардонаи ***Лазерро*** ифода мекунад, дар слангии компютерӣ маънои навро соҳиб шудааст. Чунин калимаҳо як бозии махсуси овозҳо ба шумор мераванд.

Дар слангии компютерӣ баъзе равандҳо ва тағйирот мушоҳида мешаванд. Дар давраи ҳозира луғати ин қабати лексика миқдори зиёди калимаҳоро фаро мегирад. Аз ин рӯ, метавон, силсилаҳои гунаи слангисинонимиро ҷудо кард: ***computer*** *– комп, компутер, (қуттӣ, банка, тачка, аппарат, мошин);* ***to hack*** *– шикастан (кандан, қисм кардан),* ***hard drive*** *– диски сахт (винт, хорд, хардрайв, бердан)*. Албатта, ҳар қадар калима умумиистеъмол бошад, ҳамон қадар он бештар муродиф дорад.

Слангии компютерӣ аз навъҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ ҳам орӣ нест. Дар байни онҳо ҳам воҳидҳои фразеологии феълӣ ва ҳам воҳидҳои фразеологии исмӣ мавҷуданд: ***press buttons*** *- бо мушак кор кардан, дар забони русӣ - жать батоны,* ***glitch error*** *- ислоҳи хатоҳо дар барнома, дар забони русӣ - глюк полировать,* ***Ctrl-Alt-Del*** *- баромадан бо клавишаҳо, бо ангуштон ишора кардан, дар забони русӣ - трёхпальцевый салют,* ***refresh*** *- иваз намудани системаи амалиёт, дар забони русӣ - ветер перемен.*

Ба мақсади ошкор кардани сабабҳои мутобиқшавии калимаҳои "компютерӣ"–и забони англисӣ дар забони тоҷикӣ ва русӣ, ба таври васеъ паҳн шудани калимаҳои касбии забони англисӣ дар забони тоҷикӣ дар байни ҳамсолон назарпурсӣ гузаронида шуд. Ба онҳо пешниҳод шуд, ки ба панҷ саволи вобаста ба мавзуъ ҷавоб диҳанд ва ин имкон медиҳанд, ки сатҳи донистани забони англисӣ, дониш, фаҳмиш ва сатҳи истифодаи истилоҳоти компютерии паҳнгардида муайян карда шавад, ошкор гардад, ки оё мутобиқшавии истилоҳоти компютерӣ ба қоидаҳои забони тоҷикӣ сурат мегирад? Маълум гардид, ки 90% посухдиҳандагон истилоҳоти компютериро медонанд ва дар нутқи худ истифода мебаранд. Маҳз ҳамин одамон

барои муошират байни ҷавонон истилоҳоти компютериро бо истифода аз қоидаҳои забони тоҷикӣ ва тартиби ихтисоркунии дар он қабулшуда мутобиқ месозанд.

Калимаҳои касбии компютерӣ дар раванди иқтибосшавӣ ва истифода дар нутқ тағйир меёбанд ва мутобиқшавии онҳо, ки барои соҳибони забони тоҷикӣ ва русӣ созгор аст, сурат мегирад. Имрӯз аз забони мутахассисони ин соҳа ифодаҳои *“зависат кардам”, “маҳкам шудам”, “кашол шудам”, “клава (клавиатура) барахлит кардан”* (клавиатура нағз кор намекунад)-ро шунидан мумкин аст.

Сленги компютерӣ ба таври босуръат инкишоф меёбад, ки сабаби ин пешрафти босуръати технологияҳои компютерист. Бисёр калимаҳо аз сленги компютерӣ ба қатори истилоҳоти расмӣ мегузаранд. Онҳо на танҳо дар нутқи шифоҳӣ, ҳуҷҷатҳои сершумори электронӣ, мактубҳо ва конференсияҳо дар фазои маҷозӣ ба кор бурда мешаванд, балки онҳоро дар интишорот ҳам метавон дучор омад. Онҳо аксаран дар нашрияҳои маъруфи компютерӣ истифода мешаванд. Онҳоро дар маҷаллаҳо оид ба бозиҳои компютерӣ метавон ба таври хеле фаровон мушоҳида кард. Масалан: *“А монстры там **стрейфятся** не хуже любого **думера**” (Ҳаюлоҳо дар он ҷо аз ҳар гуна **бозигар** дар **тирпарронӣ** бадтар мавқеъгирӣ намекунанд)* [10; 11; 12]. Бисёре аз калимаҳои сленги компютерӣ ба хусусияти гуфтугӯйӣ, обуранги дағали омиёнаи худ, ки хоси сленги ҷавонон аст, фарқ мекунанд, зеро дар байни мутахассисони соҳаи компютер ҷавонон хеле зиёданд. Донистани калимаҳои асосии сленги компютерӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар байни мутахассисон муошират намоем, дар ин маврид “чайник”, яъне (навкор) будани мо ба назар намерасад.

Бо ҳамин тартиб, гуфтан мумкин аст, ки сленги компютерӣ низоми жаргонии наслҳои гуногун ва бештар насли ҷавон буда, бо раванди хоси худ ба забони адабӣ ворид шуда, баробари лексикаи махсуси касбии барномасозон ва маъмурони системаҳо амал менамояд, он марҳила ба марҳила такомул меёбад ва мунтазам ба дигаргуниҳои муайян мувоҷеҳ аст.

АДАБИЁТ

1. Виноградов, В.В. Лексикология и лексикография. Избранные труды / В.В. Виноградов. – М., 1977. – 310 с.
2. Горшков, П.А. Сленг хакеров и геймеров в интернете: автореф. дис. канд. филол. наук / П.А. Горшков. - М., 2006. – 24 с.
3. Жеребило, Т.В. Словарь лингвистических терминов. Изд. 5-е, испр. и доп. / Т.В. Жеребило – Назрань, 2010. – 486 с.
4. Мастеров, Д.В., Юрьева Е.В. Роль игрового сленга в международной коммуникации. URL: http://conf.sfu-kras.ru/sites/mn2013/thesis/s082/s082-026.pdf, 143 с.
5. Новыков, Л.А. Семантическое поле как лексическая категория // Теория поля в современном языкознании: тез. док. -Уфа, -1991. - Ч.1. – С. 3-7.
6. Пеллих, И.В. Молодёжный сленг как социальная разновидность речи / И.В. Пеллих // Вестник АГУ. Сер.: Филология и искусствоведение. Вып.1. - Майкоп, 2008. - С.106-108.
7. Рустамова, А.А. Современный молодёжный сленг и особенности его функционирования (на материале речи студентов Республики Адыгея): автореф. дис. фил. наук / А.А. Рустамова. - Майкоп: Изд-во АГУ, 2006. – 26 с.
8. Северин, Д.Е. Способы передачи английской безэквивалентной лексики в процессе перевода компьютерно-игрового дискурса / Д.Е. Северин // Молодой ученый. – 2017. – №28. – С.109-113.
9. Степанов, Ю.С. Основы общего языкознания. - М.: Просвещение, 1975. – 324 с.
10. Harper D. Online Etymology Dictionary [Манбаи электронӣ].: URL: http://www.etymonline.com/.
11. Online slang dictionary [Манбаи электронӣ]. URL: http://onlineslangdictionary.com.
12. Social Technology News [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.socaltech.com.

ВИЖАГИҲОИ МАЪНОӢ ВА ЛУҒАВИИ СЛЕНГҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақола ба яке аз равияҳои нави илми забоншиносӣ - ба омӯзиши хусусиятҳои маъноӣ ва луғавии сленгҳои компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ҳамгуниву фарқияти ин қабати махсуси луғавӣ бахшида шудааст.

Ба андешаи муаллифони мақола, масъалаи мазкур дар илми муосири забоншиносии тоҷик мавзуи нав мебошад. Ҳамзамон, дар мақола назарияи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба вижагиҳои маъноӣ ва луғавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллифон дар заминаи омӯзиш зикр кардаанд, ки дар забоншиносии тоҷик вожаҳоро аз нигоҳи доираи истеъмол ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: вожаҳои серистеъмол, вожаҳои камистеъмол ва вожаҳои истеъмолашон муътадил.

Қайд гардидааст, ки роҳҳо ва тарзҳои пайдоиши сленги компютерӣ хеле гуногунанд, вале ҳамаи онҳо ба ин натиҷа меоранд, ки калимаи англисӣ барои истифодаи доимӣ созгор аст. Методҳои асосии ташаккули сленг ва вижагиҳои маъноӣ ва луғавии бештари лексикаи мавҷудаи компютерӣ аз калка (иқтибоси пурра), калкаи нопурра (асосҳои иқтибосшуда), тарҷума ва омонимияи фонетикӣ иборат мебошад.

Ҳамин тавр, сленги компютерӣ як қабати нави лексикаи забони гуфтугӯйӣ ба шумор меравад. Вижагиҳои сохтории сленгҳои компютерӣ роҳҳои калимасозии лексикаи сленгро дар бар мегиранд. Калимасозӣ ин воситаи асосии ғановати луғавии забон мебошад. Бо ин роҳ таркиби луғавӣ бо калимаҳои нав пурра мегардад.

Калидвожаҳо: *забоншиносӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, сленги компютерӣ, вижагоҳои маъноӣ, вижагиҳои луғавӣ, ихтисора, лексика, вожа, таркиби луғавӣ.*

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСИЕ ОСОБЕННОСТИ КОМПЬЮТЕРНЫХ СЛЕНГОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена одному из новых направлений в языкознании - изучению семантических и лексических особенностей компьютерных сленгов, сходствам и различиям этого особого лексического пласта, что является новой темой в современной науке таджикского языкознания. В то же время в статье анализируются теории отечественных и зарубежных исследователей о лексическо-семантических особенностях в таджикском и английском языках.

В контексте исследования авторы отмечают, что в таджикском языкознании по сфере употребления слова можно разделить на три группы: часто употребляемые слова, редкоупотребляемые слова и регулярно употребляемые слова.

Отмечено, что способы и приемы появления компьютерного сленга очень разные, но все они приводят к тому, что английское слово пригодно для постоянного употребления. Основными способами образования сленга и наиболее семантико-лексическими особенностями существующей компьютерной лексики являются калька (полная цитата), неполная калька (кавычки), перевод и фонетическая омонимия.

Таким образом, компьютерный сленг рассматривается как новый слой лексики разговорного языка. К структурным особенностям компьютерного сленга относятся способы формулировки сленговой лексики. Словообразование является основным средством обогащения словарного запаса языка. Таким образом словарный запас пополняется новыми словами.

Ключевые слова: *языкознание, таджикский язык, английский язык, компьютерный сленг, семантические особенности, лексические особенности, аббревиатура, лексика, слово, лексический состав.*

SEMANTIC AND LEXICAL PECULIARITIES OF COMPUTER SLANG IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article is devoted to one of the new directions in linguistics, the study of the semantic and lexical features of computer slang in tajik and english, as well as the similarities and differences of this special lexical layer, which is a new topic in modern tajik linguistics science. At the same time, the article analyzes the theories of domestic and foreign researchers about the semantic and lexical features in the tajik and english languages.

In the context of the study, the authors note that in tajik linguistics, words can be divided into three groups according to the sphere of use: frequently used words, rarely used words and regularly used words.

It is noted that the ways and techniques of the emergence of computer slang are very different, but all of them lead to the fact that the English word is suitable for constant use. The main ways of forming slang and the most semantic-lexical features of the existing computer vocabulary are calque (full quotation), incomplete calque (quotation marks), translation and phonetic homonymy.

Thus, computer slang is considered as a new layer of spoken language vocabulary. The structural features of computer slang include ways of formulating slang vocabulary. Word formation is the main means of enriching the vocabulary of the language. Thus, the vocabulary is replenished with new words.

Keywords: *linguistics, Tajik language, English language, computer slang, semantic features, lexical features, abbreviation, vocabulary, word, lexical composition.*

***Маълумот дар бораи муаллифон**: **Мухторов Зайнидин Мухторович** – Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филологӣ, Ректор. **Нишонӣ:** 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Тел.: 907801822. E-mail: mukhtorov67@gmail.com*

***Ғафуров Зоир Саъдуллоевич** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи филологияи англис. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: 988885159*

***Сведения об авторах: Мухторов Зайнидин Мухторович** - Филиал Сингапурского института развития менеджмента в г. Душанбе, доктор филологических наук. Ректор. Адрес: 734025, г. Душанбе, ул. Саида Насира, 33. Тел.: 907801822. E-mail: mukhtorov67@gmail.com*

***Гафуров Зоир Садуллоевич** - Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, соискатель кафедры английской филологии. Адрес: 734019, ш. Душанбе, улица Мохаммадиева, 17/6. Тел.: 988885159*

***Information about the authors: Mukhtorov Zainidin Mukhtorovich** – Branch of the Management Development Institute of Singapore in Dushanbe, Doctor of Philology. Rector. Address: 734025, Dushanbe, 33Said Nosir str. Phone: 907801822. E-mail: mukhtorov67@gmail.com*

***Gafurov Zoir Sadulloevich** - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, applicant for the Department of English Philology. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: 988885159*

ТДУ: 809.155.0 + 802.0

ВИЖАГИҲОИ МИЛЛИЮ ФАРҲАНГИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ВАХОНӢ БО УНСУРҲОИ ЗООНИМӢ ДАР МУҚОИСА БО ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мамадназаров А., Парвоева Н.З.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номии Сотим Улуғзода

Ба ҳар як миллат мафҳумсозӣ дар қолаби маъноӣ, ки дар забон ҷиҳати тасвири олам устувор гаридааст, хос аст. Махсусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалҳое, ки номи ҳайвонотро ифода мекунанд, бо тамоми гуногунрангиашон ҳангоми омӯзиши системавии онҳо инъикос меёбанд. Чун дар гузашта, имрӯз низ онҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҳама гуна табақаҳои аҳолӣ ба назар мерасанд. Соматизмҳо бошанд, ифодакунандаи узвҳои бадани худи инсон ҳастанд ва аз ҳама чиз ба ӯ наздиктаранд. Аз ин рӯ, дар мисоли худ инсон ба зиндагӣ назар меафканад ва барои дигарон аз таҷрибаи зиндагии худ намунаҳо меофарад, ки онҳо дар шакли мақолу зарбулмасал машҳур мешаванд. Масъалаҳои таъсири мутақобилаи забон ва фарҳанги миллӣ аз ҷониби забоншиносон дар даҳсолаҳои охир васеъ муҳокима мегарданд. Ин имкон медиҳад, то дар ҳар соҳаи мустақилу омехтаи забоншиносӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти фразеология ва паремиология, масъалаҳои семантика, услубшиносӣ, инчунин, амалкарди онҳо дар низоми забони миллӣ таҳлили амиқи забонӣ гузаронида шавад. Дар ҳифзи фарҳанги маънавӣ ва зеҳнии мардумон зарбулмасалу мақолҳо нақши махсусе мебозанд.

Зарбулмасалу мақолҳо дар тасвири забонии олам, бо имкониятҳои тасвирнокӣ, инъикос намудани як қатор андешаҳои фарҳангӣ, ки ба маишату шуури инсон бо ҷомеа алоқаманд аст, мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Нақши асосиву махсуси зарбулмасалу мақолҳо, пеш аз ҳама, дар неруи ғановатманди семантикии онҳо ифода меёбад. Дар тафовут аз сохтори синтаксисии озод, паремияҳо хулосабарорӣ, ҳикмати зиндагиро нисбат ба ягон хел вазъият инъикос мекунанд.

Соҳибзабонони ҳар як қавму халқият образи ин ё он ҳайвонро ба таври гуногун дарк мекунанд. Одатан, ин ба хурофоту тасаввуроти халқҳо ва мафҳумоти онҳо иртибот дорад.

Олами ҳайвонот яке аз мафҳумҳои дӯстдоштатарин ва паҳнгаштатарин дар забонҳои вахониву англисӣ мебошад, ки он дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил қарор мегирад.

Зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъи šač //dog «саг»

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар зарбулмасалҳо ва мақолҳои англисӣ ҷузъи «**саг**», тақрибан, бо миқдори якхела нишон дода шудааст. Дар бештар ҳолатҳо, образҳои ҳайвоноти хонагӣ дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ монанданд:

вах. **šač rыyd korwon šəxəst** [*маҳтул:* саг меҷакад, корвон мегузарад]. Ҳамчунин, дар забони англисӣ муодили ҳамин зарбулмасал мавҷуд аст:

англ. **dog barks, but the caravan goes on** [9, с. 203] [*маҳтул*. саг меҷакад, корвон мегузарад].

Вахонизабонон ва англисзабонон ҳарзагӯйӣ ва беҳудагӯйиро ба «ҷакидани саг» ташбеҳ медиҳанд.

Дигар хусусиятҳои бо ин ҳайвони хонагӣ алоқаманд дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ комилан гуногунанд ва дар баъзе мавридҳо мувофиқ намеоянд: **šačəv kыṭətk pə raẓsar, yaw хымətk rə yorč** [*маъно*. сагро болонишин карданд, ӯ поёнро ихтиёр кард]. Дар ин навъ зарбулмасал, пеш аз ҳама, хусусиятҳои миллию фарҳангӣ нишон дода шудааст. Аз он ҷумла «ҷои болонишин» дар забони вахонӣ бо калимаи «**raẓsar**» ифода ёфтааст. Вожаи мазкур, аслан, ифодакунандаи ҷои махсусе дар хонаҳои бадахшонӣ аст, ки ҳангоми меҳмон ба хона ворид мешавад, ӯро дар ҷойи махсус мешинонанд. Аз ин рӯ, дар зарбулмасал ба ҳамин ҷойи «боиззат ва бологузар» ишора карда шудааст. Вале шахсоне, ки қадри худро намедонанд, чунин ҷойро низ қадр намекунанд. Саг дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ баъзан саркашу гапнодаро тасвир мешавад. Аз ин рӯ, дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ баъзан ба саг бо назари манфӣ нигоҳ мекунанд ва ба он бӯйи нохуш ва бадро мансуб медонанд: вах. **šač rangəš vul/wa dəšt** [*маъно.* мисли саг бӯ мекунад].

Ё ин ки дар мақоли зер одамони ришваситон ва порахӯр ба саге, ки бо устухон қаноат мекунад, монанд мешавад: вах. **šačər yaič bən yaw tawi nəwыdыrt** [4, с. 114] [*маҳтул.* барои саг устухон парто туро намегазад].

Аммо дар забони англисӣ муодили ҳамин зарбулмасал бо маънои мусбӣ истифода мешавад: англ. **a good dog deserves a good bone** [*маҳтул.* саги хуб лоиқи устухони хуб аст].

Дар мавриди дигар, дар зарбулмасалу мақолҳои ин халқҳо, симои саг бо ҷанбаҳои мусбати хислат алоқаманд аст. Ин ҷо метавон чунин сифатҳоро ба мисли қаноатмандӣ, ташаббускорӣ, меҳнатдӯстӣ, истодагарӣ, устуворӣ ва мақсаднокӣ ҷудо намуд. Дар мақоли боло, аз як тараф, агар порахӯриву ришваситонӣ тасвир шавад, аз нигоҳи дигар, қаноатмандии саг инъикос меёбад. Ҳатто, дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ баъзан тамасхурро нисбат ба саг дидан мумкин аст, ки ба ҳар сурат, ин маънову сифатҳои масъул будан ва вафодории сагро ба хонаву оилаи худ кам намекунад: вах. **ar šač də xы xunbar zur** [*маҳтул.* ҳар саг дар назди хонаи худаш зӯр аст] [4, с. 107].

Дар забони англисӣ муодили ҳамин зарбулмасал чунин аст: англ. **every dog is a lion at home** [*маҳтул.* ҳар саг дар хонаи худаш шер аст].

Сагҳои хапгир дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ назар бо он сагҳое, ки аккосиянд, басо хавфнок маҳсуб мешаванд. Ба ҳамин монанд, дар забони вахонӣ саги хуфта низ беҳад хавфнок нишон дода мешавад: вах. **nыsətkin šači aga məcar** [*маҳтул.* саги хобидаро бедор макун].

Дар забони англисӣ ин зарбулмасал ба таври зерин омадааст: англ. **let sleeping dogs lie** [9, с. 32] [*маҳтул.* саги хобидаро мон дароз кашад].

Ҳамин тавр, метавон ба хулосае омад, ки «**саг**» дар зарбулмасалу мақолҳои мардумони забонашон муқоисашаванда гоҳ бо ифода ва муносибатҳои гуногун ва гоҳ монанд корбаст мешавад.

Зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъи piš //cat «гурба»

Симои зарбулмасаломези дигар ҳайвонҳои хонагӣ, аз ҷумла, гурба низ бо баъзе монандиҳо нишон дода мешаванд, ки дар онҳо монандии пурра дида намешавад. Дар баъзе мақолҳои ҳар ду халқ гурба рамзи ҷодугарӣ ва бадӣ маҳсуб мешавад, ҳарчанд гурбаро дӯст медоранд. Ин симо низ ба риёкориву дурӯягӣ ва мунофиқӣ наздик аст: вах. **şыw piš ki tər ti ruy di, ыb qədam cbas pšəw** [*маҳтул.* гурбаи сиёҳ, ки аз пешат баромад, ҳафт қадам ба қафо рав].

Таъкид бояд кард, ки гурбаи сиёҳ дар хуруфоти бисёр халқҳо ба назар мерасад. Дар асрҳои миёна гурба ёрдамчии ҷодугарон ҳисобида мешуд. Дар ИМА гурбаи сиёҳ оварандаи бадбахтӣ, дар Британиё, Ирландия ва Германия бошад рамзи хушбахтӣ ҳисобида мешавад. Агар гурбаи сиёҳ роҳи касеро аз чап ба рост убур кунад, ё ба сӯи касе бидавад, хушбахтӣ меорад. Баръакс, агар гурбаи сиёҳ аз ту дур шавад, бадбахт мешавӣ.

Дар тасаввури вахонизабонон гурба ҳамчун ҳайвони тозагидӯст инъикос меёбад ва ҳамин хислати гурба дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ дарҷ ёфтааст:

- вах. **pišrangəş lixt** [*маҳтул.* чун гурба мелесад (тоза мекунад)];
- вах. **piš ki tыr bar rəγd yawi mыšt** [*маҳтул.* гурба, ки ба берун баромад (ахлот кард), онро пинҳон мекунад].

Дар зарбулмасали дигар фарзанддӯстдории гурба нишон дода мешавад: вах. **piš cə xuʐgiən xə zəmani it** [*маҳтул*. гурба аз дӯстдории беҳад фарзандашро мехӯрад].

Хусусиятҳои ба ин ҳайвони хонагӣ алоқамандро дар зарбулмасалу мақолҳои англисии зерин низ мушоҳида кардан мумкин аст:

- англ. **cat has nine lives and a woman has nine cat's lives** [9, с. 233] [*маҳтул.* гурба нуҳ зиндагӣ дорад, зан ҳам мисли гурба нуҳ умр дорад];
- англ. **the scalded cat fears cold water** [*маҳтул.* гурбаи бо об сӯхташуда аз оби хунук метарсад] [9, с. 187];
- англ. **care killed the cat** [*маҳтул.* ғам гурбаро ҳам ба қатл расонд] [9, с. 120];
- англ. **a cat in gloves catches no mice** [*маҳтул.* гурбаи дар дастпӯшак буда, ягон мушро қапидан наметавонад];

- англ. **like a cat on hot bricks** [*маҳтул.* мисли гурбаи дар хишти гарм буда].

Ҳамин тавр, дар симои **гурба** дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ шахсони тозакору тозагидӯст ва фарзанддӯст тасвир мешавад. Дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ бошад, **гурба** баъзан наҳ зада мешавад.

Зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъҳои yaš//horse «асп», xur//donkey «хар»

Ба ҷуз аз сагу гурба бо ҳайвоноти боркаши хонагӣ – **аспу хар ва гов** низ миқдори хеле зиёди зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ алоқамандӣ доранд. Бояд зикр намуд, ки ҳар ду халқ аспро чи дар хоҷагии халқ ва чи дар хонаву шикоргоҳ ҳамчун воситаи нақлиёт истифода мебаранд.

Дар зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ мақоми **асп** хеле баланд аст.

- вах. **yaš mirit xur yaw zroxəri wədərt** [4, с. 115] [*маҳтул.* агар асп мурад, хар ҷояшро мегирад];

- вах. **yašəv dyətk nal, mutk bə xə pəd wuč kərk** [4, с. 114] [*маҳтул.* аспро наъл кардаанд, қурбоқа ҳам пояшро боло бардоштааст];

- вах. **ş̌ətыr x̌ə kərdii nədidiў̌d yašər x̌and tu kərd** [4, с. 114] [*маҳтул.* уштур каҷии худро надида, аспро каҷ мегӯяд].

Дар забони англисӣ низ асп ба таъминот, кор ва меҳнати ҷисмонии вазнин мансуб аст:

- англ. **it is a good horse that never stumbles** [*маҳтул.* аспи хуб он аст, ки андармонӣ накунад];

- англ. **all lay load on the willing horse** [*маҳтул.* ҳамаи кори вазнинро ба гардани аспи иштиёқманд бор мекунанд].

Зарбулмасалҳое мавҷуданд, ки дар забонҳои муқоисашаванда муодили худро доранд: вах. **yašn yaw pədi rы yupk di yan pit yo nəy** // англ.
you can lead a horse to water, but you can't make him to drink [*маҳтул.* аспро то пеши об бар, нӯшад ё не].

Симои ҳайвони дигари хонагӣ – **хар** дар зарбулмасалу мақолҳои ин забонҳо ба назар мерасад. Дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ симои **xur** «**хар**» бештар вомехӯрад, чунки ин ҳайвони хонагӣ дар шароити кӯҳистон бештар дар хоҷагидорӣ истифода бурда мешавад. Бесабаб нест, ки вахониён ҳангоми ташбеҳ додан харро аз бародар ҳам болотар меҳисобанд ва дар мақоли **žы xur žы vrыt** «хари ман, бародари ман» ҳамин маъно бараъло ифода меёбад. Дар баробари ин, дигар зарбулмасалу мақолҳое, ки доир ба **хар** дар забони вахонӣ мавҷуданд, тамоми хилсатҳои неку бади онро фарогиранд ва бечунучаро дар симои **хар** хислатҳои неку бади инсонҳо нишон дода мешаванд. Аз ҷумла, хислатҳои мусбии содагӣ, фурӯтанӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, бедорхобӣ ва хислатҳои манфии пурхӯрӣ, аблаҳӣ, беақлӣ ва якравӣ дар зарбулмасалу мақолҳои зер ифода ёфтаанд:

- вах. **xur də pargišыn x̌ati sətk cart** [*маҳтул.* хар дар хокистаргоҳ ҳам худро сер мекунад] [4, с. 112];

- вах. **xur ki pə рыx̌t tqi wərəўn**, **yan zolg wost** [*маҳтул.* хар, ки дар оғил бисёр монд, бадфеъл мешавад] [4, с. 112].

- вах. **xur pə wəş̌dun bar** [*маҳтул.* хар дар назди каҳдон];

- вах. **xur xə mərdanr ымыt, vыr də ǰoydod ў̌at** [*маҳтул.* хар дар фикри мурдан бошад, бор ба ҷояш мерасад];

Англисҳо бошанд, баъзан харро ҳамчун воситаи ҳамлу нақл истифода мебурдаанд, вале ба ҳар ҳол ҷузъи **donkey** «хар» дар миқдори зиёди зарбулмасалу мақолҳои англисӣ ифода меёбад. Симои хар дар забони англисӣ хеле кам ифода ёфта, ба аблаҳӣ, якравӣ ва золимӣ алоқаманд аст:

- англ. **an ass is but an ass, though laden with gold** [*маҳтул.* хар хар мемонад, ҳатто, агар тилло бор карда бошад] муодили ин зарбулмасал дар забони тоҷикӣ чунин омадааст: хар, агар Макка равад, боз ояд ҳамон хар;

- англ. **all asses wag their ears** [*маҳтул*. ҳамаи харҳо гӯшҳояшонро меҷунбонанд]. Ин тасвир пайванди манфӣ дорад ва на ҳама вақт дар забони англисӣ истифода мешавад, зеро ин ҳайвонро англисҳо баъзан ҳамчун воситаи нақлиёт истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, тасвирҳои асп ва хар дар забони маъмули англисӣ ва вахонӣ васеъ истифода мешаванд ва маънои возеҳи миллию фарҳангии худро доранд.

Зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъҳои ǧыw//cow «гов» ва may//sheep «гӯсфанд»

Ҷузъи зооними **ǧыw//cow** «**гов**» дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ аз забони англисӣ дида, бештар ба мушоҳида мерасад. Ба вуҷуди ин, бархе аз онҳо аз ҷиҳати мазмун мувофиқат мекунанд: вах. **bi ʒarʒ ǧыw sədo bland** [*маҳтул*. гови бешир овозаш баланд].

Дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ симои гов аз як тараф, ифодакунандаи беақливу мағрурӣ аз ҷониби дигар, асоси пешбурди зиндагӣ тасвир мешавад:

Дар мақоли зерин муҳиммияти ин ҳайвони хонагӣ баръало инъикос мегардад:

- вах. **ǧыw уытыт ʒarʒdun xalg got** [*маҳтул*. гов бошад, зарфи шир ёфт мешавад]. Ин ба он далолат мекунад, ки гов дар хоҷагидорӣ ва рӯзгор аҳамияти калон дорад.

- вах. **wəšk ǧaʂi vandət skam nan cbas yawi ləcər** [4, с. 108] [*маҳтул.* даҳони гӯсоларо банду аз қафои модараш сар дех].

Дар зарбулмасалу мақолҳои англисӣ ин ҳайвони хонагӣ пириву мулоиматӣ (гапдароӣ) ва эҳтиёҷмандиро инъикос мекунад:

- англ. **the old cow thinks she was never a calf** [*маҳтул.* гови пир фикр мекунад, ки ҳеҷ гоҳ гӯсола набудааст];

- англ. **if you buy the cow, take the tail into the bargian** [*муодил*. гӯсфандро додагӣ, арғамчинро ҳам медиҳад] [9, с. 119].

Дар фарҳангҳои гуногуни мардумони забонашон муқоисашаванда гӯсфанд рамзи фурӯтанӣ, сархамӣ ва нодонию беақлиро ифода мекунад:

вах. **may rəxk ǧər gədoi yaw xati vritkəv** [4, с. 110] [*маҳтул*. гӯсфанд ба гадоии пашм рафтааст, худашро гӯсфандтарош кардаанд].

Дар забони вахонӣ мақоли **mayrang xalg** [*маҳтул.* одами мисли гӯсфанд], яъне гӯсфанд барин беақл зиёд истифода мешавад. Маънои англисиаш **silly as sheep** [чун гӯсфанд беақл]-ро мефаҳмонад. Симои ин ҳайвон, ҳамчунин, ҳолати бепуштупаноҳиро ифода мекунад: **a sheep among wolves** [*маъно*. гӯсфанд андар миёни гургон].

Яке аз хусусиятҳои тоҷикони вахонизабон ин болотару волотар донистани гӯсфанд аз дигар ҳайвонот мебошад, ки он дар зарбулмасли **ʂoni də bar, kəla tər koz** [*маъно*. домод дар назди дарвоза (тайёр), аммо гӯсфанд ҳанӯз дар парвариш (чарогоҳ)] зоҳир мегардад.

Зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъи ʂapt//wolf «гург»

Оид ба ҳайвоноти ваҳшӣ ба мисли **ʂapt//wolf** «**гург**» дар забонҳои муқоисашаванда зарбулмасалу мақолҳои зиёде мавҷуданд. Гург дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ ҳамчун разил ва ҳарис арзёбӣ шудааст: вах. **də ʂaptən šыwd, də šbыnən nыwd**] [*маҳтул*. бо гург мехӯраду бо чӯпон гиря мекунад].

Баъзан содагиву боварӣ кардани мардум дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ равшан инъикос меёбад: вах. **ʂaptəv rəmətk mol šыbыni** [*маҳтул*. гургро чӯпонӣ фиристодан].

Вале дар зарбулмасали зер аз душмании азалии гургу гӯсфанд сухан рафта, симои гург ҳамоно бераҳм ва гӯсфанд содаву гӯл тасвир ёфтааст: вах. **ʂapt də mayən oʂno nəwost** [*маҳтул*. гург бо гӯсфанд дӯст намешавад].

Шахсоне, ки бераҳму разил хислаташонро ҳеҷ гоҳ дигар намекунанд, чунки онҳо зотан чунинанд:

- вах. **ʂapt də zəmiston xə rangi dəgar goxtət xə fili nəit** [4, с. 106] [*маҳтул*. гург метавонад дар зимистон ранги худро дигар кунад, аммо хӯйи ӯ дигар намешавад]. Муодили ин зарбулмасал дар забони англисӣ чунин ифода ёфтааст: англ. **the wolf may change his coat, but not his disposition**[**Ошибка! Источник ссылки не найден.** с. 106] [*маҳтул*. гург метавонад ӯсти худро дигар кунад, аммо хӯйи ӯ дигар намешавад]. Дар забони тоҷикӣ муодили ҳамин мақол мавҷуд буда, дар он ба ҷойи гург мор ифода ёфтааст [*муодил*. мор пӯсти худро партояд

ҳам, аммо хӯйи (хулқи) худро намепартояд]. Ҳамин тавр, зарбулмасалҳои зер дар забони англисӣ бо ҷузъи «гург» ифодаёфта, дар симои гург хислати инсонҳоро инъикос мекунад:

- англ. **wolf never wars against wolf** [9, с. 116] [*муодил.* гург гургро намехӯрад];
- англ. **wolf in sheep's clothing** [9, с. 116] [*маҳтул.* гург дар ҷомаи меш];
- англ. **man is a wolf to man** [9, с. 106] [*муодил.* гадо – душмани гадо];

англ. **give never the wolf the wether to keep** [*муодил.* гургро ба чӯпонӣ фиристоданд].

Ҳамин тавр, дар зарбулмасалу мақолҳои боло гоҳо оид ба хислатҳои мусбати гург дар муқоисаи даррандаи неку боварinок ва гоҳо дар бораи хислатҳои манфии ин ҳайвон суханон ба миён меояд. Муқоисаи зарбулмасалу мақолҳои боло нишон медиҳанд, ки тасвири бархе аз хислатҳои гург дар забонҳои муқоисашаванда умумӣ буда, бархе вобаста ба хусусиятҳои миллии худ аз ҳам фарқ мекунанд.

Хулоса, донистани хусусиятҳову роҳҳои баёни фикр дар зарбулмасалу мақолҳо, ки эҳсосоти гуногунро ифода мекунанд, имконият медиҳанд, то забон ва фаҳмиши фарҳангии намояндагони халқҳои гуногун омӯхта шаванд ва дар раванди робитаҳои байнифарҳангӣ барои комилан мувофиқу якхела дарк намудани нутқи эҳсосотии дигар забонҳо кумак расонанд.

Тааҷҷубовар аст, ки дар зарбулмасалу мақолҳои халқҳои аз ҳамдигар дар масофаи дур зиндагикунанда, дар шароитҳои гуногуни ҷуғрофӣ умр басарбаранда ва дину оинашон мухталиф, ҳамон як ҳайвон, чи хонагию чи ваҳшӣ оварда шудааст.

АДАБИЁТ

1. Лашкарбеков, Б. К этнолингвистической истории ираноязычных народов Памира и Восточного Гиндукуша. / Б. Лашкарбеков //В кн.: Памирская экспедиция (статьи и материалы полевых исследований). – Санкт-Петербург, 2006. – С. 111-130.
2. Мирбобоев, А. Об этнорегиональном аспекте изучения некоторых памирских фразеологизмов / А. Мирбобоев // VIII Всесоюзная научная конференция. Актуальные проблемы иранской филологии (Тезисы докладов). – Душанбе, 1983. – С. 88.
3. Мирбобоев, А. Лексика животноводства: автореф. … дис. канд. филол. наук. / А. Мирбобоев. – Душанбе, 1991. – 22 с
4. Матробиён, С.Қ., Мирбобоев, А. Ганҷи вахонзамин. Маҷмуаи осори мардумӣ / С.Қ. Матробиён, А. Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 159с.
5. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе: ҶДММ Эр–граф, 2015. – 1015 с.
6. Назарова, З. Мақолу зарбулмасалҳои ишкошимӣ // Масъалаҳои филологияи Помир. Вып. 3. – Душанбе: Дониш, 1985. – С. 164-168.
7. Норов, Ш. А. Лексико-семантические особенности анималистичес-ких паремий в таджикском языке и их аналоги в английском языке: автореф. дис. … канд. филол. наук.10.02.20/ Ш.А.Норов. – Душанбе, 2018. – 26 с.
8. Пахалина, Т. Н. Ваханский язык. /Т. Н. Пахалина. – Москва: Наука, 1975. – 344 с.
9. Субҳинисо Б. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ - англисӣ – русӣ / Б. Субҳинисо. – Хуҷанд, 2016. – 419 с.
10. Стеблин-Каменский, И.М. Языки Восточного Гиндукуша. Ваханский Язык / И.М. Стеблин-Каменский. – Москва, 1976. – 670с.
11. Тилавов, Б. Омилҳои инкишофи зарбулмасалҳо/ Б.Тилавов // Садои Шарқ. - № 8. – Душанбе, 1967. – С. 125-134.
12. Турсунов, Ф.М. Лексико-семантический анализ и особенности пословиц и поговорок произведений Ф. Мухаммадиева / Ф.М. Турсунов. – Душанбе, 2006. – 136 с.
13. Фозилов, М. Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ / М. Фозилов. – Душанбе, Дониш, 1976. – 374 с.
14. English proverb and sayings http://linguapedia.info/english/proverbs-sayings.html 2].

ВИЖАГИҲОИ МИЛЛИЮ ФАРҲАНГИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ЗАБОНИ ВАХОНӢ БО УНСУРҲОИ ЗООНИМӢ ДАР МУҚОИСА БО ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Бо истифодаи зоонимҳои гуногун дар зарбулмасалу мақолҳо робитаҳои шабеҳи забони вахонӣ ва англисӣ таҳлил мегардад. Зарбулмасалу мақолҳои мавҷуда дар забонҳои муқоисашаванда таносуби рафтору феъли ҳайвонотро бо инсон муайян мекунанд. Зарбулмасалу мақолҳои мазкур, ки аз ҷониби намояндагони забонҳои гуногун эҷод шудаанд, мисли нишондодҳои хусусияти миллӣ дар муқоисаи зарбулмасалу мақолҳои дорои маданияти мухталиф нақши муҳимро ба ҷо меоранд.

Зарбулмасалҳое, ки нодониву беақлиро ифода мекунанд, ба сифати муқоиса дар онҳо номгӯйи ҳайвонот истифода мешавад, вале ин ҷо бештар сифати ҳайвонро ба сифати инсон не, балки онро ҳамчун объекти муқоиса истифода мебаранд.

Аз ҷиҳати корбурди якхелаи ин ё он зооним дар зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ ва англисӣ мутобиқати истифодаи онҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Зарбулмасалу мақолҳо дар сатҳи гуногуни зиндагӣ умумияти нуқтаи назари ду халқро нишон медиҳанд.

Омӯзиши муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахониву англисӣ нишон медиҳанд, ки дар ҳар ду забон миқдори зиёди образҳои аз олами ҳайвонот иқтибосгирифтаро метавон дарёфт.

Муҳаққиқон далели мазкурро бо он мефаҳманд, ки паремиология инъикоси инкишофи таърихии халқ маҳсуб шуда, инсоният дар тули ҳазорсолаҳо дар алоқаи наздик бо ҳайвонот будааст.

Табиист, ки ҳамаи ин мафҳумҳо барои мардумони гуногун аҳамияти нобаробар доранд. Зарбулмасалҳо нақши ин ва ё он феноменҳои номбаршударо барои зиндагии мардумон равшан инъикос менамоянд. Ин бештар бо кумаки ворид кардани лакунҳои нисбӣ ба лексикаи зарбулмасалҳо ба вуҷуд меояд. Зарбулмасалҳо, худ, аксаран, мулоҳизаи маҷозиянд ва чуноне ки маълум аст, маҷоз бо муқоиса зич алоқаманд буда, хусусияти миллии зарбулмасалҳои маҷозӣ дар интихоби объектҳои муқоисавӣ падидор шуда, тавассути онҳо зуҳурот ва воқеиятҳои забонию фарҳангӣ инъикос карда мешаванд.

Калидвожаҳо: *этнолингвистика, хусусияти миллӣ, ҳайвонот, забоншиносӣ, зоонимӣ, забони англисӣ.*

НАЦИОНАЛЬНО-КУЛЬТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК ВАХАНСКОГО ЯЗЫКА С ЗОНИЧЕСКИМИ ЭЛЕМЕНТАМИ В СРАВНЕНИИ С АНГЛИЙСКИМ ЯЗЫКОМ

Анализ сходства ваханского и английского языков проводится с помощью зоонимов, используемых в пословицах и поговорках. Существующие пословицы и поговорки в сопоставимых языках определяют связь между поведением животных и человека. Эти пословицы и поговорки, созданные носителями разных языков играют важную роль в сопоставлении пословиц и поговорок разных культур.

В пословицах, выражающих невежество и глупость, в качестве сравнений используются названия животных, но здесь качество животного больше всего используется как объект сравнения.

С точки зрения одинакового употребления тех или иных зоонимов в пословицах и поговорках ваханского и английского языков можно увидеть сочетаемость их употребления. Пословицы и поговорки на разных уровнях жизни показывают общность взглядов двух народов.

Сравнительное изучение пословиц и поговорок в ваханском и английском языках показывает, что в обоих языках можно найти большое количество образов, взятых из животного мира.

Исследователи считают паремиологию как отражение исторического развития народа, и человек на протяжении тысячелетий находится в неразрывном контакте с животными.

Естественно, все эти понятия имеют не одинаковое значение для разных людей. Пословицы наглядно иллюстрируют роль тех или иных явлений в жизни людей. Во многом это связано с включением в лексику пословиц относительных местоимений. Сами пословицы часто образны, а метафора, как известно, тесно связана с аналогией и строится на ее основе. Национальный

характер виртуальных пословиц отражается в выборе объектов сравнения, с которыми знакомится и сближается явление внеязыковой действительности.

Ключевые слова: *этнолингвистика, национальный характер, животные, языкознание, зоонимический, английский язык.*

NATIONAL-CULTURAL CHARACTERISTICS OF PROVERBS AND SAYINGS OF ZOONYM ELEMENTS THE WAKHANI LANGUAGE IN COMPARISON WITH ENGLISH LANGUAGE

Using of different zoonyms in proverbs and sayings analyzes the similarities between the Wakhani and English languages. Existing proverbs and sayings in comparable languages define the relationship between animal and human behavior. These proverbs and sayings, created by native speakers of the different languages, as well as indicators of the national character and play an important role in comparing proverbs and sayings of different cultures.

Proverbs expressing ignorance and stupidity use the name of an animal as a comparison, but here they use the quality of an animal not as a person, but as an object of comparison.

From the point of view of the same certain zoonyms in proverbs and sayings of the Wakhani and English languages, one can see the compatibility of their use. Proverbs and sayings at different levels of life show the commonality of the views of the two peoples. A comparative study of proverbs and sayings in the Wakhan and English languages show that in both languages one can find a great number of images taken from the animal world. Scientist understands this fact, that paremiology is a reflection of the historical development of the people, and that man has been in close contact with animals for the thousands of years.

Naturally, all these concepts have different meanings for different people. Proverbs clearly illustrate the role of certain phenomena in people's lives. This is largely due to the inclusion of relative pronouns in the vocabulary of proverbs. The proverbs themselves are often figurative, and metaphor, as it is known, they are closely connected with analogy and built on its basis. The national character of virtual proverbs is reflected in the choice of objects of comparison, which reflects the phenomenon of linguocultural realities.

Keywords*: ethnolinguistics, national character, animals, linguistics, zoonymy, English.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Мамадназаров Абдусалом *– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. Нишонӣ: г. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: (+992-37) 2-27-74-41; (+992) 937715060.*

Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна *- Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторанти (PhD) кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияви тарҷума. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел: (+992)934640091; E-mail: nurjahon-0590@mail.ru*

Сведения об авторах: Мамадназаров Абдусалом *- Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка и сопоставительной типологии. Адрес: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. тел: (+992-37) 2-27-74-41; (+992) 937715060.*

Парвоева Нурчахон Зармастовна *- Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, докторант (PhD) кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел: (+992)934640091; E-mail: nurjahon-0590@mail.ru*

Information about the authors: Mamadnazarov Abdusalom *- Tajik National University, doctor of Philology, Professor of the Department of English and Comparative Typology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone.: (+ 992-37) 2-27-74-41; (+992) 937715060*

Parvoeva Nurjahon Zarmastovna *– Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, doctoral student (PhD) at the Department of Comparative Linguistics and Translation Theory. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 931009190; E-mail: nurjahon-0590@mail.ru*

УДК: 801.8

ЛЕКСЕМЫ, ХАРАКТЕРИЗУЮЩИЕ ПОЖИЛЫХ ЛЮДЕЙ ТРЕТЬЕГО ВОЗРАСТА В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Джамирова Л.И.

Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода

Интеллект людей пенсионного возраста влияет на человека как пройденный жизненный путь, что выражается в интеллектуальном багаже, а также тренированность столь значимой способности.

Значимой характеристикой для любого пожилого человека однозначно является состояние здоровья. Как показывает исследование М. Ч. Мамчиц, состояние здоровья является фактором, который влияет на качество жизни пожилого. Результаты исследования показывают, что участники, которые не имели хронических заболеваний, демонстрировали более высокие показатели качества жизни в таких сферах, как общее здоровье и физическая активность. В другом исследовании польских ученых И. Манечки-Брыли, О. Гажечки и др. рассматривалось, как самооценка собственного здоровья связана с конкретными заболеваниями и социоэкономическими характеристиками. Результаты этого исследования показывают, что пожилые люди не имеют хронические заболевания, и более позитивно оценивают свое здоровье, также на оценку здоровья имеет влияние ощущение счастья. В целом, на основе результатов авторы рассматривают субъективную оценку собственного здоровья как важный индикатор здоровья и качества жизни. Одной из самых значимых характеристик, является наличие жизненных смыслов. Исследование Н. Краузе показывает, что наличие смыслов сильно влияет на психическое и соматическое здоровье пожилых людей. Кроме того, другое исследование этого же автора демонстрирует, что наличие смыслов позволяет справляться со стрессом и сопротивляться влиянию психотравмирующих ситуаций. Другое исследование было проведено С. Хаудом и Л. Данболтом в группе пожилых людей с неизлечимым раком. По результатам данного исследования были сделаны выводы, что наличие целей и их формирование является основанием для восстановления и развития сферы жизнеспособности. Также смыслы позволяют задействовать поведенческие ресурсы и жизнеспособные стратегий, которые позволяют возобновить достижение жизненных целей и более реалистично их корректировать.

Естественно, утрата смыслов в пожилом возрасте связана с утратой профессиональной деятельности, уже выросшими детьми и в принципе меньшей потребностью содержат семью. Способность находить новые цели своей жизни отличает пожилых людей от стариков, которые «доживают».

Можно сказать, что пожилые люди, которые с выходом на пенсию сохраняют свою личность и живут счастливой осмысленной жизнью, относятся к так называемому третьему возрасту. **Сочетаемость слов, вербализирующих лексему возраст, показывает способы категоризации этого явления в русском и таджикском сознании. Сочетаемость слова** пирӣ - старость, преклонный возраст **с другими словами [**дар айёми пирӣ - в дни старости; баёзи пирӣ «поэт. седина»; давлати пирӣ - счастливая старость; дар дами пирӣ - в старости; иллати пирӣ - болезнь от старости, старческая немощь; заъфи пирӣ - старческий маразм; заъфи пирӣ -старческая немощь; дар айёми пирӣ - на старости лет; в старости; пирию хартозӣ - седина в бороду, а бес – в ребро; пирию сад иллат, пирию ҳазор офат - придёт старость – придёт и слабость; старость – не радость и др.] **показывает, что пирӣ для таджика - нечто как положительное, так и отрицательное. Установленные способы категоризации [когнитивные метафоры] должны быть сформулированы как определенные содержательные признаки, входящие в структуру концепта.**

Показанные семы отождествляются с концептуальными признаками, семемы - с концептуальными слоями, способы категоризации [когнитивные метафоры] интерпретируются как когнитивные признаки. Затем выстраивается структура понятия по лингвистическим данным.

Итак, в сопоставляемых языках возрастная лексика представляет собой семантически богатый и структурно сложный класс единиц.

Таким образом, из возрастной лексики со значением СТАРОСТЬ наиболее употребительными оказались лексемы МӮЙСАФЕД И **ПИРАМАРД** [старик].

Приведем примеры из наших источников:

МӮЙСАФЕД:

…мӯйсафед ба Истам гуфт…[1, с.119] – …старик сказал Истаму [с.106]; Мӯйсафед писаракро ба сари миз шинонида…[4, с.97] – Старик посадил мальчика за стол…[с.228]; Ака ва укоҳоям, ба қавли мӯйсафедон, аз хавфи мурдан гузашта буданд…[1, с.150] – По словам стариков, моим братьям не грозила смерть…[1, с.141].

ПИРАМАРД/ПИРМАРД:

Магар пирамард кампирро зада истодааст? [2, с. 464] – Неужели старик бьет старуху? [2, с.315]; Аз афташ, пирамард нафақахӯр аст [4, с. 63] – Наверное, старик-пенсионер [4, с.203]; Як пирмард …ба ҷавонон гуфт [2, с.437] – Один старик …сказал юношам [2, с. 297].

КАМПИР:

…кампир барои халос кардани худ аз дасти он бачагони шум ҳикояи деву аҷинаро сар мекард…[1, с.48] – …старуха иногда обращалась к помощи сказок, чтобы избавиться от назойливых ребят [1, с.41].

ПИРАЗАН:

Як кампир ба пеши дари хонаи мазкур омад…[2, с.142] – Какая-то старуха …подошла к их двери [2, с.107].

ПИРАКӢ:

Истам …бо шунидани сухани пиракӣ…гуфт …[1, с.118] – Когда Истам услышал слова старика...сказал…[1, с.106]; Аз ман пиракиҳои он давра дар Тоҷикистон ду-се кас мондааст [4, с.232] – Таких стариков, оставшихся с тех времен в Таджикистане, лишь двое стариков [4, с.325].

ПИР/ПИРОН:

…ба пирон гӯё ҷавонии дубора мебахшидааст [3, с.290] –…говорят, будто это лекарство дарит старикам вторую молодость [3, с.140].

КУҲАНСОЛОН:

…куҳансолон …пинак мерафтанд [3, с.166] – Старики клевали носом [46]; Чун таклифи куҳансолонро Қориака тарафдорӣ намуданд… [3, с.249] – …но когда просьбу стариков поддержал Кори-ака …[3, с.106].

ОҚСАҚОЛ [старик]:

Аммо оқсақолҳо дар миёна даромада…[2, с.233] – Тут в это дело вмешались старики…[с.170].

ТОТОРКАМПИР:

…тоторкампири миёнарав ҳамёни ӯро қариб холӣ кардааст [3, с.288] – Старая сводница татарка …намного облегчила его кошелек [3, с.138].

ПИРҒУЛОМ:

…ба Ашӯр ном пирғулом ба занӣ дода шуда буд [2, с.116] –…отдал в жены старому рабу Ашуру [2, с.88].

ПОРА СТАРОСТИ:

Пирӣ:

Дар ин пирӣ на аз сари ду по нишастан монда мешавад ва на аз рост истодану роҳ рафтан [1, с.76] – Несмотря на свою старость, он не устает ни сидеть, ни стоять, ни ходить [с.69].

Дар пиронсолӣ:

Ӯ дар пиронсолӣ аз сари нав ҷавон гардида…[2, с.395] – Он в старости заново помолодел… [2, с.271].

Дар вақти пиронсолагӣ:

Ман ҳам дар пиронсолем аз хона дур…[2, с.447] – Куда уж мне на старости лет ходить в этакую даль, сюда [2, с.303].

СЛОВОСОЧЕТАНИЯ:

В таджикском языке лицо старого возраста может быть обозначено не только словами МУЙСАФЕД, ПИРАМАРД [старик, старичок], КАМПИР, ПИАРАЗАН [старуха, старушка], но и словосочетаниями, в которых основная семантическая нагрузка приходится на прилагательные:

1. В качестве зависимого слова выступает прилагательное ПИР - СТАРЫЙ

ОДАМИ ПИР [старый человек]:

…дар назари одами пир …пул ширинтар аст [1, с.21] –А старикам деньги слаще кажутся [с.17].

ҚОЗИИ ПИР [старый судья]:

…рост истода гап задан ба қозии пир зӯр омад…[1, с.77] – Старому судье, видно, трудно было разговаривать стоя…[2, с.66]

МОДАРИ ПИР [старая мать]:

Хиромон ба деҳаи зодгоҳаш ба хотири модари пир рафта буд…[4, с.118] – Хиромон переехала жить в кишлак ради старой матери …[4, с.243].

ҲАМСУҲБАТИ ПИР [старый собеседник]:

Он ҳамсуҳбати пир ҷиҳати дигари масъаларо қасдан ба инобат гирифтан намехост [4, с.126] – Старый собеседник почему-то умышленно не обращал внимания на другую сторону этого дела [с.248].

ҲАМСАФАРИ ПИР [старый спутник]:

…ба сари болини ҳамсафари пир шитофтам [3, с.236] – …поспешил к старому Кори [3, с.97].

АРАБИ ПИР [старый араб]:

…як араби пири кӯса…мушташро ба сари китфу бозувонам мерасонид [3, с. 270] –…а один старый араб с куцей бородкой…касаясь моего платья…[3, с.123].

БОБОИ ПИР [старый дед]:

Бобои пир ва барҷомондашуда падарамро дуо ва миннатдорӣ карда гусел намуд…[1, с.35] – Старый и дряхлый дед поблагодарил отца за помощь и попрощался с ним [1, с.30].

2. В качестве зависимого слова выступает лексема **СОЛХӮРДА**:

КАНИЗОНИ СОЛХӮРДА:

…мехоҳам, ки ғуломони солашон аз чил гузаштаамро ба канизони солхӯрдаам …хонадор кунам [2, с.115] – Я хочу поженить рабов, которым перевалило за сорок, с пожилыми рабынями [2, с.87].

ХОҶАГОНИ СОЛХӮРДА:

Хоҷагони солхӯрда …дуоеро мехонданд [1, с.9] – Престарелые ходжи …читали молитву [1, с.8].

ҲОҶИЁНИ СОЛХӮРДА:

Мароқи ҳоҷиёни солхӯрдаи мо ба саканкур ҳосили суҳбати дишабаи Маҳмуд Султон аст [3, с.288] – Интерес наших пожилых спутников к саканкуру является результатом вчерашней беседы с ишаном Ахмадом Султаном [3, с.138].

МАРДИ СОЛХӮРДА:

…марди солхӯрда …омад [3, с.169] – …зашел пожилой мужчина…[3, с.49].

ОДАМОНИ СОЛХӮРДА:

…як гурӯҳ одамони солхӯрда …рост истода…[4, с.286] – …стояли несколько пожилых мужчин [с.362].

3. В качестве зависимого слова выступает прилагательное **КУҲАНСОЛ**:

Қориҳои куҳансол аз ҳазрати Наримон илтимос мекарданд, ки…[3, с.248] – Пожилые кори просили у муллы Наримана…[3, с.106]; …як зани куҳансол…ошкашонӣ мекард…[1, с.15] – угощением ведает какая-то старая женщина [с.13].

4. В качестве зависимого слова выступает лексема **МӮЙСАФЕД:**

…муллои мӯйсафед…пурсид [2, с.194] – Старый мулла спросил …[2, с.148]; Лекин хоҷагони мӯйсафед омада…[3, с.389] – Но тут явились седобородые ходжи…[с3, .268]; …назди деҳқони мӯйсафед …транзистор мехонд [4, с.157] - …возле седобородого крестьянина стоял транзистор [4, с.271]; Вале ӯ рост ба вазорат рафт ва ҳамроҳи як майори мӯйсафеде баргашт [4, с.125] - …но она побежала в министерство и вернулась с седым майором [4, с.247].

Автор идеи третьего возраста как самостоятельной концепции Питер Ласлетт понимал данный возрастной этап как не имеющий своего конкретного возрастного диапазона, который начинается с вступлением в пенсионный возраст и заканчивается с потерей своей дееспособности - наступлением четвертого возраста. П. Ласлетт описывает третий возраст как кульминацию или даже как расцвет человеческой жизни, предлагая свободу от обязанности содержать семью и зарабатывать на жизнь.

В своей работе «Fresh Map Of Life» Лас-летт предлагает свою возрастную периодизацию, состоящую из четырех категорий, представленных характерными чертами того или иного возрастного периода. Данная классификация имеет следующий вид: Первый возраст характеризуется незрелостью, зависимостью от окружающих, получением образования и социализацией личности. Можно сказать, что это возраст от рождения до завершения обучения, во время которого происходит формирование личности и ее вхождение в социум

Второй возраст характеризуется зрелостью, независимостью, ответственностью, рождением и воспитанием детей, зарабатыванием денег и их накапливанием. То есть это период от вступления в профессиональную деятельность до примерно наступления пенсионного возраста, во время которого выполняются задачи зрелого среднего возраста: создание семьи, воспитание детей, профессиональная реализация.

Третий возраст характеризуется как эра личностного самоосуществления. Это возрастной отрезок от наступления пенсионного возраста до потери своей дееспособности, хотя существуют случаи, когда авторы четко устанавливали данный возрастной отрезок. Сам период характеризуется большей свободой и меньшей ответственностью, наличием жизненных целей.

Четвертый возраст — это период личностной зависимости от окружающих, немощности и смерти. Это последний период в данной периодизации, который начинается с потери своей дееспособности и заканчивается смертью.

Можно обратиться к возрастной периодизации Эрика Эриксона, в которой пожилой возраст рассматривается как позитивный для одних и негативный для других людей. На восьмую и последнюю стадию в классификации Эриксона приходится период, когда основная практическая деятельность закончилась и для человека наступает время размышлений и общения со своей семьей и внуками. Психосоциальный параметр этого периода заключен между цельностью и безнадежностью. Ощущение цельности, осмысленности жизни возникает у того, кто, оглядываясь на прожитое, ощущает удовлетворение. Тот же, кому прожитая жизнь представляется цепью упущенных возможностей и досадных промахов, осознает, что начинать все сначала уже поздно и упущеного не вернуть. Такого человека охватывает отчаяние при мысли о том, как могла бы сложиться, но не сложилась его жизнь.

Концепция третьего возраста соотносится с пониманием старости Т. В. Скляровой. Т. В. Склярова рассматривает старость как целостный период, который можно разделить на два этапа, данные этапы по формальным показателям могут соотноситься с положением Ласлетта о третьем возрасте. Первая часть связана с прекращением профессиональной деятельности, субъективным принятием на себя роли «пожилого», что проявляется в изменении стиля жизни, который меняет сам человек для соответствия своей возрастной группе.

Действительно, третий возраст так же начинается с прекращением профессиональной деятельности и изменением стиля жизни. Вторая часть условно названа «старческим периодом» и связана с невозможностью существования без посторонней помощи, как и четвертый возраст. Оба этапа не имеют четкого временного периода проявления.

Что касается социальных стереотипов старости, то на протяжении многих веков пожилой человек рассматривался, как что-то не ненужное из-за потери способности выполнять тяжелый физический труд. Данное представление сохраняется в обществе до сих пор. Социум транслирует данные представления на пожилых людей, тем самым заставляя их самих чувствовать себя бесполезными и ненужными. Способность противостоять негативным представлениям о старости так же значительно влияет на формирование идентичности. Многие авторы подчеркивают роль социальных факторов на протекание процесса старения и функционирование человека на этапе старения. Прежде всего, это связанно с принятием на себя новой социальной роли пенсионера.

Так, например, английский врач А. Комфорт говорит: «Мы можем сделать людей социально старыми, отправив их на пенсию, можем даже этим способом сделать старыми физически, ибо у человека психические, физические и общественные факторы влияют друг на друга в такой мере, которая будет постоянно удивлять нас, даже в эпоху психосоматической медицины». Т. В. Карсаевская отмечает, что в обществе существует двоякое отношение к пожилым людям: негативное и позитивное. Негативное отношение выражается в представлении о пожилом человеке как о «живой могиле», позитивное отношение - как «желанного возраста, периода опыта и мудрости». Негативные установки по отношению к старым людям возникли на ранних этапах становления социума в условиях, когда пожилые люди становились обузой, завершая активную деятельность по обеспечению защиты и пропитания; те времена давно прошли, но предубеждения до сих пор сохраняются в сознании западного человека. Эти установки оказывают значительное влияние на формы поведения, самочувствие и даже на состояние здоровья пожилых людей, считающих себя ненужными и лишними в обществе. Этим вызвана необходимость критики гетерофобных установок. С позитивных гуманистических установок большое значение приобретают принятие общественной ценности пожилых как носителей культурных традиций и этнического наследия. Более подробно рассмотрим стереотипы, которые формируют образ пожилого человека в обществе. Быстрые инволюционные процессы, обнаруживающиеся у людей в ранний постпенсионный период - результат их неспособности противостоять мощному влиянию социальных стереотипов. Их влияние приводит к негативным изменениям еще совсем недавно активных и здоровых людей.

М. Бреуэр со своими коллегами провела исследование, направленное на выделение содержания стереотипов о пожилых людях. При помощи метода кластерного анализа фотографий и прилагательных М. Бреуэр выделила три типа стереотипов по отношению к пожилым людям в американском обществе:

- бабушка - «старомодная», «традиционная», «оказывает помощь семье»;
- пожилой государственный деятель - «авторитетный», «консервативный», «обладающий чувством собственного достоинства»;
- пожилой человек - «одинокий», «слабый», «тревожный».

В другом исследовании М. Хаммерт и Т. Гарстки оценивалось содержание стереотипов пожилых людей при помощи кластерного анализа, однако типы, которые являются априорными, в данном исследовании не рассматриваются. Результаты этого исследования показали, что стереотипы пожилых имеют сложную структуру. Восемь утверждений были расценены как негативные: унылый/подавленный, умеренно ослабленный, ранимый/уязвимый, несколько ослабленный, сварливая женщина/грубиян, затворник, любопытный сосед, старая кошелка/бродяга. Только четыре утверждения были оценены как позитивные: патриарх, идеальный прародитель, мудрый. Несмотря на то что негативных компонентов оказалось в два раза больше, чем позитивных, исследователи выделили комплексность и амбивалентность стереотипов пожилых. Таким образом, авторы считают, что «позитивные» характеристики

пожилых содержат негативный смысл, и наоборот, «отрицательные» характеристики имеют позитивное содержание.

Из данных результатов можно сделать вывод, что существует некая амбивалентность по отношению к пожилым людям. Рассматривая пожилых людей как членов своей семьи, их принимают в позитивном отношении, в то время как вся социальная группа характеризуется негативно, также позитивные представления о пожилых людях по сути своей являются негативными. Пожилые люди не принимаются обществом, они считаются ненужными и неспособными, данные установки существуют с самых ранних этапов существования общества, когда пожилой не мог эффективно осуществлять физический труд, и сохраняются до сих пор. Общество транслирует эти негативные представления на пожилых людей, тем самым уверяя их, каким должен быть пенсионер. Что касается пенсионеров, которые активно проживают свою жизнь после выхода на пенсию, то можно сделать вывод, что они способны не поддаваться навязанным стереотипам, а проживать свою старость по индивидуальному сценарию. Данная способность может быть связана с жизнестойкостью как операционализацией «экзистенциального мужества» или «мужества быть». Под экзистенциальным мужеством понимается мотивация выбирать будущее, не зацикливаясь на прошлом, и быть терпимым к онтологической тревоге, получать больше информации об окружающем мире и на этой основе принимать решения, а также находить и укреплять смыслы жизни.

Рассмотрим свободу, которую приобретают люди пожилого возраста с выходом на пенсию. В данном вопросе обратимся к исследованию Х. Джонсона, в котором изучается, как пожилые переживают выход на пенсию. Свобода, которую обретают пожилые люди, является действительно огромной, не существует никаких требований, нет никаких ожиданий, как от работника, которому большую часть своей жизни приходилось следовать конкретным правилам. Самым интересным является то, что Джонсон называет «парадокс свободы». Этот «парадокс свободы» проявляется в том, что пенсионеру приходится принять ответственность за планирование своей повседневной деятельности. Данный парадокс выражается в дисбалансе - до выхода на пенсию в больших требованиях со стороны работы, который с выходом на пенсию заменяется на другой дисбаланс - полное отсутствие требовании. Это общий паттерн для всех пенсионеров переход от одного избытка к другому избытку. Парадокс заключается в том, что настоящая свобода забирает часть свободы. Сам парадокс вызывает дисбаланс между внутренней мотивацией и внешними требованиями, ожиданиями. Высокий уровень внутренней мотивацией позволяет пожилым людям принять ответственность за самого себя. Пожилой человек осознает, что вся активности, которую он будет совершать после выхода на пенсию, зависит прежде всего от него самого.

Таким образом, основными психологическими характеристиками третьего возраста являются наличие жизненных смыслов, хорошее состояние здоровья и его позитивная самооценка, а также тренированный флюидный и развитый кристаллизованной интеллект. Исследование данных характеристик позволит разработать психологическую модель человека третьего возраста.

Таким образом, из возрастной лексики со значением ПИРЙ/СТАРОСТЬ в текстах отмечено более 30 лексем и словосочетаний, из которых наиболее частотны слова МЎЙСАФЕД, ПИРАМАРД - старик (50% из общего числа лексики), КАМПИР - старуха (13%). Рассматривая номинации старого человека в художественных текстах, можно выделить несколько тематических групп, характеризующих его по разным параметрам:

1. **Номинации, отражающие возрастные особенности старого человека** (в первую очередь, возрастные изменения внешности):

2. **Номинации, отражающие внутренний мир старого человека** (характер, поведение, эмоции, умственные способности). Итак, в сопоставляемых языках возрастная лексика представляет собой семантически богатый и структурно сложный класс единиц.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Абрамова, Г.С. Возрастная психология / Г.С.Абрамова. - М., 1999. - 661 с.
2. Абульханова-Славская, К. А. Стратегии жизни / К.А. Абульханова. – Славская. - М.: Мысль, 1991. – 289 с.
3. Ариес, Ф. Возрасты жизни // Психология зрелости: Хрестоматия /Сост. Д.Я. Райгородский. – Самара, 2003.
4. Айни, С. Ёддоштҳо. [Воспоминания] / С. Айни. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.
5. Айни, С. Воспоминания / С.Айни. – Душанбе, 1986. – 343 с.
6. Айнӣ, С. Ғуломон. [Рабы] / С. Айни. - Сталинабад: Государственное изд. Таджикистана. – 1960. – 620 с.
7. Айни, С. Рабы. / С.Айни. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 459 с.
8. Александрова, З.Е. Словарь синонимов русского языка / З.Е. Александровой, 4-е изд. - М.: Русский язык, 1975. – 600 с.
9. Арутюнова, Н. Д. Лингвистическая философия / Н.Д. Артюнова Лингвистический энциклопедический словарь. - М., 1990. – 564 с.
10. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов. Около 7000 терминов / О.С. Ахманова. – М.: Сов. энцикл, 1966. – 607 с.
11. Введеннская, Л.А. Словарь антонимов русского языка / Л.А. Введенская. - Ростов н/Д: Изд-во Ростовск. гос. ун-та, 1971. – 456 с.
12. Карсаевская, Г. В. Этапы жизненного цикла человека / Г.В. Карсаевская // Психология зрелости и старения. – 1997. – № 3. – С. 8-12.
13. Мамчиц, Л. П. Состояние здоровья и качество жизни людей пожилого и старческого возраста / Л.П. Мамчиц // Проблемы здоровья и экологии. - 2014. - № 42. - С. 116-120.
14. Муҳаммадиев, Ф. Куллиёт / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Адиб, 1990. – 445 с.

ЛЕКСЕМЫ, ХАРАКТЕРИЗУЮЩИЕ ПОЖИЛЫХ ЛЮДЕЙ ТРЕТЬЕГО ВОЗРАСТА В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена рассмотрению психологических характеристик пожилых людей в русском и таджикском языках, относящихся к категории третьего возраста. На данный момент одну треть населения нашей страны составляют люди пожилого и пенсионного возраста и их количество с каждым годом увеличивается. При этом некоторые пожилые люди с наступлением пенсии проявляют деструктивные изменения в личности, в то время как другие демонстрируют целостность своей личности.

Отмечается, что третий возраст, в первую очередь, связан со способностью сформировать новую личностную идентичность, которая будет отличной от идентичности типичного пожилого человека. На основе новой идентичности уже формируется новый стиль жизни. Идентичность позволяет создать стиль жизни, который позволит пожилым людям продолжать жить полной жизнью, возможно даже более насыщенной, чем в период зрелости. На формирование идентичности пожилого человека могут влиять многие факторы, но мы выделяем влияние социальных стереотипов старости и переживание полученной после выхода на пенсию свободы.

***Ключевые слова**: пожилые люди, психологические характеристики, стереотипы, третий возраст, Таджикистан, литература, таджикский язык, русский язык, старый человек, переживания, внутренний мир.*

КАЛИМАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ОДАМОНИ ПИРОНСОЛ-НАСЛИ СЕЮМ ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақола ба баррасии хусусияти равонии пиронсолони категорияи насли сеюм дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Ҳоло сеяки аҳолии мамлакатамонро одамони куҳансол ва синну соли нафақа ташкил медиҳанд ва шумораи онҳо сол то сол меафзояд. Дар баробари ин, баъзе пиронсолон бо фарорасии нафақа дар шахсияти худ тағйироти харобиовари шахсиятро нишон медиҳанд, дар ҳоле ки дигарон худро шахсияти комил муаррифӣ менамоянд.

Зикр гардидааст, ки синну соли насли сеюм, пеш аз ҳама, ба қобилияти ташаккул додани шахсияти нав алоқаманд аст, ки аз шахсияти пиронсол фарқ мекунад. Дар шахсияти нав аллакай тарзи нави ҳаёт ташаккул меёбад. Шахсият ба шумо имкон медиҳад, ки тарзи зиндагии нав эҷод кунед, ки ба пиронсолон имкон медиҳад, ки ҳаёти пурҷӯшу хурӯшро давом диҳанд ва шояд назар ба давраи камолот боз ҳам пурратар бошад. Омилҳои зиёде метавонанд ба ташаккули шахсияти одами калонсол таъсир расонанд, вале мо таъсири стереотипҳои иҷтимоии пиронсолӣ ва таҷрибаи озодии баъди ба нафақа баромаданро баррасӣ менамоем.

Калидвожаҳо: *пиронсолон, хусусиятҳои психологӣ, стереотипҳо, насли сеюм, Тоҷикистон, адабиёт, забони тоҷикӣ, забони русӣ, пиронсол, таассурот, олами ботинӣ.*

LEXEMES CHARACTERIZING OLDER PEOPLE OF THE THIRD AGE IN THE RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

Abstract: The third age is primarily associated with the ability to form a new personal identity, which will be different from the identity of a typical elderly person. On the basis of a new identity, a new lifestyle is already being formed. Identity allows you to create a lifestyle that allows older people to continue to live a full life, perhaps even more fulfilling than in adulthood. Many factors can influence the formation of the identity of an elderly person, but we highlight the influence of social stereotypes of old age and the experience of freedom gained after retirement.

The article is devoted to the consideration of the psychological characteristics of the elderly in the Russian and Tajik languages, belonging to the category of the third age. At the moment, one third of the population of our country is made up of people of elderly and retirement age, and their number is increasing every year. At the same time, some older people with the onset of retirement show destructive changes in their personality, while others demonstrate the integrity of their personality.

Keywords: *elderly people; psychological characteristics; stereotypes; third age, our country, literature, Tajik language, Russian language, old man, experiences, inner world.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Джамирова Леммара Иосифовна *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи рус. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: dlemmara@mail.ru*

Сведения об авторе: Джамирова Леммара Иосифовна *– Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, декан факультета русской филологии. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, E-mail: dlemmara@mail.ru*

Information about the author: Dzhamirova Lemmara Iosifovna *- Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Philology, Dean of the Faculty of Russian Philology. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. E-mail: dlemmara@mail.ru*

ТДУ 809. 155. 0

ҲАМБАСТАГИҲОИ ЗАБОНӢ ВА МАНТИҚӢ АЗ ДИДГОҲИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ

Сулаймонов Б.С.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Масъалаи алоқамандии амиқи забону тафаккур ва фаъолияти зеҳнии инсон аз масоили асосии таҳқиқоти илми муосир ба ҳисоб меравад, чунки забон ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ ва воситаи муҳимтарини алоқаи одамон, инчунин, ба ҳайси системаи аломатҳои иттилоотӣ, хоҳу нохоҳ бо дигар зуҳуроти хусусияти ҷамъиятидошта алоқаманд аст. Дар ин росто, таваҷҷуҳи махсуси олимон (пеш аз ҳама, забоншиносон ва файласуфон)-ро масъалаи алоқамандии забон ва тафаккур ба худ ҷалб мекунад. Таҳқиқи ин масъала дар тӯли инкишофи афкори илмӣ аз рӯзномаи кории донишмандон берун нагаштааст. Чуноне ки маълум аст, алоқаи забон ва тафаккур ҳанӯз дар Юнони қадим муҳокима гардида буд. Ин масъала диққати олимони асримиёнагӣ, махсусан, машшоияи Шарқро ба худ ҷалб карда буд ва муҳиммияти махсуси онро дар илми муосир низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Абунасри Форобӣ (870-950) яке аз пайравони ҳамин мактаб, ҳамчун муҳаққиқи ҳамадон, ба масъалаи асосии робитаи забон бо мантиқ таваҷҷуҳ намуда, дар ин замина муқаррароти худро бе иштироки истилоҳоти илмӣ, ки асоси онҳоро мафҳумҳо ташкил медиҳанд, имконнопазир мешуморад. Агар ба мероси илмии ӯ рӯ оварем, маълум мешавад, ки ӯ нисбат ба дигар андешамандони пешин ва баъдӣ ба забон ва алоқаи он бо мантиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Шаҳодати ин гуфтаҳо далеле ба ҳисоб меравад, ки ӯ қариб дар тамоми асарҳои худ: «Китоб фӣ ал-луғат» («Китоб андар луғат»), «Эҳсо ал-улум» («Таснифи илмҳо»), «Мадхал ал-мантиқ» («Даромад ба мантиқ»), «Китоб ал-ҳуруф» («Китоби ҳарфҳо») ва «Ал-алфоз ал-мустаъмала фи ал-мантиқ» («Калимаҳо (лафзҳо)-и истифодашаванда дар мантиқ») ба таҳлили масъалаи забон ва вазифаҳои он дар маърифати олами атроф рӯ овардааст.

Аз байни осори мондагори Форобӣ, ки бо афкори забоншиносӣ-мантиқӣ алоқаманд аст, метавон «Китоб ул-ҳуруф»-ро ном бурд, ки ҳанӯз пурра аз арабӣ ба забони тоҷикӣ ё русӣ тарҷума нашудааст, аммо дар шакли интихобӣ аз тарафи К. Х. Тоҷикова аз рӯйи нашри «Китоб ул-ҳуруф» (Бейрут, 1969) қисман тарҷума гардидааст. Ин китоб тафсири «Метафизика»-и Арасту мебошад. Ношир ва муаллифи пешгуфтори арабии нашри дастраси мо, Муҳсин Маҳдӣ, ин китобро аз се боб иборат медонад:

1) ҳарфҳо ва номгӯйи категорияҳо (мақулот);

2) пайдоиши мафҳумҳои «фалсафа» ва «дин»;

3) ҳиссачаҳои саволӣ.

Китоб аз се боб ва сию се фасл иборат буда, боби аввал чунин масъалаҳоро дар бар мегирад: ҳиссачаи «инна» («дар ҳақиқат»), ҷонишини саволии «мато?» («кай?»), «мақулот», «номгӯйи мақулот», «навъҳои калимаҳо ва тасрифи онҳо», «муносибат», «таносуб ва муносибат», «муносибат ва миқдори мақулот»; «араз», «ҷавҳар», «моҳият», «мавҷудият», «шайъ», «ҳадаф» ва ғайра. Боби дуюм масъалаҳои зеринро фаро мегирад: «дин ва фалсафа аз нуқтаи назари гузашта ва оянда», «пайдоиши ҳуруф ва калимоти миллатҳо», «асоси забони миллӣ ва такомули он», «пайдоиши сохтори забони халқӣ», «зуҳури сохтори забони қиёсии халқҳо», «алоқаи дин ва фалсафа», «пайдоиш ва гузориши номҳо».

Боби сеюм чунин масъалаҳоро дар бар мегирад: «навъҳои муколама», «ҳиссачаи «мо?» («чӣ?, чист?»), «ҳиссачаи «ҳал?» («оё?»), «саволҳои фалсафӣ ва ҳиссачаҳои онҳо», «ҳиссачаҳои саволие, ки дар илм ба кор бурда мешаванд», «ҳиссачаҳои саволӣ дар дигар санъатҳои муқоисавӣ».

Чуноне аз мундариҷаи боб ва фаслҳои китоб бармеояд, он, асосан, масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ, инчунин, шарҳи як қатор истилоҳоти умумӣ, ки дар корҳои илмии мутафаккир истифода шудаанд, дар бар мегирад. «Китоб ал-ҳуруф» бар он чизе далолат мекунад, ки Форобӣ онҳоро ҳангоми дарс дар самтҳои забон, мантиқ, риёзиёт, табииёт ва фалсафа ба шогирдонаш гуфта буд, ва муддатҳо ин кор давом ёфт, то замоне ки Форобӣ онҳоро гирдоварӣ ва таҳия намуда, бо номи хос номгузорӣ кард» [3, с. 43-44].

Омӯзиши асари энсиклопедии Форобӣ «Эҳсо ал-улум» хулосаеро ба бор меорад, ки ӯ дар ҷойи аввал илми забон, сипас мантиқ ва баъдан дигар илмҳоро мегузорад. Дар ин асар Форобӣ доираи масъалаҳои забониеро, ки дар раванди омӯзиши илми забон пайдо мешаванд, ба таври дақиқ муайян мекунад. Масъалаҳои аз тарафи илми забон баррасишаванда бошанд, инҳоянд: «ҳифзи калимаҳо», «донистани қонунҳо», «калимаҳои идоракунанда», «анвои калимаҳо», «илм дар бораи калимаҳои содаю мураккаб», «илм дар бораи ибораҳо», «илм дар бораи қонунияти калимаҳои сода ва қонунияти ибораҳо», «навишт ва талаффузи дурусти калимаҳо (орфография ва орфоэпия)», «қоидаҳои шеърнависӣ». Аз ин тавзеҳоти мухтасар ошкор мегардад, ки Форобӣ доир ба забон ҳамчун назариётчии илми забон баромад мекунад. Далели ин гуфтаҳо метавонад шарҳи муфассали ҳар як фасли ин илм аз ҷониби ӯ бошад. Масалан, илм дар бораи қонунияти калимаҳои содаро Форобӣ чунин тавсиф додааст: «Илм дар бораи қонунияти калимаҳои сода аввал овозҳои нутқ (ҳамсадоҳо)-ро, ки дар асоси онҳо ҳарфҳои алифбо ба вуҷуд омадаанд, инчунин, шумора ва махраҷи ҳар як аз ин овозҳоро меомӯзад. Сипас, овозҳои садонок ва масъалаи ба таркиби забони баррасишаванда дохил будан, ё набудани онҳо, миқдори камтарин ва бештарини садонокҳо, ки барои талаффузи калимаи аҳаммиятдошта заруранд, овозҳои доимии нутқ, ки ҳангоми ба калима илова кардани анҷомаҳои дутаркибаю сертаркиба тағйир намеёбанд, ташаккули ҷинсият, калимаҳои муштақшуда ва ғайра, инчунин, он овозҳои нутқро, ки аффиксҳои калимаро тағйир дода, дар мавзеи васл ташдид мегиранд, меомӯзад. Илова бар ин, қонунҳоеро пешниҳод менамояд, ки аз рӯйи он қолаби калимаҳои сода, ки дар навбати худ, ба сохтаю ғайрисохта тақсим мешаванд, таҳия мегарданд. Намунаи анвои калимаҳои сохтаеро пешниҳод мекунад, ки дар навбати худ, ба калимаҳои аз онҳо феъл сохташаванда ва феъл сохтанашаванда ҷудо мешаванд» [7, с. 112-113].

Ин илм ба он ишора мекунад, ки пас аз феъл шудан, ин калимаҳо чӣ тавр тағйир меёбанд ва барои ин намуна меорад. Ба он ишора мекунад, ки феълҳо аз рӯйи сиға чӣ гуна тағйир меёбанд ва дар ҳолати масдарӣ чӣ шакл мегиранд. Навъҳои онҳо дар муносибати миқдорӣ сеҳамсадодор, чорҳамсадодор ва зиёда аз ин, музоаф ва ғайримузоаф ва дар муносибати сифатӣ – муътадил ва ғайримуътадил мешаванд. Ҷинсҳои мардонаву занона, шумораҳои ҷуфту ҷамъ ва умуман, мафҳумҳоро дар бораи шахсҳо ва замонҳои феъл пешкаш менамояд, «шахс – ин ман, ту ва ӯ, сипас калимаҳои душворталаффузшаванда ва тағйир додани онҳоро ба хотири осон шудани талаффуз меорад» [7, с. 124].

Форобӣ дар системаи донишҳо забонро дар мақоми аввал гузошта, чунин меҳисобид, ки он воқеияти бевоситаи фикр аст, ки ба он инсон, пеш аз ҳама, дар инкишофи зеҳнии худ рӯ ба рӯ мегардад. Вобаста ба ин, мутафаккир ба робитаи байниҳамдигарии наҳв ва мантиқ, алоқамандӣ ва тафовути онҳо диққати ҷиддӣ медиҳад. Ҳатто, дар муносибати одӣ ба этимологияи истилоҳи арабии «мантиқ» (нутқ, забон; мантиқ) нуктаҳои зерин вориди баррасии мантиқӣ мешаванд: 1) хусусиятҳои равонии одам, ки байни ӯ ва ҳайвоноти дигар фарқ мегузоранд; 2) нутқи ботинӣ; 3) нутқи зоҳирӣ. Форобӣ мантиқро аз равоншиносӣ ва забоншиносӣ ҷудо намуда, охиринро илм дар бораи қонунҳои нутқ», мантиқро илм дар бораи қонунҳои тафаккур ё санъате медонад, ки тавассути он дониш дар санъатҳои назарию амалӣ ба даст оварда мешавад. Он шарти фарҳанг ва худтанқидкунии тафаккур маҳсуб мешавад.

Чуноне аз таълимоти Форобӣ равшан мегардад, ӯ омӯзиши мантиқро бесабаб аз илм дар бораи забон сар намекунад, зеро забон таҳкурсие аст, ки аз рӯйи он тамоми донишҳои инсонӣ бунёд мешаванд. Аз ин рӯ, Форобиро, воқеан ҳам метавон забоншинос-назариётчӣ ва мантиқшинос-назариётчие номид, ки дар рушди мантиқ ва забоншиносии асримиёнагӣ саҳми бузург гузоштааст. Сабаби таваҷҷуҳи пайвастаи ӯ ба масъалаи забоншиносӣ ва мантиқ, ба ақидаи мо, дар он аст, ки ӯ бевосита ба тарҷумаи фалсафаи юнонӣ, сурёнӣ, форсӣ, арабӣ ва ҳиндӣ машғул шуда, ҳамчун яке аз файласуфони аввалини мусулмон ва аз нахустин муфассирони фалсафаи юнонӣ ба хубӣ камбудӣ ва нодурустии ин тарҷумаҳоро дарк карда буд. Аз он ҷо, ки ӯ дар сароғози ин тарҷумаҳо қарор дошт, камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта, таваҷҷуҳи ӯро, аввал ба забоншиносӣ ва сипас ба таълимоти мантиқ зиёд намуд. Далели таваҷҷуҳи махсуси Форобӣ ба забон, аз ҷумла, дар он мушоҳида мегардад, ки ӯ бахши аввали

асари панҷқисмаи энсиклопедии худ «Эҳсо ал-улум»-ро ба илми забоншиносӣ бахшида, гуфтааст, ки: «илми забон, дар маҷмуъ, аз ду қисм иборат аст: қисми аввал– ҳифзкунӣ, ки асос дониста мешавад ва маълум аст, ки ҳама гуна мафҳуму андеша аз калимаҳои алоҳидаи дар забони халқе ҷойдошта ва дарки маънию моҳияти онҳо ба вуҷуд меояд» [7, с. 109].

Дар таснифи илмҳо Форобӣ «илм дар бораи забон»-ро дар мақоми аввал гузошта, менависад: «Вобаста ба он ки чӣ гуна бояд омӯзонд, ё омӯхт, чӣ тавр фикри худро шарҳу баён намуд, чӣ гуна пурсид ё посух дод, ман чунин андеша дорам, ки дар байни тамоми илмҳо аз ҳама муқаддам илм дар бораи забон мебошад. Дар ҷойи дуюм наҳв қарор дорад. Он усули ба тартиб овардани номҳо, маълумот оид ба ашё ва тарзи таҳияи нутқ ва панду андарзҳоро меомӯзонад … Илми сеюм мантиқ аст, ки он усули истифодаи дурусти ҷумлаҳои хабариро дар мувофиқа бо шаклҳои мантиқӣ барои ба даст овардани хулосаҳо меомӯзад, ки тавассути онҳо мо чизи даркнашвандаро мешиносем ва дар бораи он қазоват мекунем, ки чӣ ҳақиқат аст ва чӣ дурӯғ» [10, с. 100].

Дар асоси алоқаи фикр ва ифодаи забонӣ Форобӣ дар бисёр ҷойҳои асарҳои худ, ба монанди вазифаҳои мантиқ ва забон ишора мекунад. Ӯ чунин мепиндорад: «Ин санъат (мантиқ) ба санъати забон қаробат дорад, зеро муносибати мантиқ бо ақл ва ашёи маъқулаи мафкураҳоямон чунон аст, ки муносибати наҳв бо забон ва калима. Наҳв тавассути қонунҳояш дар бораи калима ба мо он намунаҳоеро пешниҳод мекунад, ки мантиқ доир ба объектҳои даркшавандаи ақл ин масъаларо баррасӣ мекунад» [7, с. 119].

Форобӣ дар бораи монандӣ ва хусусиятҳои ба худ хоси забон ва мантиқ чунин андеша дорад, ки фаъолияти ин ду бо ҳам алоқаманд буда, яке бидуни дигаре фаъолият карда наметавонад, зеро дар дарки як мафҳум ду шакли дониш, яъне забону мантиқ дар назар дошта мешаванд. Агар забон шаклро омӯзад, пас мантиқ мазмунро меомӯзад ва агар яке аз ин ду дуруст фаҳмида нашавад, пас мафҳуми пешниҳодшуда дониста намешавад.

Таълимот дар бораи ҳиссаҳои нутқ дар таълимоти Арасту дар суханварӣ ва мантиқ шакл гирифтааст, дар он ҳанӯз мафҳум ва калима вуҷуд надорад. Дар он ҷо ҳиссаҳои нутқ ҳамчун унсурҳои ҷумла (нутқ) шинохта мешаванд. Ҷумла, мувофиқати исм ва ин «ҳиссаҳои нутқ» мебошад, ки маънии мустақил доранд. Феъл аз исм бо он фарқ мекунад, ки он дорои замон буда, хусусияти хабардиҳӣ дорад. Хабардиҳӣ аз раванди пайвасткунӣ ё ҷудокунии истилоҳот иборат аст. Ғайр аз исму феъл боз ҳастии бандакҳо ба инобат гирифта мешавад.

Арасту дар «Назмшиносӣ» ҳашт қисми «баён»-ро ҷудо мекунад: унсур (яъне овоз), ҳиҷо, пайвандак, аъзо, исм, феъл, эъроб (ҳолат, падеж) ва ҷумла (нутқ) [11, с. 198].

Муаллими сонӣ дар рисолаҳои забоншиносӣ-мантиқии худ алоқаи илмҳоеро, аз қабили санъати арӯз ва луғатшиносӣ, ки мавзуи таҳқиқашон калима (объекти даркшавандаи ақл) аст, баррасӣ намуда, ҳангоми тақсими калимаҳо ба исм, феъл ва ҳиссача, як лаҳзаи баҳснокро вобаста ба аслияти санъати наҳв баён менамояд. Ақидае мавҷуд аст, ки системаи наҳви забони асримиёнагӣ ба анъанаи юнонӣ, махсусан, ба сегонаи Арасту: исм, феъл ва калимаҳои ёридиҳанда асос меёбад.

Вобаста ба ҳамин масъала бояд қайд намуд, ки наҳви ҳар як забон дар заминаи он маводе ташаккул меёбад, ки забони алоҳида инъикос мекунад ва дар он барои ҳамин забон ва дигар забонҳо ягон чизи умумӣ вуҷуд дорад, аммо на барои он, ки он умумӣ аст, балки барои он, ки маҳз ба ҳамин забон хос мебошад [7, с. 129].

Лаҳзаи хело муҳимми ҷаҳонбинии Форобӣ дар ин фасл аз он иборат аст, ки ӯ дақиқан фарқияти забон ва мантиқро нишон медиҳад. Аз рӯйи таъкиди дурусти ӯ, санъати наҳв мувофиқи вазифаҳои хеш, аллакай, назар ба илми мантиқ, ки хусусияти универсалӣ дорад, барои ҳар як халқ умумӣ аст, дар ҳоле ки илми наҳви ҳар як халқ танҳо бо ҳамин забони муайян маҳдуд мешавад.

“Наҳв, менависад Форобӣ, қоидаҳоро нисбати калимаҳои хоси халқи муайяне дар бар мегирад ва он қоидаеро, ки барои ин халқ ва дигар халқҳо умумӣ аст, берун меорад, аммо ин на ба он хотир аст, ки он қоида умумӣ аст, балки ба он хотир, ки дар ҳамин забон, ки наҳв барои он таҳия гардидааст, вуҷуд дорад” [12, с. 120].

Дар бораи алоқаи наҳв ва мантиқ сухан ронда, Форобӣ санъати мантиқро дар алоқаи ҷудонашаванда бо наҳв ва фикри мантиқиро бо ифодаҳои забонии зоҳирии он баррасӣ мекунад.

Дар бораи алоқаи фикр бо ифодаи забонии он сухан ронда, ба монандии вазифаҳои наҳв ва мантиқ ишора мекунад. Ӯ менависад: «Ҳадафи мо баррасии санъати мантиқ, санъате мебошад, ки дар худ ашёро фаро мегирад, ки ақлро, ҳар вақте ки он метавонад хато кунад ё ба ҳама гуна огоҳкунӣ бар зидди хатогиҳо ишора мекунад, ба фикри дуруст меорад. Муқаррароти он нисбати ақл, ба монанди муқаррароти санъати наҳв нисбати забон мебошад ва ҳамчунин наҳв, ки забони одамонро истифода карда, барои манфиати онҳо сохта шудааст, илми мантиқ ақлро барои он дуруст мекунад, то ки фикр дуруст ҷорӣ шавад, ҳар вақте ки имконияти хатокунӣ сар мезанад» [6, с. 171].

Агар муносибати Форобиро бо забон ва наҳв баррасӣ кунем, пас ошкор мегардад, ки вай, асосан, дар ин масъалаҳо ба анъанаи Арасту такя мекунад, зери таъсири забони юнонӣ, барои ифода кардани мақулоти Арасту гурӯҳи ба ном ҳиссачаҳоро ворид мекунад, ки ин масъала баррасии муфассалро дар қисми дахлдори мақолаи мо талаб мекунад. Дар бораи ҷудокунии анъанавии калима ба исм, феъл ва ҳиссача дар наҳв сухан ронда, Форобӣ дар муқаддимаи «Эҳсо ал-улум» универсалӣ будани қоидаҳои наҳвии забонро хело хуб қайд намуда, чунин ишора мекунад: «Масалан, ба гуфтаи наҳвшиносон: «Дар забононшиносӣ калима ба исм, феъл ва ҳарф (ҳиссача) тақсим мешавад». Наҳвшиносони юнонӣ низ чунин тасдиқ мекунанд: «Дар забони юнонӣ калима ба исм, феъл ва ҳиссача ҷудо карда мешавад». Чунин тақсимбандӣ на танҳо дар забонҳои форсӣ, арабӣ ё юнонӣ, балки дар тамоми забонҳо мавҷуд мебошад» [5, с. 77].

Агар мувофиқи тақсимбандии наҳвии забонҳо ба исм, феъл ва ҳиссача назар кунем, пас хоҳем дид, ки Форобӣ дар зери таъсири забони юнонӣ «калима»-ро ба маънии «феъл» ва «одот» – «ҳиссачаҳо»-и калима ва ибораҳо истифода мекунад, вале на ҳар як калима ва ибора метавонад мафҳум ва афкорро ифода намояд. Аз ин рӯ, Форобӣ он калима ва ҷумлаҳоеро истифода менамояд, ки мафҳум ва афкорро ифода мекунанд. Диққати ӯро мақулаҳои наҳвии «исм», «феъл» ва «ҳиссача», асосан, аз нуқтаи назари мантиқ ба худ ҷалб мекунанд, дар ин бора худи ӯ чандин маротиба дар асарҳои мантиқиаш, махсусан, дар рисолаи «Ал-алфозу-л-мустаъмала фи-л-мантиқ» таъкид менамояд. Форобӣ дар ин рисола ба навъҳои таснифи ҳиссача рӯ меорад, ки дар забони юнонӣ мавҷуд буд ва ӯ, Дионис Дитрос ва санъати наҳвии ӯро дар ин самт дастгирӣ менамояд [15, с. 374].

Чуноне аз гуфтаҳои Форобӣ дар оғози китоби «Ал-алфоз ал-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» бармеояд, ӯ наҳви форсӣ ва арабиро хело хуб медонист ва дар баробари ин наметавонист дар барои ифодаи афкори мантиқии худ ҳиссачаҳои ба ном мувофиқро пайдо намояд, аз ин рӯ, ба забони юнонӣ рӯ овард, ки дар он чунин ҳиссачаҳо: «ҳавошӣ», «хаволиф», «равобит», «восилот», «восита» мавҷуд буданд. Пас аз ҷустуҷӯ ӯ гурӯҳи ҳиссачаҳои зеринро фикр карда баровард ва онҳоро дар асари дар боло зикршуда истифода намуд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки забон ҳамчун воситаи муҳимтарини алоқаи одамон вазифаҳои ҷамъиятии худро, пеш аз ҳама, вазифаи алоқаро бо ёрии аломатҳои гуногун иҷро мекунад, зеро амалан забон маҷмуи аломатҳое мебошад, ки ашёи мушаххаси олами атрофро ифода менамояд. Илова бар ин, Форобӣ тафаккур ва сохтори мантиқии онро ҳамчун зуҳуроти умумиинсонӣ баррасӣ кардааст, ки ба он хусусиятҳои динӣ, нажодӣ, миллӣ таъсир расонда наметавонанд. Зимнан, дар ҳамбастагии ду санъат (забон ва мантиқ), афзалият ба мантиқ, ҳамчун илми «умумиинсонӣ» - рушддиҳандаи тафаккур дода шудааст, ки қоидаҳо ва қонунҳои он барои тамоми одамон, тамоми халқҳо ягона мебошанд.

Ҳамин тавр, забони ҳар як халқ, дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Дар баробари ин, дар сохтори забонҳои халқҳои олам метавон қонуният ва мақулоти монанду якхеларо пайдо намуд. Ғояҳои забоншиносӣ-мантиқии мутафаккир ҳалқаи муҳимро дар ҷараёнҳои фалсафӣ ташкил менамоянд, чунки дар ин ғояҳо Форобӣ на танҳо масъалаҳои – забоншиносӣ-мантиқиро тахқиқ менамояд, балки амиқан масъалаҳои метафизикиро таҳлил мекунад.

Бо дарназардошти матолиби дар боло зикргардида – алоқаи ногусастании забон ва мантиқ, ҳаминро бояд илова кард, ки дар мероси маънавии Форобӣ ин ду ҳамчун олоти маърифатӣ ва алоқаи иттилоотӣ, вазифаи асосии дарки ҳақиқатро нисбати ашёи зеҳнӣ ҳаллу фасл менамояд. Барои мутафаккир мантиқ арзиши онро дорад, ки имкон медиҳад ин ҳадаф бо роҳи оқилона, қатъи назар аз сатҳи дарккунии ҳиссӣ ба даст оварда шавад. Аз ин рӯ, барои ӯ яке аз масъалаи нисбатан муҳимми мантиқ муайянкунии роҳҳои оқилона ва воситаҳои методологӣ, шаклҳо ва қонунҳои тафаккури дуруст ба ҳисоб меравад, ки натиҷаи махорӣи он ифодакунандаи ҳастии забони дорои қонунҳои муайян ба ҳисоб меравад.

Хулоса, инро ба инобат гирифта, мутафаккир байни воқеияти мазмунӣ ва дурустии расмии афкор, ба ҳақиқати мантиқӣ таваҷҷуҳи бештар намуда, воситаҳои дарккуниро дар ин раванд ба фаъолияти муштараки забон ва мантиқ алоқаманд медонад.

Боиси зикр аст, ки афкори забоншиносӣ-мантиқии Форобӣ бисёрҷанба буда, онҳоро наметавон дар як мақолаи мухтасар мавриди тарҳрезӣ намуд. Пажуҳандаи ин самт, метавонад, ин мавзуи пайгирифтаро дар шакли як монографияи соҳавӣ бо диду назароти нав матраҳ намояд.

АДАБИЁТ:

1. Абӯалӣ ибни Сино. Осор [Матн] / Сино А. ҷ.2. – Душанбе, 2005. – 801 с.
2. Абунаср Фараби. Ал-хитаба (Риторика) [Текст] / Фараби А. – Бейрут, 1976. – 180 с. (на араб. яз)
3. Абунаср Фараби. Китаб ал-ҳуруф (Книга букв) [Текст] / Фараби А. –Бейрут, 1986. – 217 с. (на араб. яз)
4. Абунаср Фарабӣ. Шарҳ ал-Фарабӣ ли китаб Арасту фи ал-‘ибара (Комментарии ал-Фараби к «Об истолковании» Аристотеля) [Матн] / Фараби А. Комментатор Вилхам Кутиш ал-Ясу‘и. – Бейрут. 1986. – 259 с. (на араб. яз)
5. Абунаср Фараби. Ихса ал-улум (Классификация наук) [Текст] / Фараби А. – Тегеран, 1381х. – 220 с. (на перс. яз)
6. Абунаср Фараби. Ал-алфаз ал-муста‘мала фӣ ал-мантиқ (Слова, употребляемые в логике) [Текст] / Фараби А. – Тегеран, 1388х. – 227 с. (на перс. яз)
7. Аль-Фараби. Философские трактаты [Текст] / Фараби А. – Алма-Ата, 1972. – 495 с.
8. Аль-Фараби. О разуме и науке [Текст] / Фараби А. – Алма-Ата, 1975. – 112 с.
9. Аль-Фараби. Логические трактаты [Текст] / Фараби А. – Алма-Ата, 1975. – 670 с.
10. Аль-Фараби. Естественнонаучные трактаты [Текст] / Фараби А. – Алма-Ата, 1987. – 495 с.
11. Аристотель. Этика, эстетика, постика [Текст] / Аристотель. – Минск, 2011. – 1280 с.
12. Дарвеш, А. Ал-Фараби ва фалсафа ал-‘акл (Фараби и философия разума) [Текст] / Фараби А. – Каир, 2014. – 302 с. (на араб. яз)
13. История таджикской философии [Текст] /. Т.2. –Душанбе, 2011. – 788 с
14. Кодухов, В.И. Общее языкознание [Текст] / В.И. Кодухов. – М., 2007. – 302 с.
15. Лангед, Дж. Мин ал-Кур‘ан ила ал-фалсафа. Ал-лисан ал-‘араби ва такавван ал-камус ал-фалсафи ладай ал-Фараби (От Корана к философии. Арабский язык и возникновение философского словаря аль-Фараби) [Текст] / Дж.Лангед. – Дамаск, 2000. (на араб. яз)
16. Fakhry, M. A history of Islamic philosophy [Text] / M.Fakhry. – Colambia, 1970. – 42 p.
17. Rosher, N. Al-Farabis Commentary on Aristoles Prior Analytios [Text] / N. Rosher University of Pittsburgh Press; 1st edition. 1969. - 132 p.

ҲАМБАСТАГИҲОИ ЗАБОНӢ ВА МАНТИҚӢ АЗ ДИДГОҲИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ

Дар ин мақола муаллиф кӯшидааст, ки масъалаи робитаи забону мантиқро, ки дар асрҳои миёна ҷойгоҳи хоса дошта, дар саромади ҳамаи илмҳо қарор доштанд ва акнун яке аз мубрамиёти забоншиносии муосир ба ҳисоб мераванд, таҳқиқ намояд.

Абунасри Форобӣ – мутафаккири асримиёнагӣ дар баробари таҳқиқоти фалсафӣ ба муносибату алоқамандии забону мантиқ таваҷҷуҳи хос намуда, дар асарҳояш: «Китоб фӣ ал-луғат», «Эҳсо ал-улум», «Мадхал ал-мантиқ», «Китоб ал-ҳуруф» ва «Ал-алфоз ал-мустаъмала

фӣ ал-мантиқ» раванди мувофиқат, айният, зиддият ва тавассути ин ду, ба дарки дурусти маърифат расиданро бо мисолҳо таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ мекунад.

Ба андешаи муаллиф, дар осори Форобӣ ҷойгоҳи илмҳои забону мантиқ хоса буда, дар ин самт ӯ яке аввалин шахсиятҳоест, ки дар такя ба забонҳои дигар ба истилоҳсозӣ пардохтааст. Сарфи назар аз он, ки истилоҳсозӣ таърихи қадима дорад, муаллиф бо далелҳо исбот менамояд, ки Форобӣ дар самти истилоҳсозӣ ва истифодаи муштараки забон, наҳв ва мантиқ бо мисолҳо аз аввалин мутафаккиронест, ки дар ин самт рисола ва китобҳои алоҳида навишта, ҳамбастагӣ ва махсуси онҳоро дар илм шарҳ додааст.

Мувофиқи таҳқиқоти муаллифи мақола, Форобӣ дар системаи донишҳо забонро дар мақоми аввал мегузорад ва чунин меҳисобид, ки он воқеияти бевоистаи фикр аст. Агар методологияи мантиқ риоя гардад тавассути он инсон ба инкишофи зеҳнӣ рӯ ба рӯ мегардад. Зеро ҳар матлаб (мафҳум)-ро мазмун ва шакл аст, дар раванди баёни андеша яке аз ин ду нодуруст корбаст шавад, махраҷ (натиҷа)-и интиқолёбанда аз ҳадаф дур мемонад.

Таҳлилҳои ҳамаҷонибаи муаллиф нишон медиҳад, ки Форобӣ сохтори шаклии ҳамаи илмҳо-забон ва методологияи баёни онҳоро илми мантиқ дониста, воситаҳои дарккуниро дар ин раванд ба фаъолияти муштараки онҳо алоқаманд мепиндорад.

Калидвожаҳо: *забоншиносӣ, мантиқ, наҳв, Абунасри Форобӣ, Арасту, мақулот, исм, феъл, ҳиссача, тафаккур, санъат, забон, "Эҳсо ал-улум", "Китоб ул-ҳуруф", калима.*

ЯЗЫКОВЫЕ И ЛОГИЧЕСКИЕ ВЗАИМОСВЯЗИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АБУНАСРА ФАРАБИ

В данной статье автор стремится исследовать взаимосвязь языка и логики, которые в средние века были неразрывно связаны и стояли во главе всех наук и в настоящее время считаются одним из важнейших вопросов современного языкознания.

Абунаср Фараби – средневековый мыслитель наравне с философскими исследованиями уделял особое внимание взаимоотношениям языка и логики. В своих произведениях «Книга о слове», «Классификация наук», «Введение в логику», «Книга букв» и «Слова, употребляемые в логике» он рассматривает процесс соотношения, противоречия и наглядность посредством этих двух понятий и прихода к правильному образу мышления, подкрепляя свои исследования примерами научного анализа, рассмотрения и заключениями.

По мнению автора, в трудах Фароби особое место занимают науки о языке и логике, и в этом направлении он был одним из первых лиц, обративших внимание на терминологию, основанную на других языках. Несмотря на то что терминология имеет древнюю историю, автор доказывает конкретными фактами, что Фараби в сфере терминологии является первым мыслителем, который применяя совместное использование языка, стиля и логики написал по данной теме книги и опубликовал результат научных работ.

Согласно исследованию автора, Фараби ставит язык на первое место в системе знаний и считал, что язык является непосредственой реализацией мысли. Если следовать методологии логики, то через неё человек развивается интеллектуально. Поскольку каждый предмет (понятие) имеет содержание и форму, при неправильном использовании одного из этих двух в процессе выражения мнения знаменатель передаваемого будет далек от цели.

Всесторонние исследования автора показывают, что Фараби знал видовую структуру всех языковых наук и методологию их выражения. В этом процессе считал важным средством познания их совместную деятельность и применение.

Ключевые слова: *языкознание, логика, грамматика, Абунаср Фараби, Аристотель, категории, глагол, частица, мышление, искусство, язык, Классификация наук, Книга букв, слово.*

LANGUAGE AND LOGICAL INTERRELATIONS FROM A POINT VIEW OF ABUNASR FARABI

In this article the author considers a problem of communication of language and logic which in the Middle Ages had unprecedented communications and stood at the origins of any sciences and considered as topical issues of modern linguistics.

Abunasr Farabi is a medieval thinker on the equal with philosophical researches paid special attention to relationship of language and logic. In his works "The Book About of Word", "Classification of Sciences", "Introduction to Logics", "Book of Letters" and "The words used in logic" it to consider process of a ratio, contradiction and presentation by means of these two concepts and arrival to the correct mentality, supporting the researches with examples of the scientific analysis, consideration and the conclusions.

According to the author Farabi holds special position in the sphere of sciences on language and logic. He is the first person resting on other languages began to be engaged in a research and creation of terminology. In spite of the fact that terminology has ancient history. The author proves the concrete facts that Farabi in the sphere of terminology is the first thinker who applying sharing of language, style and logic wrote on this subject of the book and published result of scientific works.

According to a research of the author Farabi put language in the system of knowledge on the first place and considers it direct reflection of a thought. Only through this phenomenon the mankind will come to intellectual development if logic methodologies are observed. As in each concept there is a sense and a form and if in the course of use and expression of a thought one of them incorrectly are applied that as a result binding from the purpose falls far.

Comprehensive reseach of the author show that Farabi knew specific structure of all language sciences and methodology of their expression. In this process considered an important learning tool their joint activity and application.

Keywords: *linguistics, logic, grammar, Abunasr Farabi, Aristotle, categories, verb, name, particle, thinking, art, language, Classification of sciences, Book of letters, words.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ.* ***Нишонӣ:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992) 938384345*

Сведения об авторе: Сулаймонов Бахманёр Сайдихсонович *- Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат философских наук, доцент кафедры философии и политологии. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе Душанбе, к. Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992) 938384345*

About the author: Sulaymonov Bahmanyor Saidehsonovich *- Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Political Science. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: (+992) 938384345.*

ТДУ: 809.155.0

ТАҲЛИЛИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЛЕКСИКАИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЗАБОНИ ШУҒНОНӢ

Саидасанова Р. Қ.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Истилоҳоти хешутаборӣ дар забони шуғнонӣ яке аз мавзуъҳои ноомӯхташуда ба шумор меравад. Омӯзиш ва таҳлили истилоҳоти хешутаборӣ яке аз масъалаҳои забоншиносӣ ва таъриху этнография мебошад. Доир ба ин мавзуъ чи дар забоншиносии тоҷик ва чи дар забоншиносии ҷаҳон таҳқиқотҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, дар забоншиносии тоҷик дар осори илмии муҳаққиқон Саймиддинов Д. ва Махмудов М. [14, с. 182], Розенфелд А. [10, с 192], Зайниддинова З., [4, с.162], Гадоев Н. [1, с. 182], Хоркашев С., Гулзода Н. [2, с. 141], Ҳасанова М. [9, с. 130] ва дигарон ин масъала то дараҷае таҳқиқ шудааст.

Зимни баррасии истилоҳоти хешутаборӣ донишмандон бо равишҳои ба худашон муносиб тадқиқот анҷом доданд. Аз ҷумла, яке аз муҳаққиқони забоншиноси рус А.В. Деснитская дар баррасии худ «Вопросы изучение родство индоевропейских языков» [3, с. 255] воҳидҳои луғавии хешутабориро ба ҳамхун ва ғайриҳамхун тасниф менамояд. Ҳамин гуна гурӯҳбандӣ дар забоншиносии тоҷик аз тарафи Р.Л. Неменова ва Ғ.Ҷӯраев дар «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» [8, с. 130] сурат гирифта, истилоҳоти хешутабориро ба ҳамхун ва ғайриҳамхун ҷудо карда, хусусиятҳои луғавию этникӣ ва фарқҳои фонетикии онҳоро таҳқиқ кардаанд. Муҳаққиқони мазкур вожаҳои мансуб ба гурӯҳи ҳамхунро, дар навбати худ, ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд:

1) ҳамхуни пурра

2) ҳамхуни нопурра

Дар ҳамин радиф, Д. Саймидинов низ зимни таҳқиқи номҳои хешовандии забони форси миёна онҳоро ба гурӯҳҳои ҳамхун ва ғайриҳамхун табақабандӣ кардааст.

Муҳаққиқ С. Хоркашев истилоҳоти хешутабории шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқиро аз руйи ҷинсияти лексикиашон баррасӣ карда, дар шарҳи онҳо чунин мегӯяд: «Ба назари мо, зимни таҳлили калимасозӣ барои нишон додани самаранокии вожасозии истилоҳоти мазкур аз руйи ҷинсияти лексикиашон ба се гурӯҳ тақсим кардан мувофиқи мақсад мебошад:

1. Калимаҳои хешутабории мансуб ба ҷинси мардона
2. Калимаҳои хешутабории мансуб ба ҷинси занона
3. Калимаҳои хешутабории умумиҷинс

Бо вуҷуди ин, ҳамхун (ҳамхуни пурраю ҳамхуни нопурра) ва ғайриҳамхунӣ вожаҳои хешутабории муштараки гурӯҳи якум ва дуюмро таҳлил намудааст. Ӯ ҳарчанд таҳлили калимаҳои хешутабориро аз рӯйи ҷинсият муносиб донистааст, аммо дар давоми таҳлил ба вожаҳои хешутаборӣ аз нигоҳи ҳамхун ва ғайриҳамхун ишора намудааст.

Муҳаққиқ Н. Гадоев доир ба гӯйиши Тагнов чунин тадқиқот гузаронида, масъалаи робитаҳои хешутабориро низ дар кори худ зикр намудааст. Мавсуф таъкид намудааст, ки дар илми лаҳҷашиносии тоҷик ин соҳа ба таври бояду шояд, ё пурра омӯхта нашудааст, ё тадқиқоти яклухте анҷом наёфтааст. Танҳо ҳангоми омӯзиши ин ё он лаҳҷа муҳаққиқон дар бораи ислоҳоти хешутаборӣ ба тариқи фишурда маълумот медиҳанд. [1, с. 182].

Аз рӯйи мушоҳидаҳои муҳаққиқони ибораҳои исмии изофие, ки муносибатҳои хешутабориро ифода мекунанд, на соҳибият, балки мансуб будани касе ба шахс ифода меёбад. Ибораҳои исмии изофӣ бо тобиши муносибатҳои хешутаборӣ дар забони тоҷикӣ ба гурӯҳи ибораҳои ифодакунандаи мансубият шомиланд. Ин ақидаро Н. Гулзода дар пажуҳиши худ тақвият дода, доир ба ифодаи соҳибият дар забони адабии тоҷик тадқиқоти мукаммал гузаронидааст.

Тибқи таҳлили мавсуф, ибора аз калимаҳои мустақилмаъно ташкил меёбад ва нақши калима аз ҷиҳати маънои луғавӣ дар ташкили ибора дар мақоми аввал меистад. Аз ин рӯ, ин вожаҳое, ки муносибатҳои хешутабориро ифода мекунанд, аз ҷиҳати сохти морфологӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд:

Ба гурӯҳи аввал, калимаҳое, ки дараҷаи гуногуни муносибатҳои хешутабориро ифода мекунанд: падар, модар, бибӣ (модаркалон), бобо, бародар (ака), додар; хоҳар, апа; амак, тағо, амма, хола, набера, абера ва ҷиян дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи дуюм, калимаҳои ифодакунандаи муносибати хешутаборӣ, калимаҳои мураккаби дуҷузъае дохил мешаванд, ки ҳар ду ҷузъи онҳо маънои табориро ифода мекунанд. Дар асл, ин вожаҳои мураккаб ибораи изофӣ буда, бо факки изофат ва бевосита ҳамроҳшавии решаҳо бо калимаҳои мураккаб табдил ёфтаанд: писархола, холадухтар, духтарамак, писарамак, тағобача, наберачиян, падархонд, бародархонд, холабача [2, с. 141].

Муҳаққиқ М. Ҳасанова доир ба лексикаи маросими тӯйи арӯсӣ дар лаҳҷаи Хуҷанд тадқиқот гузарондааст. Ӯ истилоҳоти хешутабории тоҷиконро яке аз мавзуъҳои муҳим мешуморад. Ба қавли ӯ, барои ифодаи истилоҳоти хешутаборӣ мардуми Хуҷанд мафҳумҳои зеринро кор мефармоянд: дадо, бува, ако, уко, буча, оча, бӯво ва ғайра [9, с. 130].

Ба андешаи М. Ҳасанова бисёре аз ин истилоҳот на танҳо нисбат ба хоҳару бародари хунӣ, бобою бибии худ, балки ба як қатор хешони дуру наздик ва ашхоси бегонае, ки дар ҳамин синну сол мебошанд, кор фармуда мешаванд.

Ҳангоми таҳлили истилоҳоти хешутаборӣ дар Хуҷанд пай бурдан мумкин аст, ки аксари ин истилоҳот маънои гурӯҳӣ доранд ва доираи зиёди ашхосро дар бар мегиранд.

Таҳқиқоти З. Замонов ба лексикаи лаҳҷаи Даштиҷум бахшида шудааст. Истилоҳоти хешутаборӣ дар лексикаи лаҳҷаи Даштиҷум хеле зиёданд. Мавсуф калима ва ё мафҳумҳои хешутабории дар таркиби луғавии лаҳҷаи Даштиҷум маҳфузбударо ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

Ба гурӯҳи аввал, воҳидҳои луғавии марбут ба хешони ҳамхунро дохил мекунанд: ата (падар), оча (модар), байар (додар), холла (апа ё хоҳари модар), ама (хоҳари падар), амакӣ, тағоӣ, бобӣ (бобо), мома (модаркалон), амакбача (писари амак) ва ғайраҳо.

Ба гурӯҳи дуюм, воҳидҳои луғавии марбут ба хешони ғайриҳамхун дохил мешаванд: зан, шу (шавҳар), арус/сънор (келин), домод, язна (шавҳарихоҳар), хусур (падарарус), хусурбурда (ака ё додари келин), қайсангъл (хоҳари арус), ҳевар (додаршӯ), яна (хоҳари шавҳар) ва ғайра [5, с. 65-68].

Бояд қайд кард, ки робитаҳои хешутаборӣ, пеш аз ҳама, ба зану мард, ки асоси зиндагӣ мебошанд, вобаста буда, ҳар кадоми онҳо боиси зуҳури авлод ба шумор мераванд. Хешутаборӣ, асосан, аз тарафи хешони падарӣ ва модарӣ оғоз мешавад. Аз ин рӯ, ташаккул ва таҳаввули лексикаи хешутаборӣ маҳз аз робитаҳои хешутаборӣ вобаста мебошад. Агар мо *амма* ё *амак* гӯем, хешони падар (инҳо хоҳару бародари падарӣ), *хола* ё *холак* гӯем, хешони модар (инҳо хоҳару бародари модар) ҳисобида мешавад. Ин вожаҳо дар тӯли қарнҳо густариш ёфта, захираи асосии луғати забонро афзудаанд ва барои ифодаи маъниҳои дилхоҳ мавриди истеъмол қарор дода мешаванд.

Дар асоси таснифоти забоншиносонии ҷаҳонӣ, ки дар робита ба истилоҳоти хешутаборӣ таҳқиқот анҷом додаанд, истилоҳоти хешутабории забони шуғнониро ба тарзи зерин ҷудо мекунем:

1. Истилоҳоти хешутабории ҳамхун
2. Истилоҳоти хешутабории ғайриҳамхун

Ба гурӯҳи аввали хешони ҳамхун дохил мешаванд: *тāт* (падар), *нāн* (модар), *вирод* (бародар), *йах* (хоҳар), *мӯм* (модаркалон), *боб* (бобо), *амак* (ака, додари падар), *амā* (хоҳари падар), *холā* (хоҳари модар), *холак* (ака, додари модар), *питиш* (бачаи амак ё хола), *хэр* (бачаи ака ё хоҳар), *нибос «набераи писарӣ»,нибэс* (набераи духтарӣ) ва ғайраҳо [7, с. 49-56].

Вирод ва *йах* дар забони Шуғнонӣ калимаи серистеъмол буда, бародар ва хоҳарро ифода мекунад. Ин вожаҳо дар дигар лачаҳо низ серистеъмоланд. Дар лаҳҷаи мазкур баъзан ба ҷойи калимаи модар вожаи *нан* ва ба ҷойи калимаи падар *тат* – ро истифода мебаранд. Қайд кардан зарур аст, ки дар лексикаи хешутабории Шуғнон фарзанди хурдиро *қичфирудҷак* ва фарзанди миёнаро *миденҷак* истифода мебаранд: *қичфирудҷак пуҷ ё ризинтунд.*

Ба гурӯҳи дуюм, мафҳумҳои хешутабории ғайрихунии зерин дохил мешаванд: *ӯин* (зан), *чор* (шавҳар), *зинаӯ* (келин), *дӯмод* (домод), *хīх̇* (хушдоман), *хисур* (падари арус ё домод),

занхолак (зани тағоӣ), *залмак* (зани амакӣ), *шӯма* (шавҳари ама) *шӯхола* (шавҳари хола), *хисӣрӡ* (бародари арус ё домод), *хийӯн* (хоҳари шавҳар ё келин), *нӣнеӡ* (модарандар), *тӣтеӡ* (падарандар), *пуҷеҷ* (писари угай), *ризӣнеӡ* (духтари угай), *мичӣӣд* (зани эвар), *боҷӣ* (боҷа), *қудӣ* (қудо), *пид* (падарарус) ва ҳоказоҳо. Дар Шуғнон мисли дигар ноҳияҳо хешутабориҳо дар натиҷаи оиладоршавии зану мард, зан гирифтан, ё шавҳар кардани ду шахси ғайриҳамхун (бегона) ба миён омада, давом мекунад.

Ҳамзамон, дар асоси тақсимбандии Р.А. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев вожаҳои ифодакунандаи хешутабории ҳамхунро дар забони шуғнонӣ низ метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард [8,с. 328]:

а) ҳамхуни пурра;

б) ҳамхуни нопурра.

Ба гурӯҳи аввал, истилоҳоте дохил мешаванд, ки дар ифодаи шахс ё аъзои оила, ё онҳое, ки аз як падару модар таваллуд ёфтаанд, зарур мешуморем. Вожаҳое, ки ба ҳамхуни пурра дохил мешаванд инҳоанд: *тат* (падар), *нӣн* (модар), *вирод* (ака), *виродбуҷ* (додар), *йах* (апа), *йахбиҷ* (хоҳар).

Ба гурӯҳи дуюм, хешони ҳамхуни нопурра дохил мешаванд, ки онҳо дар оила писарон ё духтарони угай номида мешаванд. Мафҳуми “аз ҷониби падар бо ҳам хоҳару бародар ва аз ҷониби модар ба ҳам бегона”-ро дар забони шуғнонӣ таркиби “аз тат қатият аз нан ҷудо” ва ё баръакси онро “аз нан қатият аз тат чудо” меноманд. Ҳамчунин, дар забони шуғнонӣ вожаҳои *пуҷеҷ* (писари угай) *ризӣнеӡ* (духтари угай), тӣтеӡ (падари угай) ва нӣнеӡ (модари угай) корбаст мешаванд.

Ин ду гурӯҳе, ки дар боло ном бурдем, ба куллӣ аз ҳамдигар фарқ доранд ва байни онҳо алоқаи зич мавҷуд аст. Гурӯҳи дуюм дар натиҷаи хонадоршавии ду шахс - зану мард, яъне зан гирифтан, ё шавҳар кардани ду шахси ғайриҳамхун (ду бегона), зан аз як авлоду шавҳар аз авлоди дигар ба вуҷуд меояд. Шумораи хешони ғайрихунӣ нисбат ба хешони ҳамхун зиёдтар аст.

Тибқи гурӯҳбандии бархе аз муҳаққиқон, ки истилоҳоти хешутабориро ба гурӯҳҳои хешовандони наздик ва хешовандони дур ҷудо кардаанд, метавонем истилоҳоти хешутабориро дар забони шуғнонӣ низ ба гурӯҳи хешовандони наздик ва хешовандони дур ҷудо намоем. Тазаккур бояд дод, ки дар расму анъанаи мардуми Шуғнон ва ё дар робитаю пайванди хешутаборӣ, истилоҳи *қарӣб қавмийот* “хешовандони наздик” ва *дар қавмийот* “хешовандони дур” хеле фаровон истифода мешавад. Яъне, чунин гурӯҳбандӣ дар байни мардуми Шуғнон аз даврaҳои қадим мавҷуд будааст. Аз ин хотир, истилоҳоти дар боло зикришуда то имрӯз дар забони шуғнонӣ побарҷост:

а) хешовандони наздик. Гурӯҳи хешовандони наздикро дар забони шуғнонӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Хешовандони аз ҷониби падар, ки дар забони шуғнонӣ бо ибораи “*тӣт қавмийот”* (хешони падар) истифода мешаванд.

2. Хешовандон аз ҷониби модар, ки дар забони шуғнонӣ бо ибораи “*нӣн қавмийот”* истифода мешаванд.

Ба гурӯҳи аввал – хешовандони ҷониби падар инҳо дохил мешаванд: *боб* (бобо), мӯм (модаркалон), *амак* (бародари падар), *залмак* (зани амак),*аммӣ* (хоҳари падар), *шӯма* (шавҳари амма), *питиш* (писар ё духтари амак ё амма).

Ба гурӯҳи дуюм – хешовандони аз ҷониби модар инҳо дохил мешаванд: *боб* (бобо), мӯм (модаркалон), *холак* (таға), *залмак* (зани таға), *холӣ*(хола), *питӣш* (писар ё духтари тағоӣ ё хола).

б) хешовандони дур – дар расму анъанаи мардуми Шуғнон хешовандонеро мегӯянд, ки вобаста ба аслу насаб ва ё пушт ҳисоб карда мешаванд.

Истилоҳоте, ки дар ин гурӯҳ истифода мешаванд, ҳамон вожаҳои умумии *духтар, писар, набера, бача* мебошанд. Таснифоти хешутабории дур ва тақсимоти онҳо аз ҷониби муҳаққиқон ба таври гуногун ба роҳ монда шудааст. Ин тақсимот аз тарафи А.Т.Бекмуратова

ва М.Ҳасанова тақсимбандӣ шудааст. Онҳо қайд кардаанд, ки “хешутаборӣ, асосан, аз се насл иборат аст, наслҳои баъд аз насли сеюм омада, хешони дур ҳисоб мешаванд”.

Ҳамин тавр, истилоҳи хешутаборӣ номҳои оила, авлод ва қавмро дар бар гирифта, ҷиҳати муайян намудани робитаи хешутаборӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад.

АДАБИЁТ

1. Гадоев, Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н.Гадоев. – Душанбе, 2009. - 182 с.
2. Гулзода, Н. Ифодаи соҳибият дар забони адабии тоҷикӣ / Н. Гулзода. -Душанбе, 2009. - 141 с.
3. Десницкая, А.В. Вопросы изучение родство индоевропейских языков / А.В. Десницкая. – М., 1955.- 252 с.
4. Зайниддинова, З. Маълумотҳо доир ба истилоҳи ифодакунандаи «зан» дар шеваҳои ҷанубӣ /З.Зайниддинова // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1976. - С.162-170.
5. Замонов, З.И. Лексикаи лаҳҷаи Даштиҷум / З. И. Замонов. – Душанбе, 2010. - 235 с.
6. Зарубин, И.И. К списку памирских языков / И.И. Зарубин // Доклады РАН, серия В. – 1924. - С. 79-81.
7. Карамшоев, Д. Забонҳо ва гӯишҳои помирии Бадахшон / Д. Карамшоев // Номаи Пажӯҳишгоҳ. – Душанбе, 2007. - №15-16. - С. 49-56.
8. Маҳмудов, М. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ (лаҳҷаҳои ҷанубӣ) / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе, 1997 – 182 с.
9. Немонова, Р.Л. Шеваи чанубии забони точикӣ: Монография. / Р.Л. Немонова, Ғ.Ҷураев. – Душанбе, 1980. - 328 с.
10. Ҳасанова, М. Лексикаи маросими тӯйи арӯсӣ дар лаҳҷаи Хуҷанд / М.Ҳасанова. – Хуҷанд, 2010. - 130 с.
11. Розенфельд, А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка / Розенфельд А.З. – ЛТУ, 1971. –192 с.
12. Саидов, Р. Говоры Вахиёи Боло / Р. Саидов. – Душанбе, 2003 - 228 с.
13. Эшниёзов, М. Диалектологияи тоҷик / М. Эшниёзов. - Душанбе, 1979. -193 с.
14. Энгелс, Ф. Пайдоиши оила, моликиияти хусусӣ ва давлат / Ф.Энгелс. – Сталинград. 1957. - 240 с.

ТАҲЛИЛИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЛЕКСИКАИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЗАБОНИ ШУҒНОНӢ

Мақола ба таҳқиқи истилоҳоти хешутаборӣ дар забони шуғнонӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки истилоҳоти хешутаборӣ дар забони шуғнонӣ яке аз мавзуъҳои ноомӯхташуда ба шумор меравад. Дар мақола таъкид гардидааст, ки вожаҳоеро, ки муносибатҳои хешутабориро дар забони шуғнонӣ ифода мекунанд, аз ҷиҳати сохти морфологӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мегарданд: калимаҳое, ки дараҷаи гуногуни муносибатҳои хешутабориро ифода мекунанд ва калимаҳои мураккаби дуҷузъаи ифодакунандаи муносибати хешутаборӣ, ки ҳар ду ҷузъи онҳо маънои табориро ифода мекунанд.

Инчунин, дар асоси таснифоти забоншиносони ҷаҳонӣ, ки дар робита ба истилоҳоти хешутаборӣ таҳқиқот анҷом додаанд, истилоҳоти хешутабории забони шуғниро ба ҳамхун ва ғайриҳамхун ҷудо кардан мумкин аст.

Муаллифи мақола бар он назар аст, ки дар расму анъанаи мардуми Шуғнон ва ё дар робитаю пайванди хешутаборӣ истилоҳи *қарӣб қавмийот* “хешовандони наздик” ва *бар қавмийот* “хешовандони дур” хеле фаровон истифода мешавад. Яъне, чунин гурӯҳбандӣ дар байни мардуми Шуғнон аз даврaҳои қадим мавҷуд будааст. Аз ин хотир, истилоҳоти хешутабориро дар забони шуғнонӣ ба: а) хешовандони наздик, яъне гурӯҳи хешовандони наздик аз ҷониби падар (“*тāт қавмийот”* (хешони падар)) ва аз ҷониби модар (“*нāн қавмийот”)*; б) хешовандони дур, яъне хешовандоне, ки вобаста ба аслу насаб ва ё пушт ҳисоб карда мешаванд, ҷудо намудааст.

Калидвожаҳо*: хешутаборӣ, ҳамхун, ғайриҳамхун, ҳамхуни пурра, ҳамхуни нопурра, этнолингвистӣ, таснифот, лексика, вожа.*

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЛЕКСИКИ РОДСТВА В ШУГНАНСКОМ ЯЗЫКЕ

Статья посвящена изучению терминов, обозначающих родство в шугнанском языке. Автор отмечает, что термин “родство” в шугнанском языке является одним из неисследованных тем. В статье подчеркивается, что слова, выражающие родство, в шугнанском языке морфологически делятся на две основные группы: слова, выражающие разную степень родства, и сложные слова, обозначающие родство, которые связаны друг с другом.

Также на основании классификации мировых языковедов, проводивших исследования терминов родства, можно выделить термины родства шугнанского языка на кровные и некровные.

Автор статьи считает, что в традициях народа Шугнана в их родственных отношениях широко используются термины «близкие родственники» и «дальние родственники». Такое деление существовало у народа Шугнана с древних времен. Таким образом, терминами обозначающими родственные отношения в шугнанском языке являются: а) близкие родственники, т.е. группа близких родственников по отцу («*тат кавмийот*» (родственники отца)) и по матери («*нан камиет*»); б) дальние родственники, по их происхождению.

Ключевые слова: *родство, кровное, некровное, полнокровное, неполнокровное, этнолингвистика, классификация, лексика, язык.*

ETHNOLYGISTIC ANALYSIS OF RELATIVE VOCABULARY IN SHUGNAN LANGUAGE

The article is devoted to the study of kinship terms in the Shughni language. The author notes that the term kinship in the Shughni language is one of the unexplored topics. The article emphasizes that the words expressing kinship in the Shugnan language are morphologically divided into two main groups: words expressing different degrees of kinship, and compound words denoting kinship that are related to each other.

According to the study of world linguists who conducted the terms of kinship, the term of kinship of the Shugnan language can be divided into blood and non-blood.

The author of the article believes that in the traditions of the Shugnan people or in family relations, the terms “close relatives” and “distant relatives” are widely used. That is, such a division has existed among the people of Shugnan since ancient times. Thus, the terms of relatives in the Shughni language are: a) close relatives, i.e. a group of close relatives on the father's side ("*tat qavmiyot*" (father's relatives)) and on the mother's side ("*nan qamiyet*"); b) distant relatives, i.e. relatives counted according to their origin.

***Маълумот дар бораи муаллиф**: **Саидасанова Рафоҳат Қурбонасановна** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторант аз рӯйи ихтисос (PhD). **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: 501841533. E-mail.* srafohat@gmail.com

***Сведения об авторе**: **Саидасанова Рафохат Курбонасановна** – Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, докторант по специальности (PhD). **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: 501841533. E-mail.* srafohat@gmail.com

***Information about the author: Saidasanova Rafohat Kurbonasanovna** – Tajik State Institute of languages named after Sotim Ulughzoda, doctoral student (PhD). **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17/6 Muhammadiev str. Phone: 501841533. E-mail.* srafohat@gmail.com

ТДУ 809.155.0+808.2

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ПОЭЗИИ С ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА НА РУССКИЙ НА ПРИМЕРЕ ТВОРЧЕСТВА ОСНОВОПОЛОЖНИКА ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ АБУАБДУЛЛО РУДАКИ

(На примере некоторых профессионализмов)

Халимова С. Ш.
Национальный университет Таджикистана

Таджикско-персидский язык является одним из первых и самых богатых языков мира, новый этап его активного развития начинается ещё с IX-X веков. Начиная с этого времени, представители этого замечательного народа вдобавок к прошлой истории начинают творить уникальные поэтические произведения, неповторимое наследие для человечества. В произведениях персидско-таджикских поэтов этого периода превосходно отмечаются такие общечеловеческие вопросы, как: мир, стабильность, патриотизм, защита Родины, мужество и героизм, честность, верность и доброта. В мировой культуре поэзия занимает особое место и имеет важное ключевое значение, поэтому она издревле начинает привлекать к себе внимание знатоков мира.

Произведения золотой классики всех времён таких, как Устода Абуабдулло Рудаки, Абулкасыма Фирдоуси, Мавлоно Джалолиддина Балхи, Низами Гянджави, Саади Шерози, Хафиза Шерози, Абдурахмана Джами и многих других до сих пор представлены в мире как родоначальники разных поэтических жанров и их произведения переведены на многие языки мира. Отрадно то, что рубаи Омара Хайяма переведены более чем на 250 языков мира.

Стихи основоположника таджикско-персидской классической литературы Устода Абуабдулло Рудаки ещё в своё время были переведены на различные языки. Например, слова

“**Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад**” – “**На мир взгляни разумным оком**”

перевёл с персидского на арабский язык арабский поэт Аль-Муаммал, который встречается в одном из важных источников X-го столетия – “Ятимат-уд-даҳр”, автор - Саолаби [см.: 10, с. 155].

Поэма "Шахнаме“ (“Книга царей”) Абулкасыма Фирдоуси впервые был переведён на арабский язык ещё в XI веке, и это было важнейшим культурным событием того времени. Начиная с XII века творения таджикских поэтов стали переводить на европейские языки. А в России же таджикско-персидская поэзия была переведена лишь в XVIII-XIX вв. с французского и немецкого языков.

Прямой, непосредственный перевод таджикско-персидской поэзии на русский язык был осуществлен в начале XX века. В переводе таджикско-персидской поэзии на русский язык достойно работали известные поэты и переводчики - В. Жуковский, В. Н. Державин, О. Румынский, И. Сельвинский, А. Лахути, С.Липкин, В. Левик, М. Синельников и многие другие.

Перевод стихотворного жанра имеет свои характерные особенности, и он очень сложный. Также нужно подчеркнуть, что стихотворный смысл и соблюдение тона, художественное сопровождение пословиц и крылатые народные фразеологические цитаты почти невозможно в точности перевести на другой язык. ***Нужно отметить, сколько бы не старался переводчик, в переводе смысл искажается***.

Кандидаты филологических наук, преподаватели Университета имени Алламы Табатабаи Ирана Искандари Махнуш и Абдоллахи Муса в статье «Поэтический перевод: Проблемы, способы и случаи возможности с персидского языка на русский» отмечают, что «переводчик поэтических произведений, помимо полного знакомства с исходным и переводящим языками, должен учитывать характеристики различных литературных жанров, стилистических приёмов, литературной критики и дискурсивного анализа текста, чтобы установить равновесие перевода между двумя языками. И ещё надо принимать во внимание, что переводчику стихотворения следует иметь поэтический и художественный вкус, без которых невозможно инстинктивное понимание духа стихотворения и полноценный перевод

поэтических текстов. Наряду с этими переводчику стихотворения надо с полной одержимостью переводить стихотворение исходного языка на переводящий язык» [7, 126].

Несмотря на все эти трудности, в советское время Правительство страны уделяло особое внимание переводу художественных произведений, в результате чего был сделан качественный перевод нескольких произведений таджикско-персидской литературы. Например, ”Шахнаме" – книга из девяти томов Абулкасыма Фирдоуси, которая напечатана в советские времена, была переведена на высоком уровне Цецилией Лахути на русский язык, и была издана в шести томах. Перевод произведения «султонушшуаро» (султан поэтов, король поэтов) – Устода Рудаки был сделан другими известными переводчиками, как С.Липкин, В. Левик, М.Синельников, переводы которых считаются очень гибкими и высокими, достойными исследованию и изучению.

Устод Абуабдулло Рудаки является основоположником таджикско-персидской литературы, величайшим поэтом и «султонушшуаро» (султан поэтов, король поэтов) эпохи династии Саманидов, родился в 858 году в селе Панджруд Таджикистана. Он оставил в наследство драгоценные и редчайшие литературные произведения, которые и по сей день служат на благо не только персоязычных народов, но и для всего человечества.

“Рудаки не был первым персоязычным поэтом в период после прихода ислама, однако он стал первым и величайшим поэтом, который, слагая возвышенные стихи, возвысил и усовершенствовал персидскую поэзию. Он творил во всех поэтических жанрах – рубаи, китъа, газель, касыда, писал разными стихотворными размерами, и его творения стали школой для последующих поэтов” [См.: Введение. 1, с. 24].

Благодаря редкому гениальному поэтическому мастерству Устод Абуабдулло Рудаки быстро стал востребованным и очень почитаемым поэтом среди разных слоев общества своего времени. Таким образом, мы из поэтической касыды ”Шикоят аз пирӣ" узнаём, что произведения Устода Рудаки в своё время были изданы в разных странах и получили широкую мировую славу:

Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бишнуфт,
Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.

Заслушивался Хуросон творениями поэта,
Их переписывал весь мир, чужие и родные.

Мы в этой статье решили сравнить и анализировать несколько примеров переведённых слов и фраз на русский язык из поэзии Устода Абуабдулло Рудаки.

Устод Абуабдулло Рудаки внёс большой вклад в развитие таджикско-персидского литературного языка. В его творчестве отражены богатый словарный запас, духовное просвещение, наставления, традиции, профессии и ремесла таджикского народа. В сохраненных рукописях Устода Абуабдулло Рудаки мы видим, что он прекрасно знал профессию, работу и ремесла своего народа. В его произведениях собраны группы слов, профессионализмов, которые являются свидетельством развитости многих профессий таджикского народа в далёком прошлом. Профессионализмы – название блюд, одежды, тканей, обуви, инструментов, парфюмерии, драгоценных камней, зданий и их частей приведены в его произведениях.

Например, нижеследующие слова в его стихах означают подлинный смысл, переносные значения.

“Киштӣ”– парус, корабль

Известно, что парус, судно, или корабль является водным транспортом, и в наше время тоже это слово широко употребляется. Корабль – “**киштӣ**” это таджикское слово. Судоход или капитан – лицо, который управляет судном. Это слово используется в стихах поэта в своём истинном значении:

Киштие бар обу **киштибон**-ш бод, Рафтан андар водие яксон ниҳод. На хала бояд, на бод ангехтан, На зи **киштӣ** биму на з-овехтан [1, 121].	Парус сияет, капитан на плаву, Просторы моря бороздят за славу. Не рви же паруса ветренный шут, Не пугай корабль в дальный путь [1] [1, 121]. 1. Перевод Шамсиддина Мукима

В другом стихотворении Устод Абуабдулло Рудаки выражает свое мнение и мудрость о добре и добродетелей в очень красивой поэтической форме. Слово "**киштӣ**" (корабль) в этом стихотворении понимается в переносном смысле.

Перевод нижеследующего стихотворения поэта было сделано в элегантном и очень близком к источнику языке. Сделанный перевод очень похож по смыслу на стиль поэзии Устода Абуабдулло Рудаки:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад, Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ. Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ, Киштие соз, то бад-он гузарӣ! [1, 129].	На мир взгляни разумным оком, Не так, как прежде ты глядел. Мир – это море. Плыть желаешь? Построй корабль из добрых дел [1, 129]

Поэт говорит, что на мир нужно смотреть мудрыми глазами. Если ты хочешь плавать в жизненном просторе, то построй судно из добрых дел и милосердия, то есть сделай для людей много добрых и бескорыстных благодеяний.

"**Теғ"** – меч

Человечество изобрело некоторые инструменты, чтобы найти пропитание и потом пользоваться ими как средство обороны и орудия войны. Позже появились её различные виды. В наследии Устода Абуабдулло Рудаки изображены некоторые названия военных орудий и инструментов для охоты.

"**Теғ"** исконно таджикское слово, употребляющее в значениях кинжал, меч, нож, инструмент для стрижки волос, а в переносном понятии обозначает свет и попутчик. В бейте поэта кинжал или меч приводятся в прямом смысле, но Устод Рудаки выражает такую глубокую философию, что даже после тысяча лет его слово не теряет своего значения, и поэтому доступен для самого широкого круга читателей:

Чун **теғ** ба даст орӣ, мардум натавон кушт, Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт. Ин **теғ** на аз баҳри ситамгорон карданд, Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт. Исо ба раҳе дид яке кушта фитода, Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт. Гуфто, ки: "Киро куштӣ, то кушта шудӣ зор? То боз кӣ ӯро бикушад он, ки туро кушт?" Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас, То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт [1, 46].	Не для насилия и убийств мечи в руках блестят: Господь не забывает зла, и воздает сто крат. Не для насилия и убийств куется правый меч, Не ради уксуса лежит в давильне виноград. Убитого узрел Иса однажды на пути, И палец прикусил пророк, унынием объят. Сказал: «Кого же ты убил, когда ты сам убит? Настанет час, и твоего убийцу умертвят". Непрошенный, в чужую дверь ты пальцем не стучи, Не то услышишь: в дверь твою всем кулаком стучат [1, 47].

В данном переводе значения слов Устода Абуабдулло Рудаки даны не полностью. Устод Абуабдулло Рудаки говорит, что, если у тебя есть нож, то это не значит, что ты можешь истребить народ ***или убивать своих обидчиков.*** Творец не забывает зло, и злодеяния возвращаются к тебе (бумерангом). Виноград на земле растёт не ради опьянения, также как нож не для обидчиков. ***Вывод такой: народная мудрость гласит***, что никогда не стучи в

дверь людям пальцем, потому что в итоге в твою дверь будут бить кулаками. Переводчик передает смысл стиха и старается сохранить подлинный смысл поэзии, его красоту и нежность.

“Тир” – стрела.

“Стрела" тир является орудием охоты и битвы, брошенная стрела в метку, в прицел. В нижеследующем стихе поэта приводится прямой смысл:

Шоҳе, ки ба рӯзи разм аз родӣ, Заррин ниҳад ӯ тир ба пайкон. То куштаи ӯ аз кафан созад, То хастаи ӯ аз он кунад дармон [1, 88].	(Он) шах, который по щедрости своей в день битвы, Разит врага стрелой с золотым наконечником. Чтобы убитый ею не остался без савана, Чтобы раненый ею имел средства на лечения. [1] [1, 89]. [1] Перевод Шамсиддина Мукима

Устод Абуабдулло Рудаки был придворным поэтом мудрых царей (падишахов) династии Саманидов. Он хвалит царей Саманидов. Из поэзии Устода Абуабдулло Рудаки становится очевидным, что Саманидам пасторы, концы стрел готовили из золота для того, чтобы человек, вступивший с ним на борьбу, если будет убит, то он уже золотом заплатил за него и его савана; и если он будет ранен, то он продавая золотой конец стрела, будет спасен. Это было мужественным и высшим поведением наших предков. Нужно подчеркнуть, что с того времени прошло более тысячи лет. Наука и техника во многих сферах достигли высоких вершин. За несколько часов из одной точки нашей планеты мы летим на другую. Исследованы много особенностей луны и звёзд. Находясь на месте, мы общаемся с человеком, который находится на другой точке земного шара и даже имеем возможность (при помощи технологий) видеть его. Жизнь людей прогрессирует, но мы, не то, чтобы не говорим о врагах, даже о друзьях не думаем.

“Чароғ”– лампа.

“Чароғ” исконно таджикское слово. Обычная конструкция для освещения, состоявшая из ватной нити и масла, что изготавливается из керамического или чугунного сосуда» [18. с. 526].

В стихотворении Устода Абуабдулло Рудаки приводится прямой смысл этого слова:

Дар раҳгузари бод **чароғ**е, ки турост, Тарсам, ки бимирад аз фароғе, ки турост. Бӯйи ҷигари сӯхта олам бигирифт, Гар нашнидӣ, зиҳӣ димоғе, ки турост! [1, 138].	**Светильник** ты держи на дальнем расстояние, Боюсь я, что его затмит твое сияние. О, сердце сожжено, повсюду – запах тленья... Не слышишь? У тебя плохое обоняние [1, 139].

Переводчик правильно перевел значение этого слова и содержание стихотворения.

В другом стихотворении поэт создает следующее словосочетание: "освещающая лампа", что значит луна.

Бе рӯйи ту хуршеди чаҳонсӯз мабод, Ҳам бе ту **чароғи оламафрӯз** мабод! Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод, Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод! [1, 141].	Без твоего лица к чему мне солнце в час дневной? К чему мне без тебя луна, к чему мне свет ночной? Пускай тому, кто груб как я, не станешь ты женой, Пускай не будет дня, когда не будешь ты со мной [1, 141].

“Освещающая лампа” – лампа, которая освещает вселенную. Это очень яркое и поэтическое выражение, означает Луну и переводчик перевел его как ”свет ночной”, одновременно приводя слово ”Луна". Смысл третьей строки “выставляя кого-то, я не могу огорчить!" из “Пускай тому, кто груб как я, не станешь ты женой” ясно, что здесь не точный перевод. Завершается это тем, что уровень таланта поэта для русского читателя снижается.

Профессор А. Афсахзод считает практику перевода С.В. Левика в переводе нижеследующего рубаи Устода Абуабдулло Рудаки “устодона” – мастерски, [См.: 2] где наряду с контекстом формы полностью сохранены развитие чувств, соотношение слов и выражения манеры”:

Омад бари ман. Кӣ? – Ёр! Кай? – Вақти саҳар. Тарсанда зи кӣ? – Зи хасм! Хасмаш кӣ? – Падар. Додам-ш ду бӯса. – Бар куҷо? Бар лаби тар. Лаб буд? – На! Чӣ буд? – **Ақиқ**! Чун буд? – Чу шаккар! [1, 145].	Пришла… «Кто?» – «Милая». – «Когда?» – Пред утренней зарей». Спасалась от врага… «Кто враг?» – «Её отец родной». И дважды поцеловал… «Что?» – Уста её». «Уста?» –«Нет». «Что ж?» – «**Рубин**» – «Какой?» –«Багрово-огненный» [1, 147].

Ақиқ – 1. мин. сердолик; 2. пер. пурпурный, пунцовый, алый; **лабони ақиқ** – пунцовые губи [16, с. 33]. Драгоценный красно-желтоватый камень, который используется в качестве декорации и имеет свойство исцелять. Поэт в стихотворении указывает на красноту камня. В данном случае слово означает драгоценный камень красного цвета, и в переводе не теряется смысл стихотворения.

В стихах Устода Абуабдулло Рудаки слова обозначают новые виртуальные представления. Поэт приумножает значение этих слов и выражает свое высокое мышление и мудрость, а также свое многовекторное мнение.

Гуманистические мышления Устода Абуабдулло Рудаки сегодня очень эффективны и важны – в период глобализации и утраты нравственности в большинстве развитых стран мира. Мысли Рудаки не только сегодня, но и в будущем тоже будут служить достойному воспитанию и формированию человечества.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Абуабдулоҳи Рӯдакӣ. Шеърҳо. (На таджикском, русском языках и на персидской графике). Китоби мусаввар / Рӯдакӣ Абуабдуллоҳ. – Душанбе: Ирфон, 2008.-176 с.
2. Афсаҳзод, А. “Қатра - баҳр намунаи баҳр” / А. Афсаҳзод // Садои Шарқ. – Душанбе, 1973. – С.137-142
3. Бархударов, Л. С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода) / Л.С.Бархударов. – М.: Международные отношения, 1975. - 240 с.

4. Бертельс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертельс. – М.: Академия наук СССР, 1962. Т.1-2. -556+556 с.
5. Вопросы теории художественного перевода: Сборник статей. – М.: Художественная литература, 1971. -85 с.
6. Вопросы художественного перевода. – М.: Сов. писатель, 1955. - С. 123-124.
7. Искандари Махнуш. Абдоллахи Муса. Поэтический перевод: Проблемы, способы и случаи возможности с персидского языка на русский // Современная наука: актуальные проблемы перевода и практики. Серия гуманитарные науки – 2019. – №6. – 2 июня.
8. Коммисаров, В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты): Учеб. для ин-тов и фак. иностр. яз. / В.Н. Коммисаров. - М.: Высш. шк., 1990. - 253 с.
9. Латышев, Л.К. Перевод. Теория, практика и методика преподавания / Л.К. Латышев. – М.: Academia, 2007.
10. Мардонов, Т. Дурдонаҳои ганҷинаи бузург (Тақриз ба китоби “Назму насри форсу тоҷик” ба забони русӣ // Садои Шарқ. – 1975. - №9. – С.154-156.
11. Миньяр-Белоручев, Р.К. Теория и методы перевода / Р.К. Миньяр-Белоручев. – М.: Московский лицей. 1966. - 207 с.
12. Мирзоева, М. Фразеологические единицы художественных произведений Садриддина Айни и способы перевода этих единиц на русский язык. Монография / М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. -160 с.
13. Нагзибекова, М.Б. Об истории художественного перевода в Таджикистане / М.Б. Нагзибекова, З.А. Муладжанова // Вестник МГЛУ. – М., 2018. – С. 88-103.
14. Науменко, О.В. Особенности и трудности перевода поэзии (Черноморский государственный университет имени Петра Могилы, Украина) / О.В. Науменко // Международная научно-практическая Интернет-конференсия “Диалог культур – диалог о мире и во имя мира”. – Черномория, 2012.
15. Рульева, Я.С. Особенности адекватного перевода стихотворений. Передача метафоры на русский язык при переводе поэтических произведений Д. Байрона / Я.С. Рульева // Вестник КАСУ. – 2006.- .№2.
16. Таджикско-русский словарь. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2006. - 804 с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1 - М.: Сов.энцикл., 1969. - 951 с.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2 - М.: Сов.энцикл., 1969. - 947 с.
19. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевода / А.В. Фёдоров. – М.: Высшая школа, 1983,- 304 с.
20. كروش صفوى. هفت گفتار در باره ترجمه. تهران .نشر مركز 1367 ش.
21. ضياء قاسمى. سبكهاى ادبى از نگاه زبانشناسى. انتشارات امير كبير1397 ش.

МАХСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ ШЕЪР АЗ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА ЗАБОНИ РУСӢ ДАР АСОСИ ОСОРИ АСОСГУЗОРИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИКУ ФОРС АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ (дар мисоли чанд вожаи пешаварӣ)

Дар мақола вижагиҳо ва мушкилоти тарҷумаи шеър, маъноҳои аслӣ ва маҷозии вожаҳои пешаварӣ дар забони назм ва тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони русӣ дар мисоли ашъори асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Зимни баррасии мавзуъ асоснок карда мешавад, ки тарҷумаи шеър махсусиятҳои худро дорад ва аз мушкилтарин қисми тарҷумаҳо маҳсуб мешавад. Баъзе аз мутахассисон тарҷумаи шеърро имконнопазир медонанд, зеро ҳангоми тарҷумаи он нигоҳ доштани маъно ва шакл барои шоири тарҷумон мушкилоти зиёдро пеш меорад. Дар баробари ин, дар шеър санъатҳои бадеӣ, зарбулмасалу мақол, воҳидҳои фразеологӣ ва ибораҳои маҷозӣ корбаст мегарданд, ки тарҷумаи онҳо, ҳамзамон, бо нигоҳ доштани маъно ва шакл аз як забон ба забони дигар ниҳоят душвор ва қариб имконнопазир аст. Бинобар ин, ҳангоми тарҷумаи шеър, асосан, маъно тарҷума мешавад, ки дар натиҷа дар бештари маврид дар забони дигар таъсирбахшии худро гум мекунад.

Дар мақола баъзе вожаҳои пешаварӣ дар шеърҳои асосгузори адабиёти классикии тоҷик - Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ шарҳ дода шудаанд ва маъноҳои аслӣ ва маҷозии онҳо дар тарҷумаи русии шеърҳои шоир муқоиса ва таҳқиқ гардидаанд. Вожаҳои пешаварӣ дар таркиби ибораҳо омада, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд ва ба воситаи ин калима ва ибораҳо афкори фалсафии шоир ифода ёфтааст. Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ба ин вожаҳо маъноҳои нав додааст ва ба ин восита дар инкишофи забони адабии мо саҳми босазо гузоштааст.

Калидвожаҳо: *шоир, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, шеър, вожаҳои пешаварӣ, тарҷумон, вижагиҳои тарҷума, мушкилоти тарҷумаи шеър.*

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ПОЭЗИИ С ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА НА РУССКИЙ НА ПРИМЕРЕ ТВОРЧЕСТВА ОСНОВОПОЛОЖНИКА ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ АБУАБДУЛЛО РУДАКИ (на примере некоторых профессионализмов)

В данной статье проанализированы особенности и проблемы перевода поэзии, подлинные и переносные значения профессионализмов в языке поэзии и перевод этой лексической группы с таджикского языка на русский на примере творчества основоположника таджикско-персидской литературы Абуабдулло Рудаки. В статье обосновывается, что перевод поэзии имеет свои особенности и является самым трудным из раздела переводов, а некоторые специалисты воспринимают его как невозможное, потому что поэтам-переводчикам при переводе поэзии, сохранении его формы и смысла возникает много проблем. Кроме этого в поэзии отмечаются поэтические искусства, пословицы и поговорки, фразеологические единицы, подлинные и переносные значения слов и фраз, национальный и исторический дух, перевод которых из одного языка на другой одновременно с сохранением смысла и формы почти невозможно. Поэтому при переводе поэзии в основном переводится смысл, который на другом языке стихотворение теряет часть красоты и влияние.

В качестве примера, в статье приведено несколько профессионализмов, проанализированы подлинные и переносные значения профессионализмов в поэзии основоположника классической персидско-таджикской литературы Абуабдулла Рудаки, освещены значения стихотворений поэта в его русском переводе. Поэт этими словами и фразами в стихотворениях выражает свои философские мысли, использует эти слова в новых значениях и обогащает таджикский язык и литературу.

Ключевые слова*: поэт, Абуабдулло Рудаки, поэзия, професионализмы, переводчик, особенности перевода, трудности перевода поэзии.*

FEATURES OF POETRY TRANSLATION FROM TAJIK LANGUAGE INTO RUSSIAN ON THE EXAMPLE OF THE CREATIVITY OF THE FOUNDER OF TAJIK-PERSIAN LITERATURE ABUABDULL RUDAKI (On the example of some professionalisms words)

This article analyzes the features and problems of translation of poetry, the true and figurative meanings of professionalism in the language of poetry and the translation of this lexical group from Tajik into Russian on the example of the work of the founder of Tajik-Persian literature Abuabdullo Rudaki. The article substantiates that the translation of poetry has its own characteristics and is the most difficult of the translations, and some experts perceive it as impossible, because poets-translators have many problems when translating poetry, preserving its form and meaning. In addition, poetic arts, proverbs and sayings, phraseological units, true and figurative meanings of words and phrases, the national and historical spirit, the translation of which from one language to another simultaneously with the preservation of meaning and form is almost impossible. Therefore, when translating poetry, the meaning is mainly translated, which in another language the poem loses some of its beauty and influence.

As an example, the article presents several professionalisms, analyzes the true and figurative meanings of professionalisms in the poetry of the founder of classical Persian-Tajik literature Abuabdullah Rudaki, highlights the meanings of the poet's poems in his Russian translation. The poet

expresses his philosophical thoughts with these words and phrases in poems, uses these words in new meanings and enriches the Tajik language and literature.

Keywords: *Poet, Abuabdulloh Rudaki, poetry, professionalism, translator, translation peculiarities, difficulties in translating poetry.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳалимова Сафаргул – *Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типология.* ***Суроға:*** *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: safargul_68@mail.ru*

Сведения об авторе: Халимова Сафаргул - *Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: safargul_68@mail.ru*

Information about the author: Halimova Safargul - *Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of History of Language and Typology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave. Phone: 985619077; E-mail: safargul_68@mail.ru*

УДК: 491.71-56

ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ, ХАРАКТЕРИЗУЮЩИЕ ЧЕЛОВЕКА ПО СОЦИАЛЬНЫМ СВОЙСТВАМ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ

Хасанова Ш.Р.

Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода

Фразеология - одно из самых ярких и действенных средств языка. Не случайно ее образно называют жемчужиной русской речи.

Современные фразеологические исследования охватывают широкий круг проблем, связанных со значением слова, структурой и составом фразеологизмов, особенностями и правилами их функционирования. К актуальным дискуссионным проблемам фразеологических исследований относятся такие, как дальнейшее уточнение понятия фразеологического оборота, соотношение фразеологизмов с другими единицами языка, сущность процессов возникновения и закрепления в языковой системе новых фразеологических оборотов, эмоциональные и оценочные характеристики фразеологизмов, особенности их речевой реализации.

Процесс языковой номинации носит антропоцентрический характер: языковое структурирование реальной действительности выдвигает на первый план языковые единицы, объединенные общим значением «человек». В лексикографической и фразеографической практике эта сфера получила отражение в словарях и специальных исследованиях: так, М.А. Алексеенко делает попытку систематизированного описания русского диалектного фразеологического материала, объединенного общим значением «человек»; глубокие исследования в этой области представлены в Русском семантическом словаре Н.Ю. Шведовой [4, с. 45]; Р.И. Яранцев в «Словаре-справочнике по русской фразеологии» описывает ФЕ, связанные с эмоциональной сферой человека [11, с. 25].

Социальные признаки человека - одно из важнейших составляющих языковой модели человека. Понятие социальные характеристики человека является сложным, включающим в себя социальный статус, происхождение, принадлежность к классу, имущественное положение, место и роль в обществе, жизненный успех, социально-значимую деятельность и др.

Так, в вразнологическом словаре русского языка приводятся различные формы употребления ФЕ, определены и истолкованы разные значения фразеологизмов, каждое значение иллюстрируется цитатами из художественных произведений русской литературы 19-20 вв [7, с. 5]. Приведем пример словарной статьи:

Словарь под редакцией А.И Федорова задуман как максимально полное справочное пособие по русской идиоматике. Словарная статья строится следующим образом: ФЕ помещается за тем словом, которое определяет структуру оборота, его функционально-стилистический тип. ФЕ с лексическими вариантами в компонентном составе, если последние вносят отличия в семантику фразеологизмов или в его стилистические качества, выделяются в самостоятельные статьи [6, с. 6]. Приведем пример словарной статьи:

ВЕЛИКИЕ МИРА СЕГО. Устар. Люди, занимающие высокое общественное положение. — Вы, я знаю, привыкли к роскоши, к удовольствиям, но и великие мира сего не гнушаются провести короткое время под покровом хижины. Тургенев. Отцы и дети.

СИЛЬНЫЕ МИРА СЕГО. Книжн. Ирон. Самые влиятельные, могущественные люди, занимающие высокое общественное положение. В большинстве случаев лица, попавшие в театр по протекции «сильных мира сего», недолго удерживались в нем [6, с. 67].

Фразеологический словарь, составленный А.М. Чепасовой, сочетает в себе черты учебного и справочного пособия, содержит 554 ФЕ. Большое внимание в пособии уделяется многосторонней характеристике фразеологизмов, которая состоит из толкования значения, указания на вариантные формы, омонимы, антонимы, если они есть, из этимологической справки, перечисления имеющихся морфологических категорий [10, с. 3]:

БЕЛАЯ ВОРОНА — «кто-либо, резко выделяющийся чем-либо среди окружающих». В речи употребляется в основном в форме единственного числа, именительного падежа в роли именной части сказуемого (Вы не только белая ворона, но и феномен; курящий в институте — это ЧП, белая ворона): в сочетании со сравнительными союзами как, словно формы именительного падежа являются приложением, в форме творительного падежа без предлога употребляется в роли именной части сказуемого (был, есть и буду для них белой вороной. ... иначе стану белой вороной и меня изгонят из стаи...). Употребляется в форме других падежей, например, винительного с предлогом на и союзом как (посмотрели бы на тебя как на белую ворону) [10, с. 4].

Семантические множества ФЕ, обозначающих социальные характеристики человека, в количественном соотношении также по-разному представлены в словарях.

Несомненна важность полноты и точности семантизации ФЕ. В лексикографической практике давно используются такие способы толкования значений, как синонимический, абстрагирующе-уточняющий, конкретизирующий, описательный, антонимический, дистрибутивный, толкование через значение структурных элементов, толкование по отношению (термины родства, относительные прилагательные, по отношению к признаку, по отношению к действию), отсылочный [3, с. 36]. При толковании значения языковой единицы учитывается принадлежность к категории. Так, значение предметных фразеологизмов передается существительными, местоимениями обобщенно-предметного значения, субстантивированными прилагательными и причастиями: артист своего дела — «человек, выполняющий свое дело с большим искусством и любовью», бесплодная смоковница (2) — «кто-либо не имеет никаких результатов, достижений, чья деятельность бесплодна», гарнизонная крыса — «военнослужащий, долгое время находящийся в гарнизоне». В фразеологическом словаре русского языка значение предметных фразеологизмов чаще всего толкуется именным описательным оборотом: синий чулок -«женщина, лишенная женственность и, обаяния и всецело поглощенная книжными, учеными интересами» [7, с. 530]. В словаре А.М. Чепасовой и словаре под редакцией А.И. Федорова значение ФЕ передается при помощи нескольких типов толкования:

- описательного: артист в душе - «человек от природы одаренный способностями к перевоплощению»;

- синонимического: бог войны (2) - «артиллерист», святая братия — «монахи, иноки», крылатый всадник — «1. конный воин. 2. авиатор» [6, с. 18, 32, 43, 104], золотая киса (мошна) — «богач» [10, с. 7];

- конкретизирующего: живой товар — «люди (рабы-негры, проститутки, дети), которыми торгуют» [10, с. 12].

В анализируемых словарях встречаются случаи расхождения в передаче значения, обычно это связано с проблемой разграничения полисемии и омонимии ФЕ. Так, сравните ФЕ золотые руки - «1. экспресс. мастер, искусный в своём деле. 2. у кого, кто-либо может сделать всё, за что бы ни взялся. 3. мастерство, умение безукоризненно делать что-либо» [6: 204], и золотые руки — «умелец (-льцы), ма-стер (-а), искусник (-и)» [10, с. 7].

Значения некоторых ФЕ передаются с дополнительными оттенками, которые появляются вследствие новых вариантов употребления в речи и убедительно доказываются материалами картотек, ср.: великие мира сего — «устар. люди, занимающие высокое общественное положение» [6, с. 67] и «люди, признаваемые в обществе как необыкновенно одаренные, гениальные в чем-либо» [10, с. 11]. А.М. Чепасова отмечает примеры необычного употребления фразеологизмов в речи, которое характеризуется в зависимости от частотности как индивидуально-авторское или как новое значение: первая скрипка — «человек, от которого очень многое зависит в каком-либо деле» (вопрос о первых скрипках большого венского чемпионата по хоккею) и, возможно, новое значение «что-то очень важное в какой-либо деятельности, в чем-либо» (показателю номенклатуры с учетом выполнения заказов надо передать первую скрипку) [10, с. 9].

Отметим, что в фразеологическом словаре русского языка и в словаре А.М. Чепасовой приводятся фразеологические синонимы и антонимы: птипа высокого полёта — «влиятельный человек, занимающий видное положение в обществе» (антоним птищнищгшшш), Хржшжщевеста — «устар. 1. монахиня. 2. немолодая женщина, не бывшая замужем» (синоним старая дева) [7, с. 368], черная кость (черный народ) — «лица недворянского происхождения» (см. противоп. белая кость) [10, с. 16].

К проблеме стилистической характеристики ФЕ авторы словарей подходят по-разному. Так, А.И. Молотков в предисловии к словарю пишет: «при современном состоянии изучения фразеологизмов, когда нет точных данных для стилистической и историко-временной оценки ... возможна лишь самая общая стилистическая и историко-временная оценка фразеологизмов, включаемых в словарь» [7, с. 19]. Анализируемые нами ФЕ подаются в словаре с разными стилистическими пометами: шутл., ирон., пренебр., неодобр., бран. и др.,: чернильная душа — «пренебр. бюрократ, чиновник, формалист», маг и волшебник — «шутл. всемогущий человек, делающий все легко и быстро» [7, с. 234].

А.И. Федоров отмечает, что основное назначение ФЕ — передача эмоциональной оценки: «Почти каждый фразеологизм обладает экспрессией. Значит, эту помету надо бы ставить за каждым помещенным в словаре фразеологизмом, что было бы излишним. Помета экспресс, употребляется для характеристики тех ФЕ, содержание которых указывает на интенсивное проявление качества, признака, действия и передает эмоциональное отношение к ним при выражении мысли» [6, с. 12]: артист своего дела — «разг. экспрес. человек, выполняющий свое дело с большим искусством и любовью». Пометы ирон., шутл., нео-добр., грубо-прост., презр., пренебр. сами по себе указывают на конкретные экспрессивные качества характеризуемых ФЕ, поэтому помета экспресс, при них опускается: архивная крыса — «презр. служащий архива; сотрудник, много лет проработавший в архиве» [6, с. 19, 334].

В словаре А.М. Чепасовой небольшое количество ФЕ имеет пометы коннотативного характера: голубая кровь часто ирон. — «люди дворянского, аристократического происхождения» и золотая молодежь презрит. — «бездельничающие, прожигающие жизнь молодые люди из дворянско-буржуазных слоев общества» [10, с. 11, 12]. Автор объясняет это тем, что «характер эмоционального и другого отношения говорящего к другому лицу, обозначаемому ФЕ, определяется социальной ситуацией, отношением субъекта высказывания к адресату. У одной и той же ФЕ в разных ситуациях может проявиться одно и тоже отношение с разной степенью выраженности и может быть выражено другое, соответствующее именно данной социальной ситуации, эмоциональное отношение» [8].

Основанием для оценки социального положения являются *как факторы социального характера*, так и индивидуальные особенности личности. В пределах обоих разрядов возможна детализированная классификация:

- ***высокое социальное положение, выделяющийся***: важная птица, высшей пробы, не обсевок в поле, высоко летать, не лыком шит, белая кость, далеко пойти, место под солнцем, переть в гору, большая рука, птица высокого полёта, в цене, из ряда вон выходящий, на своём месте, вырасти в глазах, Гог и Магог, рукой не достанешь, с большой буквы, бить в глаза, ничего себе, что надо, восходящая звезда, на большой палец, хоть куда, звезда первой величины;
- ***низкое социальное положение, ничем не выделяющийся***: пустое место, мелкая сошка, последняя спица в колесе, чёрная кость, мелко плавать, без роду и племени, грош цена, никуда не годный, не в чести, низкой пробы, пятое колесо в телеге, птица невысокого полёта, не пришей не пристегни, отставной козы барабанщик, пришей кобыле хвост, не ахти какой, плевка не стоит, ни то ни сё, не на что смотреть, звёзд с неба не хватает, мокрая курица, абсолютный нуль, ноль без палочки, в подмётки не годится, выеденного яйца не стоит, не выдерживает никакой критики, ногтя (мизинца, подмётки) не стоит, ни пава ни ворона, ни Богу свечка ни чёрту кочерга, ни рыба ни мясо, гроша ломаного не стоит;

- ***богатство, достаток***: денежный мешок, толстая мошна, как у Христа за пазухой, на широкую ногу, молочные реки и кисельные берега, полная чаша, грести лопатой деньги, вставать на ноги, денег куры не клюют, тугой карман, как сыр в масле кататься;
- ***бедность, нужда, безвыходное положение***: класть зубы на полку, тощий карман, хоть в петлю лезть, доходить до точки, гол как сокол, вкушать от пищи святого Антония, как рак на мели, садиться на мель, ветер свистит в карманах, беден как церковная крыса, карманная чахотка, голь перекатная, свистать в кулак, перебиваться с хлеба на квас, идти по миру с сумой, заходить в тупик.

Проведенный анализ позволяет сделать вывод о том, что предметные ФЕ, номинирующие человека по социальным свойствам и состояниям, широко представлены во фразеографии. В словарях отмечается динамика в образовании новых фразеологизмов, объективирующих общество на современном этапе развития.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Алексеенко, М.И. Человек в русской диалектной фразеологии: Словарь [Текст]/ М.И. Алексеенко, О.И. Литвинникова, Т.П. Белоусова. - М.: ИТИ ТЕХНОЛОГИИ, 2004. - 238 с.
2. Бирих, А.К., Мокиенко В.М. Историко-этимологический словарь / А.К. Бирих. – СПб., 2005. – 926 с.
3. Павлова, Н. А. Введение в науку о языке [Текст] / Н. А Павлова. — Омск: Инициатива, 1992. 47 с.
4. Русский семантический словарь. Толковый словарь, систематизированный по классам слов и значений / РАН. Ин-т рус. яз.; Под общей ред. Н. Ю. Шведовой. — М.: Азбуковник, 2003. – 713 с.
5. Толковый словарь новейших словоизменений XX века. / Г.Н. Скляревская. — С-П.: Астрель, 1998.
6. Фразеологический словарь русского литературного языка / сост. А. И. Федоров. ... А. И. Федоров. - Новосибирск: Наука. Сиб. издат. фирма РАН, 1995. - 396 с.
7. Фразеологический словарь русского языка/ под ред. А.И. Молоткова. - М.: Советская энциклопедия, 1967. 543 с.
8. Чепасова, А.М. Предметные фразеологизмы русского языка / А.М. Чепасова. — Челябинск: Изд-во ЧПГУ, 2003. - 267 с.
9. Чепасова, А.М. Семантико-грамматические классы русских фразеологизмов: учеб. пособие. — Челябинск: Изд-во Челяб. гос. пед. ун-та, 2006. - 144 с.
10. Чепасова А.М. Фразеологизмы в нашей речи / А.М. Чепасова. -Челябинск: ЧГПУ, 2000. - 292 с.
11. Яранцев Р.И. Словарь-справочник по русской фразеологии: Ок. 800 фразеологизмов: - М.: Русский язык, 1981. — 301 с.

ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ, ХАРАКТЕРИЗУЮЩИЕ ЧЕЛОВЕКА ПО СОЦИАЛЬНЫМ СВОЙСТВАМ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ

В статье изучается проблема описания во фразеографической практике фразеологических единиц, номинирующих человека по его социальным свойствам и состояниям. Сопоставительный анализ словарей проводился в следующих аспектах: количественный анализ фразеологизмов, корректность передачи значения, фиксация грамматических, синтаксических и стилистических помет, а также попытка отобразить динамику в образовании новых фразеологизмов, объективирующих общество на современном этапе развития. Актуальность исследования заключается в неослабевающем интересе к фразеологизмам таджикского и русского языков.

По мнению автора статьи, фразеологический фонд русского и таджикского языков «сопровождают» фразеологические новообразования различных периодов экономических, социальных и политических преобразований в обществе. В настоящее время новые

фразеологические обороты постоянно возникают в речи и, активно употребляясь, входят во фразеологический состав языка, обогащают его новыми выразительными средствами.

Ключевые слова: *русский язык, фразеологизмы, словари, языковой процесс, образование, социальное положение, человек, синтаксический, исследование.*

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ИФОДАГАРИ ИНСОН АЗ ҶИҲАТИ ХУСУСИЯТИ ИҶТИМОӢ ДАР ЗАБОНИ РУСӢ

Дар мақола масъалаи тавсифи воҳидҳои фразеологӣ, ки шахсро аз рӯйи хусусиятҳои иҷтимоӣ ва ҳолати ӯ дар амалияи фразеографӣ ифода мекунанд, баррасӣ гардидааст. Вобаста ба ин, таҳлили муқоисавии луғатҳо дар самтҳои зерин гузаронида шуд: таҳлили миқдории воҳидҳои фразеологӣ, дурустии интиқоли маъно, тасвиби аломатҳои грамматикӣ, синтаксисӣ ва услубӣ. Ҳамчунин, таҳлили инъикоси динамикаи ташаккули воҳидҳои фразеологии нав, ки ҷамъиятро дар марҳалаи ҳозираи тараққиёт муаррифӣ менамоянд, гузаронида шуд. Мубрамияти таҳқиқот дар таваҷҷуҳи беандоза нисбат ба воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ифода меёбад.

Ба андешаи муаллифи мақола захираи фразеологии забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бо навсозиҳои фразеологии давраҳои гуногуни дигаргуниҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа алоқаманд аст. Айни замон, дар нутқ пайваста гардишҳои нави фразеологӣ ба назар расида, онҳо ба таври васеъ ва фаъолона истифода мешаванд, ҳамзамон ба таркиби фразеологии забон дохил шуда, онро бо воситаҳои нави ифодакунанда бой мегардонанд.

Калидвожаҳо: *забони русӣ, воҳидҳои фразеологӣ, луғатҳо, раванди забон, маориф, мақоми иҷтимоӣ, шахс, синтаксисӣ, тадқиқот.*

PHRASEOLOGICAL UNITS CHARACTERIZING A PERSON BY SOCIAL PROPERTIES IN THE RUSSIAN LANGUAGE

Resume: The article raises the problem of describing phraseological units in phraseographic practice that nominate a person according to his social properties and states. A comparative analysis of dictionaries was carried out in the following aspects: quantitative analysis of phraseological units, correctness of meaning transfer, fixation of grammatical, syntactic and stylistic marks, as well as an attempt to display the dynamics in the formation of new phraseological units that objectify society at the present stage of development. The relevance of the work lies in the unrelenting interest in the phraseological units of the Tajik and Russian languages.

The phraseological fund of the Russian and Tajik languages is "accompanied" by new phraseological formations of various periods of economic, social and political transformations in society. At present, new phraseological phrases constantly appear in speech and, being actively used, enter the phraseological composition of the language, enrich it with new expressive means.

Keywords: *phraseological units, dictionaries, language process, education, social status, person, syntactic, research.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забоншиносии умумӣ. Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: 904-15-63-17; E-mail: laylo.hasanov@mail.ru*

Сведения об авторе: Хасанова Шаъло Рахмоновна *– Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой общего языкознания. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6.*

Information about the author: Hasanova Sha'lo Rahmonovna *- Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Philology, Head of the Department of General Linguistics. Address: 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: 904-15-63-17; E-mail: laylo.hasanov@mail.ru*

ТДУ: 800/801

ШАРҲИ ВОЖАҲОИ ҚАДИМИИ ЭРОНИАСЛИ «ҒИЁС-УЛ-ЛУҒОТ» ВА МУҚОИСАИ ОНҲО БО ЛАҲҶАҲОИ ТОҶИКӢ

Ҳасанзода А. А., Раҳимов А.И.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров,

Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Маълум аст, ки дар ҳама гуна забон таркиби луғавияш назар ба сохти сарфию наҳвияш ба дигаргунӣ тезтару бештар дучор шуда, боиси он мегардад, ки калимаҳои алоҳидаашон аз истифода хориҷ мегарданд, қисми дигарашон тағйироти маъноиро аз сар мегузаронанд ва шакли гурӯҳи сеюмашон пурра ё қисман дучори таҳаввулот мешаванд. Чунин ҳам мешавад, ки дар доираи худи маъноҳо низ тағйирот ба амал меояд. Дар ин хусус забоншинос А. Ҳасанов навишта буд, ки «таҳти таъсири омилҳои мухталиф…гурӯҳе аз вожаҳо аз сермаъноӣ ба маҳдудмаъноӣ, силсилаи дигар, баръакс, аз маҳдудмаъноӣ ба сермаъноӣ майл мекунанд. Албатта, барои ба вуқуъ пайвастани чунин ҳолат ба ҷузъ омилҳои забонӣ авомили ғайризабонӣ, ба вижа дигаргуниҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим доранд» [13, с. 89]. Ҳамчун намуна ин ҷо зикр намудани унсури луғавии ***ҷома***ро мисол овардан мумкин аст.***Ҷома*** яке аз қадимтарин унсурҳои луғавӣ ҳисоб ёфта, дар забони ҳиндии куҳан дар шакли yam, порсии қадим yahma, юнонӣ zoma, забони паҳлавӣ yamak ва jamak истифода мешудааст. Аввал ин унсури луғавӣ дар забони авестоӣ ба маъноҳои «бом, сақфи хона, чатр» ба кор рафта, сипас, дар натиҷаи рӯй додани таҳаввулоти маъноӣ дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ дар ифодаи порчаи бофтаи нодӯхта (чи ҷома бурида, чи аз нобурид - Фирдавсӣ), қабои пӯшиданӣ (мӯйи сар чағбуту ҷома римнок-Рӯдакӣ), фарш, маводи густурданӣ (ҳамебофт он ҷомаро ҳафт сол-Фирдавсӣ), пиёда, обҷома (аз ҷомаи шаробат як ним ҳазор дарё-Бадр) ва монанди инҳо истифода гардид [3, с. 649-650].Чунин дигаргуниро садҳо калимаҳои аслии тоҷикӣ аз сар гузаронидаанд, ки воҳидҳои луғавии хунук (дар гузашта ба маънои хушбахт: хунук шоҳ, ки чун ту дорад писар - Фирдавсӣ), ифлос (бенавоӣ: аз ифлос бо лаби хушк ва дида тар бимонд - Авфӣ), тапонча (шапотӣ: мушту лагаду тапонча то чанд зананд - Хайём), варзиш (кишт: ба ҳангоми варзиш набудӣ ба ҷой - Фирдавсӣ), оҳанг (қасд: хуфта будам, ин ҷавон оҳанги ҷомаи ман кард - тарҷумаи «Тафсири Табарӣ»), ҷалаб (ғавғо, фарёд: хурӯши ҷалаб омад аз пеши дашт - Фирдавсӣ) ва монанди инҳо мисоли чунин дигаргунии маъноӣ шуда метавонанд.

Муҳаққиқони баъзе фарҳангномаҳо ҳодисаи дорои маъноҳои мухталиф будани вожаҳоро дар мисоли маводи луғатномаҳои алоҳида дар алоқамандӣ бо забони адабии тоҷикӣ омӯхта, ба таҳаввулоти шакливу маъноӣ дучоршавии онҳоро нишон додаанд [2, с. 89].

Вале хеле аҷиб аст, ки бар хилофи забони адабии тоҷикӣ яке аз маъноҳои қадими қисми зиёди калимаҳои собиқ сермаъно дар лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ боқӣ мондаанд [15, с. 46].

Муҳаққиқони тоҷик вобаста ба тақозои муҳтавои асару мақолаашон вақти таҳлили унсурҳои луғавии алоҳида доир ба боқимонии баъзеи ин гуна вожаҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ баҳсҳо кардаанд. Дар чунин асару мақолаҳо аз хусуси фаромӯш шудани бархе аз маъноҳои вожаҳои алоҳида [4, с. 107], дар шакли тахфифёфта истифода гардидани иддае аз чунин калимаҳо дар лаҳҷаҳои алоҳидаи тоҷикӣ, роҷеъ ба куллӣ мавриди таҳлил қарор нагирифтани ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ [16, с. 32], боқимонии яке аз маъноҳои унсурҳои луғавии қадим дар лаҳҷаҳо ё умуман забони тоҷикӣ ишора шудааст [1, с. 33].

Аз ҷустуҷӯҳо иддае аз муҳаққиқон ба чунин хулосаи дуруст омадаанд, ки дар давраи асримиёнагӣ низ як қисми чунин унсурҳои луғавӣ танҳо дар навъҳои алоҳидаи наср ба маъноҳои хосса истифода мегардидаанд. Дар яке аз ин гуна таҳқиқоти ба насри ривоятӣ бахшидашуда ишора мешавад, ки калимаи ***заиф*** дар забони осори насри ривоятӣ бар хилофи маънии луғавияш «***зан***»-ро ифода менамояд [10, с. 128].

Агар инро дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ аз назари таҳлил гузаронем, маълум мешавад, ки дар форсии муосир ин қабил калимаҳо аз он маънои пештараи худ маҳрум шуда, дорои тобишу ҷилоҳои дигар гардидаанд [12, с. 75].

Муқоисаи маводи «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ нишон медиҳад, ки ин дар ҳамаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ баробар боқӣ намондааст, балки дар яке бештар, дар дигаре камтар мушоҳида мешавад. Яке аз унсурҳои луғавии ба ин дучоргардида ***дору*** аст. Муҳаммад Ғиёсуддин ҳангоми шарҳи ибораи ***доруи беҳушӣ*** навиштааст, ки «***давоест, ки дар шароб андохта, барои имтиҳони касу нокас бинӯшонанд, ки лоиқи мусоҳабати салотин ҳаст ё не»*** [9, с. 326].

Муаллифони баъзе фарҳангномаҳои дигар низ дар қатори чанд маънои калимаи мазкур дар гузашта ба маънои маҷозии «***шароб, май***» истифода гардиданашро таъкид намудаанд [11, с. 321; 129, с. 97].

Унсури луғавии мазкур қадимтарин вожаи забони тоҷикӣ буда, дар забони порсии қадим дар шакли dāruka, дар забони порсии миёна ба гунаи dāruk дучор меояд [3, с. 1482].

Таҳлили маводи лаҳҷаҳои шимоливу ҷанубӣ далели он аст, ки маънои шаробро ифода намудани калимаи мазкур имрӯз низ дар забони сокинони шимоли Тоҷикистон боқӣ мондааст. Дар лаҳҷаҳои алоҳидаи номбурда калимаи мазкур дар шакли дори ба кор меравад: чор кас йакта шуда, аҳ-ҳамин дори йакта харим-мӣ? [13, с. 92].

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ин калима ғайр аз маънои маъмулаш боз дар ифодаи нурӣ, поруи маъданӣ истифода мегардад [6, с. 240].

Даст. Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» сермаъноии ин калимаро, ки сарчашмаи он ба эронии бостон zasta, порсии бостон dasta мерасад [88, с. 92], махсус таъкид намуда овардааст, ки он «нуҳ маънӣ дорад» ва баъд дар хусуси ду маънои дигари он чунин навиштааст: «Ҳафтум, як чизи тамом, чун як даст ҷома ва як даст силоҳ; ҳаштум, карат, мартаба, чун як даст бозӣ ва як даст сафар…» Ба ҳар ду маъно ин калима аз замони Сомониён сар карда, истифода гардидааст:

1) ба маънои «ҷониб, тараф»:

Бад-ӯ андарун коху майдону боғ,
Ба як даст рӯду ба як даст роғ (Фирдавсӣ).
Ҳама номдорон шуданд анҷуман,
Ба як даст Тӯсу дигар пилтан (Фирдавсӣ).

2) ба маънои «дафъа, бор, карат»:

Бикӯшем як даст фардо дигар,
Диҳад бахтам ин бор ёрӣ магар (Асадӣ).

Дар баёни маънои дувум вожаи дастро шоирони баъдӣ низ истифода кардаанд:

Бо содиру ворид наоям,
Бода ду-се даст карда қоим (Низомӣ).

Лозим ба таъкид аст, ки ҳар ду маънои зикрёфтаи вожаи даст ҳоло дар гӯиши шимолӣ маъмуланд: бозори «Пайшанбе»-йа дасти чап-аш-анда қатори гӯштфурӯшо ҳай (Хуҷанд); битон, бачаҳо, як даст картабозӣ куним [13, с. 93].

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ин калима дар шакли дъст ба кор рафта, ғайр аз маънои «бор, дафъа, маротиба» (да дъст соз каан бо (боз) вайрон шид пъл), боз дар ифодаи маъноҳои «як вақт, чанде пеш» (йаг дъст китобхона-ра рост мекардан), «як муддат, чанд вақт» (йа дъст ҷъгорӣ хърдем), «фавран, дарҳол» (мир ҷаҳт кад, қозӣ дъст ҳозир шид), «нафар, гурӯҳ, ҷуфт, сар» (чанд дъст гов, чанд дъст бъз мебърора) мавриди истифода қарор дорад [6, с. 256].

Вобаста ба мансуб будани чунин унсурҳои луғавӣ ба ҳиссаҳои нутқ ҳаминро бояд зикр кард, ки онҳо ягона набуда, баъзеяшон исм, дигаре сифат, сеюмӣ феъл ва чаҳорумӣ зарфҳо мебошанд. Масалан, калимаи пок аз ҷумлаи калимаҳое ҳаст, ки дар матн вобаста ба ҷои истифодааш дар таркиби ибораву ҷумла ҳамчун сифату зарф ба кор меравад. Ин унсури луғавӣ низ аз ҷумлаи калимаҳои қадими эрониасл ҳисоб шуда, дар забон-асоси эронӣ дар шакли pavāka, pāvaka, забони порсии миёна pāk истифода мегардид [8, с. 105].

Аз рӯйи ишораи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот», вожаи мазкур дар гузашта ба ҷуз дигар маъноҳояш боз дар ифодаи мафҳумҳои «ҳама», «тамом» низ ба кор мерафтааст [9, с. 158].

Аз ҷустуҷӯҳо маълум гардидааст, ки ба ин маъно ба кор рафтани калимаи мазкур аз давраи Сомониён оғоз шуда будааст.

Ба чунин маъно истифода гардидани унсури луғавии мазкурро дар лаҳҷаҳои шимолӣ муҳаққиқон ишора намудаанд [5,с. 27]: набошад кори им бечора-йа, пок расво шуда монда буд, ако [1,с. 47];бади ҳамун хийоло карам, ки дунйо назар-ам-ба рӯшан шуд, набошад, пок мурда монда будам [1,с. 89]; гов пеш-аш-анги алаф-а покхурда тамом карас [87,с. 94].

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ вожаи мазкур дар ифодаи маънои «қариб, наздик» ба кор меравад: дина мошин-мон пок чапа шида бъд-куйа; дина бикин-ъм-да мъшт зад, пок мурдудум [6,с. 551].

Тар. Муҳаммад Ғиёсуддин дар осори гузаштагон ба маъноҳои «тоза», «обдор», «соф», «покиза»ба кор рафтани унсури луғавии мазкурро ишора намуда, афзудааст, ки «лафзи тар ба маънии нодим ва шарманда низ омада…» [9, с. 187-188].

Ҳадафи мо ин ҷо аз ишораи маъноҳои унсури луғавии тар истифодаи он ба маънои «мардуми мулаввас, нопок, фосиқ» аст. Аз далелҳои дар луғатномаҳо қайдгардида маълум мешавад, ки истифодаи ин калима ба маънои мазкур дар ашъори Саноиву Низомӣ низ мавҷуд будааст:

Дар хидмати ту тар натвон омадан аз он-к,
Гардад сиёҳ рӯй чу гардад тар ойина (Саноӣ).
Инду-се ёре, ки ту дорӣ, таранд,
Хушктар аз ҳалқаи дар бар даранд (Низомӣ).

Дар хусуси истифодаи ин унсури луғавӣ дар лаҳҷаи шимолӣ таваққуф намуда, забоншинос А. Ҳасанов навишта буд, ки «дар лаҳҷаҳои алоҳидаи мазкур «ифодаҳое, амсоли«тар будан», «таги касе тар» ва монанди инҳо дар баёни маънои «шошидан», «дар сияҳкорие даст доштан» мавриди истифода қарор дорад:чува ҳолӣ боз йаг мост гира кадос гӯй-ам бача-тон таг-аш-а тар кадас-де (Хуҷанд); таг-аш, ки тар, аҳ-ҳама хоф кишта мегардад» [13 ,с. 95].

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ин калима танҳо дар ифодаи маънои «шошидан» ба кор меравад: дъ-се руз мън ворӣ бъгардӣ, даҷо-т тар мекайӣ [6,с. 662].

Кӯса. Дар хусуси маънои калимаи мазкур муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» навиштааст, ки «касе, ки баъд аз вақти баромадани риш мӯи риши ӯ набаромада бошад» [9, с. 183]. Дар фарҳангномаҳои дигар ба чанд маънои дигар, аз ҷумла: 1) касе, ки дар чона ва занах беш аз чанд мӯй надошта бошад; 2) касе, ки дар даҳонаш 25 дандон бошад; 3) шакли панҷум аз ашколи рамл [3, с. 312].

Фактҳои таърихи забони адабии тоҷикӣ бар он гувоҳӣ медиҳанд, ки истифодаи нахусти ин калима аз устод Рӯдакӣ шуруъ шуда будааст. Ӯ унсури луғавии мазкурро дар шакли кӯсач дар ифодаи маънои «касе, ки баъд аз вақти баромадани риш мӯи риши ӯ набаромада бошад» ба кор бурдааст:

Бувад аъвару кӯсачу лангу бас ман -
Нишаста бар-ӯ ман кулоғу бар аъвар.

Адабиётшинос Р. Ҳодизода ҳангоми таҳлили таркиби каму кӯс қайд кардааст, ки ҷузъи дуюми он, яъне кӯс шакли таҳрифшудаи вожаи кост ба маънии «кам» будааст [14, с. 164].

Имрӯз дар лаҳҷаҳои шимолӣ калимаи номбурда дар шаклҳои кӯс ва кӯсакӣ истифода шуда, маъноҳои зеринро доштааст: 1) камбудӣ, норасоӣ, номукаммалӣ; 2) замини ғайримураббаъ: ҳар одам-а Худо йак тараф-аш-а кӯс кара мемонат (Конибодом); ин хати пахта кӯсакӣ будас, ман дига-ш-а мигирам [13, с. 132-133].

Муҳаммад Ғиёсуддин дар хусуси калимаи хурой мулоҳизаронӣ намуда, онро «лоиқ» маънидод кардааст [9, с. 318]. Аз ҷустуҷӯҳо маълум мегардад, ки унсури луғавии мазкур, эҳтимол, ҳанӯз аз замони Саъдии Шерозӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба маънои зикргардида истифода шудааст:

Ман чӣ дар пои ту резам, ки хурои ту бувад,
Сар на чизест, ки шоистаи пои ту бувад.

Калимаи мазкурро ҳоло намояндагони баъзе лаҳҷаҳои шимолӣ дар шакли хуро барои ифодаи маънои “хӯранда, сериштиҳо, шахс ё ҳайвони ба хӯрок майли зиёддошта” ба кор мебаранд [6, с. 119]: яшамиш карани ҳайвон якум хуроги-ш-у бо (боз) ҷои салқин-ба будан-аш-ба вобаста (Конибодом).

Чунонки пештар ишора гардид, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ аз ҷумлаи муътабартарин фарҳангномаҳои даврони гузашта ҳисоб ёфта, тамоми боигарии луғавии ниёгонамон дар он гирд омадааст. Ин гуна воҳидҳои луғавӣ аз ҷиҳати мансуб буданашон ба ҳиссаҳои нутқ гуногун буда, қисми зиёди онҳоро исму сифату феълҳо ва ҳиссаи боқимондаашонро вожаҳои мансуб ба дигар ҳиссаҳои нутқи мустақилмаъно ва ёридиҳанда ташкил медиҳанд. Дар байни ин силсила воҳидҳои луғавӣ калимаву ибораҳои дар баёни ҳаракату ҳолат истифодашаванда мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Бояд гуфт, ки аксари чунин унсурҳои луғавӣ имрӯз низ дар забони адабии тоҷикӣ мавҷуданд, вале як қисми онҳо аз доираи забони адабӣ берун шуда, танҳо дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ маҳфуз мондаанд. Вобаста ба ин масъала як нуктаро таъкид кардан мехоҳем. Ин нукта ба сабабҳои боқимонии калимаҳои алоҳидаи «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ алоқаманд аст. Маълум аст, ки фарҳангномаи мазкур дар ҳавзаи луғатнигории Ҳиндустон ба табъ расидааст, вале дар он калимаҳои зиёде дучор меоянд, ки онҳо дар гуфтугӯи тоҷикони Моваруннаҳр мавриди истифода қарор доранд. Ин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки ба ин кишвар тоҷикон дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ҳиҷрат намуда, осори забони худро дар ин сарзамин боқӣ гузоштаанд. Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот», чунон ки пештар низ қайд шуд, дар бисёр маврид ин ё он вожаро эзоҳ дода, сипас дар Моваруннаҳр чӣ шакл доштани онҳоро таъкид мекунад. Ӯ барои нишон додани мансубияти маҳаллии ин гуна калимаву ибораҳо ба ҷуз калимаи «Моваруннаҳр» дар аксар маврид унсури луғавии «вилоят»-ро ба кор мебарад. Масалан, ӯ ҳангоми шарҳи воҳиди луғавии «қимот» чунин менависад: «Порчае, ки тифли навзодаро дар он печанд ва бар болои он ресмон барпечанд, магар рӯи тифл кушода доранд; ва ин расми вилоят аст…» [9, с. 144].

Профессор А. Насриддинов роҷеъ ба корбурди вожаи «вилоят» навиштааст, ки «дар луғатномаҳои гузашта, аз ҷумла «Шамс-ул-луғот» он ба маънои «Моваруннаҳр» истеъмол мешавад ва ҳамин маъноро бори аввал дар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки соли 1578-ум ба Ҳиндустон сафар кардааст, дучор меоем:

Дидам, ки агар боз наоям ба вилоят,

Хуни ҷигарам мехӯрад ин ҳиндии ҷигархор.

Ғайр аз ин, тақсимоти умумӣ-«Ҳиндустон» ва «вилоят» дар дохили матни луғат ишораҳои мушаххас ба забони мардумони шаҳру вилоятҳои ҷудогона мавҷуд аст, ки аз ҳудуди Ҳинду Осиёи Миёна хориҷанд» [7, с. 55].

Ҳамин тариқ, агар таркиби луғавии забони осори асримиёнагӣ бо забони асарҳои шоиру нависандагони муосир муқоиса карда шавад, бемуболиға, гурӯҳи калони унсурҳои луғавиро пайдо кардан мумкин аст, ки дар гузашта дорои маъноҳои зиёд буданд, вале ҳоло танҳо як ё ду маънои онҳо боқӣ мондаанд. Ин масъала дар оянда таҳқиқоти ҳаматарафа ва густурдаеро интизор аст.

АДАБИЁТ

1. Абдуллозода, Р. Ибораҳои халқӣ / Р. Абдуллозода. – Душанбе: Дониш, 1974. – 204 с.
2. Дарвеши Баҳриддин. «Чароғи ҳидоят»-и Орзу ва забони тоҷикии форсӣ / Дарвеши Баҳриддин. - Душанбе: Дониш, 1972. -104 с.
3. Деҳхудо Алиакбар. Луғатнома, ҷилдҳои 1-50. Теҳрон. 1385 с.
4. Қосимова, М. Н. Оид ба чанде калимаву ибораҳо дар осори Ҷалолиддини Румӣ / М.Н. Қосимова // Вазифаи забон дар ҷараёни гуфтор. – Душанбе, 1969. - С.106-110.
5. Мақсудов, Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара / Мақсудов Т. - Душанбе: Ирфон,1997. – 159 с.
6. Маҳмудов, М. Фарҳанги гӯишҳои забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе, 2012. – 946 с.
7. Насриддинов, А. Фарҳанги тафсирии «Шамс-ул-луғот» (сарчашмаҳо, лексика, хусусиятҳои лексикографӣ): Дисс. барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ / А. Насриддинов. – Душанбе, 1982. - 143 с.

8. Расторгуева, В. С. Сравнительно-историческая грамматика западно-иранских языков. Фонология / В.С. Расторгуева. – М.: Наука, 1990. -253 с.
9. Ромпурӣ, М. Ғ. «Ғиёс-ул-луғот» / М.Ғ. Ромпурӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.
10. Салимов, Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик / Ю. Салимов. - Душанбе: Дониш, 1971. - 1956 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Сов. энсиклопедия, 1969. – Ҷилди 1. - 951 с.
12. Хонлари, Парвиз. Таърихи забони форсӣ. Ҷилди 2. - Теҳрон, с. 1337 (ба забони форсӣ).
13. Ҳасанов, А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ) / А. Ҳасанов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 253 с.
14. Ҳодизода, Расул. Самарқандиён чӣ мегӯянд? (ба забони форсӣ). - Теҳрон, 1382.
15. Ҷӯраев, Ғ. Мақоми калима дар таркиби луғати лаҳҷа / Ғ. Ҷӯраев // Сохтор ва корбасти воҳидҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе, 1991. - С.42-50.
16. Эшниёзов, М. Диалектологияи тоҷик / М. Эшниёзов. – Душанбе, 1977. - Ҷилди 1. – 112 с.

ШАРҲИ ВОЖАҲОИ ҚАДИМИИ ЭРОНИАСЛИ «ҒИЁС-УЛ-ЛУҒОТ» ВА МУҚОИСАИ ОНҲО БО ЛАҲҶАҲОИ ТОҶИКӢ

Дар мақола оид ба масъалаҳои шарҳи вожаҳои қадимии эрониасли «Ғиёс –ул- луғот» ва муқоисаи онҳо ба лаҳҷаҳои тоҷикӣ сухан рафта, ба он кӯшиш ба харҷ дода шудааст, то дар заминаи далелҳои мушаххас исбот карда шавад, ки қисми зиёди калимаҳои эрониасли «Ғиёс–ул-луғот» имрӯз ҳам дар лаҳҷаҳои мухталифи тоҷикӣ, бо баъзе тағйироти шакливу овозӣ мавриди истифодаи умум қарор доранд. Дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқ муайян гардид, ки гурӯҳи калони аносире мавҷуд мебошанд ва онҳо дар гузашта маъниҳои зиёдро доро буданд. Ҳоло бошад, танҳо як ё ду маъниро ифода мекунанду халос. Барои тақвиятиандеша вожаҳои *ятак, ифлос, варзиш, оҳанг, заиф, дору, даст, тар* вамонандиинҳо шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Дар мақола қисми зиёди вожаҳо вобаста ба ҷойю мавқеи густаришашон бо усули муқоиса шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Муаллифони мақола бар он андешаанд, ки агар чанде «Ғиёс-ул-луғот» дар ҳавзаи Ҳиндустон ба табъ расида бошад ҳам, дар он вожаҳои фаровонеро воҳӯрдан мумкин аст, онҳо дар гуфтугӯйи тоҷикони Моваруннаҳр имрӯз ҳам мавриди истифода қарор доранд. Ин гувоҳ аз он аст, ки ба сарзамин Ҳиндустон тоҷикон дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ҳиҷрат намуда, осори забони худро дар ин ҷо боқӣ гузоштаанд.

Калидвожаҳо: *қадимтарин унсурҳои луғавӣ, воҳидҳои луғавӣ, лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ, сермаъноии калимаҳо, гӯишҳои шимолӣ ва ҷанубӣ, калимаҳои қадимии эрониасл, луғатномаҳои пешин, мансубияти маҳалли вожаҳо, боигарии луғавии ниёгон.*

КОММЕНТАРИЙ К ДРЕВНЕИРАНСКИМ СЛОВАМ "ГИЯС-УЛ-ЛУГОТ" И ИХ СРАВНЕНИЯ С ТАДЖИКСКИМИ ДИАЛЕКТАМИ

В статье рассматривается толкование древнеиранских слов «Гияс-ул-лугот» и их сопоставление с таджикскими диалектами, а также предпринимаются попытки доказать на основе конкретных свидетельств, что большинство иранских слов «Гияс-ул-лугот». широко употребляется в различных таджикских диалектах, с некоторыми изменениями формы и звучания. Анализ показал, что существует большая группа элементов, которые в прошлом имели множество значений. Теперь они имеют только одно или два значения. Слова «постель», «грязный», «спорт», «тонус», «слабый», «лекарство», «рука», «мокрый» и т. д. объясняются для закрепления идеи. В статье большинство слов объясняется в сравнительной форме в зависимости от места их развития.

Авторы статьи придерживаются мнения, что хотя «Гияс-ул-лугот» был издан на Индийском субконтиненте, в нем много слов, которые до сих пор используются в диалекте таджиков Мавераннахра. Об этом свидетельствует тот факт, что таджики мигрировали в Индию в разные исторические периоды и оставили здесь наследие своего языка.

Ключевые слова: *древнейшие лексические элементы, лексические единицы, современные таджикские диалекты, многозначность слов, северные и южные диалекты, древнеиранские слова, древние словари, место происхождения слов, лексическое богатство предков*

COMMENTARY ON ANCIENT IRANIAN WORDS "GHIYOS-UL-LUGHOT" AND THEIR COMPARISON WITH TAJIK DICTIONARIES

The article considers the interpretation of the ancient Iranian words "Ghiyos-ul-lughot" and their comparison with Tajik dialects, and attempts are made to prove on the basis of specific evidence that most Iranian words "Ghiyos-ul-lughot." is widely used in various Tajik dialects, with some changes in form and sound. The analysis showed that there is a large group of elements that in the past had many values.

Now they have only one or two meanings. The words "bed," "dirty," "sport," "tone," "weak," "medicine," "hand," "wet," etc., are explained to consolidate the idea. In the article, most words are explained in comparative form, depending on the place of their development. The author of the article is of the opinion that although "Ghiyos-ul-lughot" was published in the Indian subcontinent, it has many words that are still used in the Maverannahra Tajik dialect. This is evidenced by the fact that Tajiks migrated to India during different historical periods and left a legacy of their language here.

Keywords: *oldest lexical elements, lexical units, modern Tajik dialects, word semantics, northern and southern dialects, ancient Iranian words, ancient dictionaries, local vocabulary, vocabulary.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф *– Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ. Суроға:735700, ҶумҳурииТоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч. Мавлонбеков, 1.E-mail: abdujamol58@mail.ru.Тел.: (+992)928-24-25-61;*

Раҳимов Абдулқосим Иброҳимович *- Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, саромӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров, 31. E-mail: rahimzoda-1960@mail.ru. Тел:(+992) 987-58-83-60.*

Сведение об авторы: Хасанзода Абдуджамол Ашраф *- Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. E-mail:abdujamol58@mail.ru. Тел.: (+992) 928-24-25-61;*

Рахимов Абдулкосим Иброхимович *- ст. преподователь кафедры таджикского языка педагогического колледжаим. Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, пр. Сафарова, 31.E-mail: rahimzoda-1960@ mail.ru. Тел: (+992)987-58-83-60.*

Information about the authors: Khasanzoda Abdujamol Ashraf *- Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Philology, Professor of the Department of Tajik Language. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlonbekova, 1. E-mail:abdujamol58@mail.ru. Phone: (+ 992) 928-24-25-61;*

Rahimov Abdulkosim Ibrokhimovich *- Pedagogical College named after Abuabdullokh Rudaki, Art. Teacher of the Department of Tajik Language. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, pr. Safarova, 31. E-mail: rahimzoda-1960@ mail.ru. Phone: (+ 992) 987-58-83-60.*

ТДУ: 81'44

РОҲҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Абдулаҳадов И.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Нисбати мақоми грамматикии сифати феълӣ дар забоншиносӣ нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Академик В.В. Виноградов чунин мешуморад, ки сифати феълӣ категорияи дурагаи шаклҳои феълию сифатӣ, аниқтараш «шаклҳои муайянкунанда»-и феъл мебошад. Дар грамматикаи соли 1980 сифати феълӣ чун шакли муайянкунандаи феъл, ки дар он хусусиятҳои ду ҳиссаи нутқ: феъл ва сифат якҷоя мешаванд, омӯхта мешавад.

Дар забоншиносии англисӣ профессор А.И. Смирнитский дар соҳаи феъл категорияи пешниҳоди махсусро, ки ба ҷадвали таснифоташ шаклҳои феълӣ, исмӣ ва зарфӣ дохил мешаванд, ҷудо намуд. Дар зери мафҳуми «пешниҳод» дар ҳолати мазкур ӯ пайдошавии се аломати категориявиро дар сифати феълии англисӣ мефаҳмид. Ин маънои онро дорад, ки феъл дар ин ҳолат нақши экспликатори маънои ҷараёнро мебозад. Чунин маъно чун шакли шахсии феъл ифода мешавад [8, с. 84].

Дар дигар ҳолат ба маънои ҷараёнӣ семантикаи муайянкунанда, ки дар шаклҳои сифати феълии I ва II ифода меёбад, зам мешавад. Дар ҳолати сеюм бошад, маънои ҷараёнӣ бо семантикаи зарфӣ, ки дар ҳамон шаклҳои сифати феълии I ва II, вале дар мавқеъҳои махсуси синтаксисӣ ифода мегардад, мураккаб мешавад.

Аксари забоншиносон, ба монанди О.Г. Есперсен, Н. А. Поутсма, Г. Кёрм, Б. А. Илиш, Л.С. Бархударов ва Д.А. Штелинг сифати феълиро ба шаклҳои ғайритасрифии феъл дохил намудаанд. Муҳаққиқ Н. Василевская сифати феълро воҳиде мешуморад, ки мақоми фосилавиро байни феълу сифат ва қисман байни феълу зарф ишғол менамояд. Дар ҳолати аввал он сифати феълӣ ва дар ҳолати дуюм зарфи феълӣ ном дорад. Забоншиносони тоҷик Д. Тоҷиев, В.С. Расторгуева ва А.А. Каримова сифати феълии тоҷикиро ба шаклҳои ғайритасрифии феъл мансуб медонанд.

Баҳснокии масъала оид ба мақоми грамматикии сифати феълӣ бо як қатор омилҳо ва тавсифҳо, ки ба ин падидаи грамматикӣ тааллуқ доранд, алоқаманд аст. Ба чунин тавсифҳо ва омилҳо якҷояшавии хусусиятҳои феъл, сифат, зарф ва қисман исмро дар сифатҳои феълии алоҳидаи забони тоҷикӣ, инчунин, вазифаи сифати феълиро дар ҷумла ва хусусиятҳои тақсимкунандаи онро дохил мекунанд.

Хусусиятҳои феълии сифати феълӣ дар вучуд доштани категорияи тарз (дар забони тоҷикӣ), нисбияти вақтӣ (дар забони англисӣ) ва валентии феълӣ зоҳир мегарданд. Баъзе сифатҳои феълии забони тоҷикӣ хусусиятҳои модалиро низ доро мебошанд. Инчунин, сифатҳои феълии англисӣ ва тоҷикӣ ба қатори таркибҳои феълии аналитикӣ дохил мешаванд. Илова бар ин, сифатҳои феълии забони тоҷикӣ дар ифодакунии тарзи амал иштирок мекунанд.

Хусусияти назари мантиқии сифатҳои феълии англисӣ ва тоҷикӣ дар он зоҳир мегарадад, ки онҳо дар таркибҳои мушаххаси синтаксисӣ хабари дуюминдараҷаро ифода карда метавонанд.

Ҳамаи ин хусусиятҳои сифати феълӣ дар забонҳои муқоисашаванда аз мураккабӣ ва бисёрҷанбагии масъалаи вербалӣ дар забоншиносии тоҷикӣ, англисӣ ва, умуман, дар забоншиносии ҳиндуаврупоӣ шаҳодат медиҳанд. Сабаби он дар дурагагии воҳиди грамматикии мазкур мебошад.

Сифати феълӣ амал ё ҳолатеро мефаҳмонад, ки он ҳамчун амали предмет дар яке аз замонҳо воқеъ мешавад. Сифатҳои феълӣ чун феъл хусусиятҳои хоси грамматикӣ доранд.

Сифатҳои феълӣ **гузаранда** кашонда, тамомкунанда, навишта, шунидагӣ, иҷро мекардагӣ, бароварда истода, шуниданӣ ва монда раванда, дурахшанда, баромада, шукуфтагӣ, меомадагӣ, тулӯъ карда истода, гузшта истодагӣ, рафтанӣ мешаванд.

Хусусияти гузаранда ва монда доштани сифатҳои феълӣ ба ифодаи категорияи тарзҳои феъл зич вобаста аст. Сифатҳои феълии гузаранда амалеро ифода мекунад, ки ба обекти бевосита равона шудааст: *китоби хондагӣ, мактубро навиштагӣ:*

1. Ҷавони *дегро овардагӣ* аз як гӯшаи он дошта меистод [10, с. 76].

Дар ҷумлаҳои фавқсифати феълӣ дар нақши муайянкунанда омада, аломати муайяндаро фаҳмонданд. Ин сифатҳои феълӣ маънои мафъулӣ ҳам пайдо карданд, яъне онҳо пеш аз худ дар қолаби изофи мафъулҳои вобастаи хеш гирифтанд.

Сифатҳои феълии монда амалу ҳолатеро ҳамҷун аломати субъект мефаҳмонанд. Аз тарафи пайраҳа, аввал садои ханда баланд шуд, баъд худи шахси *хандидагӣ ҳам* намоён гардид [3, с. 63].

Як шакли сифати феълӣ ҳам гузаранда ва ҳам монда шуда метавонад. Ҳар кадом аз маънои алоҳидаи он, одатан, дар ҷумла муайян мешавад:

Китобро *хонда истодагӣ* (гузаранда), дар донишгоҳ *хонда истодагӣ* (монда).

Баъзе сифатҳои феълӣ ба сифати ёридиҳанда феълҳои таркибии номии гузаранда ва монда сохтаанд. Ин ҳодиса ба маънои луғавии ҷузъи феълҳои таркибӣ низ алоқаманд аст: такрор *кардагӣ* (гузаронда) *хоб кардагӣ* (монда), п*ешвоз гирифтагӣ* (гузаронда), *дам гирифтагӣ* (монда), *ҷеғ задагӣ* (гузаранда).

Сифатҳои феълии монда бо ёрии суффикси - *он* ба гузаранда мубаддал мешаванд: *хандида,* ханд***он***да, *нишаста,* шин**он**да, *гузашта,* гузар**он**ида ва ғайра:

Кампири 80 солаи умрашро дар сахтӣ *гузаронида* бо гуфтани як ду ҳикоя ё афсона монда нашуд [11, с. 123].

Агар суффикси -*он* ба сифатҳои феълии гузаранда ҳамроҳ шавад, сифатҳои феълии гузарандаи бавосита ҳосил мешаванд: *пӯшида, пӯшонда, навиштагӣ - нависондагӣ:*

1. Мазмуни мактубҳои *нависондагиатонро* ба ӯ нақл кардам [11, с. 63].

2. Либосҳои ба Шарифа *дӯзондаатон* хеле зебандааст [1, с. 34].

Сифатҳои феълии забони тоҷикӣ ду тарз доранд: Тарзи фоил ва тарзи мафъул [5, с. 15].

Сифатҳои феълии тарзи фоил бо амали гузарандае ифода мешаванд, ки ба объекти бевосита равона аст: Дар току деворҳои даруни бино ҳайкалҳои модарони дар кафи худ кабӯтари *сафеди сулҳ доранда* сохта шудаанд [7, с. 112].

Тарзи фоили сифатҳои феълӣ бо феълҳои монда низ ифода мешаванд ва амалу ҳолатро ҳамчун аломати субъект мефаҳмонанд ва ҳеҷ гоҳ объекти бевосита қабул намекунанд:

Ба деҳқонони аз саҳро ***омада*** чой гуфта мефурӯшад [1, с. 76].

Сифатҳои феълии тарзи мафъул аз сифатҳои феълии тарзи фоил бо ёрии феълӣ *шудан* сохта мешаванд. Сифатҳои феълӣ дар ин ҳолат хусусияти гузарандаи худро гум мекунанд. Онҳо аломати предметро ифода мекунанд, объекти амал мегиранд. Дар ин маврид сбъект ҳамчун пуркунандаи бевосита меояд:

Сиддиқхон маоши аз подошоҳӣ ба худаш *додашавандаро* ба китобхарӣ сарф кард [1, с. 43].

Монанди гули **хазондида** хеле пажмурда ба назар меояд [1, с. 34]. Агар дар ибораи изофӣ сифатҳои феълии гузарандаи замони гузашта, ҳозира, оянда ва ҳозираи муайян ба вазифаи муайянкунанда омада бошад ва муайяншаванда чун объекти онҳо хизмат кунад, тарзи мафъул низ ифода меёбад. Дар ин сурат сифатҳои феълии асосӣ бо бандак ҷойнишинҳои шахсӣ соҳибӣ меоянд:

Мо маҷбур шудем, ки оби аз ҳавз овардаамонро зуд *кор фармида* бақияашро резонем [1, с. 348].

Ту боз як бори дигар байти навакак *хондаатро* хоҳ ва аз ман ҷавоб шунав [1, с. 234].

Одина ҳаррӯз пагоҳӣ аз оғил молҳоро гирифта ба чаро мебурд ва бегоҳӣ ҳезумҳои он рӯз аз дара ва кӯҳ*шикаста ғундоштагиашро* ба хар бор карда, рамаро пеш-пеш андохта, ба хони хӯҷаини худ меовард [1, с. 23].

Тарзи мафъул дар ибораҳое, ки субъекти мантиқӣ доранд, боз ҳам равшантар ифода мешавад.

Чарххои падарам *тарошидаро* ҳам касе нахарид [1, с. 123]. Дар ин ҷумла ибораи сифати феълӣ *тарошидаро* дар таҳлили синтаксисӣ ҳамчун пуркунандаи бавосита омадааст.

Заминҳои сел *шуда бурдаро* вайрон кардан гирифтанд [11, с. 67]. Дар ин ҷумла ҳам бошад ибораи сифати феълӣ *шуда бурдаро* дар таҳлили синтаксисӣ ба вазифаи пуркунандаи бавосита омадааст. Дар ин мисолҳо муайяншаванди объект амал аст ва сифати феълӣ ба он тарзи мафъулро мефаҳмонад, вале дар ҳамин ибораҳо субъекти мантиқӣ ҳам ифода шудааст, ки нисбат ба он сифати феълӣ тарзи фоъил мешавад.

Сифатҳои феълӣ гузаранда ҳамчун хабари ҷумла дар алоҳидагӣ тарзи мафъулро ҳам ифода мекунад. Мубтадо дар ин сурат объекти амал аст [3, с. 244].

Агар муайяншавандаи ин шаклҳои сифати феълӣ ҳамчун субъект омада бошад,тарзи фоилро мефаҳмонад.

Барои мисол – Одами мактуб *навиштагӣ*, бачаи китоб *овардагӣ*, духтараки суруд *хондагӣ*, зани хӯрок *пухтагӣ* .

Сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ се замон дорад: замони *ҳозира, гузашта ва оянда*. Катигорияи замон ҳамчун хусусияти барҷастаи сифати феълиро ҳамеша дар доираи феъл нигоҳ медорад [3, с. 245].

Замони ҳозира:

Сухани паст - паст *гуфта истодаи* ҳамон профессор ба гӯши ҳама равшану гӯё мерасид [7, с. 98].

Замони гузашта:

Мо порчаҳои дар дасти додари шоир *мондаро* навишта гирифтем [1, с. 67].

Замони оянда:

Шабона дарсҳои гузаштаро такрор ва дарсҳои ***хонада шуданиро*** тайёр мекардам [1, с. 85].

Сифатҳои феълӣ монанди феъл дорои хусусияти вобастакунӣ буда, калимаҳои дигарро ба худ тобеъ мекунанд: [3, с. 246].

Регҳои ба боми хона ***гуншударо*** бо бел рӯфта истодаем [1, с. 34]. Хусусан, сифатҳои феълии гузаранда пуркунандаи бевоситаро вобаста намуда, яке аз хусусиятҳои барҷастаи феълии худро зоҳир менамоянд.

Сифатҳои феълӣ замони гузашта, замони ҳозира, оянда ва ҳозираи муайян ғайр аз пуркунанда ва ҳол боз калимаҳоеро фаро мегирад, ки субъекти амал шуда омадаанд: Агар чизи вай ёд *дода истодаро* дуруст гуфта натавонад [2, с. 123].

Сифати феълӣ намуди мутлақ ва давомнокро ҳам ифода менамояд. Сифатҳои феълии намуди мутлақ ва натиҷаноки амалро нишон медиҳанд; [3, с. 247].

Нақшаи ҷангии Павел *тартиб дода* ба Пӯлод ниҳоят маъқул шуд [7, с. 67]. Ҳамон чизҳои ба чашми худ дидаатро гуфта дех [2, 88]. Аз оши палови ман бурда додагӣ ба ту ҳам доданд? [2, с. 56].

Намуди мутлақ, махсусан, ба воситаи баъзе феълҳои ёридиҳанда равшантар ифода мегардад:

Ҳам суҳбати ман аз чойники бо руймолча *печонда мондагиаш* як пиёла чой кашида нӯшид [2, с. 89]. Лабҳои ба ханда *кушода шуда рафтанашро* ба ҳам кашида натавониста,чанд сония нигоҳ карда истод [2, с. 45]. Нонҳои дар вақди гурез *пухта овардаашонро* шамол медоданд [2, с. 205].

Сифатҳои феълии намуди давомнок амали нотамом давомнокиро ифода мекунанд.

Бой як бурда нони қоқи ҳаррӯза ба *Ятим мededагиашро* харчи барзиёд донист [1, с. 78]. Аз заррaҳои ба рӯяш *зада истодаи* об лаззат мебурд [7, с. 83]. Сифати феълӣ монанди сифат шакли ҷамъ намегирад ва ҳамчун муайянкунанда дар ибораи изофӣ пас аз муайяншаванда ҷой мегирад: *одамони омадагӣ, офтоби тулуъ кардаистода, образи фаромӯшнашаванда, тутҳои хӯрдангӣ* ва ғайраҳо. Гоҳ монанди сифатҳои пеш аз муайяншаванда омадани сифати феълӣ низ дида мешавад, ки бештар хусусияти гуфтугӯӣ дорад. Дар хона нигоҳубин *мекардагӣ* одам ҳам надорад [11, с. 47].

Сифати феълӣ дар забони англисӣ бо худ шаклҳои иловагии феъл мегирад, ки дар амали феъл мавқеи сифат ва зарфро иҷро мекунанд [4, с. 276].

Обектҳои дорои сифати феълӣ муайянкунандаи исм аст [4, с. 277].

We visited one of the largest plants *producing* tractors in our country. [4, с. 243].

Агар ӯ ба он ҷо *рафта бошад*, онҳо ба мо дар ин бора хабар медоданд [10, с. 44].

A broken cup lay on the table. Як косаи *шикаста* дар болои миз буд.

Ибораи сифати феълӣ дар ин ҷумла ба вазифаи хабар омадааст.

Standing on the bank of the river, he watched the duckers at the work.

Вай дар *лаби дарё истода,* кори дакартҳоро назорат мекард. Дар забони англисӣ сифати феълӣ дорои чунин хусусиятҳои феълӣ мебошад:

а) сифати феълӣ дар забони англисӣ хусусиятҳои мутобиққунии дигар аъзоҳои пайрави ҷумла мебошад.

*Signing thelette*rthe manger asked the secretary to send it off at one

Нигоҳ кун, ҳамшираи тиббӣ дар паҳлуяш *хандида истодааст*

б) сифати феълӣ забони англисӣ метавонад ин чунин зарфро маънидод кунад.

Packing his thing **quickly**, he hurried to the station [4, с. 277].

Тез-тез чизҳояшро **ҷамъ карда**, саросемавор ба истгоҳ рафт.

Яъне, аз рӯйи таҳлили синтаксисӣ ибораҳои сифати феълӣ дар ин ҷумла ба вазифаи зарфи макон омадаанд.

в) сифати феълии забони англисӣ, инчунин, дорои шаклҳои замони феълии фоилу мафъул мебошад.

Феълҳои гузаранда дорои ду шакли сифати феълӣ шакли фоъил ва се шакли сифтати феълӣ тарзи мафъул мебошанд [4, с. 278].

Сифати феълии замони ҳозираи тарзи фоили забони англисӣ дар шакли масдарии феъл бо худ пасванди (ing) – ро қабул менамояд [4, с. 234].

to read *хондан,* ***reading*** *хонда истода*

to stand *нишастан,* ***standing*** *нишаста*

to study *таҳсил кардан,* ***studying*** *таҳсилкарда истода.*

Пеш аз омӯзиши ҳар забоне, ки набошад баҷойоварии қоидаҳои хониш ва тарзи дуруст навиштан бо забони омӯхташаванда лозим аст.

Агар феъл дар шакли масдари бо ҳарфи (**е**) анҷом ёбад, дар он сурат ҳарфи (**е**) дар ҳолати сохтани сифати феълӣ меафтад ва ба ҷойи ҳарфи (**е**) пасванди **ing** илова карда мешавад [4, с. 278].

Мисол:

To make *сохтан,* ***making*** *сохта истода*

to give *додан,* ***giving*** *дода истода*

Агар феъли сода дар шакли инфинитив бо ҳарфҳои ҳамсадои бечаранг ба охир расад, барои сохтани сифати феълӣ аз ин гуна феълҳо баъд аз пасванди (**ing**) ҳарфи охирини шакли масдарии феъл такроран навишта мешавад [4, с. 278].

to sit *нишастан,* ***sitting*** *навишта истода*

to get *гирифтан,* ***getting*** *нишаста истода*

Агар феълҳои духиҷоя ё бисёр ҳиҷоҳо бо ҳарфҳои ҳамсадои бечаранг ба охир расанд, дар ин сурат барои сохтани сифати феълӣ аз ин гуна феълҳо баъд аз пасванди (*ing*)ҳарфи охирини шакли масдарии феъл такроран навишта мешавад дар он сурате, ки зада дар ҳиҷои дуюми калима омада бошад [4, с. 279].

to permit *иҷозат додан,* ***permitting*** *иҷозат дода*

to refer *пешниҳод кардан,* ***referring*** *пешниҳод карда*

Агар зада дар ҳиҷои аввали калима ояд, дар он ҳолат ҳангоми сохтани сифати феълӣ ҳарфи охирони калима такроран навишта намешавад [4, с. 279].

to open *кушодан,* ***opening*** *кушода*

to order *фармон додан,* ***ordering*** *фармон дода*

Агар феъл бо ҳамсадои бечаранги *(L)* ба анҷом расад дар ин сурат ҳарфи (L) такроран навишта мешавад [4, с. 278].

to travel *саёҳат кардан,* ***travelling*** *саёҳат карда*

to cancel *рад кардан,* ***cancelling*** *дарк карда*

to compel *маҷбур кардан,* ***compelling*** *маҷбур карда* [4, с. 278].

Сифати феълии замони гузашта, феълҳои дуруст ҳамчун ба вазифаи фоъил меоянд ва феълҳои нодуруст бошанд, ба вазифаи мафъул. Ба асоси шакли масдарии феъл барои сохтани сифати феълӣ замони гузашта пасванди (**ed**) ҳамроҳ карда мешавад [4, с. 279].

to ask *пурсидан,* ***asked*** *пурсида*

to order *фармон додан,* ***ordered*** *фармуда*

Сифати феълии замони гузашта, феълҳои нодуруст, ба монанди замони гузаштаи номуайян ҳангоми сифати феълӣ сохтан шаклҳои гуногун ба худ қабул мекунанд [4, с. 280].

to give *додан,* ***given*** *додашуда*

to buy *харидан,* ***bought*** *харида*

Сифати феълии замони мутлақ бо ёрии феъли ёридиҳандаи (**have**) сохта мешавад. Барои сохтани сифати феълии замони ҳозираи мутлақ ва гузаштаи мутлақ феъли ёридиҳандаи (**have**) ба худ пасванди (**ing**) қабул мекунанд [4, с. 279].

having written *навишта*

having asked *пурсида*

having done *иҷрокарда*

Сифати феълии замони ҳозираи забони англисӣ шакли фоъил бо ёрии феъли ёридиҳандаи **to be** (**being**) дар шакли замони ҳозира ва гузаштаи сифати феълӣ сохта мешавад [4, с. 279].

being written *навишташуда*

being asked *пурсидашуда*

Сифати феълии замони мутлақи тарзи мафъули забони англисӣ бо ёрии феъли ёридиҳанда **having been** сохта мешавад [4, с. 256].

having been written *навишта шуданӣ*

having been asked *пурсида шуданӣ*

Тарзи истифдабарии сифати феълии забони англисӣ:

Тарзи истифодабарии сифати феълии замони ҳозираи тарзи фоъил;

Сифати феълии замони ҳозираи тарзи фоъил, амалеро баён мекунад, ки амали як вақт иҷро шудааст.

Агар хабар дар замони ҳозира қарор дошта бошад, дар ин ҳолат баёнкунанда ба замони ҳозираи сифати феълӣ рабт дорад. Агар хабар ба замони гузашта тааллуқ дошта бошад, дар ин ҳолат мубтадо низ ба замони гузашта марбут аст. Агар хабар дар замони оянда қарор дошта бошад, дар ин сурат мубтадо низ ба замони оянда мансуб аст [4, с. 279].

Гуфтан ба маврид аст, ки яъне иҷроиши феъл дар сифати феълӣ тарзи фоил ба замони хабар мансуб аст (яъне, шоҳ хабар аст дар ин наш).

1. She **is looking** at the woman **sitting** at the window [4, с. 278].

Вай ба зани дар назди тиреза *нишаста нигоҳ кардаистодааст* .

When I entered to the room, **I gave** the letter to the woman **sitting** to the window [4, с. 279]. Ба хона даромада, мактубро ба зани дар назди тиреза **нишаста** додам.

When you ernter the room, you will give the letter to the woman sitting at the window [4, с. 278]. Ба хона даромадед, мактубро ба зани дар назди тиреза **нишаста** диҳед.

2. Knowing the English language well, he can translate newspepper articles without a dictationary.

Англисиро хуб дониста, вай бидуни луғат мақола ва маҷаллаҳоро тарҷума кунад.

Knowing the English landuage well, he was able to translate nespepper articles without a dictationar [4, с. 279]. *Англисиро хуб дониста*, вай метавонист мақола ва маҷаллаҳоро бидуни луғат тарҷума кунад.

Knowing the English language well, he will beable to translate newspepper articles without a dictionary [4, с. 278]. *Англисиро хуб дониста,* вай метавонист мақола ва маҷаллаҳоро бидуни луғат тарҷума намояд.

Чи тавре ки дар мисолҳои боло изҳор намудем, замони ҳозираи сифати феълӣ (*sitting, knowin***g**) ба замонам рабт надошта истифода бурда мешаванд, ки дар ҷумла хабар ҳузур дорад ва танҳо амале, ки дар як вақт баён шудааст, мефаҳмонад.

Сифати феълии замони ҳозира метавонад ҳаракати амалро иҷро намояд вобаста ба алоқамандии гӯянда, навобаста дар кадом замони феъли хабарӣ қарор дорад.

The man *sitting*at the window *came*from Lelingrad yesterday [4, с. 279].

Марди дар назди тиреза *нишаста*, дирӯз аз Ленинград омадааст.

Сифати феълии замони ҳозираи тарзи мафъули забони англисӣ дар ҷумла ҳамчун ба ҷойи исм низ истифода бурда мешавад. Дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ҳангоми тарҷума ё фаҳмиши маъноии ҷумла барои иҷроиши ин амал сифати феълии замони ҳозираи забони тоҷикӣ бо худ пасванди **-анда** - ро мегирад [4, с. 280].

Вазифаҳои сифати феълии тарзи мафъули забони англисӣ.

1.Аз исмҳо сифатҳои феълии тарзи мафъул месозад.

The **rising** sun was hiden by the clouds [4, с. 280].

Офтоби **баромадаистода** бо абрҳо рӯйпӯш гардида буд.

The looked at the flying plane [4, с. 280].

Онҳо ба тайёраи парвоз кардаистода менигариданд.

2.Инчунин, сифати феълии забони англисӣ баъд аз исм ба худ муайянкунандаи хос мегирад:

The man **smoking** a cigarette is my brother. (**who is smoking** a cigarette) is my brother.

Марди сигарет **кашида истода** бародари ман аст.

I picked up the letter **lying on** the floor (**which was lying on** the floor)

Мактуби дар болои фарш хобидаро, ман **бардошта гирифтам**.

Сифати феълӣ тарзи фоили забони англисӣ дар ҷумла ба вазифаи ҳол низ меояд. Дар ин амал сифати феълии замони ҳозира хоси феъли ҳоли забони тоҷикӣ мебошад, ки пасванди **(а)** бо асоси шакли масдарии феъл илова карда мешавад [4, с. 280].

Мисол: харид**а,** қапид**а,** чарид**а.**

Сифати феълии замон ҳозира ба вазифаи ҳол дар ҳолатҳои зерин истифода бурда мешавад:

1. Дар сохти сифати феълӣ барои баён кардани вақти ҳол;

2. Барои баён намудани ҳол дар замонҳои сифати феълӣ, инчунин, дар ин гуна ҳолатҳо ба замони ҷумлаи гуфташуда вобаста аст. Дар ин гуна ҳолатҳо пеш аз сифати феълӣ пайвандакҳои while ё when меоянд [4, с. 280].

While *discharging* the ship we found new broken cases [4, с. 280].

Борро *холӣ карда,* аз киштӣ мо қуттии шикастае ёфтем.

When going home I met my brother.

Хона **рафта истода**, ман бародарамро вохӯрдам.

Пайвандаки **when** пеш аз сифати феълӣ дар он ҳолат истифода бурда мешавад, ки амал одӣ ва фаҳмо бошад.

When drowing up a contract for the sale of goods it is nessesary to give a detailed description of the goods.

Ҳамин тавр, ҳангоме ки мо забони хориҷиро бо забони модарӣ муқоиса мекунем, забони модарӣ чун забон-эталон, яъне ченкунанда хизмат мекунад, аммо сохти забони модарӣ ҳар хел шуданаш мумкин, чунки ҳар забон сохти хоси худро дорад. Баҳснокии масъала оид ба мақоми грамматикии сифати феълӣ бо як қатор омилҳо ва тавсифҳо, ки ба ин падидаи грамматикӣ тааллуқ доранд, алоқаманд аст. Ба чунин тавсифҳо ва омилҳо якҷояшавии хусусиятҳои феъл, сифат, зарф ва қисман исмро дар сифатҳои феълии алоҳидаи забони тоҷикӣ, инчунин, вазифаи сифати феълиро дар ҷумла ва хусусиятҳои тақсимкунандаи онро дар рафти кор дар рисолаи хеш дохил кардем.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.1. – Сталинобод, 1958 – 346 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.2. – Сталинобод, 1960 – 274 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 2 – Душанбе: Дониш, 1986 – 372 с.
4. Качалова, К. Н. Практическая грамматика английского языка / К. Качалова. – М.: Высшая школа, 2002 – 365 с.
5. Рустамов, Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе: Маориф, 1985 – 243 с.
6. Рустамов, Ш. Мушкилоти синтаксис / Ш. Рустамов. – Душанбе: Маориф, 1988 – 339 с.
7. Раҳим Ҷалил. Одамони ҷовид. – Душанбе: Маориф, 1975 – 245с.
8. Смирницкий, А.И. Лекции по истории английского языка (средний и новый период): Пособие для студентов филологических факультетов университетов и аспирантов. - М.: Добросвет, 1998 - 235 с.
9. Смирницкий, А.И. Early Middle English texts. Ed by B. Dickins, R.M. Wilson. – London: Bowes & Bowes, 335 p.
10. Фазлиддин, М. Асарҳои мунтахаб / М. Фазлиддин. – Душанбе: Маориф,1976 – 356 с.
11. Ҷалол, Икромӣ. Духтари оташ. – Сталинобод: Нашр. дав. Тоҷ., 1968 – 321 с.

РОҲҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муаллиф дар мақолаи худ “Роҳҳои истифодабарии сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ” кӯшиш кардааст, ки оид ба масъалаи сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ фикру ақидаи худро иброз намояд.

Баҳснокии масъала оид ба мақоми грамматикии сифати феълӣ бо як қатор омилҳо ва тавсифҳо, ки ба ин падидаи грамматикӣ тааллуқ доранд, алоқаманд аст.

Ба ақидаи муаллиф, тағйирот ва таҳаввулоте, ки дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тайи як асри охир ба амал омад, ҳодисаи нодир буда, баҳсу арзёбии ин раванд ба таҳқиқоти муфассалу ҷудогона ниёз дорад.

Муқоисаи ин ду забон барои муайян намудани сабабҳои бо мушкилӣ аз худ кардани забони англисӣ барои тоҷикзабонон мусоидат намуда, инчунин, барои бартараф кардани хатогиҳои хос имкон медиҳад. Илова бар ин, имкони таҳияи стратегияи таълим ба забони модарӣ фароҳам омада, ин усул дар таҷрибаи ҷаҳонии таълим ва омӯзиши натиҷабахши забони хориҷӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад.

Ҳарчанд муқоиса намудани грамматикаи як забон бо забони дигар кори саҳл нест, вале муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар асоси методи муқоиса тафовут ва монандии онҳоро дар ду забон нишон дода, ба ин васила ба донишҷӯён ва навомӯзон роҳи осони омӯзиши забоноро пешниҳод кунад, ҳамчунин, дар пешрафти илми типология ва лингвистикаи контрастивӣ саҳми хешро гузорад.

Калидвожаҳо: *грамматика, сифати феълӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, муқоисаи забон, тарзи фоил, тарзи мафъул, забони хориҷӣ.*

СПОСОБЫ УПОТРЕБЛЕНИЯ ПРИЧАСТИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В своей статье «Способы употребления причастия в таджикском и английском языках» автор выразил свое мнение по проблеме причастия в таджикском и английском языках.

Споры о грамматическом статусе причастия связаны с рядом факторов и характеристик, связанных с этим грамматическим явлением.

По мнению автора статьи, изменения и разработки, которые произошли в английском и таджикском языках за последнее столетие, являются редким событием, обсуждение и оценка этого процесса требуют подробного и отдельного исследования. В связи с этим изучение подходов, в первую очередь, общих закономерностей существования и развития таджикского

языка, его структурной эволюции, морфологических и синтаксических изменений будет являться критерием оценки существующих проблем.

Сравнение этих двух языков необходимо для выявления причин сложности изучения английского языка и устранения типичных для нас ошибок, чтобы мы могли выбрать стратегию обучения на основе родного языка. Такой подход занимает важное место в мировом опыте эффективного преподавания и изучения иностранного языка.

Хотя сравнивать грамматику одного языка с другим языком непросто, автор показал различия и сходства этого предмета в двух языках на основе метода сравнения, и показал студентам и новичкам простой способ выучить язык, а также внести свой вклад в науку типологии и сопоставительной лингвистики.

Ключевые слова: *грамматика, причастие, таджикский язык, английский язык, сравнение языков, действительный залог, страдательный залог, иностранный язык.*

WAYS TO USE THE PARTICIPLE IN TAJIK AND ENGLISH

In his article "Ways to use the participle in the Tajik and English languages" the author tried to express his opinion on the issue of the participle in the Tajik and English languages.

The controversy over the grammatical status of the participle tense is related to a number of factors and descriptions related to this grammatical phenomenon.

According to the author the changes and developments that have taken place in the English and Tajik languages over the past century are a rare event and the discussion and evaluation of this process requires detailed and separate research. In this regard, the study of approaches will be the first general laws of the existence and development of the Tajik language, its structural evolution and morphological and syntactic changes as a criterion for assessing the existing problems.

A comparison of the two languages to identify the reasons for the difficulty of learning English for Tajik-speakers reveals and corrects specific errors so that we can choose a strategy of teaching based on their mother tongue, which is a global practice of teaching and learning the language effectively.

Although comparing the grammar of one language with another is not an easy task, the author has tried to show the differences and similarities of the subject in two languages based on the method of comparison, and to show students and beginners an easy way to learn the language, also contributes to the science of typology and contrasting linguistics.

Keywords: *grammar, participle tense, Tajik language, English language, language comparison, passive voice, active voice, foreign language.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдулаҳадов Искандаршо *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторанти (PhD) кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Нишонӣ: 734019, ш. ДУшанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. Тел.: (+992)551000044.*

Сведения об авторе: Абдулахадов Искандаршо *- Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, доктор PhD кафедры сопостовительного языкознания и теории перевода. Адрес: 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. Тел.: (+992)551000044.*

Information about the author: Abdulahadov Iskandarsho *- Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, PhD, Department of Comparative Linguistics and Translation Theory. Address: 734019, 17/6 Muhammadiev street, Dushanbe. Phone: (+992)551000044.*

ТДУ: 81'44

ГУНАНОКӢ ВА МУТАЗОДИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Маҳмадиев Х.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Масъалаи вариантнокӣ ва воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносии муосир мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Дар забоншиносии муосири тоҷик олимони соҳаи забон ва адабиёт А. Мирзоев, Д. Т. Тоҷиев, Ш. Ниёзӣ дар мақолаҳои худ дар радифи масъалаҳои забон ба фразеология низ диққат додаанд. Солҳои 1963-1964 аз ҷониби забоншинос Муллоҷон Фозилов «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони адабии ҳозираи тоҷик» дар ду ҷилд ба табъ расидааст.

Тадқиқоти аввалин оид ба фразеологияи англис аз тарафи Х. Вайнрих (1960) ва И. Арнолд (1973) гузаронида шудааст. Дар Британияи Кабир ба монанди дигар кишварҳои Аврупо мавзуи баҳси фразеология баъди солҳои 70-ум ба авҷи аълои худ расида, тӯли бист соли охир зери таҳқиқоти амиқ қарор гирифт.

Дар миёни забоншиносони Британия тадқиқоти фразеологӣ ба навиштану таҳрири фарҳангҳо ниёз дошт ва аввалин қадамҳо соли 1920 гузошта шуданд. Чуноне ки Anthony Cowie дар тадқиқоти худ нишон медиҳад, омӯзиши ин масъалаҳо дар Япония аз тарафи Harold E. Palmer, ки баъдтар ба ӯ A. S. Harby ҳамроҳ шуд, соли 1933 оғоз гардида буд. Ин олимон бо сохтори грамматикии воҳидҳои фразеологӣ машғул шуда, аз рӯйи сохтор воҳидҳои фразеологиро ба феълӣ, исмӣ, сифатӣ ҷудо намудаанд. Аз сабаби ин ки дар таҳқиқоти худ ин олимон фарқияти ибораҳои озодро аз воҳидҳои рехта нишон надода, ҳамзамон оид ба воҳидҳои идиоматикӣ маълумот надодаанд, гуфтан мумкин аст, ки аввалин фарҳанги комили воҳиди фразеологӣ дар Британия ин “The Oxford Dictionary of current idiomatic English” [Ҷ-I, 1975] мебошад. Баъдан, «Фарҳанги ибораҳои рехта» (1982, 1986) аз чоп баромад.

Таҳқиқи мавзӯи вариантнокӣ ва антонимияи воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои рушди минбаъдаи забоншиносии муқоисавӣ аҳамияти хосаро молик аст.

Ду ва ё зиёда воҳидҳои фразеологии аз ҷиҳати маънои фразеологӣ ба ҳам наздик ва сохти якхеладошта, ки бо обу ранги бадеӣ ва мавқеи истеъмолӣ аз ҳам фарқ мекунанд, синонимҳои фразеологӣ номида мешаванд.

Масалан, ибораи фразеологии *пой ба қибла шудан*, *мурдан* – дар забони англисӣ чунин синонимҳои худро дорад.: “kick [lay, tip, toople] up one`s heels”, “turn up one`s heels”, “turn up one`s toes to the daises”[маънои дағал], “kick up up one`s heels”, “kick up one`s toes up”, cheer [delight, gladden, rejoice or warm] the cockles of one`s heart-do one`s heart good- *дилро хурсанду хушнуд кардан, касеро хурсанд кардан [7]*.

Мисол:“When I ride him, he will pick up his ear and lash his tail and **kick up his heel** and it won`t be like riding a donkey, but floating along on a cloud.”

Матни тарҷума: Вақте ки ба вай савор мешавӣ, гӯши худро сих карда, думашро бардошта ва ***пойҳои*** пасашро ба ҳар тараф ***ҳаво дода*** медавад, дар он вақт ту гуё на ба болои хар, балки гӯё ба ҳаво парида, абрҳоро савор шуда, сайр карда истода бошӣ.

Оид ба мавзуи муродифот ҳар як забоншинос ақидаи худро дорад, чунончи, ба ақидаи А. А. Кравсова, муродифҳои фразеологӣ фарқияти семантикӣ надошта, метавонанд аз рӯйи тобишу ҷило аз ҳам фарқ кунанд.

Дар китоби худ «Фразеология русского языка» А. И. Молотков зикр кардааст, ки синонимҳои фразеологӣ воҳидҳое мебошанд аз рӯйи сохтор ба ҳам монанд буда, аз рӯйи маъно ё ҷиҳати услубӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Синонимҳои фразеологӣ метавонанд аз ҳамдигар аз рӯйи хусусиятҳои зерин фарқ кунанд:

- **аз рӯйи мавқеи истифода ва услуб:**

keep ones eyes speeled/skinned [гуфтугӯӣ], look slippy[гуфтугӯӣ],

- **тобиши ҷилои маъноӣ:**

keep clear of something, give a wide berth.

▪ **аз рӯйи дараҷаи амал:**

to cry over and over, to cry one`s eyes, to cry all through [7, с. 540].

Ҷиҳати муҳимми воҳидҳои фразеологии синонимӣ ифодаи маъноҳои умумии ба ҳам наздики онҳост. Чунин ақидае, ки гӯё ду ва ё зиёда ифодаҳои синонимӣ як мафҳумро айнан ифода карда, дар матн якдигарро пурра иваз карда метавонанд, ба ҳақиқат дуруст намеояд. Дар ҳар як фразеологизми синонимӣ чунин тобиши маъноии махсусро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар синонимии дигар ё тамоман вуҷуд надорад, ё ин ки ба тариқи дигар ифода ёфтааст.

Масалан, ибораи “set one`s heart on[or upon] somebody or something” ва “set one`s mind on somebody” [1, с. 34].

Ин ибораҳо маънои «стремиться к кому либо или чему либо-***ба чизе орзу кардан, иштиёқманд шудан, ҷидду ҷаҳд кардан»*****-ро дорад.**

Лекин ибораи синонимии бо маънои «heart» маънои *чизеро бо дил хостан,* ё *аз таҳти дил хостан* аст, аммо маънои «mind» *чизеро бо ақл хостан* мебошад.

Мисол:

It is a sad thing, my dear, to lose so much when we had set our hearts upon it.

Матни тарҷума:

Азизам, ин хеле аламовар аст, ин қадарро аз даст додан, вақте мо ба ин *аз таҳти дил* кор кардем.

Мисол:

It was true that he had his ways: when he *set his mind on something,* that was that, and you could forget about it right there.

Матни тарҷума:

Ӯ низ баъзе камбудҳо дошт. Масалан, агар оид ба якравии ӯ гап занем, вақте ***ӯ ба ягон чиз ҷидду ҷаҳд мекар*д,** ҳеч чиз пеши роҳи ӯро гирифта наметавонист.

Масалан, ибораи **take heart** - ***мардонагӣ кардан, далер шудан, зиндадил шудан, шердил кардан, руҳбаланд кардан,*** ки муродифи **gather/get/take heart of grace** аз ҳам аз ҷиҳати услубӣ фарқ мекунанд, зеро ибораи якум серистеъмолтар буда, ибораи дуюм куҳнашуда мебошад ва бештар дар адабиёти бадеӣ истифода мешавад.

Мисол:“I **took heart** and thought if the teacher hit me I could complain to my father”.

Матни тарҷума: Ин ҳол ба ***дили ман қувват дод***, ки агар мактабдор маро занад, ман ба падари худ шикоят хоҳам кард.

Мисол:

Take heart,-you are a brave fellow.

Матни тарҷума:

Ноумед машав, ту ҷавони ҷасур ҳастӣ.

Воҳидҳои фразеологии синонимӣ, инчунин, аз рӯйи услуб ва мавриди истеъмол аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Масалан, варианти “**not to care a brass farthing [button, hoot, twopence, two straws]** - ***ба коре таваҷҷуҳ зоҳир накардан, ба ҳеч чиз аҳаммият надодан*”** синонимии услуби гуфтугӯйӣ буда, ибораи ҳаммаънои он **a not care dumn** - ***туф кардан, парво накардан*** ибораҳои дағал мебошанд.

Мисол:

Up scrooge went, **not caring a button for** its being dark - There is nothing to clear up. I can see you don`t care **a bruss farthing** for me.

Воҳидҳои фразеологии синонимӣ аз рӯйи мавриди истифода дар маҳалҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ба ин гурӯҳ воҳидҳои фразеологии синонимии забони англисии британӣ ва амрикоӣ дохил мешаванд:

▪ анг. *“***set one`s cap at somebody**=*амр.* **set one`s cap for somebody** - ***диққати касеро ҷалб кардан, ақлу ҳуши касеро рабудан***”;

▪ *анг.* **beat about the bush**=*амр.***beat around the bush** - ***шаф-шаф нагуфта, шафтолу гуфтан***";

▪ *анг.***cross somebody`s path**=*амр.***cross somebody`s track** - ***пеши роҳи касеро гирифтан, ба касе монеа шудан***";

▪ *"анг.* **lock the stable door after the horse has been stolen** =*амр.* **lock the barn door after the horse has been stolen** - ***хело дер чораҳои эҳтиётӣ андешидан***".

Мисол:

Not to **beat about the bush**. "What is preventing you marrying her?"

Матни тарҷума:

Чаро ***шаф-шаф накарда,*** бо ӯ оиладор намешавӣ?

Мисол:

What is he saying; it is all **around the bush**. It is not the main thing.

Матни тарҷума:

Ӯ доимо ҳама чизро ***шаф-шаф карда меистад***. Ин чизи он қадар муҳим нест.

Воҳидҳои фразеологии синонимӣ бо обу ранги бадеӣ ва мавқеи истеъмолашон аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд. Якчанд воҳидҳои фразеологии бо ҳам ҳаммаъно силсилаи синонимиро ташкил медиҳанд. Дар силсилаи синонимӣ воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати обу ранг ва мавқеи истеъмолашон гуногун гирд меоянд [1, с. 23].

Хусусияти умумии ҳамаи фразеологизмҳои ба як силсилаи синонимӣ дохилшаванда аз воҳидҳои фразеологии силсилаи синонимии дигар дар он аст, ки онҳо бо образнокӣ ва тобишҳои маъноии махсуси худ фарқ мекунад.

Масалан, **"from one`s heart** - ***аз таҳти дил, бо ҷону дил, самимона***, "- "**from the bottom of ones heart, from the heart, with all one`s heart, with one`s whole heart, with a heart and half [ҳазл.], with all one`s soul, heart and soul"**.

Мисол:

If a book comes **from the heart**, it will contrive to reach other heart.

Матни тарҷума:

Агар китоб ***аз таҳти дил*** навишта шавад, он зуд ба дили хонанда роҳ меёбад.

Мисол:

I wish you luck from **the bottom of my heart.**

Матни тарҷума:

Ман ***аз умқи ҷон*** ба ту хушбахтӣ мехоҳам [орзумандам].

Аз ин ҷо, инчунин, **"go [or go with all one`s]heart and soul into something, go into something heart, have one`s whole heart in something, put one`s back [heart, whole heart and soul or life] into something** - ***бо майлу рағбат кор кардан***" сохта шудааст, ки ҳар яки ин ибораҳо мавриди истифодаи худро дорад, ки яке аз ҷиҳати фарққунандаи муҳимми фразеологияи синонимӣ маҳз дар ҳамин образҳои мухталифи онҳост [3, с. 138]

Аз синонимҳои фразеологӣ вариантҳои онҳоро фарқ бояд кард. Вариантҳои воҳидҳои фразеологӣ қолабҳои таркибан тағйирёфтаи ҳамон як фразеологизм мебошад. Муҳаққиқ М. Юсуфова зикр мекунанд, ки муродифҳои фразеологӣ маънои мушаххасеро ифода мекунанд. Дар вариантҳои фразеологӣ тағйирот дар дохили як воҳиди фразеологӣ ҳангоми тағйири калимаи ғайриасосӣ воқеъ мегардад. Муҳаққиқ А. В. Кунин роҳҳои варинтнокии фразеологиро бо варианти лексикӣ, варианти грамматикӣ, ки бо он варианти морфологӣ ва синтаксисӣ дохил мешаванд, ҷудо мекунад. Вариантҳои воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, аз ин вариант - асоси қолабии фразеологӣ бо чанд ҷузъ, ё унсури грамматикии худ фарқ мекунанд. Ҷиҳатҳои умумии вариантҳо бо ин вариант ин сохти ягона, умумияти маъно ва образи онҳост.

Масалан, аз ин нуқтаи назар, фразеологизми **"hold one's ground"**-ро ҳамчун намуна қабул кунем, пас ибораҳои **"stand in one's ground, stick to one's color"** вариантҳои онро ташкил медиҳад. Вариантҳои **"hold one's ground"** бо яке аз ҷузъҳои дохилиашон **[stand, stick]** аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Қолаб, маънои умумӣ ва образи асосии фразеологизм дар ҳамаи вариантҳо як аст.

Мисол:

At first the teacher protested headedly, but father **hold his ground.**

Матни тарҷума:

Аммо падарам ҷанҷол карда, оқибат ***гапашро гузаронид.***

Ба ҳамин шакл:

▪ **carry[or hold] the baby**-***дасту по баста будан, ҷавобгар будан, чизеро бар дӯш гирифтан;***

▪ **at the back of[be at somebody`s back]- 1)** б***а касе ёрӣ додан, касеро тарафдорӣ кардан***. 2) ***ҳомӣ, такягоҳи касе будан;***

▪ **give[or make] a back-** ***китфро гузоштан, аз паҳлу гузоштан***", **"see smb`s back [or see the back of somebody]** - ***рафтани касеро дидан, аз касе халос шудан, раҳо ёфтан, наҷот ёфтан".***

▪ варианти лексикӣ- варианти лексикии воҳидҳои фразеологӣ аз тағйири яке аз ҷузъҳои дохилии он ба амал меоянд. Вариантҳои лексикӣ аз навъҳои хеле сермаҳсули вариантҳои фразеологӣ мебошанд. Дар забони англисӣ ва тоҷикӣ ин хели вариантнокӣ хеле маъмул аст.

Чунончи, ибораи **hold [have, hold, keep] one self in hand**- ***дар даст доштан, дар тобеияти худ будан, худдорӣ кардан, ҳиссиёти худро ошкор накардан* [7, с. 276]**

Мисол:

Пас аз он, хаскашонро камонвар ***ба дасташ нигоҳ дошта****,* ба ресмони он хаси дигареро гузошта, онро пеш кашида, сар надод.

Матни тарҷума:

Then each circher **held** his reed bow ***in*** **his hand** and using another reed as an arrow, shot some other boy.

▪ *"***put a stop to something[put an end]** - ***ба чизе хотима додан".***

Мисол:

Аммо мактабдор ба ин кор ***роҳ надода,*** дубора чӯби калони худро бардошта, онҳоро ба ёд оварда, яъне онҳоро ба хондан даровард.

Матни тарҷума:

But the teacher **put a stop to this**, again taking up his long cane to remind the boys to keep on reading.

Ибораи дигар **hold one`s breath[or catch]** - ***нафас ба дарун гирифтан, нафаскаширо боз доштан*.**

Мисол:

Бачагон ҳама ба якборагӣ ***дам истоданд***.

Матни тарҷума:

The boys are ***held their breath.***

Ба ҳамин шакл чунин воҳидҳои фразеологӣ бо роҳи вариантнокии фразеологӣ сохта шудаанд:

drive[or throw] into the background - ***чизеро мавқуф гузоштан, ба ақиб кашидан, ба таъхир андохтан, ба мадди охир гузоштан*;**

keep/remain/stand in the background - ***нонамоён будан;***

bad character[egg, penny] - ***овозаи бадро истифода кардан, шахсияти тира, ҷоҳил, нокас, нобакор;***

give/leave somebody the bag to hold - ***касеро дар мусибат монда рафтан. 2) фиреб хӯрдан;***

jump/rise/swallow at the bait - ***ба шаст дармондан***, маҷ.- ***ба доми касе афтидан.***

• **варианти морфологӣ-** дар забони тоҷикӣ варианти морфологӣ дар натиҷаи тағйир ёфтани ягон унсури грамматикии воҳиди фразеологӣ пайдо мешавад. Чунин вариантҳои фразеологӣ бештар дар натиҷаи афтидан ва ё илова шудани пешояндҳо, пасояндҳо ва суффиксҳои калимасозии дохили фразеология ба вуҷуд омада метавонанд. Чунончи вариантҳои зерин, ки дар натиҷаи афтидани пешояндҳои таркибиашон пайдо шудаанд, ба

ҳамин гурӯҳ мансуб мебошанд: ***«афти кор [аз афти кор], хоб рафтан [ба хоб рафтан], роҳ рафтан [ба роҳ рафтан].***

Гоҳо афтидан ва ё иловашавии аффиксҳои ҷудогонаи калимасоз ҳам варианти морфологии фразеологиро ба вуҷуд оварда метавонад: ***«мардуми чашм [мардумаки чашм], оши ғоиб [оши ғоибона]».***

Дар забони англисӣ бошад, ифодаи вариантнокӣ бо роҳи дар шакли ҷамъ омадани исмҳо, иваз намудани ҷузъҳои дохилии **“something”** ба **“somebody”** ва инчунин, иваз кардани апостров ба амал меояд. Чунончи **“beneath somebody`s feet[foot]** - дар ***зери пойи касе мондан”.***

Мисол:

I imitated them and bent over my board with one **eye fixed on** the teacher and repeated loudly “alif, be te, se”.

Матни тарҷума:

Ман ҳам ба онҳо тақлид карда, ба тахтачаи худ сарамро хамонда ва гӯшаи ***чашмро ба*** мактабдор ***дӯхта***, алиф, бе те, се гӯён, дод мегуфтам.

▪ **“wipe somebody`s eye=wipe the eye of somebody”** - утерять нос кому либо, **-** ***касеро ба як нӯл задан, аз касе пешдастӣ кардан, заткнуть кого либо за пояс - касеро гӯйи сабақ рабудан, аз касе пешдастӣ кардан.***

Мисол:

I **wiped my eyes**, picked up a piece of bread and went out into the garden.

Матни тарҷума:

Ман ***чашмони худро пок карда***, пас аз як даҳон нонро ба даст гирифта, рӯйи дарича даромадам.

▪ “**back countries=back country** - ***маҳалҳои дурдаст, гӯшаи хилват, ҷойи нообод,*** **bag of wind=wind bag** - ***одами сергап, беҳудагӯй, худсито,*** **set one`s bag for somebody/something** - б***о касе бозӣ кардан, касеро ба даст даровардан***, **take away somebody`s breath=take somebody`s breath away** - ***нафас мегардад, ба ҳайрат андохтан, ба тааҷҷуб овардан***”, **“play into somebody`s hand=play into the hands of somebody** - ***ба осиёи касе об рехтан***”.

▪ Антонимияи воҳидҳои фразеологӣ**.** Мутазод чун ҳодисаи полисемия ва синонимия тамоми самтҳои забонро дар бар мегирад ва аз ин рӯ, дар илми забон ба ҷуз мутазоди луғавӣ боз мутазодҳои фразеологӣ, морфологӣ ва синтаксисиро муқаррар кардаанд [8, с. 108].

Баҳамзидшавии маъноҳои ҷудогонаи худи як воҳидҳои фразеологӣ, ё ин ки ду ва ё зиёда ифодаҳои рехтаи гуногун ҳодисаҳои антонимияи фразеологиро ба вуҷуд меорад [7, с. 43].

Гурӯҳи асосии антонимҳои фразеологиро воҳидҳои фразеологии гуногуни муқобилмаъно ташкил медиҳад. Чунин антонимҳои фразеологӣ низ монанди синонимҳои фразеологӣ ифодаҳои аз ҷиҳати сохт ва таркиби лексикӣ ба ҳам мутобиқаткунанда мебошанд.

Муҳаққиқ И. В. Арнолд чунин мешуморад, ки таъбирҳои антонимӣ баъзан метавонанд аз ҷиҳати шакл ва сохтор ба ҳам мутобиқат кунанд ва ё накунанд. Дар бисёр ҳолатҳо дар дохили сохтори ин воҳидҳо калимаҳое ҷойгир мешаванд, ки берун аз ибора ба таври антонимӣ мавриди истифода қарор гиранд: **“fair play-foul play”, “with a heavy heart-with a loght heart”, “as gentle as a lamb-as hard as nails”.**

Муҳаққиқ А. В. Кунин ду навъи воҳидҳои фразеологии антонимиро ҷудо мекунад:

Ба гурӯҳи якум чунин таъбирҳои антонимие дохил мешаванд, ки танҳо хоси як услуб буда, аз рӯйи тобиши маъно ва мавқеи истифода аз ҳамдигар фарқ намекунанд: **“with a heavy heart-with a light heart”**

Ба гурӯҳи дуюм чунин воҳидҳое дохил мешаванд, ки дар ҳамаи навъҳои услубӣ ба кор бурда мешаванд.

Ба гурӯҳи якум чунин ибораҳои фразеологии антонимӣ дохил мешаванд:

▪ ***“fair play-four play-бовиҷдонӣ, боинсофӣ, покдилӣ, баномусӣ ботамизӣ-фиреб, фанд додан, қаллобӣ, фиребгарӣ, кӯрнамакӣ, хиёнаткорӣ, бевиҷдонона бозӣ кардан”,*** “**as gentle as a lamb-as heart as nails-*фурӯтан, нармдилона, асил, батоб, устувор”,* **“as pretty as a picture-as ugly as sin [scarescrow]-*дилбар,дилрабо, шефта, бисёр зебо, суратзеб* -**

хунукбашара, бадафт, афташ ҷаҳаннам барин”, **“with a heavy heart-with a light heart -** ***дилу бедилон - ба хотири ҷамъ, бо дили соф”,*** **“loosen ones purse strings-tighten the purse strings-***хароҷотро зиёд кардан-ҳамён кушодан, ҳотам шудан”,* **“come to the right shop-come to the wrong shop-***ба шахси лозимӣ муроҷиат кардан, ба ҷойи даркорӣ расидан-ба ҷойи ғалат, нодуруст расидан”,* **“as heavy as lead-as fight as feather-***санг барин вазнин-об барин сабук”,* **“be quick in the up take- be slow in the up take-***майнаро зуд кор фармудан, корро сарфаҳм рафтан, пай бурдан-майнаро суст кор фармудан”,* **“with a good grace-with a bad grace-***бо шавқ, бо ҷону дил, бо майлу рағбат, бо шавқу ҳавас-бе майлу рағбат, бе шавқу ҳавас, хунукназарона”,* **“as drunk as lord[drunk as fidder, drunk and incapable]-as sober as judge-***мурдавор маст, масти пояқил - солимақл, шаробнохӯр”,* **“heart of gold-heart of stone -** ***дили тиллоӣ-дили сангин”,*** **“in hot blood-in cold blood-***аз қаър, бо умқи ҷон-хунукназарона, хунсардона”.*

Мисол:

They have **come to the right shop** for morals sir.

Матни тарҷума:

Онҳо барои аз худ кардани қоидаҳои ахлоқӣ ***ба ҷойи лозимӣ омадаанд.***

Мисол:

And what does he want? Money? Meat? Drink? He has **come to the wrong shop** for that, if he does.

Матни тарҷума:

Ба ӯ чӣ даркор аст? Пул? Хӯрок? Нӯшокӣ? Агар ба ӯ ин чиз лозим бошад, ***ба ҷойи ғалат омадааст.***

Мисол:

He saw **foul play** going forward before his eyes, and he felt bound to interfere, but knew not how.

Матни тарҷума:

Дар пеши чашми ӯ ***ҷиноят содир шуда*** истода буд ва ӯ мебоист ба он дахолат намояд, лек ӯ намедонист чӣ гуна ин корро бикунад.

Дар ин мисолҳои дар боло овардашуда **“fair-foul; heavy-light; gentle-hard; pretty-ugly; loosen-tighten; quick-slow; good-bad”** антонимҳо мебошанд.

Хусусияти муҳимми семантикии воҳидҳои фразеологии антонимӣ зидмаъноии онҳо мебошад: **“swim like a duck [fish]-swim like a stone”.**

Гурӯҳи дуюми воҳидҳои фразеологӣ метавонанд вазифаҳои гуногуни услубӣ дошта бошанд.

Онҳо дар сохтори худ калимаҳои умумии якхела надошта, ин гуна воҳидҳои фразеологии антонимиро танҳо дар дохили матн ва ба воситаи луғат маънои онро фарқ мекунанд. Чунончи: **“live by one`s wits-an honest soul-***бо роҳи беинсофӣ зиндагӣ кардан - қалби соф”,* **“plenty as blackberries-as scarce as hen`s teeth -** ***дар фаровонӣ-камёфт, нокифоя***”, **“under one nose-a far cry from -** ***дар таги бинӣ - аз замин то осмон”.***

Мисол:

English and American hands were **as scarce as hen`s teeth** in this unhealthy place.

Матни тарҷума:

Коргарони Амрико ва Англис дар ин ҷойи пуртаҳлуқа ***шумораи камро*** дар бар мегирифтанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу барасии мавзуи мазкур ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Сермаъноии воҳидҳои фразеологӣ ҳодисаи забонӣ буда, дар забон хеле серистеъмол мебошад;

2. Гарчанде воҳидҳои фразеологии полисемӣ дар забони англисӣ хеле зиёд бошанд ҳам, сермаъноии онҳо тавассути матн бештар равшан мегардад;

3. Роҳи сермаъноии воҳидҳои фразеологӣ бо роҳи маҷоз сурат гирифта, мавриди истифода ва хусусиятҳои услубии махсус мегарданд;

4. Синонимҳои воҳидҳои фразеологӣ чунин гурӯҳи калимаҳоеанд, ки аз рӯйи сохтор, мавриди истифода ва услуб аз ҳам фарқ карда, лек як маънои умумии ба худ хосро доро мебошанд ва, инчунин, аз рӯйи маъно ба ҳам монанд буда, аз ҷиҳати услубӣ аз ҳам фарқ карда меистанд;

5. Антонимҳои фразеологӣ воҳидҳои забонии дорои маъноҳои зид мебошанд;

6. Муносибати байни воҳидҳои фразеологии феълӣ бо синонимҳои луғавӣ ва муодилҳои дар фарҳанг зикршудаашон дар асару мақолаҳои илмии муҳаққиқони ин соҳа равшан инъикос ёфта, фарқияти байни онҳо муайян карда шудааст;

7. Воҳидҳои фразеологӣ ва синонимҳои луғавии онҳо як маъноро бо роҳу усулҳои гуногун ифода мекунанд.

Аз таҳлили маводи илмии ба фразеология бахшидашуда маълум мешавад, ки баъзе аз тарафдорони назарияи муодилнокӣ фразеологизмҳоро чун воҳидҳои луғавии дорои хусусиятҳои махсуснадошта дохил мекунанд. Аммо, зикр кардан бамаврид аст, ки дар шакли тайёр истифода намудани онҳо барои тамоми воҳидҳои забонӣ хос буда, чун муодил қабул намудани онҳо мувофиқи мақсад нест. Муҳим он аст, ки хусусиятҳои хоси онҳоро ба назар гирифта, дар мавридҳои зарурӣ дуруст истифода барем.

АДАБИЁТ

1. Амосова, Н.Н. Основы английской фразеологии / Н.Н. Амосова. - М.: Либроком, 2010. – 216 с.
2. Ильиш, Б.А. История английского языка / Б.А. Ильиш. – Л.: Просвещение, 1972. – 431 с.
3. Смирницкий, А.И. Лекции по истории английского языка (средний и новый период): Пособие для студентов филологических факультетов университетов и аспирантов. – 2-е изд. -М.: Добросвет, 1998. - 235 с.
4. Маджидов, Х. Лексико-семантические особенности глагольных фразеологических единиц современного таджикского языка: автореф. дисс... канд. филол. наук / Х. Маджидов. – Душанбе, 1968. - 27 с.
5. Усмонов, К.У. Грамматикаи назарии забони англисӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2006. - 131 с.
6. Опыт теории лексикографии / Л.В. Щербы // Иностранный язык в школе. – М., 2001. - С 89-117.
7. Кунин, А.В. Англо-русский фразеологический словарь \ А.В. Кунин. – М.: Советская Энциклопедия, 1967.
8. Молотков, А.И. Основы фразеологии русского языка / А.И. Молотков. – М., 2006.– 284 с.
9. Федоров, А.В. Введение в теорию перевода / А.В. Федоров. –М.: Высшая школа, 1953. –336 с.
10. Чепасова А.М. Фразеологизмы в нашей речи / А.М. Чепасова. -Челябинск: ЧГПУ, 2000. - 292 с.
11. Яранцев Р.И. Словарь-справочник по русской фразеологии: Ок. 800 фразеологизмов: - М.: Русский язык, 1981. — 301 с.

ГУНАНОКӢ ВА МУТАЗОДИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муаллиф дар мақолаи худ “Вариантнокӣ ва антонимияи воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” кӯшиш кардааст, ки оид ба масъалаи воҳидҳои фразеологии забони англисӣ ва ифодаи он дар забони тоҷикӣ фикру ақидаи худро иброз намояд.

Ба андешаи муаллиф, мутазод чун ҳодисаи полисемия ва синонимия тамоми самтҳои забонро дар бар мегирад, аз ин рӯ, дар илми забон ба ҷуз мутазоди луғавӣ боз мутазодҳои фразеологӣ, морфологӣ ва синтаксисиро муқаррар карданд.

Зикр гардидааст, ки оид ба мавзӯи мутазод ҳар як забоншинос ақидаи гуногун дорад., Ба ақидаи А. А. Кравсова, мутазодҳои фразеологӣ фарқияти семантикӣ надошта, метавонанд аз рӯйи тобишу ҷило аз ҳам фарқ кунанд.

Дар китоби худ «Фразеология русского языка» А. И. Молотков аитонимҳои фразеологиро ҳамчун воҳидҳое, ки аз рӯйи қисмати сохтор ба ҳам монанд буда, аз рӯйи маъно ё ҷиҳати услубӣ аз ҳам фарқ мекунанд, нишон додааст. Антонимҳои фразеологӣ метавонанд аз ҳамдигар аз рӯйи хусусиятҳои гуногун фарқ кунад.

Муаллифи мақола пас аз таҳлили маводи илмии ба фразеология бахшидашуда ба хулосае омадааст, ки баъзе аз тарафдорони назарияи муодилнокӣ фразеологизмҳоро чун воҳидҳои луғавии ба худ хусусиятҳои махсуснадошта, дохил мекунанд. Аммо, муаллиф зикр кардааст, ки дар шакли тайёр истифода намудани онҳо барои ҳамаи воҳидҳои забонӣ хос буда, чун муодил қабул намудани онҳо ба мақсад нест. Муҳим он аст, ки хусусиятҳои хоси онҳоро ба назар гирифта, дар мавридҳои зарурӣ дуруст истифода барем

Калидвожаҳо: *фразеология, муродифот, вариантнокӣ, антонимияи воҳидҳои фразеологӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, британиёӣ, америкоӣ.*

ВАРИАНТНОСТЬ И АНТОНИМИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В своей статье «Вариативность и антонимия фразеологических единиц в таджикском и английском языках» автор высказал свое мнение по вопросу о фразеологизмах английского языка и их выражении в таджикском языке.

По мнению автора статьи, антонимия, как явление полисемии и синонимии, включает в себя все области языка, поэтому в науке о языке, помимо лексических контрастов, установлены фразеологические, морфологические и синтаксические контрасты.

Отмечается, что существуют разные мнения по теме антонимии в языкознании. Согласно А. А. Кравсова, фразеологические анонимы не имеют семантических отличий, они могут отличаться друг от друга по оттенку значению.

В своей книге «Фразеология русского языка» А. И. Молотков описывал фразеологические антонимы как единицы, сходные по структуре и различающиеся по значению или стилю. Фразеологические антонимы могут отличаться друг от друга по разным признакам.

It is necessary to notice that in linguistics and translation studies, many linguists and translators already tried to classify untranslatable elements of language.

In linguistics there is a set of various opinions of scientists in the field of classification of non-equivalent lexical units of language, and it depends on the representations defining its essence. Differentiation or restriction of semantic parts of lexical units is one of the basic conditions of classification of untranslatable elements of language.

This article also studies foreign literature on the subject matter which aims at solution of the problem of classification of inadequate lexical units of language. The article also provides information on essence of non-equivalent lexical units of language.

In this regard the author in the article considers views and contribution of scientists in the field such as L.S. Barkhudarov, G. Tomakhin, S.Vlakhov, S. Florin, S. Stepanov, A.A. Reformatsky, V.L. Muravev, V.N. Krupnov, A.K. Gatilova and others, and also carries out their analysis and comparison. It is necessary to notice that to achieve the purposes of article the author also addresses to the theoretical problems of lexical units of language not havine direct equivalents in other languages.

Keywords: *non-equivalent lexical units, translation, English language, comparison, Tajik language, French language, translation studies.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шоназаров Зарбахт Музаффарович Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторанти курси дуюми кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: 933213331. E-mail: fotehjonzm@gmail.com*

Сведения об авторе: Шоназаров Зарбахт Музаффарович*, Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода докторант второго курса кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Ф. Мухаммадиева 17/6, Тел.: 933213331. E-mail: fotehjonzm@gmail.com*

Information about the author: Shohnazarov Zarbakht Muzaffarovich, *Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda a second-year PhD student the department of comparative linguistics and the translation theory. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, 17/6 Muhammadiev Str. Phone: 933213331. E-mail: fotehjonzm@gmail.com*

УДК 800/809

ВЫСКАЗЫВАНИЕ КАК КОММУНИКАТИВНЫЙ АКТ

Шукурова Т. Ф.
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Человеческое общение происходит в форме речи, основной единицей которой принято считать **высказывание.** Высказывание представляет собой речевой знак, «означающим которого является лексико-грамматико-интонационная структура предложения, а означаемым - соотносящийся с ним отрезок действительности со всеми его элементами, характеристиками, связями, условиями общения и т. п.» [4, с. 90]. Таким образом, как своего рода **минимальный текст**, высказывание соотносимо с **предложением,** но отличается от последнего прежде всего тем, что рассматривается в связи с контекстом в самом широком смысле этого слова. Это вызвано стремлением по возможности адекватно описать речевое общение, чтобы получить основу для дальнейшего обучения ему, чтобы представить систему языковых средств не как некоторую застывшую схему, но в ее функционировании.

Означаемое высказывания - это его семантика, содержание. Оно непосредственно связано с контекстом, ситуацией, теми общими знаниями, которыми обладают участники речевого акта (так наз. **пресуппозицией**). Именно в данном отношении семантика высказывания (как текста) отличается от семантики предложения как единицы языка. Так, языковая семантика однословных предложений *Ja.* и *Nein.* состоит соответственно в подтверждении или же отрицании предшествующего высказывания. В то же время конкретное содержание этого предшествующего высказывания, т. е. реальная связь вещей представлена лишь в (кон)тексте, вследствие чего без некоторого предварительного знания высказывания *Ja.* и *Nein.* смысла не имеют. В общем случае семантика высказывания выходит за его пределы, что обусловливает использование в высказывании определенных языковых средств, в частности: временных глагольных форм, форм артикля, порядка слов и т.п.

В ряде случаев семантика высказывания бывает опосредованной, предполагая реконструкцию некоторых логических звеньев. Так, например, в микродиалоге *Wollen wir heute Abend zum Tanz gehen? - Ich habe doch morgen meine Prüfung in der Grammatik* отсутствует звено, выражающее причинную связь между отказом идти на танцы и предстоящим экзаменом (нечто вроде: *Nein, das geht nicht, denn...*). Высказывания типа приведенного ответа называются косвенными речевыми актами. Интерпретация косвенных речевых актов невозможна без учета всего комплекса вопросов, связанных с взаимодействием адресанта и адресата речи (прежде всего с учетом их осведомленности о предмете коммуникации, с учетом намерения адресанта и реакции адресата), а также с ситуацией общения. Этот комплекс вопросов составляет содержание лингвистической прагматики, которая изучает функционирование языковых средств по отношению к участникам коммуникации, их использование адресантом и их интерпретацию адресатом. Из этого логически вытекает вариативность выражения намерения адресанта (поиск им оптимальных средств выражения содержания сообщения) и вариативность интерпретации полученного сообщения адресатом (извлечение им различной информации из высказывания адресанта). Так, не исключено, что в связанной с приведенным примером ситуации намерение адресанта состояло именно в выяснении того, будет ли адресат готовиться к предстоящему экзамену, а не в приглашении его на танцы. Иными словами, **одни и те же языковые средства** (языковые единицы) **приобретают различный смысл в разных ситуациях общения.**

Вариативность содержания и формы высказывания (его субъектно-предикатной структуры), возможность выбора адресантом различных языковых средств обусловлены таким важнейшим свойством естественного языка, как его членораздельность (дискретность). Поэтому при описании языковых механизмов, обеспечивающих построение высказываний, речь идет прежде всего о тех или иных единицах языка, соотношениях между ними, об объединении единиц в подсистемы, уровни и т.д. Именно в способах членения высказывания или же его фрагментов обнаруживается специфика конкретного языка, его так называемые

«идиоэтнические» черты. Так, например, в немецком языке ряд физических состояний человека передается объектно-предикатными структурами типа *Hunger / Durst haben*, тогда как в русском так наз. составное сказуемое (ср.: *быть голодным*). Обозначение одного и того же чувства передается в немецком одной лексической единицей, а в русском - двумя (ср.: *schmecken - быть вкусным*) или же соответственно тремя и двумя единицами (ср.: *sich für Malerei interessieren - интересоваться живописью*). Таким образом, в центре внимания частного языкознания стоит именно тот **способ членораздельности** [8], который характерен для данного языка.

Специфика членораздельности обнаруживается не только в сфере лексики, как это показывают приведенные примеры, но также и в сферах морфологии и фонологии. Так, немецким сложным словам *Wörterbuch* и *Vokabelheft* соответствует русское суффиксальное производное слово *словарь*; немецкой паре *springen - Sprung* с безаффиксным именем - русская пара с суффиксальным производным: *прыгать - прыжок*; при этом немецкое производное имя односложно, тогда как русское - двусложно. Иными словами, членораздельность оказывается специфичной в пределах каждого языкового уровня, каждой подсистемы конкретного языка.

Помимо членораздельности языка, вариативность высказывания предполагает также и свой антипод, т.е. наличие в высказывании стабильного, инвариантного начала. Именно диалектическое соотношение в высказывании стабильного и вариативного, постоянного и переменного обеспечивает возможность построения и интерпретации высказываний (также - текстов), общения при помощи языка. В лингвистической теории это противоречие нашло свое отражение в различении понятий пропозиции и модуса.

Пропозиция понимается как семантический инвариант, общий для всех модификаций данного предложения, включая также его номинализации [1]. Она есть константа, стоящая за всеми семантически тождественными синтаксическими конструкциями. Например: *Der Lehrer fragte den Studenten nach seinem Befinden; Der Student wurde (vom Lehrer) nach seinem Befinden gefragt; die Frage (des Lehrers) (an den Studenten) nach dessen Befinden* и т.д., представляя собой разные высказывания, восходят к одной и той же пропозиции как к константе.

В то же время за одним и тем же высказыванием могут стоять разные пропозиции. В последнем отношении показателен ставший классическим пример: *Die Einladung des Dichters bereitete uns großes Vergnügen*, где форма родительного надежа допускает интерпретацию и в качестве инициатора события, и в качестве его объекта (ср.: 'писатель пригласил нас' и 'кто-то пригласил писателя').

Эти хорошо известные из теории генеративной трансформационной грамматики факты показывают, что основа пропозиции лежит не столько в идиоэтнических особенностях языка, сколько во внеязыковой действительности. Тем самым за исходную посылку принимается изоморфизм семантико-синтаксической структуры пропозиции структуре факта. Этим обусловливается фиксированность, стабильность пропозиции. Нетрудно заметить, что понятие пропозиции при таком его истолковании в основном совпадает с понятием глубинной структуры, введенным генеративной грамматикой.

Вместе с тем совершенно очевидно, что изложенный подход в известной мере умаляет активную роль человеческого сознания в отражении действительности. Так, несомненно, что за приводимыми ниже двумя парами немецких высказываний стоят два объективных факта:

Albert ist Schüler der ersten Klasse - Albert geht in die erste Klasse; Röntgen ist der Entdecker von X-Strahlen - Der Entdecker von X-Strahlen ist Röntgen.

Однако каждый из фактов представлен в сознании двумя способами (хотя таких способов может быть намного больше), что отражается в различных пропозициях. Таким образом, учитывая наличие у языка мыслеоформительной (так наз. креативной) функции, следует скорее полагать, что основу структуры пропозиции образует прежде всего структура логического суждения как определенного способа субъективного отражения объективной действительности. Поэтому неудивительно, что первоначально термин «пропозиция» был применен логиками, а уже затем получил распространение в лингвистической науке.

Понятию пропозиции как постоянного начала высказывания противопоставляются **понятия модуса и трансформации**, составляющих его переменное начало. Если для выделения пропозиции важно выявить основные типы объективных фактов и отражающие их типы суждений, то при выделении модуса сосредоточиваются на тех языковых средствах, которые делают пропозиции конкретными высказываниями, связанными с контекстом и ситуацией. Аналогична роль трансформаций, к которым в теории генеративной грамматики относят также все явления сферы модуса.

Главные средства сферы модуса служат для передачи ориентации высказывания по отношению к адресанту и адресату, для передачи отношения адресанта к своему высказыванию, для передачи отношения высказывания к моменту речи, для актуализации высказывания.

В заключение настоящей статьи остается только заметить, что аналоги понятий пропозиции и модуса достаточно давно существовали в лингвистике. Ими являются, в частности, соответственно понятия объективных и субъективных категорий у А. М. Пешковского [7, с.8], а также понятия отражательных и интерпретационных категорий у А. В. Бондарко [3, с. 8]. Состав категорий модуса более многообразен и специфичен, нежели состав категорий пропозиции, ибо последний обусловлен внеязыковой действительностью и сводится к относительно небольшому списку отношений, важнейшими из которых являются схема предложения, падеж и таксис.

ЛИТЕРАТУРА

1. Арутюнова, Н.Д. Пропозиция // Лингвистический энциклопедический словарь / Н.Д. Арутюнова. – М., 1990. – 707 с.
2. Арутюнова, Н.Д. Речевой акт // Лингвистический энциклопедический словарь / Н.Д. Арутюнова. – М., 1990. – 707 с.
3. Бондарко, А.В К проблеме соотношения универсальных и идиоэтнических аспектов семантики: Интерпретационный компонент грамматических значений / А.В. Бондарко // Вопросы языкознания. – 1992 - №3. – С. 5-21.
4. Гак, В.Г. Высказывание // Лингвистический энциклопедический словарь / В.Г. Гак. – М., 1990. – 707 с.
5. Зеленецкий, А.Л., Новожилова О.В. Теория немецкого языкознания / А.Л. Зеленецкий. – М.: Академия, 2003. – 400 с.
6. Москальская, О.И. Проблемы системного описания синтаксиса / О.И. Москальская. – М.: Высшая школа, 1981.- 176 с.
7. Пешковский, А.М. Русский синтаксис в научном освещении / А.М. Пешковский. – М., 1956.- 512 с.
8. Рождественский, Ю.В. Типология слова / Ю.В. Рождественский. – М., 1969.- 288 с.
9. Helbig G., Buscha J., Deutsche Grammatik – Stuttgart, 2017. – 654 S.
10. Jung W., Grammatik der deutschen Sprache – Leipzig, 1971. – 518 c.

ВЫСКАЗЫВАНИЕ КАК КОММУНИКАТИВНЫЙ АКТ

Высказывание представляет собой речевой знак, означающим которого является лексико-грамматико-интонационная структура предложения, а означаемым - соотносящийся с ним отрезок действительности со всеми его элементами, характеристиками, связями, условиями общения. Таким образом, как своего рода минимальный текст, высказывание соотносимо с предложением, но отличается от последнего прежде всего тем, что рассматривается в связи с контекстом в самом широком смысле этого слова. Это вызвано стремлением по возможности адекватно описать речевое общение, чтобы получить основу для дальнейшего обучения ему, чтобы представить систему языковых средств не как некоторую застывшую схему, но в ее функционировании.

Означаемое высказывания – это его семантика, содержание. Оно непосредственно связано с контекстом, ситуацией, теми общими знаниями, которыми обладают участники речевого акта (так называемой пресупозицией).

Понятию пропозиции как постоянного начала высказывания противопоставляются понятия модуса и трансформации, составляющих его переменное начало. Если для выделения пропозиции важно выявить основные типы объективных фактов и отражающие их типы суждений, то при выделении модуса сосредоточиваются на тех языковых средствах, которые делают пропозиции конкретными высказываниями, связанными с контекстом и ситуацией. Аналогична роль трансформаций, к которым в теории генеративной грамматики относят также все явления сферы модуса. Аналоги понятий пропозиции и модуса достаточно давно существовали в лингвистике. Состав категорий модуса более многообразен и специфичен, нежели состав категорий пропозиции, ибо последний обусловлен внеязыковой действительностью и сводится к относительно небольшому списку отношений, важнейшими из которых являются схема предложения, падеж и таксис.

Ключевые слова: *высказывание, пресуппозиция, минимальный текст, предложение, идиоэтические черты, пропозиция, способ членораздельности, модус, трансформация.*

ГУФТОР ҲАМЧУН ШАКЛИ МУОШИРАТ

Гуфтор нишонаи сухан аст, ки аломати он сохти луғавӣ-грамматикӣ ва интонатсионии ҷумла буда, ифодакунандаи порчаи воқеиятест, ки бо тамоми унсурҳо, хусусиятҳо, алоқаҳо, шароити муошираташ ба он мувофиқат мекунад. Ҳамин тариқ, гуфтаҳо ҳамчун як навъ матни минималӣ ба ҷумла иртибот доранд, вале аз ҷумла, пеш аз ҳама, бо он фарқ мекунанд, ки дар робита бо контекст ба маънои васеи калима баррасӣ мешаванд. Ин ба он вобаста аст, ки муошират шифоҳӣ ба таври кофӣ тавсиф карда шавад ва барои ба даст овардани замина ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи он, системаи воситаҳои забонро на ба мисли баъзе нақшаҳои карахтшуда, балки дар фаъолияти худ бояд ифода намуд.

Аломати гуфтор семантика ва мазмуни он мебошад. Вай бевосита ба мазмун, вазъият, дониши умумие, ки иштирокчиёни амали нутқ доранд (ба истилоҳ пресуппозитсия) алоқаманд аст.

Мафҳуми пропозитсия ҳамчун ибтидои доимии баён ба мафҳумҳои модус ва трансформатсия ибтидои тағйирёбандаи онро ташкил медиҳад. Агар барои ҷудо кардани пропозитсия навъҳои асосии далелҳои объективӣ ва навъҳои ҳукмҳое, ки онҳоро инъикос мекунанд, муҳим бошад, пас, ҳангоми таъкиди шева, онҳо ба он воситаҳои забонӣ тамаркуз мекунанд, ки пропозитсияҳоро баёнияҳои мушаххаси марбут ба контекст ва вазъият месозанд. Нақши тағйирот шабеҳ аст, ки дар назарияи грамматикаи генеративӣ ҳамаи падидаҳои соҳаи модус низ ба онҳо ишора шудааст. Аналогҳои мафҳумҳои пропозитсия ва модус дар забоншиносӣ кайҳо боз вуҷуд доранд. Таркиби категорияҳои модусӣ нисбат ба таркиби категорияҳои пропозитсия гуногунтар ва мушаххастар аст, зеро охирин ба воқеияти экстралингвистӣ вобаста буда, ба номгӯйи нисбатан хурди муносибатҳо оварда шудааст, ки муҳимтарини онҳо схемаи ҷумла, ҳолат ва таксис мебошад.

Калидвожаҳо: *гуфтор, фарзия, матни минималӣ, ҷумла, хусусиятҳои идиоэтикӣ, пропозитсия, тарзи ҷудоаъзогӣ, модус, транформатсия.*

UTTERANCE AS A COMMUNICATIVE ACT

An utterance is a speech sign, the signifier of which is the lexical, grammatical and prosodic structure of the sentence and the signified is the corresponding segment of reality with all its elements, characteristics, connections, communication conditions. Thus, as a kind of minimal text, an utterance is related to a sentence, but differs from the latter primarily in that it is considered in connection with the context in the broadest sense of the word. This is caused by the desire to adequately describe speech communication as much as possible in order to obtain a basis for further training in it, to present the system of linguistic means not as some frozen scheme, but in its functioning.

The signified of an utterance is its semantics, its content. It is directly related to the context, the situation, the general knowledge possessed by the participants in the speech act (the so-called presupposition).

The concept of proposition as a constant beginning of an utterance is contrasted with the concepts of modus and transformation, which make up its variable beginning. If in order to highlight the proposition, it is important to identify the main types of objective facts and the types of judgments that reflect them, and then when highlighting the modus, they focus on those linguistic means that make propositions specific utterances related to the context and situation. The role of transformations is similar, to which all phenomena of the modus sphere in the theory of generative grammar also belong. Analogues of the concepts of proposition and modus have existed in linguistics for a long time. The composition of modus categories is more diverse and specific than the composition of proposition categories, for the latter is conditioned by extra-linguistic reality and is reduced to a relatively small list of relations, the most important of which are the sentence scheme, case and taxis.

Keywords: *utterance, presupposition, minimal text, sentence, idio-ethic features, proposition, method of articulation, modus, transformation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шукурова Т.Ф. *– Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Тел.: 931 85 01 85, E-mail: shukurova@bk.ru*

Сведения об авторе: Шукурова Т.Ф. *– Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, доцент кафедры иностранных языков. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33. тел.: 931 85 01 85, E-mail: shukurova@bk.ru*

Information about the author: Shukurova T.F. *– Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Foreign Languages. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Said Nosir, 33. Phone: 931 85 01 85, E-mail: shukurova@bk.ru*

ТДУ: 891.550

ТАЪСИРПАЗИРИИ АШЪОРИ САЙИД ЗАМОНИДДИНИ АДИМИ ШУҒНОНӢ АЗ МУХАММАСОТИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Давлатбеков Л. М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Миробид Сайидои Насафӣ, чунон ки аз таркиби номаш маълум аст, дар шаҳри Насаф – Қаршии ҳозираи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст ва тамоми умри ӯ дар шаҳри Бухоро гузаштааст. Сайидо аз намояндагони машҳури сабки ҳиндии асри XVII, доираи адабии Бухоро маҳсуб мешавад ва дар адабиёти тоҷик ҳамчун устоди мухаммас шинохта шудааст. Агарчи ин шоир дар таърихи адабиётамон чун устоди мухаммас шинохта шуда бошад ҳам, вале муҳаққиқони ин жанри лирикӣ иддао доранд, ки мухаммас дар асри XII пайдо шуда, намояндагони афкори хоси назарӣ, ба монанди Хоҷа Насириддини Тӯсӣ, Шамси Фахрӣ, Тоҷалҳаловӣ, Шарафиддини Ромӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ва дигарон доир ба он андешаҳо баён намуда буданд [4; 5; 6; 9;].

Бо вуҷуди ин гуфтаҳо, муҳаққиқони жанри номбурда низ зикр намудаанд, ки инкишофи жанри мухаммас, бахусус, мухаммаси тазмин ба фаъолиятҳои эҷодии Сайидои Насафӣ рабт дорад. Шоҳзамон Раҳмонов дар пажуҳиши хеш, ки «Мусаммат, ташаккул ва таҳаввули он» ном дорад, инкишофи мусаммати тазмину назираро пас аз асри XV мансуб дониста, омили инкишофи онро ба таври зайл қайд намудааст: «Сабаби ба мухаммасу мусаддас зиёд эътибор додани шоирон ва зиёд тазмин кардани ғазалиёти онҳо, ба фикри мо, аз як тараф, аз он иборат аст, ки шоирон барои пинҳонӣ дар зери пардаи ақидаҳои шоирони пешин зикр кардани андешаҳои худ мекӯшиданд ва маҳз ба он ғазалҳое, ки замонавӣ, ҳиссиётпарвар, димоғовар, маҳрами роз буданд, ручуъ мекарданд. Шоирон барои мусаммати тазмину назира он ғазалҳоеро интихоб мекарданд, ки ба дилу дида ва ақидаҳои иҷтимоияшон наздикӣ дошта ва мувофиқ буданд» [7, с. 117].

Ин муҳаққиқ таъкид мекунад, ки дар бораи адади мухаммасоти Сайидо ва тартибу тадвинашон ақидаи ягона вуҷуд надорад ва, умуман, мухаммасоти ин шоири ҳунарманд ба дурустӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст [7, с. 117].

Мухаммаснависӣ, махсусан, бар ғазали шоирони дигар бастани мухаммас баъди асри XV инкишоф ёфт, вале таълифи ин жанр душвориҳои махсус дошт. Саъдоншо Имронов дар як мақолае, ки роҷеъ ба мусаммати мухаммас навиштааст, қайд мекунад, ки «дар адабиёти классикии тоҷик мухаммасбандӣ низ ҳамчун назирагӯйӣ як навъ озмоиши табъ аст. Намунаи чунин озмоишро устод Айнӣ дар қисми III «Ёддоштҳо» дар мисоли Ҳайратро имтиҳон кардани Шарифҷон- махдуми Садри Зиё нишон додааст» [3, с. 90].

Бояд қайд намуд, ки мухаммаснавис бояд, воқеан, устоди касби худ, яъне устоди сухан буда, аз қонуниятҳои мухаммасбандӣ, комилан, огоҳ бошад. Ҳамин ҷиҳатҳоро ба инобат гирифта, устод Айнӣ дар мактуби худ ба А. Мирзоев чунин навиштааст: «Мухаммас вақте бомуваффақият мебарояд, ки мухаммаскунанда мазмуни асосии ғазали мухаммасшавандаро, комилан, нигоҳ дорад ва он мазмунро пурра кунад ва, инчунин, мисраъҳои мухаммаскунанда ба мисраъҳои мухаммасшаванда ба таври узвӣ часпад» [4, с. 116].

Талаботи мухаммаснависӣ бо суханҳои дар иқтибоси боло оварда ҳанӯз кофӣ нест, зеро таълифи ин жанри лирикӣ ба шартҳои дигар низ марбут аст. Тавре ки академик А. Мирзоев қайд мекунад: «Дар мухаммас шоир бояд чи дар вазн, қофия, шакл, мазмун ва дигар санъатҳои бадеӣ пайравии соҳиби ғазалро бикунад, зеро ин шарти асосист, бояд дар байни мисраъҳои мухаммаскунанда ва соҳиби ғазал як мувофиқати том бошад. Аз ин сабаб, шоир дар мухаммас монанди ғазал озод нест ва то дараҷае маҳдуд мебошад» [5, с. 105]

Мусаллам аст, ки ашъори Сайидои Насафӣ ва, махсусан, мухаммасоти ӯ дар даврони зиндагӣ ва хоса баъди вафоташ ба тамоми ҳавзаҳои адабии форсизабонон таъсир намуда, омили инкишофи жанри мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Мухаммаснависӣ, махсусан, мухаммаси тазмин баъди Сайидо дар ҳавзаҳои адабии Фарғонаву Бухорои Шарқӣ чун Ҳисору Бадахшон ва маҳалҳои дигари форсизабон шоеъ гардида буд, вале ин ҷо як чизро бояд қайд намуд, ки ин жанри номбурда бештар дар марказҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ рушд намудааст, зеро дар ин марказҳо шоирони касбӣ фаъолият менамуданд.

Доир ба инкишофи жанри мухаммас дар ҳавзаи адабии Бадахшон баъзе андешаҳо баён гардида бошанд ҳам, масъалаи мавриди таваҷҷуҳ ҳанӯз, комилан, ҳал нашудааст [1; 2; 10;].

Дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқон А. Абибов ва Н. Шакармамадов таҳқиқгари мусаммат Шоҳзамон Раҳмонов омилҳои инкишофу такомули жанри мухаммасро қайд намуда, вусъати онро аз ҷониби намояндагони доираи адабии Бадахшон ва Ҳисор ба таври зайл қайд намудааст: «Доираҳои адабии Бадахшон (Мухлис, Муборак, Махфӣ, Ҷаъфарӣ, Мирзо Ибод, Шоҳфутур, Ҷирмӣ, Муллои Темӣ, Одили Шуғнӣ…) дар доираи адабии Ҳисор (Ҳасрат, Парӣ, Ирсӣ, Ҷазбӣ, Розӣ, Дабир, Хатиб, Холӣ…) боиси ривоҷу равнақ ёфтани мухаммас шуданд» [7, с. 113].

Яке аз шоирони соҳибдевони Бадахшон Сайид Замониддини Адими Шуғнонӣ мебошад, ки соли 1904 дар мавзеи Хӯҷаободи қишлоқи Хуфи ноҳияи Рӯшони Ҷумҳурии Тоҷикистони кунунӣ таваллуд шуда, соли 1933 бар асари таъқиботи руҳониён оилаи онҳо сарҳадро убур намуда, ба вулусволии Шуғнони Афғонистон мегурезанд. Шоир соли 2001 дар он ҷо аз дунё мегузарад. Дар девони «Ашки ҳасрат»-и шоир, ки аз ду қисм иборат аст, 13 мухаммас дарҷ ёфтаанд, ки аз онҳо 8-то мухаммаси озод ва панҷтоаш мухаммаси тазмин мебошанд. Теъдоди бандҳои мухаммасоти тазмин ба таври зайл мебошад: Мухаммаси аввал аз 7 банд, дуюм 5 банд, сеюм 5 банд, чорум 7 банд, панҷум 7 банд. Тавре ки мушоҳида гардид, бандҳои мухаммасоти тазмини Адим аз ҳафт банд зиёд нест ва ин мухаммасҳои номбурда чунин сарлаҳагузорӣ шудаанд: «Мухаммас бар ғазали Абулмаонӣ ҳазрати Бедил», «Мухаммас бар ғазали Шифоӣ», «Мухаммас бар ғазали Қассоб», «Мухаммас бар ғазали Бедил», «Мухаммаси Адим бар ғазали Абдулвоҳиди Риштаи Бадахшонӣ». Чунонки мушоҳида намудем, ду мухаммаси Адим бар ғазали Бедил навишта шудаанд ва се мухаммаси тазмин бар ғазалиёти шоирони дигар. Мусаллам аст, ки Адим аз ғазалиёти Бедил шеърҳоеро интихоб намудааст, ки аз лиҳози завқи маънисозию тарзи адои фикру андеша ба услуби ҳуд ҳамоҳангие дошта бошанд. Дар «Девон»-и Сайидо, ки 64 мухаммас ҷамъ омадаанд, аксари онҳо бар ғазалиёти Соиби Табрезӣ баста шудаанд. Академик Абдулғанӣ Мирзоев дар таҳқиқоти хеш ба ғазалҳои Соиб, Ҷомӣ, Мушфиқӣ, Ҳофиз, Ҳилолӣ, Мӯҳташам, Урфӣ, Ваҳшӣ, Бадеъ, Назирӣ, Осафӣ, Рафеъ, Санҷар, Ироқӣ, Мӯъмин, Анқо, Ҳайдар, Толиб, Ҷомеъ, Фиғонӣ, Адо, Шонӣ, Калим, Ориф ва дигарон мухаммас бастани Сайидоро қайд намуда, таъкид мекунад, ки шоир бар ғазалиёти ҳеҷ як аз намояндагони охирини сабки ҳиндӣ (Носиралӣ, Бедил, Қосимбек ва ғайра) мухаммас набастааст ва сабабашро қайд намекунад [5, с. 38- 40].

Дар байни мухаммасҳои тазмини Адим нахустин мухаммас бар ғазали Абулмаонӣ Бедил навишта шудааст. Ин мухаммас аз ҳафт банд иборат аст. Қобил ба ёдоварист, ки Адим аз ашъори Бедил ғазалеро интихоб кардааст, ки он аз ашъори душворписанди Бедил як андоза тафовут дошта, ба услуби Адим умумият дорад. Аз ин рӯ, байтҳои иловагардидаи Адим, аз назари инҷониб, бо абёти ғазали Бедил ҳам аз нигоҳи вазн ва ҳам аз лиҳози муроди ғоявӣ тавъам мебошад. Таваҷҷуҳи Адими Шуғнониро дар ғазали Бедил на масъалаҳои ишқу ошиқӣ ва тасвирҳои марбути он, балки ҳамду санои Худованду наъти Пайғамбари ислом ҷалб намудааст ва аз ин ҷиҳат муроди ғоявии шоири мухаммаскунандаро ифода карда метавонад:

Ба дил гуфтам, чӣ мебояд пас аз ҳамду сано моро,
Хирад чун ҳотифи ғайбӣ ҳамедод ин нидо моро,
Нафас то дар қафас боқист, ҳаст ин муддао моро,
Ду рӯзе фурсат омӯзад дуруди Мустафо моро,
Ки пеш аз марг дар дунё биёмурзад Худо моро.

Зи табъам ин сухан чун бодаи софӣ сафо ҷӯшад,
Муҳаббат аз хуми хумхонаи Оли Або ҷӯшад,
Мудом аз соғари ишқи шаҳиди Карбало ҷӯшад,
Агар имрӯз дил бо хоки роҳи Муртазо ҷӯшад,
Кунад маҳшури фардо фасли Ҳақ бо истифо моро…

Адимо, мар ҳақоиқро бувад чун муқтадо Бедил,
Ба дарёи маонӣ буда, алҳақ ошно Бедил,
Чӣ дар сифт аст андар жарф баҳри муддао Бедил,
Ба урёнӣ касе огаҳ набуд аз ҳоли мо, Бедил,
Чӣ расвоӣ, ки омад пеш дар зери қабо моро [8, с. 132].

Чун дар байти охири банди аввал, ки ибораи «дуруди Мустафо» аз мисраи чорум ва ниммисраи «биёмурзад Худо» аз мисраи панҷум мавриди корбурди Абулмаонӣ Бедил қарор гирифтаанд, шоири мухаммаснависро водор намудаанд, ки ӯ дар мисраъҳои иловакардаи худ руҳияи андеша ва фазои маънавии байти Бедилро нигоҳ дошта, тибқи талаботи мантиқ ба меҳвари маънибандӣ калимаҳои «хирад», «ҳамду сано», «ҳотифи ғайбӣ», «нидо»-ро ворид намудааст, то ки дар се мисраи илова фазои маъноии байти Бедил падид ояд ва азбаски дар байти охири банди дуюм калимаи «Муртазо» мавриди истифода қарор гирифтааст, дар мисраъҳои иловакардаи Адим ибораҳои «Оли Або» ва «шаҳиди Карбало» мантиқан як навъ комилкунандаи маънои байти Бедил мебошанд.

Аз мушоҳидаҳои инҷониб Адим дар мисраъҳои иловакардаи худ муҳити маънавии байтҳои Бедилро, ки аз лиҳози талаботи маънисозӣ он қадар мураккаб нестанд, комилан, риоя кардааст. Ба таври дигар, се мисраи ҳар банди ин мухаммас дар худ мухторияти комил надоранд, зеро онҳо ҳам аз ҷиҳати маънӣ ва ҳам аз ҷиҳати шакл, истифодаи васоити шоирона, корбурди калимаҳои қофия ва радиф тобеи байтҳои ғазали Бедил мебошанд. Байтҳои охири ҳар банди мухаммас, ки бори асосии маъниро мекашанд, ин ҷо мантиқан хусусияти тобеъкунандагиро буруз намудаанд ва мисраъҳои иловакардаи шоир агарчи тамомияти маънавию синтаксисӣ дошта бошанд ҳам, нисбат ба тамомияти байти ғазали Бедил ноқисанд ва қобили зоҳир кардани мазмуну маънии махсус нестанд, онҳо руҳияи тобеъшавандагӣ дошта, маънии байти охири ҳар бандро комил мекунанд.

Ғазали дигаре, ки Адим ба он мухаммас бастааст, низ ба қалами Бедил тааллуқ дошта, аз ҳафт банд иборат аст. Аз рӯйи тарзи баён ва хусусиятҳои сабку услуби мухаммас пайдост, ки шоир Адим ба як ғазали нисбатан осонфаҳму равон ва мазмунан дур аз сабки ҳиндӣ таълифкардаи Бедил мухаммас бастааст ва мо барои намуна чанд банди он мухаммасро меорем:

Чаро, ай нафси ҳайвонӣ, мубарро аз ҳаё гаштӣ,
Набинӣ мунҳариф, аз роҳи мардони Худо гаштӣ,
Ғалат кардӣ, савобе монда бар роҳи хато гаштӣ,
Чаро, ай дил, ба доғи бетамизӣ мубтало гаштӣ,
Кадомин парда чашмат баст, к-аз таҳқиқ вогаштӣ.

Нашуд афсурда, ай дил, оташи ҳирсу таманноят,
Фурӯ печида то ҷурми қамар ин дуди савдоят,
Зи худхоҳӣ рамад бардошт нури чашми биноят,
Ғубори ҳарзагардиҳои ғафлат шуд саропоят,
Зи маънӣ сурма бино карда ҳосил тӯтиё гаштӣ.

Кӣ буд, ай булҳавас, к-ӯ раҳнамои ин сабилат шуд,
Кӣ буд андар ҳимоят ҳомии нафси залилат шуд,
Чаро умри гиромӣ ҳабту забту қолу қилат шуд,
Кадомин ғул дар саҳрои гумроҳӣ далилат шуд,

К-аз инсонӣ гузаштӣ, толиби мардумгиёҳ гаштӣ…

Ба авҷи боми иззат чанд кардам парфишониҳо,
Надидам ҳосиле ҷуз ранҷу дарди нотавониҳо,
Чи некӯ гуфта Бедил аз камоли нуктадониҳо,
Мабодо заврақи кас ғарқаи ноқадрдониҳо,
Ки дарё дар канорат буду маҳви нохудо гаштӣ.

Адим ҳар чанд арвоҳ аст, бо аҷсод ҳамгавҳар,
Кафи дарё вале бо оби дарё кай шавад ҳамсар,
Дар ин маънӣ нигар Бедил нукоте гуфта аввалтар,
Ҳубоби пуч мағзи нақш бастӣ охир, ай гавҳар,
Дил андар ҷайби тамкин доштӣ, Бедил, чаро гаштӣ [8, с. 139].

Тавре ки ба назар мерасад, мухаммаси дуюми Адим, ки бар ғазали Бедил навишта шудааст, агарчи аз лиҳози баёни фикру андеша он қадар душворписанд набошад ҳам, назар ба мухаммаси аввал аз ҷиҳати гузориши мавзуву масъала ва муроди ғоявӣ ҷиддитар аст. Дар байтҳои Бедил масъалаҳои аз роҳу тариқи талаботи инсонӣ дур рафтани шахс ва ба доми ҳавасҳои касифи ҷисмонӣ ва ба саҳрои гумроҳӣ мубтало гаштани ӯ ва амсоли инҳо на бо услуби душворбаёни ин намояндаи машҳури охири сабки ҳандӣ, балки бо равиши муқорини сабки ироқӣ андеша ва мақсади муаллиф баён гардидааст, ки аз рӯйи ҳамин равиш ва тариқи баён мисраъҳои тахмисӣ ба низом даромадаанд.

Агар матлабро хулоса кунем, чунин натиҷаҳо ба даст меоянд:

1. Сайидои Насафӣ устоди жанри мухаммас буда, таъсири фаъолияти эҷодии ӯ баъдтар ҳамаи ҳавзаҳои адабии Бухорои шарқӣ ва доираҳои фарҳангии форсизабони Афғонистону Эронро низ фаро гирифта буд.
2. Дар доираи адабии Бадахшон ҳам бисёр шоирон зери таъсири эҷодиёти Сайидо ба мухаммаснависӣ машғул буданд.
3. Сайид Замониддини Адими Шуғнонӣ дар партави мухаммасҳои Сайидо чанд мухаммаси тазминӣ эҷод намудааст, ки дутои онҳо бар ғазалҳои Бедил навишта шудаанд.
4. Мусаллам аст, ки Адим аз ғазалиёти Бедил ғазалҳоеро интихоб намудааст, ки аз лиҳози маънисозию тарзи адои фикру андеша ба услуби худ ҳамоҳангие дошта бошанд.

Адабиёт:

1. Абибов, А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон / А. Абибов. – Душанбе, 1971. – 196 с.
2. Давлатбеков, Л. Рӯзгор ва осори шоирони Бадахшон / Л. Давлатбеков. – Душанбе, 2014. – 179 с.
3. Имронов, С. Назаре ба мусаммати мухаммас / С. Имронов // Садои шарқ.- 1983.- № 4.
4. Мактуби С. Айнӣ ба рафиқ Абдулғанӣ Мирзоев аз 31 январи соли 1949 // Садои Шарқ. – 1978.- № 4. - С.116.
5. Мирзоев, А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик / А.Мирзоев. – Сталинобод, 1947. – С. 61-76.
6. Мусулмонқулов, Р. Асрори сухан / Р. Мустафоқулов. – Душанбе: Ирфон, 1980.
7. Раҳмонов, Ш. Мусаммат, ташаккул ва таҳаввули он / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 172 с.
8. Сайид Замониддини Адими Шуғнонӣ. Ашки ҳасрат. – Содиқобод, Роулпандӣ, Покистон, 2001. -258 с.
9. Ҳакимов, Д.Р. Формирование жанра мухаммаса в персидско-таджикской дитературе XII – XIX вв.: автореф.дисс. канд. филол. наук / Д.Р. Ҳакимов. – Душанбе, 2017. – 23 с.
10. Шакармамадов, Н. Назми халқии Бадахшон / Н. Шакармамадов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 126 с.

ТАЪСИРПАЗИРИИ АШЪОРИ САЙИД ЗАМОНИДДИНИ АДИМИ ШУҒНОНӢ АЗ МУХАММАСОТИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Дар мақола муаллиф роҷеъ ба таъсири мухаммасоти шоири асри XVII, доираи адабии Бухоро Сайидои Насафӣ ба ашъори шоирони ҳавзаҳои адабии Бухорои Шарқӣ ва хоса доираи адабии Бадахшон баҳс менамояд. Муаллиф дар заминаи ковиши илмии таҳқиқгарони ин жанри лирикӣ андешаеро баён намудааст, ки тибқи он таълифи мухаммаси тазмин як навъ робитаи эҷодии шоирони даврaҳои гуногун ва як навъ озмоиши табъ буда, аз уҳдаи иҷрои он шоири қудратманд ва дорои табъи салим баромада метавонад.

Мутобиқи ковиши илмии муаллифи мақола Сайид Замониддини Адими Шуғнонӣ аз шоирони соҳибдевони Бадахшон маҳсуб шуда, дар баробари эҷоди қасидаву ғазал, рубоӣ, маснавӣ, тарҷеъбанду таркиббанд, анвои гуногуни мусамматро таълиф намудааст, ки дар байни онҳо сенздаҳ мухаммас мавҷуданд, ки ҳаштои онҳо мухаммасҳои озод ва панҷтояшон мухаммаси тазмин мебошанд.

Тибқи таҳқиқоти муаллифи мақола шоир дар мухаммасҳои тазмин кӯшиш намудааст, ки услуби муаллифи ғазалро нигоҳ дошта, абёти хешро мутобиқи талаботи мазмун ва мундариҷаи байтҳои шоири аввал ба меҳвари маънибандӣ ворид намояд ва то ҷое комёб ҳам гардидааст.

Аз андешарониҳои муаллифи мақола пайдост, ки шоир Сайид Замниддини Адими Шуғнонӣ суннати адабии пешиниёнро идома дода, дар таълифи мухаммаси тазмин табъи салим ва неруи кофӣ дорад ва бар ғазали шоирони гуногун, махсусан, Абулмаонӣ Бедил мухаммас бастааст.

Калидвожаҳо: *мухаммас, жанр, лирика, вазн, қофия, шакл, мазмун, тазмин, назира, доираи адабӣ, сабки адабӣ, тарзи баён, бандҳои мухаммас, Сайидои Насафӣ, Абулмаонӣ Бедил, Сайид Замониддини Адими Шуғнонӣ.*

ВЛИЯНИЕ ПОЭЗИИ САЙИДА ЗАМОНИДДИНА АДИМИ ШУГНОНИ НА ПОЭЗИЮ САЙИДО НАСАФИ

В статье автор рассматривает влияние поэта XVII века литературной сферы Бухары Сайидо Насафи на стихи поэтов литературных районов Восточной Бухары и особенно литературной сферы Бадахшана. В контексте научных изысканий исследователей этого лирического жанра автор высказал мнение, согласно которому важное сочинение Тазмина является своего рода творческой связью поэтов разных периодов и своеобразной проверкой вкуса и с этим справиться сильный и добродушный поэт.

По мнению автора статьи, Сайид Замониддин Адими Шугнони является одним из поэтов Бадахшана и наряду с созданием од и газелей, рубаи, маснави, таджибанд и композиций он сочинял разные виды мусаммат, среди которых тринадцать мухаммас, из них восемь вольных мухаммас и пять из них тазмин мухаммас.

Согласно исследованиям автора статьи, поэт старался сохранить стиль автора газели, ввести свои стихи в соответствии с требованиями содержания стихов первого поэта в смысловую ось, и это ему в какой-то степени удалось.

По мнению автора статьи, поэт Сайид Замниддин Адими Шугнани продолжил литературную традицию своих предшественников, у него здоровый темперамент и достаточно энергии в сочинении тазмин мухаммасов и писал мухаммы на газели разных поэтов, особенно Абульмаона Бедиля.

Ключевые слова: *мухаммас, жанр, лирика, ритм, рифма, форма, содержание, тазмин, назира, литературный круг, литературный стиль, манера выражения, мухаммас, Сайидо Насафи, Абульмаон Бедиль, Сайид Замониддин Адими Шугнони.*

INFLUENCE OF SAYYID ZAMONIDDIN ADIMI SHUGNONI'S POETRY ON THE POETRY OF SAYYIDOI NASAFY

In the article, the author discusses the influence of the poet of the XVII century in the literary circle of Bukhara Said Said Nasaf on the poetry of poets of the literary districts of Eastern Bukhara,

and especially the literary circle of Badakhshan. On the basis of scientific research of researchers of this lyrical genre, the author has expressed the opinion that composing a complex is a kind of creative connection between poets of different periods and a kind of experiment, and it can be performed by a powerful and healthy poet.

According to the author of the article, Sayyid Zamoniddin Adimi Shugnoni is one of the poets of Badakhshan. are guaranteed.

According to the research of the author of the article, the poet tried to preserve the style of the author of the ghazal, to include his verses in accordance with the requirements of the content of the first verses of the poet, and to some extent succeeded.

From the thoughts of the author of the article it is clear that the poet Sayyid Zamniddin Adimi Shugnoni continues the literary tradition of his predecessors, has a good temper and energy in composing muhammads and is devoted to the ghazals of various poets, especially Abulmaoni Bedil.

Keywords: *muhammas, genre, lyric, weight, rhyme, form, content, tazmin, nazira, literary circle, literary style, style of expression, muhammas, Sayyid Nasafy, Abulmaoni Bedil, Sayyid Zamoniddin Adimi Shugnoni.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Давлатбеков Лоло Мирзоевич – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 931924884.*

Сведения об авторе: *Давлатбеков Лоло Мирзоевич - Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 931924884.*

Information about the author: *Davlatbekov Lolo Mirzoevich - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992) 931924884.*

ТДУ: 82

БАҲСЕ ДАР ТАСҲЕҲ ВА МАТНШИНОСИИ НОМАҲОИ ҶОМӢ

Зоиров Ҳ.З.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар бораи дӯстии беназир, ҳамкорию ҳамфикрӣ, муносибатҳои устодию шогирдӣ, равобити адабӣ ва мукотиботи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ адабиётшиносони зиёди ватаниву хориҷӣ изҳори андеша намудаанд, ки китобҳои С.Айнӣ [1], Е.Э.Бертелс [3], А. Мирзоев [10], мақолаи Э.Р.Рустамов дар пешгуфтори китоби «Навоӣ ва Ҷомӣ»-и Е.Э.Бертелс [3, с.5-11], мақолаҳои Ш.Ҳусейнзода [14, с.183-190], А. Мирзоев [16, с.26-35], А.Афсаҳзод ва Юриф Малсев [2, с.288-302; 21, с.11-17], А.Ӯрунбоев ва А.Раҳмонов [21, с.19-92] ва ишороти кӯтоҳи А.Қаҳҳоров [16, с.5-7], М.Осимӣ [16, с.8-20], М.Турсунзода [16, с. 21-24], Б.Валихоҷаев ва Ш.Шукуров [16, с.93-105], А.Асроров [16, с.196-200], А.Чаковский [16, с.201-204], Саид Нафисӣ [16, с.211-212] аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дӯстии беназир, ҳамкориҳои судманд, робитаи адабӣ ва эҳтироми ин ду суханвар боз аз он ошкор мешавад, ки Мавлоно Ҷомӣ маҳз бо талабу дархости Амир Низомиддин Алишер ба таълифи «Нафаҳот-ул-унс» пардохта [19, с. 4; 20, с.3], дар «Баҳористон» пояи қадр, ҷоҳу ҳашамат, фазлу адаб, фазилати тавозуъ, қуввати табиату вусъати қобилияти Навоиро дар шеъри туркӣ ва форсӣ васф намуда, аз ҳунари ғазалсароӣ, маснависароӣ, қасидаву рубоисароӣ, хамсасароӣ ва муаммоҳои ӯ ба эҳтироми хос ёд карда [15, с.124-125; 18, с.108-109], дар номаҳо ва муншаот аз камоли шоирӣ, эҳтиром ва дӯстию рафоқате, ки байни онҳо роиҷ буд, сухан намудааст, ки дар ин хусус мо қаблан баҳс намуда будем [р.к: 4;5;6;7;8;9]. Аз ин рӯ, аз баёну такрори ин мавзуъ худдорӣ намуданро савоб медонем, зеро ба қавли Давлатшоҳ, беш аз ин «таърифи офтоб намудан тирагии ақл аст ва дар фазилати мушки ноб итноб аломати ҷаҳл» [13, с.454].

Лозим ба зикр аст, ки Мавлоно Ҷомӣ тибқи расму одоб ва шароити номанигорӣ, монанди Саноии Ғазнавӣ, Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ номаҳои худро мувофиқи ҳол, мақом ва фаҳми мухотаб нигоштааст. Мактубҳое, ки ба салотини рӯзгор, аҳли ҷоҳ ё ба Навоӣ аз номи бечораю дармондагон навиштааст, нисбатан кӯтоҳ, сода, ва оммафаҳм мебошанд [21, номаҳои №33, №42, №333, №336], дар мактуботе, ки ба султон Ҳусайн Бойқаро навишта шудаанд, бештар дуо ва васфи мухотаб мекунад [21, номаҳои №344, №349, №350, №352, 354, 355, 356, 357 ва ғ.], аммо номаҳое, ки ба унвонии Мир Алишер Навоӣ навишта шудаанд, арзиши зиёди адабӣ доранд ва бештар аз ҳунари нависандагӣ, шоирӣ, эҳтиром ва дӯстии онҳо хабар медиҳанд [21, номаи шумораҳои 2, 6, 7,8, 11, 13, 14, 16, 18, 28, 35, 42, 49, 74, 76, 87, 95, 98, 110, 132, 159, 163, 195, 280, 286, 288, 290, 317 ва ғ.]. Баёни арзиши адабӣ ва ҳусну қубҳи нусхаҳои чопии номаҳои суханварони мазкур баҳси ҷудоро тақозо мекунад. Аз ин нигоҳ, ин ҷо ба таври мухтасар пиромуни матншиносӣ ва аҳаммияти як номаи Алишер Навоӣ ва як номаи Мавлоно Ҷомӣ, ки ба унвонии ҳамдигар навиштаанд, баҳс хоҳем кард.

Дар қисми замимаи китоби «Номаҳо ва муншаоти Ҷомӣ» номаҳое ҷой доранд, ки ба унвони Абдураҳмони Ҷомӣ навишта шудаанд. Яке аз он мактубҳо номаи зерини Алишер Навоӣ дар ҷавоби мактуби Мавлоно Ҷомӣ мебошад, ки холӣ аз хатои матншиносӣ нест.

«Амир Алишер дар ҷавоби номаи Мавлоно Ҷомӣ навишта:

Эй бод, чу омадӣ зи сарманзили ёр,
Ҷонро бибару ба ҷойи ӯ соз нисор.
В-он гаҳ қадаре зи хоки пояш зинҳор
Баҳри ивази ҷони мани дилшуда ор.

Баъд аз убудийят маърузи ройи шарифи бандагони қудсиошён он, ки аҳволи фақир ба хайр гузарон аст ва ба ҷуз муфориқат аз мулозимати мулозимон, ки муҷиби давлати дунявӣ аст ва саодати ухравӣ ташвише нест. Умед он, ки он низ ба аҳсани вуҷуҳ муяссар гардад. Дигар илтимос аз бандапарварии бандагон он аст, ки гоҳе ба руқъае, ки ҳаёти ҷовидонӣ, балки

сармояи зиндагонӣ метавон гуфт, мубтаҳиҷ ва масрур созанд ва ба дуо ёд оранд. Зиёдат густохӣ ҳадди худ намедонад. Зиллу отифати ва ҳидояти мухаллади ва мустадоми» [21, с.291].

Алишер Навоӣ дар мақолати дувуми «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» ба номаи мазкур ишора намуда, мегӯяд, ки рубоии мазкурро дар роҳи Астаробод, аз даҳанаи Тахти Сулаймон ба Мавлоно Ҷомӣ ирсол карда ва Мавлоно Ҷомӣ дар ҷавоби он рубоии зерро фиристодааст. Чунонки гӯяд: «Фақир Астаробод йӯлида Тахти Сулаймон даҳанасидин алар хидматида бу рубоийни битиб эрдимким, рубоӣ:

Эй бод, дилам бишуд дигар ҷониби ёр,
Ҷон ҳам бибару ба пойи ӯ соз нисор.
В-он гаҳ қадаре зи хоки пояш бардор,
Баҳри ивази ҷони мани дилшуда ор.

Алар ҷавобида бу рубоийни битиб эрдиларким, рубоий:

Эй бод, чу омадӣ зи сарманзили ёр,
Омад ба дилам з-омаданат сабру қарор.
Н-омад ба қарор аз ин қадар ҷон зинҳор,
Ӯро бибару ба он ки донӣ бисупор» [21, с.325; 12, с.27].

Аз муқоисаи ин ду нусха маълум мешавад, ки дар замимаи китоби «Номаҳо ва муншаоти Ҷомӣ» рубоии мазкур ба гунаи ғалат ва омехта бо посухи Мавлоно Ҷомӣ оварда шудааст. Мисраи якум на сурудаи Алишер Навоӣ, балки сатри аввали рубоие аст, ки Мавлоно Ҷомӣ дар посухи он сурудааст. Дар сатри дувум ба ҷойи «**ҷон ҳам**» - «**ҷонро**», ивази «**ба пойи ӯ**»- «**ба ҷойи ӯ**» ва дар охири мисраи севум ба ҷойи «**бардор**» вожаи «**зинҳор**» омадааст, ки ба занни қавӣ баргирифта аз охири мисраи сеюми рубоии мазкури Ҷомӣ аст. Ба эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки нусхаи саҳеҳи рубоии Алишер Навоӣ ҳамон аст, ки дар «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» омадааст [21, с.325; 11, с.25-26; 12, с.27]. Зоҳиран, ин хато ҳини китобати номаи Мир Алишер аз ҷониби котиби нусхаи 296 (2278)-ум, ки аз посухи Мавлоно Ҷомӣ низ хабар дошт, рух намудааст. Таҳиягарони матн - Асомиддин Ӯрунбоев ва Асрор Раҳмонов дар қисмати тавзеҳоти китоб таъкид намудаанд, ки матни комили нома танҳо дар нусхаҳои 296 ва 2278 омада ва дар «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» танҳо оғози нома, яъне рубоӣ оварда шудааст [21, с.69], вале аз хатои матншиносии рубоии мавриди баҳс чизе нагуфтаанд. Аз ҷониби дигар, таҳиягарони матн ҳангоми таҳияи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» низ ба хатои мазкур эътибор надодаанд.

Аҳаммияти адабӣ ва матншиносии «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» боз дар аст, ки дар бораи мукотибот ва ашъори ҷавобияи Мавлоно Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ маълумоти пурқимат медиҳад. Чунончи, аз мақолати дувуми «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» маълум мешавад, ки руқъаи 366-уми Мавлоно Ҷомӣ [21, с.230] дар ҷавоби номаи Мир Алишер, ки аз Марв ирсол намудааст, навишта шудааст [21, с.318] ва руқъаи 367-ум [21, с.230] номаи баъдӣ аст, ки Мавлоно Ҷомӣ баъд аз чанд рӯзи номаи мазкур аз Ҳирот ба Марв ирсол кардааст ва посухи Навоӣ ба ашъори сурудаи он нома дар «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» оварда шудааст [21, с.318]. Аз «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» маълум мешавад, ки руқъаи 368-уми Ҷомӣ [21, с.230-231] дар посухи номае навишта шудааст, ки онро Мир Алишер баъд аз шунидани вафоти устод Ҳасан навишта ва дар он бо тазмин аз нахустбайти «Маснавии маънавӣ»-и Мавлонои Балхӣ абёти зерро овардааст:

Шарҳи ҳаҷри шоҳи устодон Ҳасан
«Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад».
Банд-банди ӯ ҷудо гашта зи ғам
«Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад» [21, с.319].

Лозим ба таъкид аст, ки Мир Алишер дар асари мазкур сурати комили номаи ҷавобияи Мавлоно Ҷомиро овардааст. Аз муқоиса ва муқобилаи руқъаи мавриди баҳс [21, с.230-231] бо матни номае, ки Мир Алишер дар «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» нақл намудааст [21, с.319], маълум гардид, ки байни онҳо андаке фарқ ҷой дорад. Руқъаи Мавлоно ин аст:

«Шуд найи хома диламро тарҷумон,
«Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад».

Бо забони тезу чашми ашкрез
«Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад».

Ҳикояти тамодии (тӯл додан, ба дарозо кашидан - З.Ҳ.) **айёми фироқ ва шикояти таволии** (паёпай расидан - З.Ҳ.) **оломи** (ҷ. алам, дардҳо, ранҷҳо- З.Ҳ.) **иштиёқ беш аз он аст, ки ба мададгории давоти даҳонбаста ва ба дастёрии хомаи забоншикаста дар тӯли ин нома арзи он мақдур бошад ва дар тайи ин саҳифа нашри он майсур** (саҳл, осон - З.Ҳ.)**. Лоҷарам, садди он боб карда, илтимос меравад, ки:**

Дар он соат, ки бе ташвиши ағёр,
Дар он фархунда маҷлис бошадат бор.
Заминбӯсе ба таъзиме, ки донӣ
Заминбӯси дуогӯён расонӣ.

Давлате аз интиҳо масун (маҳфуз - З.Ҳ.) **ва саодате аз инқитоъ** (гусастан – З.Ҳ.) **маъмун муяссар бод. Би-н-Набийи ва олиҳи-л-амҷоди**». [21, с.230-231; с.319].

Ҳангоми муқоиса ва муқобалаи руқъаи мазкур [21, с.230-231] бо нусхаи чопи форсии «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» [21, с.319], нусхаи баргардоншудаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» [12, с.19] ва тарҷумаи форсии он [11, с.21] фарқияти зиёд ба назар расид. Аз ҷумла:

1. Дар руқъаи 368-ум [21, с.231], нусхаи баргардоншудаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» [12, с.19] ва тарҷумаи форсии он [11, с.21] поёни мисраи сеюми абёти якум «**чашми ашкрез**» омада, вале дар нусхаи чопи форсии «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» «**чашми ашкбор**» сабт шудааст [21, с.319].

2. Ибораи «**ҳикояти тамодии**» дар чопи баргардоншудаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» ба иштибоҳ «**ҳикояти тамодин**» [12, с.19] ва дар тарҷумаи форсии он «**ҳикояти намодии**» [11, с. 21] омадааст.

3. «**Шикояти таволии оломи иштиёқ**» [21, с.231; 11, с.21], дар чопи баргардоншудаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» «**шикояти таволии лаёлии иштиёқ»** [11, с.19] ва дар чопи форсии он «**шикояти таволии оломи лаёлии иштиёқ»** [21, с.319] сабт шудааст.

4. Вожаи «**мададгории**» дар чопи баргардоншудаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» ба хато «**мадаргории**» нашр шудааст [12, с.19].

5. «**Ва ба дастёрии**» дар руқъаи мазкур «**ва дастёрии**» омада ва пешванди «ба» афтодааст [21, с. 231] .

6. «**Нашри он майсур**» [21, с.231] дар чопи форсӣ ва чопи баргардоншудаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» «**нашри он маншур**» [21, с.319; 12, с.19] ва дар тарҷумаи форсии «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» «**насри он майсур**» [11, с.21] сабт шудааст.

7. Дар чопи форсии «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» ивази «**карда**» вожаи «**кард**» омадааст [21, с.319].

8. Дар чопи баргардоншудаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» мисраи дувуми абёти баъдӣ ба шакли ««Дар он **фархунда мажлис** бошадат **ёр**» [12, с.19] ва дар руқъаи мавриди баҳс ««Дар он фархунда **маҷлис** бошадат **ёр**» [21, с.231] омада ва дар чопи форсии асари зикршуда ба шакли «Дар он фархунда **ҳазрат** бошадат **бор**» [21, с.319] сабт шудааст.

9. Дар чопи баргардоншудаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» дар мисраи сеюм ивази «**заминбӯсе**» ба иштибоҳ «**заминбӯйи**» чоп шудааст [12, с.19].

10. Дар чопи баргардоншудаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» [12, с.19] ва чопи форсии он [21, с.319] қабл аз қисмати дуо вожаи «**муяссар**» афтодааст.

11. Дар чопи баргардоншудаи «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» қисмати охири нома, ки дуои мухотаб ба забони арабӣ аст, ба назар намерасад [12, с.19].

Хулоса, аксари номаҳое, ки ин ду суханвар ба унвонии ҳамдигар навиштаанд, аз шахси дилсӯзу меҳрубон ва дастгири ниёзманду дармондагон, муҳточу дарвешон, маҳбусу бечорагон, занҳои заиф, толибилмон ва табақоти дигари ҷомеа будани Мавлоно Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ хабар медиҳанд ва аҳаммияти зиёди адабӣ ва тарҷумаиҳолӣ доранд. Аз омӯзишу таҳқиқ, муқоиса ва муқобалаи нусхаҳои чопии «Номаҳо ва муншаоти Ҷомӣ», ки шомили чанд номаи Мавлоно Ҷомӣ ба Алишер Навоӣ ва номаҳои Мир Алишер ба унвони Абдураҳмони Ҷомӣ аст, маълум мешавад, ки аксари номаҳо холӣ аз хатои матншиносӣ

нестанд ва ниёз ба тасҳеҳ ва нашрҳои илмӣ-интиқодӣ мебошанд. Ҳамчунин, нусхаҳои чопӣ, баргардоншуда ба хатти кириллӣ ва тарҷумаи форсии «Хамсат-ул-мутаҳаййирин»-и Алишер Навоӣ бехато нестанд. Аз ин рӯ, минбаъд дар асоси нусхаҳои хаттӣ ва боэътимод аз ҷониби матншиносони варзида таҳия намудани нусхаи илмӣ-интиқодии «Хамсат-ул-мутаҳаййирин»-и Алишер Навоӣ савоб хоҳад буд.

Адабиёт

1. Айнӣ, С. Алишер Навоӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1948. – 268 с.
2. Афсаҳзод, Аълохон. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 384 с.
3. Бертелс, Е. Э. Избранные труды. Навои и Джами. – М.: Наука, 1965. – 499 с.
4. Зоиров, Ҳ. Аҳамияти номаҳои Мавлоно Ҷомӣ/ /Маводи ҳамоиши байналмилалии «Ҷойгоҳи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар муколамаи фарҳангҳо» (Хуҷанд, 3-4 ноябри соли 2014). – Хуҷанд, 2014. – С. 124-132;
5. Зоиров, Ҳ. Ирфони Фонӣ // Таблаи аттор, қисми 2 (маҷмуаи мақолоти олимон, мутахассисони ҷавон ва аспирантон) – Хуҷанд, 2001. – С.69- 77.
6. Зоиров, Ҳ. Мусталаҳоти урафо дар ашъори Фонӣ // Мумтоз сӯз (Маводи анҷумани байналхалқии «Навоӣ ва асри XXI» ба ифтихори 560- солагии Амир Алишер Навоӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – С. 84-87
7. Зоиров, Ҳ. Номаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ба Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор ва муридони ӯ // Хусрави маҳрӯён (Маҷмуи мақолаҳо бахшида ба таҷлили 70-солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, дотсент Моҳинисо Каримова). –Хуҷанд: Меъроҷ, 2019. – С. 217-225
8. Зоиров, Ҳ. Хидмати номаҳо дар шинохти осори аслии Мавлоно Ҷомӣ //Паёми Донишкада /Махзани илм. Нашри махсус // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии апрелии донишҷӯён, магистрантон ва омӯзгорон дар мавзӯи «Инсон. Ҷамъият. Табиат. Илм» (30 апрели соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент). – С. 141-146.
9. Зоиров, Ҳ. Хидмати номаҳо дар шинохти осори аслии суханвар // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.- 2019.- №1 (78). – С. 122-126
10. Мирзоев, Абдулғанӣ. Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ (ба ҳуруфи кириллӣ ва арабиасос). –Душанбе: Ирфон, 1968. – 64 с.
11. Навоӣ, А. Хамсат-ул-мутаҳаййирин. Тарҷума аз туркии чағатойӣ Муҳаммад Нахҷувонӣ. Ба кӯшиши Маҳдӣ Фарҳонии Мунфарид/Номаи фарҳангистон, замимаи шумораи 12. – Теҳрон: Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, хурдод, 1381. – 62 с.
12. Навоий, А. Хамсат ул-мутаҳаййирин. www.ziyouz.com кутубхонаси. – 66 с.
13. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро/ Таҳияи Мухлиса Нуруллоева.–Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.
14. Ҳусейнзода, Ш. Навоӣ ва Ҷомӣ // Баҳс ва андеша. –Душанбе: Ирфон, 1964. – 264 с.
15. Ҷомӣ, А. Баҳористон. –Душанбе: Адиб, 1987. –160 с.
16. Ҷомӣ, А. Маҷмуаи материалҳои ҷашни 550-солагӣ. Муҳаррири нашр Раҳим Ҳошим. – Душанбе: Дониш, 1973. –236 с.
17. Ҷомӣ, А. Осор: Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди 8. – Душанбе: Адиб, 1990. – С. 299-430.
18. Ҷомӣ, А. Баҳористон. Ба тасҳеҳи дуктур Исмоил Ҳокимӣ. – Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1371. – 180 с.
19. Ҷомӣ, А. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ул-қудс. Ба тасҳеҳу муқаддима ва пайвасти Маҳдии Тавҳидипур. – Теҳрон: Интишороти Китобфурӯшии Маҳмудӣ, 1337ҳ.қ. – 680 с.
20. Ҷомӣ, А. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ул- қудс. – Калкутта, 1858. – 740 с.
21. Ҷомӣ, А. Номаҳо ва муншаоти Ҷомӣ. Муқаддима ва тасҳеҳи Асомуддин Ӯрунбоев ва Асрор Раҳмонов. – Теҳрон: Мероси мактуб, 1378. – 353 с.

БАҲСЕ ДАР ТАСҲЕҲ ВА МАТНШИНОСИИ НОМАҲОИ ҶОМӢ

Дар мақола зикр гардидааст, ки дар бораи дӯстии беназир, ҳамкорию ҳамфикрӣ, муносибатҳои устодию шогирдӣ, равобити адабӣ ва мукотиботи Абдураҳмони Ҷомӣ ва

Алишер Навоӣ адабиётшиносони зиёди ватаниву хориҷӣ изҳори андеша намудаанд. Ба андешаи муаллифии мақола, дӯстии беназир, ҳамкориҳои судманд, робитаи адабӣ ва эҳтироми ин ду суханвар боз аз он ошкор мешавад, ки Мавлоно Ҷомӣ маҳз бо дархости Амир Алишер ба таълифи «Нафаҳот-ул-унс» пардохта, дар «Баҳористон» ва номаю муншаоти худ пояи қадр, ҷоҳу ҳашмат, фазлу адаб, фазилати тавозуъ, ҳунари шоирии Навоиро дар шеъри туркӣ ва форсӣ васф намуда, аз ҳунари ғазалсароӣ, маснависароӣ, қасидаву рубоисароӣ, хамсасароӣ ва муаммоҳои ӯ ба эҳтироми хос ёд карда, аз эҳтиром ва дӯстию рафоқате, ки байни онҳо роиҷ буд, ба тафсил сухан намудааст.

Аз таҳқиқоти муаллиф маълум мешавад, ки номаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ ба монанди мактубҳои Саноии Ғазнавӣ, Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аҳамияти зиёди адабӣ, ирфонӣ ва тарҷумаиҳолӣ доранд. Баъд аз омӯзишу таҳиқи муқоисавӣ ва матншиносии нусхаҳои чопии чанд номаи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ ва муқобалаи онҳо бо «Хамсат-ул-мутаҳаййирин»-и Алишер Навоӣ муаллифи мақола ба хулосае расидааст, ки нусхаҳои чопии номаҳо ва муншаоти ин ду суханвари бузург ва «Хамсат-ул-мутаҳаййирин»-и Алишер Навоӣ холӣ аз хатоҳои матншиносӣ нестанд ва ниёз ба тасҳеҳ ва нашрҳои илмӣ-интиқодӣ доранд.

Калидвожаҳо: *Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, номаҳо, «Хамсат-ул-мутаҳаййирин», тасҳеҳ, матншиносӣ, нусхаҳои чопӣ.*

О ДИСКУССИИ ПО ИСПРАВЛЕНИЮ И ТЕКСТОЛОГИЧЕСКОМУ АНАЛИЗУ ПИСЕМ ДЖАМИ

В статье отмечается, что многие отечественные и зарубежные литературоведы высказывали свое мнение об уникальной дружбе, сотрудничестве и взаимопонимании, отношениях учителя и ученика, литературных связях и переписке между Абдуррахманом Джами и Алишером Навои. По мнению автора статьи, об уникальной дружбе, благотворном сотрудничестве, литературной связи и уважении этих двух ораторов свидетельствует тот факт, что Мавлана Джами начал писать «Нафахот-уль-унс» по просьбе Амира Алишера. В «Бахористоне» и его письмах и произведениях он воспел достоинство, изящество и манеры, добродетель уравновешенности, поэтическое искусство Навои в турецкой и персидской поэзии. С особым уважением он упомянул о его пении газелей, маснави, касыд и рубаи, хамсы, с особым уважением вспоминая о его головоломках, подробно рассказал об уважении и дружбе, существовавших между ними. Проведенное автором исследование показывает, что письма Абдуррахмана Джоми и Алишера Навои, как и письма Санои Газнави, Абу Хамида Мухаммада Газзали, Ахмади Газзали, Айнулкузоти Хамадони и Мавлоно Джалолуддина Балхи очень литературны. После сравнительного и сопоставительного изучения печатных копий нескольких писем Абдуррахмана Джоми и Алишера Навои и их сопоставления с «Хамсат-уль-мутахаййирином» Алишера Навои, автор пришел к выводу, что печатные копии их писем и «Хамсат-уль-мутахаййирин» Алишера Навои не свободны от текстовых ошибок и нуждаются в исправлении и опубликовании в научной критике.

Ключевые слова: *Абдуррахмон Джами, Алишер Навои, письма, «Хамсат-уль-мутахаййирин», исправление, текстология, печатные копии.*

SOME OPINIONS ON THE CORRECTION AND TEXTUAL ANALYSIS OF THE LETTERS OF JOMI

Many native and foreign literary scholars expressed their opinions on strong friendship, cooperation and mutual understanding, teacher-apprenticeship relations, literary ties and correspondence between Abdurrahmoni Jomi and Alisher Navoi. The unique friendship, fruitful cooperation, literary ties and respect for these two speakers witness by the fact that Mavlono Jomi, at the request of Amir Alisher, wrote "Nafahat-ul-uns", and in "Bahoriston" and his letters he wrote based on his honor and dignity. In addition, he praised Navoi's poetry in Turkish and Persian poetry and detailed his roles in the development of literature. The research conducted by the author shows

that the letters of Abdurrahman Jomi and Alisher Navoi, as well as the letters of Sanoi Ghaznavi, Abu Hamid Imam Muhammad-i Ghazzali, Ahmadi Ghazzali, Ainulkuzot Hamadoni and Mavlono Jaloluddin Balkhi, are very literary. After a comparative study and analyze of printed copies of several letters of Abdurrahman Jomi and Alisher Navoi and their comparison with Alisher Navoi's "Khamsat-ul-mutahayyirin", the author came to the conclusion that the printed copies of these two letters and manuscripts of Alisher Navoi's "Khamsat-ul- mutahayyirin" are not free from textual errors and needs to be corrected and published in scientific criticism.

Keywords: *Abdurrahmoni Jomi, Alisher Navoi, letters, "Khamsat-ul-mutahayirin", correction, textual criticism, printed copies.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович *– Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Тел.: (+992) 92-600-08-22; E-mail: z.halimjon@mail.ru*

Сведения об авторе: Зоиров Халимджон Зохидджонович *– Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой общеуниверситетского таджикского языка. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбеков 1. Тел.: (+992) 92-600-08-22; E-mail: z.halimjon@mail.ru*

Information about the author: Zoirov Halimjon Zohidjonovich *- Khujand State University named after B. Gafurov, applicant for the Department of Social and Professional Pedagogica. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. Address: candidate of philological sciences, head of the all-University chair of the Tajik language. Phone: (+992) 92-600-08-22; E-mail: z.halimjon@mail.ru*

ТДУ: 801.7

БАРРАСИИ МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ “ПАНДНОМАИ АНӮШЕРВОН”-И БАДЕИ БАЛХӢ

Изатзода З.Т.

Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

“Пандномаи Анӯшервон” дар таърихи адабиёти классикии тоҷику форс ба сифати асари тарбиявию ахлоқие, ки суннати андарзофарии аҳди бостонро пайгирӣ намуда, панду ҳикматҳои ачодиро бо забони форсии тоҷикӣ аз нав ба хонанда пешниҳод менамояд, арзиши муҳимми адабиро соҳиб мебошад.

Дар хусуси “Пандномаи Анӯшервон”, ки ба унвони “Роҳат-ул-инсон” ҳам маъруф аст, дар ҳавзаҳои гуногуни адабиётшиносии форсии тоҷикӣ баҳсҳои қобили таваҷҷуҳе сурат гирифтааст [3, 5, 6, 7]. Ҳамчунин, матни ин асар борҳо ҳам дар Эрон ва ҳам дар Тоҷикистон нашр шудааст [1, 2, 3, 4, 7].

Дар ин мақолаи мухтасар мо ба таҳлилу баррасии мазмуну мундариҷаи “Пандномаи Анӯшервон” пардохтаем.

Маснавӣ аз 436 байт иборат буда, дар баҳри Мутақориби мусаммани маҳзуф (баъзан мақсур) суруда шуда, бо дебочае дар се бахш оғоз меёбад. Бахши аввал аз пораи шеърие бо унвони “Пандномаи Анӯшервон” дар шаш байт иборат мебошад. Дар он муаллиф, чун анъана Худовандро ҳамду ситоиш намуда, нияти эҷодии худро чунин баён мекунад:

Ниҳоле зи дониш бикорам ҳаме,
Хирадро бар ӯ баргуморам ҳаме,
Ки чун чашм гардад варо шоху нард,
Аз ӯ баҳра гирад хирадманд мард [1, с. 79].

Тавре ки аз мазмуни ин порча бармеояд, муаллиф нияти иншои асареро доир ба дониш дар сар дорад, ки асоси он бар хирад қарор дошта, мақсад аз он низ баҳра бардоштани мардони хирадманд будааст.

Маънии мазмуни мазкур дар бахши дуюми дебоча бо унвони “Гуфтор андар хирад”, ки дар шаш байт гуфта шудааст, боз ҳам равшантар мегардад. Дар ин порча муаллиф ҳамбастагии донишу хирадро бо ҳам муносиб дониста, донишро кон ва хирадро дар он ҳамчун гавҳар қаламдод менамояд. Хулосаи матлаби муаллиф ин аст, ки хирад бар сари мардумӣ тоҷ аст ва аз худ кардану омӯхтани он зарур мебошад, зеро шахсе, ки бар хирад даст ёбад, аз раҳи гумроҳӣ баромада, яздоншиносу худшинос гашта, ба фаҳми мавҷудияти хеш мерасад:

Хирадро биёмӯз аз омӯзгор,
Бар омӯхтан - бар ту айбе мадор,
Ки чун бар хирад даст барёфтӣ,
Сар аз роҳи гумроҳ бартофтӣ.
Шавад бар ту равшан, ки Яздони пок
Бурун оварида-ст аз тира хок.
Худои ҷаҳону ҷаҳонофарин,
Ки бар вай сазад, бегумон, офарин [1, с. 80].

Бахши сеюми дебоча бо унвони “Дар оғози сухан гӯяд” омада, аз 23 байт иборат аст ва он, асосан, тавзеҳе мебошад дар хусуси сарчашмаи андарзҳои “Пандномаи Анӯшервон”. Шоир дар ин бахш васфу ситоиши Анӯшервони Одилро намуда, қайд мекунад, ки чун ӯ ба тахти шоҳӣ менишинад, ҷаҳонро аз қувваҳои бад озод намуда, адлу доду деҳишро расму оини кишвардорӣ месозад. Шоҳ “сипоси Худовандро кор баста”, фарзонагонро ҳамнишини худ мекунад ва чун Эзад ӯро раҳнамун мегардад, бахташ афзунӣ мегирад.

Ба иттилои шоир, баъди чанде аз фармонравоӣ Кисро ҳунарро ба тахти шоҳӣ мебардорад. Ӯ амр медиҳад, ки барояш аз дурру ёқут тоҷе созанд, ки аз Муштарӣ тобонтар бошад. Тоҷи мазкурро бо 23 кунгура сохта, ба айвони шоҳ меовезанд. Бо хоҳиши шоҳ дар ҳар кунгураи тоҷ бо зар суханони пандомезе сабт мекунанд [1, с. 81].

Ба ҳамин тарз, шоир оини кишвардории Кисроро бо дастурҳои ҳикматноке, ки ҷавҳари хирадро ташкил мекунанд, алоқаманд месозад ва дар як маврид ахлоқи иҷтимоии ҷомеаро низ бар асоси дастурҳои тоҷи мазкур қарор медиҳад:

Ҷаҳонҷӯй Кисро дар он зери тоҷ
Нишастӣ абар хусравӣ тахти оҷ.
Бидодӣ ба расми ниёкон-ш бор,
Шудандӣ ба хидмат бари шаҳрёр.
Аз он тоҷу з-он пандҳои сутург
Ҳаме дониш омӯхт хурду бузург [1, с.82].

Шоир дар охири ин қисм таъкид мекунад, ки моҳияти пандҳои тоҷи Кисро аз ин иборат аст:

Набишта чунон буд абар тоҷ-бар,
Ки: "Эй марди доно, ба худ дарнигар!" [1, с.82].

Баъди ин ҳама, мундариҷаи асосии "Пандномаи Анӯшервон" оғоз меёбад.

Мутолиаи маснавии "Пандномаи Анӯшервон" ба чунин натиҷа мебарад, ки муаллифи он саъй намудааст, то ки ҳангоми ба назм кашидани пандҳои тоҷи Анӯшервон ба он содиқ монад. Аз ҷумла, тарзу усули кори муаллифи "Пандномаи Анӯшервон"-ро Саъид Нафисӣ ба хубӣ нишон додааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар асл нусхаи шоир муқайяд будааст, ки ҳама ҷо айни ҷумлаи насоеҳеро, ки ба Анӯшервон нисбат медиҳанд, ба ҳамон иборати аслӣ дар раъси гуфтори худ ҷой диҳад ва дар зайли он ду байт шомили ҳамон маънӣ назм карда ва сипас ду байти дигар аз худ бар он афзудааст, чунон ки ҳар ҷумлаи наср бояд чаҳор байт дар пай дошта бошад [3, с. 182].

Ин маъниро Ч.Фушакур низ тасдиқ намуда, менависад, ки ҳар банд шомили чаҳор байт аст ва бо сухане мансур муанван шудааст ва табъан абёт андешаи мундариҷ дар унвонро баст додаанд. Байти чаҳорум ағлаб аз як қавл ташкил шудааст ва байти савум гоҳ ба муаррифии қавли байти чаҳорум пардохта ва гоҳ худ ҳовии як қавл аст [6, с. 54].

Мутолиа ва мушоҳидаҳои мо дурустии гуфтаҳои Саъид Нафисӣ ва Ч.Фушакурро тасдиқ менамояд. Аз ҷумла, дар унвони порчаи зерин чунин панди Анӯшервон: "Панди ҳакимон пазиред" нишон дода шуда, сипас бар тавзеҳи он чунин омадааст:

Бибояд пазируфт панди ҳаким,
Ки панди ҳакимон беҳ аз зару сим.
Танатро зи панд аст бисёр суд,
Аз он кас, ки гӯяд, бибояд шануд.
Ҳар он, к-ӯ пазирандаи панд нест,
Ба ҷуз аз дари хорию банд нест.
Чунин гуфт фарзонаи пешбин,
Ки баргашта бисёр гардад замин [1, с. 87].

Агар ба матлаби ин пора таваҷҷуҳ намоем, ба ин хулоса меоем, ки панду андарзро, чунон ки дар андарзномаҳои паҳлавӣ омадааст, аслан, шахсони донишманду хирадманд, донову фарзона ва дар ҷомеа соҳиби мақому мартаба, аз қабили руҳониёни мазҳабию пешвоёни ҷомеа, онҳое, ки дар ҳақиқати суханашон ҷойи шубҳа нест, яъне ҳакимон мегуфтаанд. "Довари додофарин"-Анӯшервон низ бо адолатпарварию хирадмандии хеш аз қабили ҳамин гуна шахсиятҳо шинохта шудааст ва аз ин мақом дастур додааст, ки панди ҳакимонро пазируфтаву бар он амал намоед.

Тавре ки мушоҳида кардем, ду байти нахуст матлаби панди Анӯшервонро дар бар дорад ва ду байти дигари онро шоир барои тақвияти абёти боло худ илова намудааст. Ба ин маънӣ, ки шахси пандношунав ба хорӣ мувоҷеҳ мегардад ва ба қавли фарзонаи пешбин, каси аз пандбаргашта дар рӯйи замин сарсону саргардон хоҳад буд.

Дигар пандҳои Анӯшервон, аз қабили: ногуфтанӣ сухан магӯед; кори нокарданӣ макунед; кори ноҷустанӣ мачӯед; ба корҳо шитоб макунед; ба корҳо сустӣ макунед; камозориву бурдборӣ пеша кунед; хештанро ба ростӣ маъруф кунед; маргро фаромӯш накунед; дунёро ба нодонӣ магзаронед; дар корҳо мудоро кунед; фарзандонро пешаи некӯ

биёмӯзед; харҷ ба андозаи дахл кунед; пой ба андозаи гилем кашед; аввал ниҳол бишнонед, он гаҳ дарахт барканед; чашму забону даст нигаҳ доред; дар замини шӯра тухм магзоред; девонаву аблаҳро панд мадиҳед; насиҳат аз кас бозмагиред; бо мардуми бад маёмезед; сухани баду беҳуда магӯед; бекор манишинед; дониш омӯзед; ба моли ятимон тамаъ макунед; аз илм баҳра гиред; дилро ба оз мадиҳед; ба мардумон бад махоҳед; тӯшаи он ҷаҳонро ба дасти худ кунед; қадам аз дӯстон мабуред, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ахлоқӣ дахолат мекунанд, бо ҳамин минвол, бо мақсади осону дастрас гардонидани дарку маърифати онҳо, бо таҳрири шево ва сабки салису зебо ба риштаи назм кашида шуда, ба хонанда пешниҳод шудаанд.

Аз мутоилаи маснавӣ чунин бармеояд, ки панду андарзҳо, бо вуҷуди содагии мазмуну мундариҷа ва равониву рехтагии онҳо, боз ҳам ба шарҳу тавзеҳ эҳтиёҷ доштаанд. Вале муаллиф шореҳи муқаррарӣ набуда, дар навбати худ, ба онҳо мазмунҳои тоза афзудааст. Ба ин маънӣ, ки мавқеи фаъоли эҷодии муаллифи маснавӣ ва дахолати ӯ дар ин маврид ба хубӣ эҳсос карда мешавад. Масалан, дар мавриди матлаби “Қадам аз дӯстон мабуред” шоир моҳияти онро кушоданӣ шуда, ба он боз як матлаби дигари нав меафзояд:

Ҳар он, к-ӯ зи дил дӯстдори ту шуд,
Чунон дон, ки аслу табори ту шуд.
Накӯ гуфт донандаи несту ҳаст:
“Маро дӯсти нек аз бародар беҳ аст” [1, с. 175].

Дар порчаи зерин бошад, шоир бар шарҳу тавзеҳи панди “Аз балои касон ибрат гиред” бо байтҳои мазмуну мундариҷаашон баланд, салису равон ва тақвиятдиҳандаи якдигар матлабро равшану барҷаста баён намудааст:

Мудоро ба ҳар кор кардан накӯст,
Чи бо зишт душман, чи бо хуб дӯст!
Чу ҳангоми тезӣ мудоро кунӣ,
Зи хоки сияҳ мушки соро кунӣ.
Мудоро балоро бидорад зи ту,
Ҷафову ано боздорад зи ту.
Нигаҳ кун, чи гӯяд ҷаҳондида мард:
“Касе аз мудоро зиёне накард” [1, с. 108].

Дар тамоми порчаҳои шеърии бар шарҳу тавзеҳ ва маънидоди пандҳои Анӯшервон омада ҳамин муносибат ва эҷодкориҳои тоза дида мешавад.

Бояд зикр кард, ки дар маснавӣ пандҳо аз нигоҳи баёни мазмуну мундариҷа бо низоми муайян наомадаанд. Онҳо ба масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ бахшида шуда, ба тезӣ радду бадал мешаванд, бештари онҳо ба таҳзиби ахлоқ дахл дошта, хусусияти омӯзишиву таълимӣ доранд ва дар манзари хулқи неку бад ва суду зиён баён гардидаанд. Дар онҳо, агарчи, бино ба қавли дебочаи асар, “барои бузургону меҳтарон гуфта шудаанд”, дастурҳое дар боби ахлоқи динӣ ва суханоне оид ба оини сиёсати кишвардорию раиятдорӣ ба нудрат ба чашм мерасанд, моҳияти бештари онҳоро матлабҳои таҷрибию амалии ахлоқӣ ташкил медиҳанд.

Аз ин нуқтаи назар, панду андарзҳои “Пандномаи Анӯшервон” дар манзари ҷараёни одии зиндагонии шахсӣ ва иҷтимоии фардҳо, ниёзмандиҳои авзоъ ва аҳволи ҷомеа ироа гардидаанд. Дар онҳо, бахусус, ҷанбаи камолоти ахлоқии фард ва такмили он боқувват буда, дар ҳолати табиӣ, бо дархостҳои ҷомеа баён гардидаанд. Матолиби мазкур бар он далолат мекунанд, ки онҳо аз ҷомеаи пешрафта, ба ҳадди баланди тафаккури ахлоқӣ, фазилат ва сифатҳои олии иҷтимоӣ расида бархостаанд.

Вале масъалаи ин ки заминаи асосии онҳоро таълимоти ахлоқии оини зардуштӣ ва дастуроти сегонаи он “пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек” ташкил медиҳанд, бебаҳс аст. Шоир дар маснавии мавриди назар барои қувват додани муҳтавои пандҳои тоҷи Анӯшервон ва тақвият бахшидан ба гуфтаҳои хеш аз “Дафтари Зардушт”, “Дафтари Синдбод”, муъбад, устоди пешин, худи Нӯширвон ва дар ҷойи дигар – Қубод, дастури шоҳи Пашанг, деҳқони мӯбаднажод, кутубогоҳон, хусрави зардиҳ, симурғ, ҳакими Аҷам, пири дидаҷаҳон, шоҳи Яман, яке давлатӣ, донандаи гавҳарӣ, хоҷаи солхӯрда, донандаи офият, яке шӯҳра зан, донандаи гарму сард, донои покизаҷон, донои гарданфароз, донои тозаманиш ва ғайра, ки

тимсоли ҳакимону донишманду шахсони рӯзгордида, таҷрибадор ва соҳиби ахлоқи ҳамидаву намунаи ибрат мебошанд, иқтибосу далелҳо овардааст. Ҳамаи ин шеваи кори муаллиф арзиши ғоявию бадеии маснавиро баланд бардоштаанд.

Маснавӣ, аслан, ҳадафи таълимӣ дорад, аз ин рӯ, дар он хатти сайри фикрии мушаххас дида намешавад. Андарзҳо ба гунае пешниҳод шудаанд, ки ҳам дастурамалу қоидаи рафтори ахлоқӣ медиҳанд ва ҳам табиату нафсонияти инсонро равшану ошкор месозанд. Манбаи онҳоро ҳақиқати воқеии ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ташкил додааст. Гумон меравад, ки аз он дар ҷараёни тарбият ва таълими насли ҷавони босавод истифода мешудааст.

Ҳамин тавр, маснавии "Роҳат-ул-инсон" ё худ "Пандномаи Анӯшервон" дар таърихи адабиёти классикии тоҷику форс мавқеи басо муҳимро ишғол менамояд. Маҷмуаи ин қавлҳо мутааллиқ ба давраест, ки адабиёти мо рӯ ба гузашта доштааст ва он дар эҳё намудани суннати адабиёти ахлоқӣ, бахусус андарзномаҳои паҳлавӣ ва аз нав пешниҳод намудани онҳо ба хонанда, нақши муҳим гузоштааст. Он дар ташаккули минбаъдаи адабиёти ахлоқӣ, бахусус, маснавиҳои кӯтоҳи ахлоқӣ, дар эҷодиёти дигар шоирони мо бетаъсир нест. Намунаи боризи онро дар "Бӯстон"- Саъдии Шерозӣ мебинем, ки дар ин навъ ба дараҷаи боз ҳам баландтаре бардошта шуда, дар асоси ҳикоятҳои алоҳида ва натиҷагирӣ аз онҳо гуфта шудаанд.

Адабиёт:

1. Балхӣ, Бадеъ. Пандномаи Анӯшервон / Бадеъи Балхӣ // Ахтарони адаб; Ашъори ҳакимон ва орифон:/таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Х.Шарифов ва А.Абдусатторов. – Ҷилди 13. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 79-179.
2. Мудаббирӣ, Муҳаммад. Шарҳи аҳволи шоирони бедевон дар қарнҳои 3,4,5-и ҳичрӣ қамарӣ / М. Мудаббирӣ. – Пурё, 1375. – 704 с.
3. Нафисӣ, Саъид. "Роҳат-ул-инсон"-и Бадоеи Балхӣ / Саъид Нафисӣ // Меҳр. – 1312. – Шумораи 7. – С. 510-555.
4. Пандномаи Анӯшервон / таҳияи Фарҳод Карим, Аббос Афсаҳзод ва муқаддимаи Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 112 с.
5. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳуллоҳ Сафо. Ҷилди аввал. – Теҳрон: Чопхонаи Ромин, 1371. – 717 с.
6. Фушекур, Шарлз. Ахлоқиёт (мафоҳими ахлоқӣ дар адабиёти форсӣ аз садаи савум то садаи ҳафтуми ҳичрӣ)/ Тарҷумаи Муҳаммадалӣ Амир Муиззӣ ва Абдулҳамид Рӯҳбахш. Теҳрон, 1377. – 627 с.
7. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо / Ризоқулихон Ҳидоят; ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо. – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1340. – С. 1104-1509.
8. Шоирони аҳди Сомониён; мураттибон ва омодакунандагони чоп Х. Шарифов, А. Абдусаттор. – Душанбе: Адиб, 1999. – 144 с.
9. Шарифов, Х. Адабиёти асрҳои миёна // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.1. Душанбе, 1988. - С. 73 - 86.

БАРРАСИИ МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ "ПАНДНОМАИ АНӮШЕРВОН"-И БАДЕИ БАЛХӢ

Дар мақола зикр гардидааст, ки "Пандномаи Анӯшервон", ки ба унвони "Роҳат-ул-инсон" ҳам маъруф аст, дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик ба сифати асари тарбиявию ахлоқие, ки суннати андарзофарии аҳди бостонро пайгирӣ намуда, панду ҳикматҳои аҷдодиро бо забони форсии тоҷикӣ аз нав ба хонанда пешниҳод менамояд, арзиши муҳимми адабиро соҳиб мебошад.

Ба андешаи муаллифи мақола, Маснавӣ аз 436 байт иборат буда, дар баҳри мутақориби мусаммани маҳзуф (баъзан мақсур) суруда шуда, бо дебочае дар се бахш оғоз меёбад.

Мутолиаи маснавии "Пандномаи Анӯшервон" ба чунин натиҷа мебарад, ки муаллифи он саъй намудааст, то ки ҳангоми ба назм кашидани пандҳои тоҷи Анӯшервон ба он содиқ монад.

Зикр гардидааст, ки пандҳои маснавӣ ба масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ бахшида шуда, бештари онҳо ба таҳзиби ахлоқ дахл дошта, хусусияти омӯзишиву таълимӣ доранд ва дар

манзари хулқи неку бад ва суду зиён баён гардидаанд. Моҳияти бештари онҳоро матлабҳои тачрибию амалии ахлоқӣ ташкил медиҳанд. Маҷмуаи ин қавлҳо мутааллиқ ба давраест, ки адабиёти мо рӯ ба гузашта доштааст ва он дар эҳё намудани суннати адабиёти ахлоқӣ, бахусус андарзномаҳои паҳлавӣ ва аз нав пешниҳод намудани онҳо ба хонанда, нақши муҳим гузоштааст. Он дар ташаккули минбаъдаи адабиёти ахлоқӣ, бахусус, маснавиҳои кӯтоҳи ахлоқӣ, дар эҷодиёти дигар шоирони мо бетаъсир нест. Намунаи боризи онро дар "Бӯстон"-Саъдии Шерозӣ мебинем, ки дар ин навъ ба дараҷаи боз ҳам баландтаре бардошта шуда, дар асоси ҳикоятҳои алоҳида ва натиҷагирӣ аз онҳо гуфта шудаанд.

Калидвожаҳо: *Бадеи Балхӣ, "Роҳат-ул-инсон", "Пандномаи Анӯшервон", панднома, андарзнома, маснавӣ, аҳди бостон, суннати андарзноманависӣ.*

РАССМОТРЕНИЕ ЗНАЧЕНИЯ И СОДЕРЖАНИЯ «НАСТАВЛЕНИЯ АНУШЕРВОНА» БАДЕЪ БАЛХИ

В статье отмечается, что «Нравоучения Анушервона», также известная как Рохат-уль-инсон, в истории классической персидской и таджикской литературы имеет значительную литературную ценность как просветительское и нравственное произведение, которое следует древним традициям и вновь представляет читателю исконные советы и мудрость на таджикско-персидском языке.

По мнению автора стаьи, Маснави состоит из 436 бейтов и поется в хранимом стиле мутакориб мусамман (иногда максур) и начинается с предисловия в трех частях.

Чтение текста «Наставления Анушервона» приводит к выводу, его автор старался оставаться верным наставлениям Анушервона, сочиняя свои стихи.

Отмечается, что учения Маснави посвящены различным нравственным вопросам, большинство из которых связаны с изучением нравственности, носят воспитательный характер и выражаются в контексте хорошего и плохого поведения и вреда. Большинство из них носят практический и этический характер. Сборник этих изречений относится к периоду, когда наша литература обратилась к прошлому и он сыграл важную роль в возрождении традиции моральной литературы, особенно мемуаров древнего периода, и их повторном представлении читателю. Оно оказывает определенное влияние на творчество других наших поэтов по дальнейшему формированию нравоучительной литературы, особенно коротких нравоучительных текстов. Яркий пример тому можно увидеть в «Бустоне» — Саади Шерози, поднявшемся в этом жанре на более высокую ступень, опираясь на отдельные истории и умозаключения.

Ключевые слова*: Бадеъ Балхи, «Рохат-уль-инсон», «Наставления Анушервона», наставления, андарзнама, маснави, древний период, искусство нравоучения.*

CONSIDERATION OF THE CONTENTS OF "ANUSHERVON'S INSTRUCTIONS" BADEI BALKHI"

"The Teachings of Anushervon", also known as Rohat-ul-inson, in the history of classical Persian and Tajik literature has significant literary value as an educational and moral work that follows the ancient traditions of the ancient periods and again presents the reader with primordial advice and wisdom in the Tajik-Persian language .

The Masnavi consists of 436 bayts and is sung in the preserved mutakorib musamman (sometimes maqsur) style and begins with a preface in three parts.

Reading the text of the "Instructions of Anushervon" leads to the conclusion that its author tried to remain faithful to the instructions of Anushervon when writing his poems.

Masnavi's teachings are devoted to various moral issues, most of which are related to the study of morality, are educational in nature and are expressed in the context of good and bad behavior and harm. Most of them are practical and ethical. The collection of these sayings belongs to the period when our literature turned to the past and it played an important role in the revival of the tradition of moral literature, especially the memoirs of the ancient times, and their reintroduction to the reader. It has a certain influence on the work of our other poets in the further formation of moralizing literature,

especially short moralizing texts. A vivid example of this can be seen in "Buston" - Saadi Sherozi, who rose to a higher level in this genre, relying on individual stories and conclusions.

Keywords: *Bade Balkhi, "Rohat-ul-inson", "Instructions of Anushervon", instructions, andarznama, masnavi, ancient times, art of moral admonition.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Изатзода Зулайхо Тоир – Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи филология.* ***Нишонӣ:*** *734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбада 73а. E-mail: izatzodaz@bk.ru*

Сведения об авторе: *Изатзода Зулайхо Тоир - Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзада, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой филологии. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Борбада 73а. E-mail: izatzodaz@bk.ru*

Information about the author: *Izatzoda Zulaikho Toir - Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzada, candidate of philological sciences, head of the department of philology. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 73a Borbad ave.. E-mail: izatzodaz@bk.ru*

УДК 78 (575.3)

ОСОБЕННОСТИ ВОСПРИЯТИЯ БАСЕН И.А. КРЫЛОВА МУЗЫКАЛЬНОЙ АУДИТОРИЕЙ

Галимова М.Б.

Таджикский государственный институт культуры и искусств им. М. Турсунзаде

Среди жанров художественной литературы очень много молодых и древних жанров. Такой жанр как басня эволюционируется уже почти четыре тысячи лет. Его корни уходят в глубокую античность. Фактом служат басни Эзопа, Федра, индийского сборника «Панчататра», Жана Жака Лафонтена, Лессинга и, конечно же, Крылова Ивана Андреевича – великого русского баснописца. В отличие от своих предшественников Крылову удалось вдохнуть новую жизнь в жанр басни, в результате чего он достиг больших высот. До И.А. Крылова басни писались в прозе, а под его пером они приобрели поэтическую форму. Несомненно, французский баснописец Лафонтен тоже писал басни в стихотворной форме, но значительно в меньшем объеме. В заметной степени мировоззрение и творчество Лафонтена повлияло на формирование мировоззрения Крылова, можно сказать, что в этом жанре они стали его путеводителем. Одни и те же сюжеты у разных поэтов повторяются, но и этот парадокс никак не умоляет достоинство этого жанра.

Тут было бы уместно говорить о «Бродячем сюжете», т.е. о совпадении сюжетов басен. Соответственно возникает вопрос: в чем причина совпадения?

а) жизнь людей от природы очень похожа: повторяющиеся проблемы, ситуации, возникающие в процессе жизни.

б) с развитием торговых отношений, путешествий по миру, личных связей сюжет перекочевал из города в город, из страны в страну, из века в век;

По словам Г. Ломидзе, «соприкосновение культуры любого народа с национальными культурами других народов, перенятие их опыта, трансформация этого опыта соответствуют форме и связаны с его общенациональными традициями» [6, с. 15].

Многие баснописцы в басенном жанре пытались превзойти достижения Крылова, но лишь в очень слабой степени смогли удовлетворить требования данного жанра. Именно язык - самая характерная черта таланта Крылова.

Почти в 40 лет сочинение басен стало его основным призванием. Басни Крылова отличаются своеобразностью и лаконичностью. В них затрагиваются самые «язвительные» проблемы общества, такие как бедность и богатство, доброта и жадность, пустословие, хвастовство, т.е. положительные и отрицательные стороны социальной жизни, черты характера человека, выраженные в основном в образах животных, птиц, рыб и т.д.

Вот уже почти 250 лет как басни Ивана Андреевича Крылова пользуются популярностью во всем мире на языке того или иного государства. Дети с самого раннего детства знакомятся с его баснями. Преимущество басен заключается в том, что ими интересуются и старшее поколение, и младшее. Независимо от возрастной категории каждый из нас помнит работягу муравья, легкомысленную, ленивую стрекозу, хитрую, коварную лису, глупую самоуверенную ворону, маленького жалкого ягненка, безжалостного волка, мудрую змею, мартышку непоседу и проказницу, неуклюжего мишку, горделивого и в то же время глупого осла, жестокого и безжалостного льва и т.д. Ещё больше запомнились те аллегорические образы животных, которые читались «по голосам». Яркие впечатления оставляют мультипликационные фильмы снятие по мотивам басен.

По сценариям Ю.Михайлова, А.Шершурина, С.Бялковской, А.Сазонова и многих других дети впервые с экрана телевизора знакомятся с героями басен. После их просмотра запоминаются действия и голоса животных: отчаянной вороны, громкий «соловьиный» голос петуха и «пение» кукушки, квартет неугомонных животных, которые непременно вызывают и смех, и радость. Параллельно с другими действиями сценаристами выдвигается поучительность басен и ее мораль [10].

В свое время русские критики правильно отметили, что Крылов вывел литературу из дворянского двора на многолюдные площади. Именно Иван Андреевич Крылов в русской литературе считается отцом этого жанра.

Для Крылова юмор, смех, высмеивание, шутки и прибаутки были невидимой бранёй. Смех сквозь слезы и смешной плач изначально были его лучшими выражениями критики и метких шуток, поражающие острые “язвы” общества. В его баснях слово во всем его смысле выступает как доминанта.

Басни Крылова легко поддаются чтению, заучиванию, в них чувствуется легкость, гибкость, можно проводить вечера, посвященные басенному творчеству Крылова, басни поставить в спектакль, а ещё особое место занимают басни в музыке. Басня эпический жанр, значит, ее можно не только сыграть или читать, но и петь. В этом смысле литература и музыка действует как одно целое и к тому же дополняют и обогащают друг друга и в результате появляется нечто новое – Басни в музыке.

Среди басен Крылова есть такие басни, в которых затронута тема музыки: Стрекоза поёт, Осел играет на скрипке, поют птицы, также они играют на музыкальных инструментах как контрабас, свирель, альт, скрипка («Стрекоза и муравей», «Квартет», «Музыканты», «Кукушка и петух», «Парнас», «Кукушка и орел», «Чиж и еж», «Павлин и соловей» и т.д.) [2], а есть, такие которые находятся в музыке. Не менее популярностью пользуются басни И. А. Крылова среди музыкантов. Сам Крылов старался не отставать от своих соратников, был тонким ценителем музыки, прекрасно играл на скрипке и часто посещал музыкальные вечера. Об этом повествует его дружба с М.И. Глинкой.

Только с развитием новой техники и технологии отношение к басням Крылова заметно изменилось. Композиторы XX века не раз обращались к басням поэта. Ими десятками издавались сборники нот для голоса и фортепиано. Факты доказывают, что первопроходцем в этом был А. А. Плещеев, спустя некоторое время А. Рубинштейн, В Ребикова, В.Ф. Одоевский. А Гречанинов, Ц. Кюи. А. Варламов, Ю.М. Касьяник. Плещеев - один из величайших русских композиторов и виолончелист, близкий друг В. А. Жуковского и П. А. Вяземского, был автором опер на собственные либретто, баллад и романсов на тексты русских поэтов. Также попытку написать музыку к басням Крылова предпринял и В. Ф. Одоевский (1804-1869). В рукописном отделе Центрального музея музыкальной культуры имени М. И. Глинки хранится эскиз басни «Квартет» для голоса и фортепиано. К сожалению, как и другие его музыкальные сочинения, эта пьеса осталась незавершенной. Насколько можно судить по наброску, это простая, несколько наивная музыка, лишенная каких-либо черт сатиричности; содержание басни передается в ровных повествовательных тонах под иллюстрированной картиной.

В 1851 году А. Г. Рубинштейном в издательстве М. Бернарда выходит в свет «Басни Крылова» (1829-1894). Об этом композитор упоминает в «Автобиографических рассказах»: «К ранним произведениям моим относятся музыкальные иллюстрации к басням Крылова: «Осел и соловей», «Кукушка и Орел», «Стрекоза и муравей», «Парнас». Из текстов Крылова он выбирал большей частью те, которые связаны с музыкой. Только «Ворона и курица» не имеет отношения к музыке». Рубинштейн выбрал те басни, в которых аллегорические образы животных, непременно были связаны с искусством и музыкой. Это было характерно Рубинштейну. После долгого пребывания за границей, молодой талантливый композитор в Петербурге оказался в чуждой для него среде. В борьбе с «изящной нечистью» он утверждал прекрасные идеалы музыкального просветительства. Как и Соловью, ему нередко приходилось выслушивать советы «поучиться пению у Петуха». И если Соловей, «услыша суд такой», улетает за тридевять земель, то и молодой музыкант был недалек от всего этого. «Новая» атмосфера Петербурга душила его. Как и Крылов он не мог открыто заявлять о своих правах, о правах человека. Стиль его жизни заставлял обращаться к басням Крылова.

Первым кто откликнулся на появление «Басен Крылова», Рубинштейна и дал им оценку, и указал на новизну избранного композитором жанра, был издатель М. Бернард, выступавший иногда как музыкальный критик. Будучи музыкальным критиком М. Бернард пишет: «Положить басни Крылова на музыку – было не легким делом и трудною задачею.

Трудность эта заключается собственно не в том, что стихи Крылова нелегко было петь, потому что произведения этого великого поэта в высшей степени исполнены гармонии и звучности, - но трудность эта представлялась чисто с музыкальной стороны. Обыкновенные мелодии недостаточны для рассказа, в котором преобладают остроумие и юмор. Здесь важно, чтобы характер музыки соответствовал словам, и чтобы гармония, верно, передавала юмористический, остроумный язык поэта. Наш молодой композитор выполнил эту задачу чрезвычайно успешно и тем открыл новое поприще для своего таланта» [10]. Действительно в баснях Крылова часто встречаются диалоги. Нам прекрасно известно, что диалог - это вид речи, где постоянно меняется тон, и соответственно композитору порою тон нужно опускать, а порою поднять до максимума.

По словам композитора «Басни Крылова» - это «просто романсы», но в действительности, они далеки от них. И содержание басен, и свободный размер стиха обусловили особенности музыкальной формы, средств выражения, использование разнообразных приёмов изложения и музыкальной характеристики. Как отмечает Б. В. Асафьев, «некоторые из басен – «Квартет» - с забавным применением recitativo secco [1, с. 45] в начале, «Парнас», а также «Соловей и кукушка» содержат много свежих оборотов и довольно тонких примеров гибкости переходов от повествовательного тона к диалогу, что особенно трудно при переложении на музыку крыловских басен. В них раскрывается «рубинштеновский юмор» – одно из ценных качеств характера композитора.

В. И. Ребиков в 1900 – 1902 годах опубликовал свои музыкальные произведения на тексты басен Крылова (1866 – 1920). У Ребикова был совершенно иной творческий подход к басням Крылова. В отличие от Рубинштейна, он не выходил за пределы камерно-вокального жанра. На музыкальную концепцию этих произведений, возможно, оказали влияние высказывани В. Г. Белинского. Критик утверждал, что лучшие басни Крылова подчинены не моралистическим выводам, как басни его предшественников, но представляют реалистические сцены из жизни.

Ребиков еще больше прибавляет образность басням. Он вводит чтеца, распределяя роли действующих лиц между различными исполнителями. Соответственно он озаглавил свои произведения: «Басни в лицах. Сцены для детей» (цикл включает 37 пьес в девяти тетрадях). Особенности музыкального письма «Басен в лицах» связаны с музыкальным стилем детских опер Ребикова и, частично, его «музыкально-психологических драм». В них, как излагал композитор, «оркестр – передающий чувства, музыкальная речь – передающая мысль и чувства». И в «Баснях в лицах» развитие мелодического материала, «выражающего чувства», создающего музыкальный фон произведения, дается в инструментальном изложении (партия фортепиано). В вокальных партиях использованы разнообразные приемы музыкально-повествовательной речи – от художественной декламации и мелодекламации до пения в виде мелодического речитатива («Стрекоза и муравей»).

Каждая из пьес представляет законченную музыкально-сценическую миниатюру. Они вершина музыкальной звукозаписи. Удачно выражены в музыке небрежность и беспечность стрекозы и ирония и лукавство муравья («Стрекоза и Муравей»), задумчивость уставившегося в землю осла и взбадривающее соловьиное пение («Осел и соловей»), мяуканье кошки («Кошка и Соловей»), голос Райской птицы и тому подобное. Отметим пародийное использование русской народной подблюдной песни «Уж как слава тебе», исполняемой хором нарочито фальшиво («Музыканты»), своеобразное динамическое построение басни «Квартет», основанное на постепенно ускоряющемся темпе разноголосой игры струнного квартета, и многое другое. Некоторые музыкальные образы, такие как, образ осла, соловья служат и повторяются в ряде других басен.

«Басни в лицах» Ребикова имеет высокую художественную значимость. Особенно заметно, характерный музыканту мягкий лиризм, который способствует сглаживанию остроты басен Крылова. При всем этом он ничуть не отходит от темы басни. Одним словом, басни в музыке совершенно преобразуются, становятся еще краше.

С воспитательной точки зрения «Басни в музыке» имеют большое значение. С помощью басен опытный педагог у ребенка может привить любовь к труду и неприязнь к лени, используя крылатые выражения, например, «Попрыгунья стрекоза лето красное пропела…», «И под каждым ей кустом был готов и стол, и дом, Ты все пела? это дело: так, поди же, попляши»! [3, с. 61].

Особенно образы животных их голоса могут положительно влиять на формирование мировоззрения ребенка. Для детского воображения просмотр мультипликационных фильмов под музыку оставляет огромное впечатление. В зависимости от сюжета и морали басни композиторы выбирают подходящий тон, и это имеет огромное зачение. Одно дело передавать мысли с помощью слов, а другое отобразить их музыкой.

Таким образом, о баснях Крылова можно говорить бесконечно. Наверное, сам Иван Андреевич Крылов при создании басен вовсе и не догадывался, что они будут жить веками и служить народу.

Литература

1. Абдраев, М. Музыкальная энциклопедия [Текст] / М.Абдраев, Р.А. Атаян, В. Ахмедов и др. – М.: Сов. Энциклопедия.- 1974. Т.2. – 958 с.
2. Коровин, В.И. Поэт и мудрец: Книга об Иване Крылове [Текст] / В.И. Коровин. - М.: ТЕРРА, 1996. - 472 с.
3. Крылов, И.А. Басни. Драматургия [Текст] Вст, статья Н.Степанова; Гравюры А.П. Сапожникова. - М.: Правда, 1982. – 416 с.
4. Крылов, И.А. Басни [Текст] /Иван Андреевич Крылов. Москва: 2017. – 76 с.
5. Крылов, И.А. Стрекоза и Муравей. Т. 3. [Текст] / И.А. Крылов. Полное собрание сочинений. - М.: Художлит., 1945-1946. - 45 с.
6. Ломидзе, Г. Дружба народов. Литературная газета / Г. Ломидзе. 1972. 15 марта.
7. Медушевский, В.В. Энциклопедический словарь юного музыканта [Текст] / В.В. Медушевский, О.О. Очаковская. – М., Педагогика, 1985. – 352 с.
8. Носова, И.П. Басни. И.А. Крылов [Текст] / И.П. Носова. - М., 2015. - 109 с.
9. Чегалиани, Д. С. «О басне, как жанре литературного произведения» [Текст] / Д. С. Чегалиани. Культура. - Тбилиси. 1980. – 114 с.
10. Ясиновская, А.В. Крыловский вечер в школе. [Текст]/ Под. ред. А.В. Ясиновской. – М.: Детлит., 1969. – 142 с.
11. Телюкина, Л. С. [Электронный ресурс]. Басни Крылова в музыке- Режим доступа: https://nsportalru/detskiy-sad/raznoe2017/01/17/ basin-krilova-v-muzike.dock (дата обращения 20.01.22.

ОСОБЕННОСТИ ВОСПРИЯТИЯ БАСЕН И.А. КРЫЛОВА МУЗЫКАЛЬНОЙ АУДИТОРИЕЙ

Данная статья посвящается особенностям музыкального восприятия басен Крылова аудиторией. По мнению автора статьи, басни Крылова не только можно читать или же сыграть по ролям, но и петь. Также автор подробно описывает историю музыкального развития басен Крылова. Особенно анализирует композиции А. А. Плещеева, А. Рубинштейна, В Ребикова, В.Ф. Одоевского. А Гречанинова, Ц. Кюи, А. Варламова и других.

По мнению автора статьи, композиторы не раз обращались к басням Крылова. Басни Крылова положены на музыку композиторов XX века. Ими десятками издавались сборники нот для голоса и фортепиано.

Автор особенно подчеркивает, что дети с самого раннего детства знакомятся с баснями Ивана Андреевича Крылова и с уверенностью отмечает, что каждый помнит работягу стрекозу, ленивого муравья хитрую, коварную лису, глупую ворону, маленького жалкого ягненка, жестокого волка, мудрую змею, мартышку непоседу, проказницу, неуклюжего мишку, горделивого и в то же время глупого осла и т.д. Автором отдельная графа отводится аллегорическим образам животных, которые читались «по голосам».

В статье говорится о мультипликационных фильмах снятых по мотивам басен по сценариям Ю. Михайлова, А. Шершурина, С. Бялковской, А. Сазонова и многих других. По мнению автора, после их просмотра запоминаются действия и голоса животных: отчаянной вороны, громкий голос петуха и кукушки, квартет животных, которые непременно вызывают смех и радость. По мнению автора, тон, выбранный композиторами очень кстати мировосприятию детей. Во всем этом немаловажную роль играет и мастерство художника, что способствует быстрому восприятию увиденного.

По мнению автора статьи, для четкого восприятия ребенка все три звена должны работать синхронно: слова автора, искусства композитора и полотно художника.

Ключевые слова: *Крылов И.А., басня, композитор, художник, музыка, аллегорические образы, романс, опера, оркестр, пьеса.*

ХУСУСИЯТҲОИ ДАРКИ МАСАЛҲОИ И.А. КРИЛОВ АЗ ҶОНИБИ ҲАВОДОРОНИ МУСИҚӢ

Мақолаи мазкур ба хусусиятҳои дарки ҳаводорони мусиқӣ ба масалҳои Крилов бахшида шудааст. Ба андешаи муаллифи мақола, масалҳои Криловро на танҳо хондан ва ё дар нақшҳо иҷро кардан мумкин аст, балки сурудан низ имкон дорад. Муаллиф, инчунин, таърихи инкишофи мусиқии масалҳои Криловро муфассал баён намудааст. Махсусан, асарҳои А.А.Плешеев, А.Рубинштейн, В.Ребиков, В.Ф. Одоевский, С. Гречанинов, А. Кюи, Варламов ва дигаронро таҳлил намудааст. Ба ақидаи муаллифи мақола, бастакорон борҳо ба масалҳои Крилов таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Бастакорони асри 20 масалҳои Криловро ба оҳанг даровардаанд. Аз ҷониби онҳо, даҳҳо маҷмуаи нотаҳо барои овоз ва фортепиано нашр гардидааст.

Муаллиф махсус таъкид мекунад, ки кӯдакон аз синни хурдсолӣ бо масалҳои Иван Андреевич Крилов, аз ҷумла бо сӯзанаки танбал, мӯрчаи меҳнатдӯст, рӯбоҳи маккору хиёнаткор, зоғи аблаҳ, барраи бадбахт, гурги бераҳм, мори доно, маймуни беқарору масхарабоз, хирси ноуҳдабаро, хари мағрур ва ҳамзамон беақл ва ғайраҳо шинос мешаванд. Муаллиф ба образҳои маҷозии ҳайвонот, ки «бо овозҳо» хонда мешуданд, сатри алоҳида ҷудо кардааст.

Ҳамзамон, дар мақола оид ба филмҳои тасвирӣ, ки аз рӯйи масалҳо дар сенарияҳои Ю.Михайлов, А.Шершурин, С.Бялковская, А.Сазонов ва дигарон ба навор гирифта шудаанд, сухан меравад. Ба фикри муаллиф, пас аз тамошои онҳо кирдор, рафтор ва овози ҳайвонҳо дар хотир мемонанд: зоғи ноумед, овози баланди хурӯсу куку, чоргонаи ҳайвонҳо, ки ҳатман боиси хандаю шодӣ хоҳанд гашт.

Муаллиф чунин мешуморад, ки оҳанги интихобкардаи бастакорон ба ҷаҳонбинии кӯдакон хеле мувофиқ аст. Дар ин ҳолат маҳорати рассом нақши калон мебозад, ки ба зуд дарк намудани саҳнаи дидааш мусоидат мекунад.

Ба андешаи муаллифи мақола, барои дарки аниқи кӯдак ҳар се қисм бояд дар якҷоягӣ амал кунанд: каломи муаллиф, санъати бастакор ва амали рассом.

Калидвожаҳо: *Крилов И.А., масал, оҳангсоз, рассом, мусиқӣ, образҳои маҷозӣ, романс, опера, оркестр, намоишнома.*

FEATURES OF THE PERCEPTION OF THE FEBLES I. A. KRYLOV'S MUSICAL AUDIENCE

This article is devoted to the peculiarities of the perception of Krylov's fables by the musical audience. According to the author of the article, Krylov's fables can not only be read or played by roles, but also sung. The author also describes in detail the history of the musical development of Krylov's fables. He especially analyzes the compositions of A.A. Pleshcheev, A. Rubinstein, V. Rebikov, V.F. Odoevsky, A. Grechaninov, Ts. Kyui, A. Varlamov and others. According to the author of the article, composers of the 20th century have repeatedly turned to Krylov's fables. Dozens of them published collections of sheet music for voice and piano.

Also, the author especially emphasizes that children from early childhood get acquainted with the fables of Ivan Andreevich Krylov and notes with confidence that everyone remembers a hard worker-dragonfly, a lazy ant, a cunning, cunning fox, a stupid crow, a miserable little lamb, a cruel wolf, a wise snake, a monkey - a fidget, a mischievous woman, a clumsy bear, a proud and at the same time stupid donkey, etc. The author devotes a separate column to allegorical images of animals, which were read "by voices."

And also the article talks about animated films based on fables based on scripts by Y. Mikhailov, A. Shershurin, S. Byalkovskaya, A. Sazonov and many others. According to the author, after watching them, the actions and voices of animals are remembered; a desperate crow, the loud voice of a rooster and a cuckoo, a quartet of animals that will certainly evoke laughter and joy.

Also, according to the author, the tone chosen by the composers is very appropriate for the worldview of children. In all this, the skill of the artist also plays an important role, which contributes to the quick understanding of the child. The author thinks that for a clear perception of the child, all three links must work synchronously: the words of the author, the art of the composer and the canvas of the artist.

Keywords: *fable, composer, artist, music, allegorical images, romance, opera, orchestra, play.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Галимова Мохинур Баротовна *– Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ. Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 73 «а». Телефон: (+992) 908892619; E-mail: mohinur.galimova-40@mail.ru*

Сведение об авторе: Галимова Мохинур Баротовна *– Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзада, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Борбада 73 «а». Тел.: (+992) 908892619; E-mail: mohinur.galimova-40@mail.ru*

About the author: Galimova Mohinur Barotovna *- Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzoda, Candidate of Philology, Senior Lecturer of the Department of Foreign Languages. Address: 734025, Dushanbe, 73 "a" Borbad Avenue. Phone: (+992) 908892619; E-mail: mohinur.galimova-40@mail.ru*

ТДУ: 891.550

ҲИСОМЕЗӢ ВА ТАСВИРҲОИ ПАРАДОКСӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Шарипов Ш.Р.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Шафеи Кадканӣ дар таърифи ҳиссомезӣ гуфтааст, ки “баён ва таъбирест, ки ҳосили он аз омехта шудани ду ҳис бо якдигар ё ҷонишинии онҳо хабар диҳад” [4, с. 41]. Чунончи,

Гаҳ **бӯйро** ба тарбияти чашм **карда ранг**,
Гаҳ **рангро** ба таҳвияти мағз **бӯ кунанд**[10, с. 324].

Дар байти боло ҳисси шомеа бо босира (**бӯй ва ранг**) омезиш ёфтааст. Дар гуфтугӯйи халқӣ низ ибораҳои ҳисомезонаи “қиёфаи турш”, “сухани ширин” корбурд доранд, ки дар ибораи аввал ҳисси биноӣ бо зоиқа ва дар ибораи дувум ҳисси шунавоӣ бо зоиқа ворид шудаанд. Азбаски ибороти фразеологӣ дар забони халқ ҳазми комил ёфтаанд, ҳеҷ кас намегӯяд, ки қиёфаи турш намешавад, зеро чизи бо чашм диданист, на чашиданӣ, ки турш гӯем ва ё сухан чизи шуниданист, на хӯрданӣ, ки мазаи онро ширин ва ё талх ном барем.

Корбасти фаровони ҳисомезӣ, ки ба пиндори Шафеи Кадканӣ дар даврaҳои мухталифи шеъри форсии тоҷикӣ ба чашм мерасад, аз мухтасоти сабки ҳиндӣ (ҳарду шохаи он: эронӣ ва ҳиндӣ) буда, адабиётшиноси маъруфи мазкур шеъри Бедилро дар масъалаи баҳрабардорӣ аз шигарди ҳисомезӣ пурбасомадтарин медонад[4, с. 41-42].

Шафеи Кадканӣ гуфтааст: “Дар тӯли таърихи шеъри форсӣ то асри мо тақрибан чашмгиртарин намунаҳо ва басомадҳои ҳисомезиро бояд дар шеъри ӯ (Бедил – Ш.Ш.) ҷустуҷӯ кард ва танҳо дар ин авохир дар шеъри нав, он ҳам таҳти таъсири шеъри форангӣ, ин навъи тасвирҳо рӯй ба афзоиш рафта ва болотарин вижагии сабки Суҳроби Сипеҳриро ташкил медиҳад” [4, с. 43].

Дар ғазалиёти Зуҳурӣ низ ҳисомезӣ корбурди вофир дорад ва мазомини андешаҳои улвии шоирро табйин намуда, ҳатто то ҷое ҳис ба хусусияти(сифат) ашё ва ҳаракати(феъл) он ҳамнишин шуда, ки дар қолаби иборат имтиёзи фарохтари таъвилро эҳдо кардааст. Чунончи, «ҳаваси фарбеҳ» (ишора ба орзуи зиёд ва майлу иштиёқи калон):

Бо хами бозӯйи ҳасрат **ҳаваси фарбеҳ**и мо,
Ба таманнои миёни ту, ҳамон лоғар ҳаст [10, с. 412].

Дар байти фавқ сифати «фарбеҳ», ки хоси узви босира аст, бо «ҳавас», ки тамоили ҳисси зоиқа дорад ва дар байти зер ҳисси шома бо шунавоӣ омезиш ёфтааст:

Нофа аз чини тура гашт дилам,
Бӯйи давлат зи худ **шунуд** имшаб [10, с. 92].

Бӯйи гул ва ранги лола гирифтани нигоҳ (ҳисомезии босира бо шома):

Ба гулшане, ки гузори ту навбаҳор афтод,
Нигоҳ бӯи гулу ранги лола мегирад [10, с. 326].

Дар «Девон»-и Зуҳурӣ таркиби «ришстаи овоз» (ҳисомезии сомеа ва босира, чашмгир аст, ки тасвири нодир ва ибҳомист, ки шояд барои хонандаи одӣ музҳик намояд:

Аз бало махрӯш, эй дил, з-он, ки мурғи нағмасоз,
Боли худро дар қафас аз **ришстаи овоз** баст [10, с. 65].

Дар эҷодиёти Бедил 5 маротиба таркиби «шуълаи овоз» омадааст, ки ибораи мазкур зодаи завқи нотакрори адабии ӯст ва ба таркиби офаридаи Зуҳурӣ – «ришстаи овоз» ҳампояанд. Дар эҷодиёти Бедил ибораи «табассуми хокистарӣ» [4, 44] ва дар ғазалиёти Зуҳурӣ таркиби «паҳлуи хокистарӣ» ба чашм мерасад, ки бозгӯйи завқи баланди адабии ин ду адибанд:

Занад **паҳлу** бар ин **хокистарӣ** дар тӯдаи ахгар,
Агар берун диҳам доғе, ки андар дил дафин бошад [10, с. 342].

Ба бӯйи Аёз болидани ранг (ҳисомезии босира бо шома):

Ба бӯстони вафо дар гул-гули Маҳмуд,
Ҳанӯз **ранг ба бӯи Аёз меболад** [10, с. 344].

Бӯйи ошноӣ аз овоз омадан(ҳисомезии шома ва шунавоӣ)
Сухан дар ранги ҳар бегонае мегӯӣ мефаҳмам,
Ки **бӯйи ошноиҳ**о аз ин овоз меояд [10, с. 346].

Бӯйи шикаст хӯрдан (ҳисомезии шома ва чашоӣ):
Мужда, ки бар димоғи дил **бӯи шикаст мехӯрад**,
Аз хами зулфи анбарин манъи шикан намекунад [10, с. 411].

Бӯйи занҷир дамидан (ҳисомезии шома ва босира):
Будат ҳаваси ҷунун Зуҳурӣ,
Ҳин, **медамад аз ту бӯи занҷир** [10, с. 612].

Аз тори оҳ бофтани гилем (ҳисомезии шунавоӣ - «оҳ» ва ломиса-«бофтан»):
Сели сиришки мо магар бар сари шустушӯ равад,
Бахт зи тори оҳи мо бофта ин гилемро [10, с. 22].

Ҳисомезии шома ва босира:
Зи ҳиммат аст, ки **ҳам бӯйи ӯ зи ӯ шунаванд**,
Хуш аст лутфи сабо, лек миннатолуд аст [10, с. 68].

Ҳисомезии шома ва босира:
Ба гулшане, ки гузори ту навбаҳор афтад,
Нигоҳ бӯи гулу ранги лола мегирад [10, с. 422].

Ба пиндори Шафеи Кадканӣ аз андоза зиёд истифода кардани ҳиссомезӣ дилпазирии шеърро инҳитот мебахшад, чуноне ки ин гуна муносибатро Суҳроби Сипеҳрӣ бо шеърҳои китоби охиринаш таҳти унвони «Мо ҳеҷ, мо нигоҳ» раво дидааст[4, с. 45]. Аммо корбурди аз андоза зиёди шигарди ҳисомезӣ дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба чашм намерасад. Зуҳурии Туршезӣ тавонистааст, ки дар ҳадди камол ва мавқеъ аз ҳисомезӣ кор гирад ва дар як тасвир аз ду ва ё се навъи эҳсос бештар баҳра наҷӯяд.

Дар абёти зерини шоир ду навъи эҳсос чашмгир аст:

Ҳисомезии сомеа (оҳ, гиря) ва босира (ғубор, мунир ва руху гул):
Худро ба оби гиря диҳам, ё ба боди **оҳ**,
Гар ҳастиям **ғубор**и замири **мунир**и туст [10, с. 51].

Он қадар қадр надорем, ки бар мо ханданд,
Ҷуз гули **гиря**и мо кас ба **рух**и мо нашукуфт [10, с. 128].

Ҳамин тавр, яке аз авомили тасвирсоз дар ғазалиёти Зуҳурӣ шигарди ҳисомезӣ буда, хамирмояи шеъри ӯро бо омезиши ду ва ё се ҳис дар як шабакаи тасвир балеғтар намуда, мазмуни шеърро рангинтар кардаанд.

Мутаноқизнамоӣ (парадокс – paradox, oxymoron) аз вожаи лотинии Paradoxum ва юнонии Paradoxon баргирифта шуда, аз ду реша: «para» – муқобил ва ё мутаноқиз ва «doxa» – ақида ва назар иборат аст [11, с. 68; 2, с. 133]. Мутаноқизнамоиро дар фарҳангҳо, аз ҷумла «Фарҳанги Оксфорд» иборате гуфтаанд, ки бо ақидаи умум мутаноқиз аст [12, с. 185].

Дар истилоҳи адабӣ мутаноқизнамоиро яке аз навъҳои ошноизудоӣ ва шигардҳои барҷаста ва шигифтангези адабӣ, каломи зоҳиран бо худ мутаноқиз ё муҳаммил, ки ду амри мутазод ё носозгорро ҷамъ карда, бо боварҳои урфӣ, ақлӣ, шаръӣ, мантиқи одӣ носозгор аст [2, с. 133].

Ба пиндори Аҳмад Гулӣ ва Сардори Бофикр «мутаноқизнамоӣ (тасвири парадоксӣ - oxymoron) яке аз ҷилваҳои зебои баён дар осори адабӣ буда, ин ҳунари адабӣ мумкин аст ба сурати таъбир ё таркиб ба кор биравад»[2, с. 133].

Роҷеъ ба иртиботи мутаноқизбаёнӣ ва шатҳиёт муҳаққиқон: Ниёчубӣ Саидмуҳсин Маҳдӣ ва Сатторӣ Ризо гуфтаанд, ки «мутаноқизнамоӣ яке аз барҷастатарин равишҳои ташаххус бахшидан ба забон аст, ки дар адаби форсӣ бештар реша дар орои сӯфия ва шатҳиёти онон дорад» [7, с. 225].

Тасвири парадоксӣ (oxymoron) яке аз шигардҳои маъруф ва серкорбурд дар адвори мухталифи адабиёти форсу тоҷик (дар даврaҳои аввал андак ва сода ва сабки ҳиндӣ

бавофир ва печида) буда, ба хонанда ҳамеша паҳлуи дигари маъноро бозгӯ менамояд ва ҳамеша тадоӣ аз матни пинҳон дорад. Чунончи, дар байти зерини Мавлоно омадааст:

Ҳар касе рӯе ба сӯе бурдаанд,
В-ин азизон рӯ ба бесӯ кардаанд[4, с. 55].

Ва ё Саноӣ фармудааст:

Ханда гирянд ҳама лофзанон бар дари ту,
Гиря ханданд ҳама сӯхтагон дар бари ту[4, с. 55].

Абулфазл Раҳими Род ташхис ва парадоксро «аз ҷумлаи маворидиҳинҷоргурезии маноӣ» донистааст [1, с. 37]. Ин шигарди адабӣ - тасвири парадоксӣ аз вежагиҳои сабки ҳиндӣ гардида, аз авомили устувору ҳунарии тасвирсозӣ дар ғазалиёти Зуҳурист, ки Шафеи Кадканӣ дар ташреҳи мафҳуми мазкур чунин гуфтааст: «Манзур аз тасвири парадоксӣ тасвирест, ки ду рӯйи таркиби он ба лиҳози мафҳум якдигарро нақз мекунанд» [4, с. 54].

Чӣ тавре ки Ҳусейн Ҳасани Пуролоштӣ гуфтааст: «Тасвирҳои парадоксӣ, ки бо Саноӣ ва ашъори муғонаи ӯ оғоз шуд, дар сабки ҳиндӣ, бахусус, дари шеъри Урфӣ, Зуҳурӣ ва Толиб ба манзалаи шохисаи барҷастаи сабкӣ пайдо шуд ва басомади он дар шеъри шоирони тарзи хаёл, бахусус, Бедил болотар рафт ва бештарин намунаҳо аз ин гуна тасовир халқ шуд» [8, 76].

Дорад уммедворие, в-арна
Дар фироқат чаро намурд фироқ [10, с. 447].

Тафтаҷонон кунанд шуъла ба ҷом,
Гарчи **бо Хизр ҳамсабӯ**ёнанд[10, с. 208].

Нозам ба тозарӯйии пажмурдахотирон,
Сарсабзии баҳори ҷаҳон **аз хазон**и мо[10, с. 6].

Дар ҳар кадоме аз ин абёт ду пушти муқобил ва ё ду мақулаи мутаноқуз ҳамдигарро нақз мекунанд ва ин навъи тасвир дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба яке аз авомили умдаи ибҳом бадал шудааст. Дар абёти зер «ҳино бастани чашми тар ба пойи касе», «ҳумоюн шудани бахти тира», «тирагӣ афзудани чароғ», «рӯшании шабҳои тор», «пардагӣ аз оҳ кардани нола» ва амсоли инҳо аз як нигоҳ мутаноқиз намоянд, аз паҳлуи дигар вежагии ҳамон тасвиранд. Чунончи, бахти тира ҳумоюнӣ надорад, аммо он ҳам як навъи бахт аст, тақдири азалист ва фархунда бод гуфтан ва хуш пазируфтани он ҳам навъе аз ризояти бандагист.

Бахти сафед сохта **шоми саҳар** маро,
Рӯзам сиёҳкардаи зулфи чу қири туст[10, с. 51].

Рӯйи маро ба хуни ҷигар мекунад нигор,
Чашми тарам, ки **пой**и касеро **ҳино** набаст[10, с. 170].

Гардида бахти тира ҳумоюн зи фарри ишқ,
Гирад ҳумой фол ба гулбонги зоғи мо[10, с. 13].

Шигарди мутаноқизнаморо бархе аз муҳаққиқон аз ҷумлаи санъатҳои бадеии адабӣ дониста [9, с. 97], зумраи дигар «як ороя бадеӣ дар адабиёти форсӣ, яке аз авомили зебоӣ ва барҷастасозӣ дар осори адабӣ» [5, с. 191] гуфта, гурӯҳи сеюм ҳам дар ҳавзаи забон ва ҳам дар ҳавзаи маъно яке аз авомиле донистаанд, ки боиси ошноизудоӣ ва барҷастагии калом аст[6,169; 3, 853].

Чароғи ориятӣ **тирагӣ зиёда кунад**,
Ба **рӯшноии шабҳои тор** савганд аст [10, с. 102].

Ноларо карда пардагӣ аз оҳ
Нози маъшуқ бар лаби ошиқ [10, с. 445].

Ваҳ, чӣ будӣ, к-офати дармон набудӣ дардро,
Бар бинои сабри мо **вайронии таъмир** рехт [10, с. 166].

Дида ҳайратзада шуд, рухсати дидан дорад,
Вақти **ғавғои хомӯшист**, шунидан дорад [10, с. 237].

Чаман надида зи қаддат кашидатар нахле,
Ниҳолҳо ҳама дар **кӯтаҳӣ баланд** он ҷо [10, с. 35].

Намонд ҳеҷ ҳиҷобе, ғами ҷудоӣ нест,
Миёни мову ту **ҳоил ҷуз ошноӣ** нест [10, с. 49].

Намак бинҳода **шӯри ханда** бар хони ҷигаркорон,
Чаро бар худ бинозем **роҳати озор** пайдо шуд[10, с. 341].

Ҳамин тавр, тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти шоир шаҳодати дигари таҳаввули пайвастаи мабонии ҷамолшиносии шоирро бозгӯ намуда, сувари хаёли ӯро «аз ҳинҷори маълуфи (улфатгирифтаи) эстетикии бадеии қудамо», яъне тақорунҳои шинохташуда ба самти ҳинҷоршиканиҳои ғайримаълуф – «шатҳӣ ва хушаҳои савтӣ ва мусиқоӣ» ҳидоят кардаанд [4, с. 55].

Хулоса, ҳиссомезӣ дар нақди адабӣ баён ва ё таъбирест, ки дар он ду ҳис бо якдигар омехта шуда, корбурди фаровони он дар давраҳои мухталифи шеъри форсии тоҷикӣ ба чашм расида, аз мухтасоти сабки ҳиндӣ буда, дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ низ корбурди вофир дорад ва мазомини андешаҳои улвии шоирро табйин намуда, ҳатто то ҷое ҳис ба сифати ашё ва ҳаракати он ҳамнишин шуда, ки дар қолаби иборат имтиёзи фарохтари таъвилро эҳдо кардааст.

Дар истилоҳи адабӣ мутаноқизнамоиро яке аз навъҳои ошноизудоӣ ва шигардҳои барҷаста, яке аз ҷилваҳои зебои баён дар осори адабӣ, равишҳои ташаххус бахшидан ба забон, ки дар адаби форсӣ бештар реша дар орои сӯфия ва шатҳиёти онон дорад, аз ҷумлаи мавориди ҳинҷоргурезии маноӣ, аз вежагиҳои сабки ҳиндӣ, тасвире, ки ду рӯйи таркиби он ба лиҳози мафҳум якдигарро нақз мекунанд, таъриф намудаанд.

Тасвире, ки ду пушти муқобил ва ё ду мақулаи мутаноқуз ҳамдигарро нақз мекунанд дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба яке аз авомили умдаи ибҳом бадал шудааст.

АДАБИЁТ

1. Абулфазл, Раҳими Род. Ҷойгоҳи Суҳроби Сипеҳрӣ дар шеъри муосири форсӣ: Дисс. … номз. илм. филологӣ. - Душанбе, 2009. - 114 с. (бо хатти форсӣ)
2. Гулӣ, Аҳмад, Бофикр Сардор. Мутаноқизнамоӣ (парадокс) дар шеъри Соиб // Фаслномаи пажӯҳишҳои адабӣ. – 1387. - №20. – С.131-159.
3. Зунгуна Иброҳим Раҳимӣ, Наҷафӣ, Озито.Баррасии анвои породокси таркибӣ ва маъноӣ дар ғазали Мунзавӣ // Маҷмуи мақолоти ҳамоиши пажӯҳишҳои забон ва адаби форсӣ. - 1392. – С.853-860.
4. Кадканӣ, Шафеӣ. Шоири оинаҳо. – Теҳрон, 1366. – С.41.
5. Лайло, Ғуломпур Оҳангари Калобӣ, Маҳмуди Товусӣ, Ализода Шаҳин Авҷоқ. Таҳлили породокс дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор ва равоншиносии Юнг//Нашрияи забон ва адаби форсии Донишгоҳи Табрез. – №240, 1398. – С.191-212.
6. Муртазо, Муҳсинӣ, Сиёвуши Ҳақҷӯ, Ғафурӣ Иффати Содот. Баррасӣ ва муқоисаи мутаноқизнамо дар ғазалиёти Саноӣ ва Аттор // Мутолеоти забони балоғӣ. – 1392. - №8. – С.169-192.
7. Ниёҷубӣ, Саидмуҳсин Маҳдӣ ва Сатторӣ Ризо. Шеваҳои мутаноқизнамоӣ дар ғазалҳои Саноӣ // Пажӯҳишномаи адаби ғиноии Донишгоҳи Систони Балуҷистон. - 1397. – С.225-264.
8. Ҳусейн, Ҳасани Пуролоштӣ. Се тан аз бузургтарин мураввиҷони шеъри форсии сабки ҳиндӣ дар Ҳиндустон // Маҷаллаи мутолеот ва таҳқиқоти адабӣ. - 1394. - №18. – С. 69-80.

9. Пайкар, Муртазо Нодирӣ, Ваҳидиён, Комёр Тақӣ. Шигардҳои хоси Саъдӣ дар ду санъати бадеӣ: тазод ва мутаноқизнамо // Фаслномаи тахассусии сабкшиносии назм ва насри форсӣ. – 1395. – №31. – С.97-113.
10. Туршезӣ, Зуҳурӣ. Девони ғазалиёт /Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи дуктур Асғари Бобосолор / Зуҳурии Туршезӣ. – Теҳрон: Китобхона, музей ва маркази асноди маҷлиси Шӯрои исломӣ, 1390. – 1622 с.
11. Чинорӣ, Абдуламир. Мутаноқизнамоӣ дар адабиёти форсӣ // Маҷаллаи Каён. №28. – Теҳрон.1374. – С.68-71.
12. Simson, A., Wetner, E.S. The Oxford English Dictionery. Vol XI. Oxford: 1989, P. 185.

ҲИСОМЕЗӢ ВА ТАСВИРҲОИ ПАРАДОКСӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Ба андешаи муаллиф, ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ корбурди вофир дошта, мазомини андешаҳои улвии шоирро табйин намудааст.

Муайян карда шудааст, ки санъати мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба яке аз авомили умдаи ибҳом бадал шудааст.

Муаллиф ошкор намудааст, ки як зумра муҳаққиқон аз андоза зиёд истифода кардани ҳиссомезиро инҳитоти дилпазирии шеър донистааст. Ин навъи тасвир дар ғазалиёти Зуҳурӣ аз андоза зиёд корбурд надорад.

Ба андешаи муҳаққиқ, Зуҳурии Туршезӣ тавонистааст, ки дар ҳадди камол ва мавқеъ аз ҳисомезӣ кор гирад ва дар як тасвир аз ду ва ё се навъи эҳсос бештар баҳра наҷӯяд.

Муайян шудааст, ки яке аз авомили тасвирсоз дар ғазалиёти Зуҳурӣ шигарди ҳисомезӣ буда, хамирмояи шеъри ӯро бо омезиши ду ва ё се ҳис дар як шабакаи тасвир балеғтар намуда, мазмуни шеърро рангинтар кардаанд.

Муҳаққиқ муайян намудааст, ки шигарди мутаноқизнаморо бархе аз муҳаққиқон аз ҷумлаи санъатҳои бадеии адабӣ дониста, зумраи дигар як ororяи бадеӣ дар адабиёти форсӣ, яке аз авомили зебоӣ ва барҷастасозӣ дар осори адабӣ гуфта, гурӯҳи сеюм ҳам дар ҳавзаи забон ва ҳам дар ҳавзаи маъно яке аз авомиле донистаанд, ки боиси ошноизудоӣ ва барҷастагии калом аст.

Муаллиф фарқи корбурди ҳисомезӣ ва тасвирҳои парадоксии ғазалиёти Зуҳуриро аз адибони дигар дар он мебинад, ки шоир дар корбурди онҳо аз ҳад нагузаштааст ва аз навъҳои гуногуни тасвири парадоксӣ суд ҷуста, бештар аз омезиши ду ҳис ва гоҳо се ҳис ба ҳам матлаби адабии худро иброз доштааст.

***Калидвожаҳо**: Зуҳурии Туршезӣ, шеър, ғазал, адабиёт, шоир, ҳисомезӣ, тасвирҳои парадоксӣ, ororяи бадеӣ, барҷастасозӣ, ҷамолшиносӣ, ошноизудоӣ, осори адабӣ, ҳинҷоргурезӣ, сабки ҳиндӣ, мазмун, баён, андеша, девон.*

СИНЕСТЕЗИЯ И ПАРАДОКСИЧЕСКИЕ ОБРАЗЫ В ГАЗЕЛЯХ ЗУХУРИ ТУРШЕЗИ

По мнению автора, синестезия широко используется в газелях Зухури Туршези и выражает высокое содержание и идеи поэта.

Известно, что искусство парадокса в газелях Зухури стало одним из специфических факторов двусмысленности.

Автор показывает, что ряд ученых считают чрезмерное использование синестезии концом очарования стихотворения.

По мнению исследователя, Зухури Туршези умел использовать синестезию максимально полно и своевременно, и не использовал более двух-трех видов синестезии в одном образе.

Установлено, что одним из описательных факторов в газелях Зухури является поэтическая рифма, которая дополняет основу его стихотворения, соединяя в одном потоке образа две-три синестезии, и делает содержание стихотворения более красочным.

Исследователь установил, что изучение парадоксов одни исследователи рассматривали как литературное искусство, другие описывали его как художественный процесс в персидской литературе, один из факторов красоты и известности в литературных произведениях.

Отличие использования синестезии и парадоксальных описаний газелей Зухури от других писателей автор видит в том, что поэт не злоупотреблял ими, а использовал разные виды парадоксальных описаний, выражающих более чем смешение двух, а иногда и трех смыслов.

***Ключевые слова**: Зухури Туршези, поэзия, газель, литература, поэт, синестезия, парадоксальные образы, художественный замысел, красноречие, эстетика, отстранение, литературное наследие, отклонение от нормы, индийский стиль, содержание, выражение, мысль, диван.*

SYNESTHESIA AND ROODOX IMAGES IN THE GAZELLES OF ZUHURI TURSHEZI

According to the author, synesthesia is widely used in Zuhuri Turshezi's ghazals and expresses the high content and ideas of the poet.

It is known that the art of porodox in Zuhuri's gazelles has become one of the specific factors of ambiguity. The author shows that a number of scholars consider the overuse of synesthesia to be the end of the poem's charm.

According to the researcher, Zuhuri Turshezi was able to use synesthesia as fully and timely as possible, and did not use more than two or three types of synesthesia in one image.

It has been established that one of the descriptive factors in Zuhuri's ghazals is poetic rhyme, which complements the basis of his poem, combining two or three synesthesias in one stream of images, and makes the content of the poem more colorful.

The researcher found that some researchers considered the study of paradoxes as a literary art, others described it as an artistic process in Persian literature, one of the factors of beauty and fame in literary works. the words.

The author sees the difference between the use of synesthesia and paradoxical descriptions of Zuhuri's gazelles from other writers in that the poet did not abuse them, but used different types of paradoxical descriptions, expressing more than a mixture of two, and sometimes three meanings.

***Keywords:** Zuhuri Turshezi, poetry, gazelle (ghazal), literature, poet, synesthesia, paradoxical images, artistic conception, eloquence, aesthetics, detachment, literary heritage, deviation from the norm, Indian style, content, expression, thought, divan.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:** Шарипов Шариф Раҳмонович – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯйи шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздик. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 92 757 32 28; E-mail: ssssharif@mail.ru*

***Сведения об авторе:** Шарипов Шариф Рахмонович - Институт Азиатских и Европейских исследований Национальной академии наук Таджикистана, соискатель отдела Среднего и Ближнего Востока. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Тел.: (+992)92 757 32 28; E-mail: ssssharif@mail.ru*

***Information about the author:** Sharipov Sharif Rahmonovich - Institute of Asian and European Studies of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant of the Department of the Middle and Near East. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Ave. Phone: (+992)92 757 32 28; E-mail: ssssharif@mail.ru*

ТДУ: 891.550 (575.3)

ТАСВИРИ ЗАН-МОДАР ДАР АШЪОРИ РАҲМАТ НАЗРӢ

Каримова М. Р.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Адабиёти тоҷик дар замони истиқлол аз лиҳози мавзую муҳтаво, маъно ва тасвирҳои шоирона ҷилваҳои тоза касб карда, аз ҳар ҷиҳат бою ғанӣ гардидааст. Аз ҷумла, тасвир ва тавсифи зан-модар, ки аз мавзуъҳои ҷовидонаи адабиёт мебошад, дар ин даврон хеле равнақ ёфта, ҷилваву тобишҳои нав ба нав пайдо кардааст. Шоирон кӯшидаанд, ки сифатҳои хоси зани тоҷикро дар таркибҳои тоза ва ороёҳои мухталифи адабӣ ба қалам дода, аз як тараф, бузургию муҳаббати оламгири модар ва, аз ҷониби дигар, хизматҳои шоёни занро дар ҷомеаи навини тоҷик таҷассум намоянд. Яке аз шоирони тоҷик, ки мавзуи мазкур дар эҷодиёти ӯ мавқеи марказӣ дорад, устод Раҳмат Назрӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки шеъри Раҳмат Назрӣ аз ҷониби устодони сухан, чун Боқӣ Раҳимзода, Раҳим Ҳошим, Расул Ҳодизода, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Ширин Бунёд ва дигарон баҳои баланд гирифтааст. Масалан, Муъмин Қаноат менависад: «Раҳмат Назрӣ аз қабили он шоиронест, ки дар кори шеър тозаандешию тозанигорӣ ва тозапардозиҳои намоёну шоён дорад, тозакориҳову тозаандешиҳо дар шеър махсуси ӯ мебошанд» [4, с. 6]. Ин тозакориҳову навпардозиҳо дар шеъри Раҳмат Назрӣ аз он ҷо маншаъ гирифта, ки бино ба қавли М. Қаноат, «ӯ аз идомаи анъанаҳои дерини шеъри суннатии форсӣ вусъат мегирад». Ба шарофати луғоту таркибҳо ва таъбирҳои тозаву шоирона ва вожасозиҳо, ки дар шеъри Раҳмат Назрӣ фаровон ба чашм мехӯранд, Муъмин Қаноат Раҳмат Назриро «аз шоирони пешгому пешрави адабиёти муосири мо» медонад [4, с.6]. Ҳамин тозакорию навпардозиҳоро ҳангоми тасвири зан-модар низ дар шеъри Раҳмат Назрӣ мушоҳида мешаванд. Дар мавриди модар шоирони зиёде шеър сурудаанду модарномаҳо офаридаанд. Раҳмат Назрӣ дар симои модар, аз як сӯ, меҳру муҳаббат ва, аз сӯйи дигар, ғаму андӯҳи ӯро дар фироқи фарзанд ҳунармандона ба тасвир меоварад. Чунончи, дар шеъри «Ҳадиси модар», ки соли 1993, дар соли шум барои миллати тоҷик, авҷи ҷанги шаҳрвандӣ, эҷод шудааст, ғаму андӯҳи модар дар фироқи фарзанди гумшудааш чунон ба тасвир омада, ки хонанда он ҳама андӯҳро дар вуҷуди худ эҳсос мекунад:

Сабза сабзидаву хуррам бӯё,
Аз таги по гули зардак рӯё.
Бо сарандози сияҳ пиразане
Раҳ ба раҳ пушта ба пушташ пӯё.
Аз ғами тиратарини дили ӯ
Нигаҳи хираи лолаш гӯё.
Ашки шӯридаи шӯраш нам-нам
Шӯраи гунаи ӯро шӯё.
Дам ба дам гиря гулӯяш гирад,
Дар ба дар мотами худро мӯё.
Бо ассо модари пири тоҷик
Писари гумшудаашро ҷӯё…
Хун бигиряд дилам, ояндаи хеш
Карда гум модари меҳан гӯё! [5, с. 18]

Адабиётшинос Ш.Р. Исрофилниё таъкид карда, ки дар шеъри Раҳмат Назрӣ ҳар калима ҷойи худро дораду бори маънӣ мекашад ва ҳарфҳо оҳанги мусиқӣ доранд [3, с. 12]. Ин хусусиятҳоро дар шеъри боло кушоду равшан мушоҳида мекунем. Дар байти аввал тасвири замон аст, яъне баҳори соли 1993, ки бо вуҷуди «бӯёии сабзаи сабзида»-ву нармии «гули зардак» «зери по» оҳанги ҳузн ҳувайдост. Ибораи «сарандози сияҳ» дар байти дувум, аз як сӯ, ишора ба суннати миллист, ки рӯзи азо сиёҳ мепӯшанд, аз сӯйи дигар, таҷассумгари ғаму андӯҳ аст. Калимаи «сияҳ» ифодагари мусибати сахт аст, ҳатто наметавон шакли дигари он «сиёҳ»-ро дар ин мисраъ ба кор бурд, зеро ин вусъати маъноиро надорад. Шоир дониста ва огоҳона вожаи «сияҳ»-ро ба кор бурдааст, то хонанда ин мусибатро дар вуҷудаш эҳсос кунад. Ҳарфҳое

низ дар ҳар байт вуҷуд доранд, ки лаҳни мусиқоиеро эҷод мекунанд ва бори маънӣ мекашанд. Масалан, ҳарфи «се» дар мисраъҳои аввали байти якуму дувум (дар калимаҳои «сабза», «сабзида», «сарандоз, «сияҳ»), ҳарфи «пе» дар мисраи дувуми байти дувум (дар калимаҳои «пушта», «пушташ») ва «пӯё», ҳарфи «ше» дар байти чаҳорум (дар калимаҳои «ашк», «шӯрида», «шӯраш», «шӯра» ва «шӯё»)…

Дар шеъри Раҳмат Назрӣ вазифаи калимоти қофия танҳо ба ҳамоҳангу мавзун кардани мисраву байтҳо маҳдуд намегардад, балки бори маънӣ ба дӯш доранду мақсади шоирро пурраву комилтар мегардонанд. Чунончи, дар шеъри боло калимаҳои қофия «бӯё», «рӯё», «пӯё», «гӯё, «шӯё», «мӯё», «ҷӯё» ва «гӯё» ҳар як маъние илқо мекунанд, ки ба мазмуни матни шеър алоқаманд аст. Шоир барои ифода намудани мусибати бузург муассиртарин калимаҳоро ба кор мегирад, монанди «мӯё» ба маънии мӯйидан, гиряву навҳа, нолаи ҳазин кардан аст. Шоир мусибати бузурге, ки соли 1993 ба сар Ватан- Тоҷикистон омада буд, дар симои модари пири тоҷик ба тасвир меоварад, ки бо «сарандози сияҳ»-у асо дар даст писари гумшудаашро меҷӯяд. Ин «модари пири асобадасти тоҷик» модари меҳан - Тоҷикистон аст, ки гӯё ояндаи хешро гум кардааст.

Аксари муҳаққиқоне, ки ба шеъри Раҳмат Назрӣ изҳори назар кардаанд, нақши суннатҳои миллиро дар ашъори ӯ барҷаста донистаанд. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки дар ашъори шоир бештар вақт суннатҳои миллӣ тавъам бо тасвири модар меоянд, зеро модарон посдорони суннатҳои миллиянд. Масалан, дар шеъри «Гавҳорасанг»:

Модари ман ҳафт чалпак ҳафтае мепӯхт,
Назди оташдон сипос оварда Яздонро.
Аз сарам гардондаву мебурд бахшидан
Дар мазори ҳазрати Мири Кабир онро…[6, с. 128]

Дастархони бози модари тоҷик, ки шуҳрати ҷаҳонӣ дораду оламиён тоҷиконро ба сифати беҳтарин меҳмоннавоз мешиносанд, дар шеъри «Танӯри гарм»-и Раҳмат Назрӣ хеле ҳунармандона ба тасвир омадааст:

Кушояд суфраи худрову бандад нон,
Агарчанде пур аз нон аст ҳар дӯкон.
Хаёлаш, сард бошад гар танӯри ӯ,
Мусофирбаччаҳои роҳдури ӯ
Лаби ноне лаби обе намеёбанд.
Маҳи нон ғайри маҳтобе намеёбанд.
Гар ӯ дар суфра парвезан наяфшонад,
Хаёлаш, суфраи дунё тиҳӣ монад [6, с. 128].

Чашмингизории модар дар роҳи фарзандони роҳдураш, ки пайи орзуҳо аз ӯ дур шудаанд, дар шеърҳои «Дидори модар», «Дуои модар», «Модар маро бубахшо» хеле муассир ба қалам омадаанд:

Дурам ман аз бари ту, модар, маро бубахшо,
Кас нест ёвари ту, модар, маро бубахшо.
Ман аз пайи ҳавасҳо рафтам ба сӯйи дунё,
Аз погаҳи дари ту, модар, маро бубахшо.
Шаб чун ба чашми маҳтоб, ширин намешавад хоб
Дар дидаи тари ту, модар, маро бубахшо…[6, с. 148]

Аз назари шоир эҳтироми модар барои ҳамагон воҷиб аст, зеро саодати дуҷаҳонии фарзанд бастагӣ ба эҳтироми модар дорад:

Қасаме ба шири модар, қасаме ба номи модар,
Ду ҷаҳон киро надорад, ба як эҳтироми модар [6, с. 149]

Модари тоҷик дар шеъри Раҳмат Назрӣ бо ҳастии табиии худ ба тасвир омада, яъне меҳру муҳаббат, ҷонфидоӣ, сахову ҳиммати баланд, дарду ранҷ ва монанди инҳо, ки барои ба камол расидани фарзанд мекашад, ҳар як хонанда онро дар симои модари худ мебинад:

Ба намози бомдодаш талабад ҳама муродаш,
Ба раҳи умед бошад нигаҳи мудоми модар.

Зи дуои мустаҷобаш ба ҷаҳон расад савобаш,
Равад аз азал паёпай ба абад паёми модар [6, с. 149].

Дар ашъоре, ки шоир ба модар бахшидааст, ғаму андӯҳ бештар аз шодию хурсандӣ таҷассум ёфтаанд. Фарзанди аз кулбаи модар дурафтода ва муқими шаҳргашта пайваста ба ёди модар асту ғаму дарди модарро ба ҷон эҳсос мекунад, зеро медонад, ки модар ба хотири фарзанди роҳдураш ҷигархун аст:

Ҳар кучо аз кулбаи хомӯши ғамдевори модар,
Бод меорад ба сӯям нолаҳои зори модар.
Чӯҷаҳояш дур аз зери қаноти ӯ парида
Ҳамчу хоби нимашаб аз дидаи бедори модар.
Чӯҷаҳояш росту чап сӯи дунё пар кашида,
Мепрад гаҳ росту гаҳ чап ду чашми чори модар.
Чун ғами дунё ғами фарзандҳояш мехӯрад, лек
Нест ҷуз танҳоии ғампарвараш ғамхори модар… [6, с.143]

Ин ғам хӯрдани фарзанд аз танҳоии модар бори дигар аст бар дӯши модар, ки аз ғам хӯрдани фарзанд дар ғам аст:

Ҳар каму беше, ки дар дунёи дил имрӯз дорам,
Нест аз дунёи гил ҷуз андаку бисёри модар.
Ҳар қадар бори ҷаҳонро ман ба дӯши хеш гирам,
Он қадар гардад гарон бори дилу сарбори модар [6, с. 143].

Аз сӯйи дигар, дидори модар барои фарзанд, аз назари шоир, монанди дидани чеҳраи Худованд (Додор) аст, ки ҳама ғаму андӯҳи дилро мезудояд ва шунидани каломи модар орзуҳои мурдаи фарзандро ҷон мебахшад:

Сӯйи ӯ бо дидаи пазмони худ меоям аз дур,
Чеҳраи Додорро мебинам аз дидори модар.
Мешавад чун хок аз овои нойи навбаҳорон
Орзуи мурдаи ман зинда аз гуфтори модар [6, с.143].

Модар ҳамеша такягоҳу муттакои фарзанд аст, ҳарчанд фарзанд ба камол расидаву худ соҳиби фарзанд гаштааст, зеро дар ҳама шикасту ноумедӣ ва бадбахтиҳо инсон, пеш аз ҳама, модарро ба хотир меоварад, зеро медонад, ки танҳо модар аст, ки бори ғами ӯро сабук мегардонад. Ҳатто, ёди модар, ки кайҳо аз ҷаҳон рафтааст, метавонад тасаллобахши дили ғамгини фарзанд бошад:

Оҳ, имшаб модарамро хоб дидам боз,
Пораабре буд рӯмоли сафеди ӯ.
Метаровид аз нигоҳи осмонияш
Ҳафтранги офтоби умеди ӯ…

Лек дигар хонаи вомондааш торик,
Мекашад хомӯшии зори ҳавояш оҳ,
Дар суроғи модарам бо як нигоҳи афсун
Шаб дари пӯшидаашро мекушояд моҳ.

Сояи кобусии шаб ногаҳон дар хоб
Меҷафад бо панҷаҳои бимаш гулӯи ман.
Вой, меларзад дилам, ку модарам акнун,
То занад як панҷа об аз нав ба рӯйи ман… [6, с. 94].

Дар суннати миллат марги падару модарро барои фарзанд «мерос», аммо марги фарзанд барои волидайн «теғи алмос» медонанд, ки ҷигарро пора мекунад. Шеъри «Ситораи дур», ки шоир ба сӯгвории хоҳари ҷавонмаргаш бахшидааст, нолаи модари фарзандгумкарда хеле муассир ба тасвир омадааст:

Модарам, модари азодорам,
Оҳ, аз гиряат чӣ суд акнун!

Хоҳари паршикастаам, ки парид,
Монд бебозгашт дар гардун… [6, с. 49]

Бино ба таъкиди шоир, меҳри модар дар дили фарзанд дар батни модар будан ҷо мегирад. Ба таъбири дигар, меҳри модар азалисту дар хотираи нохудогоҳи фарзанд ҷой мегирад ва дар душвортарин лаҳзаи зиндагӣ инсон ёди модар мекунад. Шеъри «Забони модарӣ» гувоҳи ин матлаб аст:

Ятими рус буд аз кӯдакӣ ӯ,
Ба оинҳои русӣ зист умре.
Забони модарии хештанро
Ба ҷуз русӣ намедонист умре.

Вале аз кӯдакии хеш чизе
Баногаҳ вопасин дам омадаш ёд.
Ба тоҷикӣ, Худо бахшояд ӯро,
Ба ҳасрат «Оҳ модар!» гуфту ҷон дод [6, с. 278].

Ҳамчунин, дар расму ойини миллати мо «хоҳарро ба ҷойи модар» медонанд. Яъне, бародарон вақте модари худро аз даст медиҳанд, нишонаҳои модарро дар симои хоҳарони худ мебинанд. Ин суннат дар шеъри «Сӯзи дил», ки шоир ба ёди хоҳарбузургаш сурудааст, барҷаста ва муассир ба тасвир омадааст:

Хоҳари ман, эй равонат шод бод,
То ту будӣ, модари мо зинда буд.
То ту будӣ зинда дар симои ту
Модари мо дар сари мо зинда буд.

Нусхаи модар ту будӣ як ба як,
Доштӣ рухсораҳои модарам.
Менамуд аз дидаат дидори ӯ,
Буд овозат садои модарам… [6, с. 92]

Вакте хоҳар – нишонаи модар бо ғами марги хоҳару додар ва марги ногаҳонӣ писар аз ин ҷаҳон меравад, ғами шоир садчанд мегардад ва гӯё бори дигар модарро аз даст медиҳад:

Инак, оваҳ, бо ту дар симои ту
Модари мо ҳам, дареғо, даргузашт!
Пушти тобути ту дигар бо фиғон
Шуд равони ман равон бебозгашт [6, с. 93]

Шеъри «Оинаи шикаста» марсияи ҷонгудозест, ки шоир ба ёди хоҳари равоншодаш бахшидааст:

Эй хоҳари ғариби ман, эй меҳрубони дур,
Аз офтоб сӯзи дили худ нуҳуфтаӣ.
Дар пушти хокпуштаи хоксарии Рашт,
Эй хок бар сарам, ки таги хок хуфтаӣ... [6, с. 80]

Дар суннати миллии мо барои дафъи чашми бад, заҳри чашм ё худ захмчашм дар долони хона хор меовезанд ва имон доранд, ки ин хор неши чашми бад, чашми ҳасадро кунд мегардонад. Ин суннат дар шеъри «Хори чашм» дар симои пиразану хонаи вайрони ӯ ба тасвир омадааст:

Хонаи пиразан акнун, афсӯс,
Зери андоваи хеш афсурда.
Аз равуои шабурӯзи ҷаҳон
Пур намуди намадаш похӯрда.

Лек бо ин ҳама хори хеш
Хор овехта дар долонаш,

Чашми бад, чашми ҳасад то нарасад
Бар дари хамзадаи нолонаш [6, с. 300].

Дар шеърҳое, ки шоир суннатҳои миллиро бозгӯйӣ мекунад, се вожа: модар, хоҳар ва пиразан ба сифати калимоти калидӣ хидмат мекунанд. Шоир бо воситаи ин калимаҳо рӯзгори модари тоҷикро ба тасвир мекашад. «Дандони шир» бозгӯйи рӯзгори пиразанест, ки «дунё дигар аз ӯ даст кашида», вале ӯ субҳ аз хоб бармехезад, намоз мегузораду дуо мекунад, шир медӯшад ва алорағми ҳама андӯҳҳо «домани ҳастии худро бо дандони шираш» бигрифтааст:

Бомдодоне, ки бӯйи шир дорад,
Пардаи меҳ ҳамчу рӯйи шир дорад.
Мепарад аз дидагони пиразан хоб
Ногаҳон ҳамчу бухори ширмаҳтоб.

Бомдодоне, ки мерезад сапеда,
Гесувони пиразан безад сапеда.
Гӯиё шираш ба ҷони ӯ бурида,
Бар сараш чун мӯи испедаш дамида…

Гарчи дунё даст аз ӯ дигар кашида,
Дидаи дилро напӯшад аз сапеда.
Домани ҳастии худро дар замираш
Пиразан бигрифта ба дандони шираш [6, с. 56]

Шеъри «Хонаи пиразан» ҳадиси рӯзгори пиразанест, ки дар интизори ҷигарбандҳои «дар корзори ҷанги ҷаҳон бенишон» шудааш хонаи вайронаи худро тарк накардааст, гарчи ҳама мардум аз ошёнаи худ кӯч бастаанд:

Аммо ҳанӯз ҳам
Як хона мондааст.
Чун охирин нишемани инсони охирин
Як хона дар миёнаи вайрона мондааст.

Як пиразан ҳанӯз,
Чун аз ватан ҳанӯз
Аз хонадони хеш ба ҷое намеравад.
Бо қомати хамида зи боғи хамидааш
Ҳамчу дарахти пир, ки кӯчат намешавад...[6, с. 54]

Модари бечора ҳанӯз умедвораст, ки рӯзе фарзандҳояш аз корзори ҷанги ҷаҳон бармегарданд ва агар ӯ чун дигарон кӯч бандад, мабодо, ки фарзандҳояш дар бозгашт хонаашро намёбанду сарсон шаванд:

Мондаст хонааш
Чун байти бозгӯйи суруди ғамонааш.
Бо ёдбуди неки ҷигарбандҳои ӯ,
Дар корзори ҷанги ҷаҳон бенишонааш.

Дорад хаёл модари бечора то ҳанӯз,
Гар ӯ ба ҷойи нав равад аз остонааш,
Фарзандҳои гумшудааш зиндаанд агар,
Дар бозгашти хеш наёбад хонааш.

Он сон ки аз фирор парастуи навбаҳор
Боз ояду наёбад аз айвон хонае
Аз лонаи куҳан
Дигар нишонае [6, с. 54].

Ҳамин тавр, дар шеърҳое, ки Раҳмат Назрӣ ба зан-модар бахшидааст тасвир, ҳунари шоирӣ, интихоби калимоти муассир ва бадеият нақши муҳим доранд. Шоир дар ин тасвирҳо калимаҳоро чунон гулчин намуда, ки ба қалби хонанда таъсир мегузоранд. Ҳар як шеър дорои тасвирҳои шоирона ҳастанд ва ин тасвирҳо мамлӯ аз калимоту таъбироти халқие ҳастанд, ки шоир аз забони гуфтугӯии мардум ба орият гирифта, ба забони адабӣ ворид кардааст. Санъатҳои бадеӣ монанди ташбеҳу истиора хеле моҳирона корбаст шудаанд, ки ҳама тозаву наванд.Суннат ва расму оинҳои миллӣ ҳангоми тасвири модар нақши муҳим доранд, зеро маҳз модарон посдорандаи оинҳои миллатанд. Хулоса дар шеъри Раҳмат Назрӣ зан-модари тоҷик хеле ҳунармандона ба тасвир омада, ки хусусияти тарбиявӣ ва эстетикӣ доранд.

Адабиёт

1. Аҷамӣ, М. Тафаккур ва ҳис дар шеър / М.Аҷамӣ. – Душанбе, Адиб, 2008, 150 с.
2. Гуназар, К. Ватан, эй қаламрави ман / К.Гулназар // Адабиёт ва санъат. – 1988. – С.12.
3. Исрофилниё, Ш.Р. Устураи сарнавишт / Ш.Р.Исрофилниё // Адабиёт ва санъат. – 2021, 30. сент. – №40(2115). – С. 12-13.
4. Қаноат, М. Вожаҳои сарнавишт / М.Қаноат // Адабиёт ва санъат. – 2002. – № 2. – С.8.
5. Назрӣ, Р. Андеша дар андеша / Р.Назрӣ. - Хуҷанд: Меъроҷ, 2017. – 340 с.
6. Назрӣ, Р. Гулбонг / Р.Назрӣ. – Душанбе: Донишварон, 2018. – 320 с.
7. Назрӣ, Р. Лангар / Р.Назрӣ. – Душанбе, 2021. – 352 с.
8. Назрӣ, Р. Сарнавишт / Р. Назрӣ. – Душанбе: Адиб, 1988
9. Ҳодизода, Р. Сабзаҳои умед / Р.Ҳадизода // Садои Шарқ. – 1979.- №5. – С.136.

ТАСВИРИ ЗАН-МОДАР ДАР АШЪОРИ РАҲМАТ НАЗРӢ

Мавзуи ҷовидонаи адабиёт тасвири зан-модар дар адабиёти тоҷики замони истиқлол аз лиҳози мавзую муҳтаво, маъно ва тасвирҳои шоирона ҷилваҳои тоза касб карда, аз ҳар ҷиҳат бою ғанӣ гардидааст. Дар мақола оид ба тасвири зан-модар дар ашъори шоири тоҷик Раҳмат Назрӣ, ки дар ташаккули адабиёти тоҷик нақши муҳим дорад, сухан меравад. Муаллифи мақола бо далоили илмӣ ва шоҳидҳои шеърӣ собит менамояд, ки Раҳмат Назрӣ дар тасвири мавзуи мазкур тозакориҳо ва навпардозиҳо зиёде дорад, ки шеъри ӯро аз дигар шоирон мутамоиз мегардонад. Симои зан-модар дар ашъори шоир бо тамоми шукуҳу шаҳомат ва ранҷу дарде, ки зан-модари тоҷик дар зиндагӣ дорад, ба тасвир омадааст.

Ба таъкиди муаллифи мақола, ҳангоми тасвири симои модар се калима нақши муҳим доранд: модар, пиразан ва хоҳар ва бо ин се калима шоир доир ба мавзуъ изҳори назар мекунад. Муҳимтарин хусусияти шеъри Раҳмат Назрӣ ҳангоми тасвири мавзуъ гулчини калимот ва ҳуруфи ҳамҷинс аст, ки ба шеъри ӯ оҳанги мусиқоие бахшида, ба қалби хонандаву шунаванда таъсир мерасонад. Корбурди ҳанармандонаи санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла санъатҳои таҷнис ва ташбеҳу истиора таъсири шеъри шоирро бештар кардааст. Раҳмат Назрӣ суннатҳои миллии тоҷикро бо воистаи тасвири симои зан-модар ба тасвир кашидааст. Тасвирҳои шоирана дар ҳар як шеъри ба зан-модар бахшидаи шоир ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: *модар, зан, Раҳмат Назрӣ, симои модар, шеър, эҷодиёт, адиб.*

ИЗОБРАЖЕНИЕ ЖЕНЩИНЫ-МАТЕРИ В ТВОРЧЕСТВЕ РАХМАТА НАЗРИ

Вечная тема литературы - образ матери в таджикской литературе времен Независимости приобрел новые черты и всемерно обогащался по тематике, содержанию, смыслу и поэтическим образам. В статье рассматривается образ матери в поэзии таджикского поэта Рахмата Назри, сыгравший важную роль в развитие таджикской литературы. Автор статьи научными данными и поэтическими свидетельствами доказывает, что Рахмат Назри имеет массу уточнений и новшеств в описании этой темы, что отличает его поэзию от других поэтов. Образ матери изображен в стихах поэта со всем великолепием и болью таджикской женщины в жизни.

По мнению автора статьи, важную роль в описании образа матери играют три слова: мать, пожилая женщина и сестра. Важнейшей особенностью поэзии Рахмата Назри при описании темы является букет слов и букв одного пола, который придает его стихотворению

музыкальный тон и затрагивает сердце читателя и слушателя, представляет собой однообразный набор слов, который придает музыкальное звучание его стихам и затрагивает сердца читателей и слушателей. Поэтическое использование искусств, в том числе искусства сравнения и аллегории, усилило влияние поэта. Рахмат Назри изображает таджикские национальные традиции через образ женщины-матери. Поэтическая образность проявляется в каждом стихотворении, посвященном женщине-матери.

***Ключевые слова**: мать, жена, Рахмат Назри, образ матери, поэзия, творчество, писатель.*

IMAGE OF A WOMAN-MOTHER IN THE WORKS OF RAHMAT NAZRI

The eternal theme of literature - the image of the mother in the Tajik literature of the time of Independence acquired new features and was enriched in every possible way in terms of subject matter, content, meaning and poetic images. The article discusses the image of the mother in the poetry of the Tajik poet Rahmat Nazri, who played an important role in the development of Tajik literature. The author of the article proves with scientific data and poetic evidence that Rahmat Nazri has a lot of clarifications and innovations in the description of this topic, which distinguishes his poetry from other poets. The image of the mother is depicted in the poet's poems with all the splendor and pain of a Tajik woman in life.

According to the author of the article, three words play an important role in describing the image of a mother: mother, elderly woman and sister. The most important feature of Rahmat Nazri's poetry in describing the theme is the bouquet of words and letters of the same gender, which gives his poem a musical tone and touches the heart of the reader and listener. is a monotonous set of words that gives a musical sound to his poems and touches the hearts of readers and listeners.

The poetic use of the arts, including the art of comparison and allegory, increased the influence of the poet. Rahmat Nazri depicts Tajik national traditions through the image of a woman-mother. Poetic imagery is manifested in every poem dedicated to a woman-mother.

***Keywords:** mother, wife, Rahmat Nazri, image of mother, poetry, creativity, writer.*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Каримова Миҷгона –** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт. Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 931924884.*

***Сведения об авторе: Каримова Миджгона** - Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, соискатель кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 931924884.*

***Information about the author: Karimova Mijgona** - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, applicant of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992) 931924884.*

УДК: 894 (575.3)

СОЧЕТАНИЕ ФОРМЫ И СТИЛЯ РУБАИ ЛОИКА ШЕРАЛИ

Кудратова С.Н.
Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода

Одно из основных качеств, прославивших Лоика как певца рубаи – это хорошее знание природы жанра и внутренней его структуры. Он отличается своим особым индивидуальным стилем в создании рубаи, и на ряду с очень точным знанием природы и особенностей этого жанра, умел мастерски и привлекательно использовать свое знание в выражении и всестороннем охвате темы. Это был главный секрет успеха Лоика в создании рубаи.

Другими словами, рубаи Лоика всегда привлекали внимание исследователей ёмкостью своей формы, лаконичностью языка, выразительностью средств художественного изображения, его манерой изложения: логикой, мелодичностью, обильным использованием сравнений и эпитетов, миром философских размышлений, эстетическим взглядом и поэтической индивидуальностью.

Рубаи, как «одна из моделей содержания джинои» [7, с. 311], имеет самый маленький стихотворный ритм, умеющий выражать мысль поэта в полном объеме. Исследователи этого стихотворного жанра, с точки зрения формы и ритма назвали его «свойством персидской литературы» и Шамсиддин Мухаммад Кайс Рози об особенностях жанра сказал: «В силу того, что рубаи состоит из двух бейтов, его внешний вид должен быть ровным, слова мелодичны, лишены тафтологии, ненужных повторений, суеты событий. При возможности, следует придать ему художественность, точность сравнений, красивые метафоры и содержательность» [3, с. 333].

Поэт должен быть ювелиром в написании рубаи. А.Саттаров (А.Саттарзаде) пишет: «В стихотворении, особенно, в рубаи и двустишиях маленькие и великие элементы не играют главную роль. Поэт должен в момент творения обратить внимание на все элементы рубаи, т.е. на слог, слово, предложение, структуру, рифму, радиф и уметь правильно использовать эти элементы» [4, с. 78-79].

В современной таджикской литературе, многие поэты сочиняли рубаи и пытались сделать его составной своего творчества, но, однако, ни одно из стихотворений не достигало той эмоциональности, какую мы читаем в рубаи Лоика, и только он смог сделать этот жанр более актуальным. Избрав этот жанр, поэт вложил в него все свои мысли, переживания, тоску, грусть, воодушевления, надежды, чаяния.

Рубаи Лоика написаны настолько простым и мелодичным для слуха языком, что невольно пленяет сердце читателя. Поэт талантливо и образно в лаконичной форме передает главные свои размышления, что вызывает у читателя удивление - как можно так коротко и так красиво оформить свою мысль. Каждая мысль в рубаи Лоика имеет свой законченный смысл и содержит определенное философское размышление. Одним из притягательных свойств рубаи Лоика является его простота, емкость и умение дать возможность читателю размышлять самому. Он дает читателю право самостоятельно решать и завершать мысль.

Для выражения мысли Лоик часто использует стиль легкого укора и открытого иносказания, что есть одна из индивидуальных характеристик его изложения. Мастерски играя словами и оборотами, поэт, с присущим ему талантом, создавал новые образы и содержания. Являясь последовательным продолжателем классических традиций в поэзии, он обильно использует художественные средства, такие как ташбеҳ (сравнение) и тавсиф (эпитет). Такой художественный прием служит поэту не только средством выражения его образного мышления, но и помогает выразить важные эстетические мысли поэта о бытии.

Худои Шарифов также отметил сочетание форм и стиля рубаи Лоика в традиционных рамках классической поэзии [9, с. 139].

Действительно, этот вид стихосложения очень подходит Лоику. Способ выражения мысли у него происходит не в единичной форме, а многопланово, в широком диапазоне, чем

через изображение образов. Он использует средства описания и изображения образа поучительно, осторожно, воодушевленно [9, с. 140].

Худои Шарифов в своем отзыве о книге рубаи Лоика, обозначил тематику рубаи поэта как тему человека и человечности со всеми его внутренними нравственными сложностями [9, с. 142]. Воспитанный на основах тысячелетней самобытной классической персидско-таджикской поэзии, на искусстве утонченного мышления, разнообразия мастерства и широкого кругозора интеллекта, поэт не мог ограничиться лишь этой темой. Ученый пишет «Стихи поэта есть результат личной жизни и отображают события его жизни, его бытие, мысли и чаяния. Это дает нам право, обозначить в рубаи Лоика существование трех тем: любовная лирика с ее переживаниями; любовь к поэзии; любовь к Родине и национальная гордость; любовь к человечеству» [8, с. 131].

Подражая классическим традициям, Лоик посвятил ряд тем воспитанию и наставлению, использовав таким образом рубаи как средство обращения к обществу. Поэт в этих рубаи, путем тонкого иносказания, размышляет о событиях прошлого и современности и при чтении можно наблюдать соприкосновение с темами поэтов прошлого. Лоик использует этот прием для выражения своей точки зрения о событиях собственной эпохи, таким образом, оценивая социальные, культурные, моральные и нравственные процессы своего общества.

Лоик в своих рубаи, в первую очередь воспевает значение сущности человека, жизни и смерти, человеческого достоинства, молодость, скромность, любовь.

На первый взгляд, эти темы не являются новыми. Но, анализируя творчество поэта, мы понимаем, что они необходимы и востребованы сегодняшней жизнью и также, как раньше актуальны и своевременны. Поэт дал им вторую жизнь, осветив их в современном контексте, оживил, пропустив через призму собственного жизненного опыта. Таким путем Лоик говорил с нами. Эти свойства, выделенные нами, являются основной причиной притяжения читателя к рубаи Лоик. Его строки кажутся нам до селе новыми, неожиданными, неизведанными. Например:

Ӯ кист ҷавон асту ҷавонӣ накунад?
Бо ҳусни ҷавонӣ дилситонӣ накунад?
Ҳар кӣ зи хушиҳои зиндагонӣ дур аст,
Беҳтар бувад он ки зиндагонӣ накунад.

Кто тот, что молод и не использует эту молодость?
Не пленя молодой красотой?
Тому, кто далек от радости жизни,
Лучше умереть, а не быть.

Или:

Чун барқ яке дурахш андар афлок,
Бо дидаи оташину андешаи пок!
Монанди уқоб дар само бояд мурд,
Ҳарчанд ки оқибат фурӯ ой ба хок.

Как молния на небосводе,
С ярким сердцем и огненным взором
На небе соколом умереть
Даже зная, что в итоге, падешь на землю .

Во многих рубаи Лоик продолжил стиль древних рубаистов. Это выражается в его философском отношении к жизни. Размышляя в своем рубаи о философии Хайяма и других поэтов, он примеряет их к сегодняшним дням и дает им новую значимость. Образ Хайяма и его мировосприятие, в рубаи Лоика, имеет особое значение. Некоторые строки в его рубаи иногда посвящаются непосредственно Хайяму. Именем Хайяма поэт называет и свой сборник рубаи «Чаша Хайяма» («Ҷоми Хайём») :

Хайём! Дилат аз дили мо огоҳ аст,

Ҳар як суханат суруди дарду оҳ аст.
Байти ту дарест боз бар каъбаи дил,
Шеъри ту чу умри одамӣ кӯтоҳ аст.

Хайям! Твоя душа чувствует наши сердца,
Каждое слово твое – песня наших стонов.
Твои бейты как дверь в каабу наших сердец,
Строки твои как короткая жизнь человека.

Как отметил А.Шеърдуст: «приверженность Хайяму часто приводят Лоика к взаимовлиянию. Но никогда это нельзя назвать подражанием» [10, с. 155].

Лоик в рубаи называет себя «кольцом между началом и концом» и «королевским сыном Хайяма», тем самым предупреждая, что он намерен следовать канонам древних традиций и прокладывать путь между прошлым и сегодняшним, чтобы с их помощью решать вопросы сегодняшней жизни. Например:

Мо ҳалқаи байни аввалу анҷомем,
Парвардаи асри бисту шири хомем.
Хайём, кӣ гуфт, буда безурёте.
Модом, ки мо шоҳписари Хайёмем.

Мы кольцо начала и конца,
Воспитанники двадцатого века мы и просты
Хайям сказал, что он бесплоден,
Хотя мы являемся его королевскими сыновьями.

Эта открытая и творческая приемственность ярко выражается в поэтической форме и в содержании творчества Лоика. В написании рубаи, поэт последователен законам традиционного поэтического жанра. Но как считает сам поэт, «так, как намерения его были чисты», он «не застрял в рифме». Привлекательность и чистота его рубаи была в том, что «за каждой строкой, за каждой рифмой словно было чье-то дыхание, взор невинного ребенка на светлый мир с надеждой, кто-то другой, в последнюю минуту своей жизни произносит слово «Мать-Родина», воин на лошади спешит на поле, седой мельник крутит мельницу в мыслях о насущном» [5, с. 163], словно Лоик все это видел своими глазами. Это достоинство возникло в его рубаи соответственно, благодаря совершенству вида и содержания, что дано не каждому.

В рубаи Лоика мы видим классический стиль и вид стихотворения, в котором рифма звучит в одном созвучии.

Например: Лоик создавал рубаи по классическому стандарту в четырех рифмах- **а а а а** и некоторые в новой рифме **- а а б а**.

Муайян намудани самаранокии иқтисодии таҳсилот. Яке аз аввалин кӯшишҳои муайян намудани индикатори шуморавии (миқдории) самаранокии таҳсилотро ба Т. Шултс нисбат медиҳанд. Тибқи назарияи «сармояи инсонӣ»-и мавсуф рушди иловагии иқтисодӣ ё паст шудани сатҳи истеҳсолот аз натиҷаи «сармоягузорӣ ба инсон», аз ҷумла хароҷот барои таҳсилот вобастагии амиқ дорад. Вобаста ба ин Т. Шултс методи муайян намудани нақши иқтисодии таҳсилотро пешниҳод намуд, ки тавассути он барои афзоиш додани самаранокии иқтисодӣ механизми тақсимоти захираҳо бояд такмил дода шавад. Дар ин маврид методҳои таҳлили иқтисодӣ пурра ба соҳаи таҳсилот интиқол дода шуда, меъёрҳои тақсимоти воситаҳои молиявӣ аз рӯйи формулаи «хароҷот-натиҷа» муайян карда мешаванд.

Баъдтар дар як қатор кишварҳои сармоядорӣ самти нави таҳқиқи проблемаи самаранокии таҳсилот пайдо шуданд, ки консепсияи иқтисодии муайян намудани

самаранокии таҳсилотро танқид намуда, истифодаи чунин консепсияро барои муайянсозии самаранокии таҳсилот ғайримақсаднок шумориданд ва пешниҳод карданд, ки меъёрҳои муайянкунандаи самаранокии таҳсилот бояд бознигарӣ шаванд. Ба андешаи ин гурӯҳи муҳаққиқон бо назардошти хусусияти байнифаннии проблема он бояд ба таври маҷмӯӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Аз таҳлили моҳияти андешаи ҷонибдорони консепсияи мазкур бармеояд, ки меъёрҳои умумии самаранокии таҳсилот бояд дар қаринаи шароитҳои мушаххасе, ки низоми мавҷудаи таҳсилот амал мекунад, коркард шаванд. Дар чунин маврид сифати таҳсилот вобаста ба иҷрои вазифаҳои умумӣ ва мушаххасе, ки дар назди соҳаи маориф ҷомеа гузоштааст, арзёбӣ мегардад. Чунончи, «дар марҳалаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд [14, с. 22]. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии арзёбии квалиметрии соҳаи илму маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, муайян намудани сатҳи мутобиқати сифати фаъолияти низоми таҳсилот дар маҷмуъ, ягон навъи мушаххаси таҳсилот, масалан таҳсилоти олии касбӣ ё таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ё фаъолияти ягон муассисаи таълимии мушаххас (муассисаи томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ё таҳсилоти олии касбӣ ва амсоли инҳо) ба талабот ё меъёрҳои муайян мебошад.

Идоракунии самараноки сифати таҳсилот бояд он бо усули шуморавӣ (рақамӣ) муайян карда шавад. Аз ин рӯ, марҳилаи аввалин ва асосии низоми идоракунии сифат дар ҳама гуна муассисаи соҳаи маориф ва илм ин арзёбии сифат маҳсуб меёбад. Яке аз намунаҳои барҷастаи арзёбии квалиметрии соҳаи маориф, аз ҷумла зинаҳои гуногуни таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ҳангоми ироаи онҳо Пешвои миллат дар заминаи маълумоти оморӣ ва факту рақамҳои мушаххас – харақоти маблағҳои давлатӣ барои рушди соҳаи маориф, сохтмону азнавсозии бинои муассисаҳои гуногуни таълимӣ, шумораи омӯзгорону донишҷӯён, харидорию муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизот, техника ва технологияи нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, сатҳи таъминоти онҳо бо кадрҳо, ҷудо намудани маблағ барои стипендия ва дигар масъалаҳои рӯзмарраи соҳаро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Масалан, зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд, ки «Дар 30 соли истиқлолияти давлатӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта ба истифода дода шуд. Ҳоло шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 200 ҳазор расидааст. Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 173 муассисаи таълимии типи нав – литсей, гимназия, мактаби президентӣ, мактаби байналмилалӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, инчунин, 196 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии хусусӣ бунёд гардида, ба истифода дода шуданд. Дар ин муассисаҳо 150 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 39 муассисаи таълимии нав ва дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ 28 муассиса бунёд гардид ва шумораи онҳо мутаносибан ба 144 ва 41 расонида шуд.

Соли хониши ҷорӣ (соли 2021) шумораи шогирдони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ зиёда аз 120 ҳазор нафар ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 245 ҳазор нафарро ташкил кард, ки шумораи шогирдони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ нисбат ба соли 1991-ум 1,6 баробар ва донишҷӯён сеюним баробар зиёд мебошад» [15]. Аз таҳлили факту рақамҳои Паёми Пешвои миллат бармеояд, ки дар давоми 30 соли соҳибистиқлолӣ дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун барои ба таҳсил фаро гирифтани насли наврас инфрасохтори арзанда бунёд гардида, ин тамоил тадриҷан афзуда, боиси зиёд гардидани шумораи толибилмон дар зинаҳои мухталифи таҳсилот гардидааст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми Паёмҳои Пешвои миллат ба мақоми олии қонунбарори мамлакат дар он зоҳир мегардад, ки дар онҳо ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар зинаҳои гуногуни таҳсилот пайваста таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад.

Сарвари давлат ҳамеша таъкид мекунанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таҳким бахшидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ тамоми тадбирҳои заруриро андешида, мушкилоти мавҷударо дар ин самт давра ба давра бартараф карда, заҳмати устодону омӯзгоронро доимо қадрдонӣ мекунад. Вале ба ин нигоҳ накарда «дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар» [12]. Ҳамзамон афзуданд, ки «агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем» [12]. Аз ин рӯ, баҳри бартараф намудани мушкилоти мавҷуда таъкид гардид, ки «ба Вазорати маориф ва илм зарур аст, ки фаъолияти курсҳои такмили ихтисоси омӯзгоронро боз ҳам тақвият бахшад. Илова бар ин, ҳамаи кормандони соҳаи маориф, аз дастгоҳи вазорат ва сохторҳои маҳаллии он то устодону омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликият, дар тамоми қаламрави кишвар ҳар се сол як маротиба аз аттестатсия гузаронида шаванд» [12].

Ба андешаи инҷониб, сатҳу сифати омодасозии мутахассисон барои иқтисоди миллӣ ва самараи ғайримустақими ҳароҷоти давлатро барои соҳаҳои илму маориф танҳо дар мавриде арзёбӣ кардан имконпазир мегардад, ки агар раванди иҷрои ҳадафу вазифаҳои муайяни стратегӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шавад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини зиндагии шоиста барои мардум ҳамчун ҳадафи олӣ, инчунин, ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворию кишвар ва саноатикунонии босуръати мамлакат ба сифати ҳадафҳои стратегӣ эълон шудаанд.

Дар доираи чунин муносибати нав меъёрҳои арзёбии фаъолияти муассисаи таълимӣ на танҳо аз рӯйи «хароҷот барои таҳсилот», балки тибқи ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва педагогие, ки арзёбии арзишиашон имконнопазир аст, муайян карда шуда, тавассути онҳо босамар будан ё самаранок набудани хароҷот дар соҳаи маориф ва таҳсилот ошкор карда мешавад. Вобаста ба ин, одатан ду шакли муайян намудани самаранокии таҳсилот – дохилӣ ва беруниро ҷудо мекунанд. Тавассути шакли дохилӣ сатҳи иҷрои ҳадафҳое, ки дар назди муассисаи таълимӣ гузошта шудаанд, муайян карда мешавад, тибқи талаботи таҳсилоти босамари берунӣ сатҳи қонеъгардони талаботи ҷомеа нисбат ба таҳсилот ё сатҳи мутобиқати натиҷаи фаъолият дар соҳаи маориф (ё «маҳсули» муассисаи мушаххаси таълимӣ) ба низоми талаботи бозори меҳнат муайян карда мешавад. Чунин муносибат ва истифодаи маҷмуи меъёрҳои самаранокӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо фоидаи «мустақим» аз ҳароҷот дар шакли самараи иқтисодии бевосита, балки натиҷаи омӯзиш ва фоидаи ғайримустақиме, ки ҷомеа аз ҳисоби таҳсилот ба даст меорад, ба инобат гирифта шаванд.

Самаранокии иқтисодии таҳсилот аз ду ҷузъи таркибии зерин иборат аст:

1. Муносибгардонии тарзи дурусти истифодаи захираҳо дар тамоми соҳаи таҳсилот ва таъмин намудани ҳар кадом сохтори таркибии он бо хизматгузориҳо мутобиқ ба ҳаҷму сифати стандарти давлатӣ;

2. Афзоиши иқтисодиёти миллӣ дар натиҷаи тарзи дурусти истифодабарии захираҳои тахассусии меҳнатӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониши аҳолӣ.

Сатҳи қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёти миллӣ ҷиҳати расонидани хизматгузориҳои таълимӣ, аз ҷумла омодасозии мутахассисони касбӣ тавассути низоми индикаторҳои шуморавии (миқдории) мониторинги самаранокии сифати фаъолияти низоми маориф ва ташкилу баргузор намудани таҳқиқоти сотсиологӣ амалӣ мегардад.

Низоми индикаторҳои шуморавии (миқдории) мониторинги самаранокии фаъолияти соҳаи маориф ба воситаи ҳисоботи мавҷудаи оморӣ, молиявӣ ва амсоли инҳо муайян карда мешавад.

Аз нигоҳи квалиметрӣ индикаторҳои мониторинги самаранокии соҳаи маорифро ба самтҳои зерин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

- таҳсилоти томактабӣ;
- таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- таҳсилоти иловагии кӯдакон;
- таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ
- таҳсилоти олии калонсолон;
- таъминоти кадрӣ;
- ҷоринамоии технологияҳои муосири педагогӣ ва иттилоотӣ;
- иқтисодиёти маориф;
- маълумотнокии аҳолӣ;
- сифати захираҳои меҳнатӣ;
- мутобиқати сохтори омодасозии мутахассисон ба талаботи иқтисоди миллӣ.

«Низоми арзёбӣ ва мониторинги сифати таҳсилот мутобиқи иерархияи низомҳои таҳсилот ташкил карда шуда, тавассути низоми мониторинги сифати таҳсилот дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ амалӣ мегардад» [88, с.45].

Масалан, барои санҷиши сатҳи мутобиқати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ онҳо аз аттестатасия ва аккредитатсия, ҳамзамон хатмкунандагони онҳо низ аз аттестатсияи давлатии хатм мегузаранд. Ба ибораи дигар, аттестатсия ва аккредитатсия амалиёти квалиметрӣ ба шумор рафта, зимни баргузории онҳо сатҳи мутобиқати муассисаи таълимӣ ба меъёрҳои муайян санҷида шуда, ҳамзамон сатҳи сифати фаъолияти муассисаи таълимӣ ва намуди он (донишкада, донишгоҳ), инчунин рейтинги он дар байни дигар муассисаҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

«Мувофиқи назарсанҷие, ки созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ доир ба кишварҳои рӯ ба инкишоф анҷом додаанд, соли 2017 Тоҷикистон аз рӯйи 4 нишондиҳанда: дастрасӣ ба таҳсилот, сифати таҳсилот, сармояи инсонӣ ва қобилияти рақобати он дар миёни 101 давлати ҷаҳон ҷойи 54-умро соҳиб шудааст.

Аз рӯйи ин таҳлил Тоҷикистон дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд.

Албатта, ин дастоварди хуб аст, аммо мо набояд ба ин нишондиҳанда қонеъ шуда, таваҷҷуҳро ба ин соҳаи ҳаётан муҳим кам намоем», - зикр намуданд Пешвои миллат [13, с. 31]. Яъне дар ин суханони Сарвари давлат бори дигар зарурияти боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот таъкид шуда, ҳамзамон, дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа моҳият, нақш ва самтҳои асосии тақвият бахшидани сармояи инсонӣ ба таври зерин муайян карда шудааст: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд» [13, с. 32].

Зикри ҳамин нукта зарур аст, ки новобаста аз азму талошҳои зиёд имрӯз раванди ҳалли ҳамаҷониба ва мукаммали вазифаҳои квалиметрӣ дар соҳаи илму маориф муҳаққиқонро ба мушкилоти зиёд дучор гардонидааст, ки яке аз сабабҳои асосии он мавҷуд набудани таҳқиқоти бунёдӣ дар самти квалиметрияи таҳсилот ба шумор меравад. Душвории дигар ин мухолифат миёни ҷонибдорони ҷорӣ намудани методҳои математикӣ дар педагогика ва консепсияи таълими ба шахсият нигаронидашуда ба шумор меравад.

Шоистаи зикр аст, ки аз оғози соли 2022 инҷониб дар Донишкадаи давлати забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода татбиқи мавзуи фармоишӣ таҳти унвони «Квалиметрия ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилоти олии касбӣ (дар асоси маводи таҳқиқоти илмӣ-педагогии муҳаққиқони тоҷик)» (барои солҳои 2022-2025) шуруъ гардидааст. Итминон аст, ки дар доираи он бисёр масъалаҳои муҳимми квалиметрияи таҳсилоти олии касбӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили ҷиддии илмӣ қарор гирифта, аз ҷониби иштирокчиёни таҳқиқот барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи мутахассисон дар мамлакат пешниҳоду тавсияҳои судманд манзур хоҳанд шуд.

АДАБИЁТ

1. Азгальдов, Г.Г. Практическая квалиметрия в системе качества: ошибки и заблуждения [Текст] / Г.Г. Азгальдов // Методы менеджмента качества. - 2001. – №3. – С. 17-29.
2. Азгальдов, Г.Г. Теория и практика оценки качества товаров. Основы квалиметрии. – М.: Экономика, 1982. – 190 с.
3. Коротков, Э.М. Управление качеством образования [Текст]: учеб. Пособие для вузов / Э.М. Коротков. – М.: Академический проект, 2007. – 206 с.
4. Ларионова, И.А. Качество социального профессисонального образования и самореализация личности [Текст] / А.И. Ларионова // Педагогическое образование в России. – 2015. – №3.- С. 71-77.
5. Осадчук, О.Л. Долгосрочный прогноз качества педагогической деятельности на основе оценки профессиональной надежности педагога [Текст] / О.Л. Осадчук // Человек и образование. – 2011.- №3 (28).- С. 83-88.
6. Панасюк, В.П. Научные основы проектирования педагогических систем внутришкольного управления качеством образовательного процесса [Текст]/ В.Н. Панасюк. - М., 1997.- 297 с.
7. Сафонтсев, С.А. Образовательная квалиметрия как фактор повышения эффективности контроля качества процесса обучения: дисс. д-ра пед наук / С.А. Сафонтсев. – Ростов – на Дону, 2004. - 395 с.
8. Субетто, А.И. Введение в квалиметрию высшей школы [Текст] / А.И. Субетто. – М., 1991. - 182 с.
9. Субетто, А.И. Квалиметрия: Малая энциклопедия [Текст] / А.И. Субетто. Вып. 1. – СПб., 2015.- 244 с.
10. Федюкин, В.К. Основы квалиметрии / В.К. Федюкин. - М.: Филинъ, 2004. - 201 с.
11. Философский энциклопедический словарь. - 2-изд.. - М.: Сов. энциклопедия, 1989. - 815 с.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26.12. 2018 [Маводи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj/ru/node/19715 (Санаи мурочиат: 4.04.2022)
13. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн], ш. Душанбе, 22.12. 2017. – Душанбе: Шарқи озод, 2017. - 47 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ [Матн] (ш. Душанбе, 26.12. 2019). – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – 47 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, ш. Душанбе, 21.12. 2021 [Маводи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj/ru/node/19715 (Санаи мурочиат 11.05.2022)
16. Юркевич, Е.В. Механизмы обеспечения функциональной надежности в образовании [Текст] / Е.В. Юркевич.- М.: ПИК ВИНИТИ, 2008. - 68 с.

АРЗЁБИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ: МУНОСИБАТИ КВАЛИМЕТРӢ

Дар мақола масъалаҳои истифодаи методҳои квалиметрия дар раванди арзёбии сифати таҳсилот, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Ба андешаи муаллифони мақола квалиметрияи таҳсилот дар натиҷаи таҳаввулоти азим дар соҳаи илму маориф, аз ҷумла ислоҳоти ин соҳаи ҳаётан муҳимми ҳаёти ҷомеа, ташаккули низоми иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия, коркарди стандартҳои давлатии низоми таҳсилот, аккретидатсияи давлатии низоми мазкур, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ дар охири солҳои 80-уми асри XX арзи вуҷуд кард.

Зикр гардидааст, ки барои идоракунии босамари сифати таҳсилот бояд он аз ҷиҳати шуморавӣ (миқдорӣ) муайян карда шавад. Аз ин рӯ, марҳилаи аввалин ва асосии низоми идоракунии сифат дар ҳама гуна муассисаи соҳаи маориф ва илм ин арзёбии сифат маҳсуб меёбад. Низоми индикаторҳои шуморавии (миқдории) мониторинги босамари фаъолияти

соҳаи маориф ба воситаи ҳисоботи мавҷудаи оморӣ, молиявӣ ва амсоли инҳо муайян карда мешавад.

Муаллифон зикр намудаанд, ки Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи барҷастаи арзёбии квалиметрии соҳаи маориф, аз ҷумла, зинаҳои гуногуни таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Муаллифон аз оғози таҳқиқи масъалаҳои квалиметрияи таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар ёдовар шуда, ибрози итминон намудаанд, ки аз ҷониби мқҳаққиқон барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи мутахассисон дар мамлакат пешниҳоду тавсияҳои судманд манзур хоҳанд шуд.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, квалиметрия, квалиметрияи таҳсилот, сифат, сифати таҳсилот, индикаторҳои сифат, мониторинги сифат, самаранокии сифат, маориф, аттестатсия, аккредитатсия.*

ОЦЕНКА КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ: КВАЛИМЕТРИЧЕСКИЙ ПОДХОД

В статье рассматриваются вопросы использования методов квалиметрии в процессе оценки качества образования, в том числе и высшего профессионального.

По мнению авторов статьи, квалиметрия образования как наука об измерении и количественной оценке качества возникла в конце 80-х годов XX века под воздействием стимулов реформирования системы образования, становления системы лицензирования, аттесстации, разработки государственных стандартов системы образования, государственной аккредитации этой системы, в том числе высшего профессионального образования,

Упоминается, что для эффективного управления качеством образования его следует определять с точки зрения количества. Поэтому, первичным и основным этапом управления качеством во всех учреждениях образования и науки является оценка качества. Система количественных индикаторов мониторинга эффективности деятельности в сфере образования определяется посредством текущих статистических, финансовых и прочих отчетов.

Авторы отмечают, что ежегодные послания Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан являются яркими примерами оценки качества образования, в том числе разных ступеней образования в Республике Таджикистан.

Авторы отметили начало изучения вопросов качества высшего профессионального образования в стране и выразили уверенность в том, что исследователи внесут ценные предложения и рекомендации по улучшению качества образования и подготовки специалистов в стране.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, квалиметрия, квалиметрия образования, качество, качество образования, индикаторы качества, мониторинг качества, эффективность качества, образование, аттестация, аккретидация.*

ASSESSING THE QUALITY OF EDUCATION: A QUALIMETRIC APPROACH

The article deals with the use of qualimetry methods in the process of assessing the quality of education, including higher professional education.

According to the authors of the article, the qualimetry of education as a science of measuring and quantifying quality arose in the late 80s of the twentieth century under the influence of incentives to reform the education system, the formation of a licensing system, attestation, a state system of accreditation and the development of state education standards.

It is noted that for effective management of the quality of education, it must be quantified. Therefore, the primary and main stage of quality management in all institutions of education and science is quality assessment. The system of quantitative indicators for monitoring the effectiveness of the education sector is determined through current statistical, financial and other reports.

The authors note that the annual messages of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan are vivid examples of assessing the quality of education, including at different levels of education in the Republic of Tajikistan.

Mentioning the beginning of the study of the problems of qualimetry of higher professional education in the country, the authors hope that its participants will be able to develop valuable proposals and recommendations to improve the level of training and education of highly qualified specialists in the country.

Keywords: *Republic of Tajikistan, qualimetry, qualimetry of education, quality, quality of education, quality indicators, quality monitoring, quality efficiency, education, attestation, accreditation.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Гулназарзода Жило Бурӣ *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректор.* ***Нишонӣ:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992 37) 232 50 00; E-mail:ddzt@ddzt.tj*

Шосаидзода Сафар Ҳасан – *Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психология.* ***Нишонӣ:*** *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,17/6. Тел.: (+992)919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

Сведения об авторах: Гулназарзода Жило Бури *- Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, доктор филологических наук, профессор, ректор.* ***Адрес:*** *734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: (+992 37) 232 50 00; E-mail:ddzt@ddzt.tj*

Шосаидзода Сафар Хасан – *Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики и психологии.* ***Адрес:*** *734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева,17/6, тел.: (+992)919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

Information about the authors: *Gulnazarzoda Zhilo Buri - Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulughzoda, Doctor of Philological Sciences, Professor, Rector. Address**:** 17/6 Muhammadiev Str., 734019 Dushanbe, Republic of Tajikistan, Тел.: (+992 37) 232 50 00; E-mail:ddzt@ddzt.tj*

Shosaidzoda Safar Hasan *– Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulughzoda, candidate of Pedagogy, associate Professor of the Department of Pedagogy and Psychology.* ***Address:*** *734019, The Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone.: (+992)919 198 127, E-mail: shosaidov57@mail.ru*

ТДУ: 378 (575.3)

САМТҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Раҷабова Ф.О.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар шароити муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ масъалаи баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Усулҳои баланд бардоштани сифати таҳсилоти олиро мувофиқи тафсири ин мафҳум метавон шартан ба шаш самт ҷудо намуд:

- муносибати расмӣ-қонунӣ - дараҷаи мувофиқати натиҷаи воқеии фаъолияти МТОК ба нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда;
- равиши субъектӣ-саноатӣ - дараҷаи мутобиқат ба меъёри касбҳо, ки аз ҷониби гурӯҳи коршиносон тартиб дода шудаанд;
- равиши иқтисодӣ - дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳои МТОК тавассути қабули довталабон дар асоси таҳсили ройгон;
- равише, ки ба қонеъ кардани ниёзҳо ва интизориҳои довталабон нигаронида шудааст;
- муносибати бозори меҳнат - дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи корфармоён;
- равише, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шудааст [4, с.122].

Маҷмуи ин равишҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст, ки сифати таълим - тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад. Сифати таҳсилот - маҷмуи нишондиҳандаҳои стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи давлатӣ аст [1, с.2].

Мувофиқи моддаи 2-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» таҳсилоти олии касбӣ - дараҷаи таҳсилотест, ки шахс ба он дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар натиҷаи раванди мунтазам, бонизом ва мақсадноки фарогирии мазмуни таълим, ки он ба таҳсилоти миёнаи умумӣ асос ёфта, бо гирифтани тахассуси муайян аз рӯйи ҷамъбасти аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ба анҷом мерасад, соҳиб мегардад [2, с. 3].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории соҳаи маориф тасдиқ шудааст, амалӣ гардонида мешавад [2, с. 11].

Дар моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» омадааст, ки давлат бартарии рушди таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро ба шаҳрвандон бо роҳҳои зерин кафолат медиҳад:

- маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ё грантҳо, ҳамчунин, муҳайё кардани шароити мусоид барои худтаъминкунии молиявии тайёр намудани мутахассисон ва кормандони илмию омӯзгорӣ тибқи меъёрҳои муқарраршуда;
- дар асоси фармоиши давлатӣ ва маблағгузории буҷетӣ, инчунин, грантҳои фардӣ дастрас гардонидани таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоии донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва дигар донишомӯзон дар низоми давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- муҳайё кардани шароит барои дастрасии баробар ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- ҷудо намудани грантҳо ва қарзҳои дарозмуддати имтиёзнок ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ барои қабули донишҷӯён тибқи квота дар асоси озмун;

- дар доираи стандартҳои давлатии таълим бо роҳи озмун ва ба таври ройгон гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, агар шаҳрвандон дар ин сатҳ бори аввал таълим мегирифта бошанд;

- интихоби озодонаи шаклҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаи олии таълимӣ ва ихтисос [2, с.5].

Вазифаи асосии баланд бардоштани сифати таълим омода кардани мутахассиси рақобатпазир, ки эҷодкорона фикр карда, амал намуда, пайваста таълим мегирад, ба шумор меравад. Шароити тағйирёфта ба хислатҳои анъанавии мутахассис хусусиятҳои нав - ҳаракати иҷтимоӣ ва касбӣ, донистани забонҳои хориҷӣ, мустақилияти касбӣ, эҷодкорӣ, маҳорати муошират, қобилияти ҳамкорӣ ва ғайраро илова намудаанд. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани таҳсилоти, воқеан, босифат ҳадафҳо, стандартҳо, меъёрҳо, захираҳои зарурӣ, яъне барномаҳои таълимӣ, иқтидори кадрӣ, шумораи абитурентон, таъминоти моддӣ-техникӣ, молия ва ғайра бояд мушаххас карда шаванд [9, с. 304].

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои бомуваффақият ба роҳ мондани фаъолияти худ, таъмини ҷалби шумораи зиёди довталабон бояд назорати доимии сифати таълим ва такмили сохту мазмуни барномаҳои таълимиро пурзӯр намоянд. Таъмини сифати баланди таълим, инчунин, барои қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат ба мутахассисони баландихтисос зарур буда, дар навбати худ, баланд бардоштани рейтинги муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, кам кардани арзиши хизматрасониҳои таълимӣ ва баланд бардоштани қаноатмандии донишҷӯёнро талаб мекунад. Ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ зарур аст, ки барои баланд бардоштани таҷриба ва малакаи касбии кормандони худ пайваста тадбирҳои дахлдор андешида, дар фаъолияти таълимӣ аз технологияҳои муосири таълимӣ истифода баранд, то дар байни дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бартарии рақобатӣ дошта бошанд.

Сифати таҳсилоти олии касбӣ нишондиҳандаи таркибии мувозинати тамоми ҷанбаҳои он аз рӯйи мақсадҳо, эҳтиёҷот, талабот, меъёрҳо ва стандартҳо мебошад. Баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ бо зарурати рафъи мушкилоти дар рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавҷудбуда вобаста мебошад [10, с. 454].

Омилҳоеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷараёни таълим монеа эҷод мекунанд, метавон ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо кард.

Ба андешаи мо, ба омилҳои дохилӣ инҳо мансубанд: шароити ташкили ҷараёни таълим; сифати татбиқ ва натиҷаҳои ҷараёни таълим; маблағгузории нокифоя; паст шудани сатҳи таъминоти моддӣ-техникии ҷараёни таълим; коҳиш ёфтани таъминоти кадрӣ; баланд шудани синну соли омӯзгорони унвондор; тағирёбии фазои ахлоқӣ ва равонӣ; ҳавасмандӣ ва хусусиятҳои сифатии донишҷӯён ҳамчун истеъмолкунандагони хизматрасонии таълимӣ; манфиатҳои моддии омӯзгорон вобаста ба пардохти музди меҳнати онҳо; мазмун ва технологияҳои ҷараёни таълим.

Ба омилҳои беруна, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷараёни таълим монеа эҷод мекунанд, инҳоро мансуб донистан мумкин аст: сатҳи ҳифзи ҳуқуқи субъектҳои ҷараёни таҳсилот; шумораи ҷойҳои таълими ройгон; мутобиқати сатҳи таълим ба талаботи истеъмолкунандагони хизматрасонии таълимӣ ва волидони довталабон; мутобиқати таълим ба стандартҳои давлатии таълим; симои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун кафили сифати баланди таълим; мутобиқат ба талаботи бозори муосири меҳнат ва ғайра.

Робитаи тарафайни ҳамаи паҳлуҳои раванди баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба воситаи унсурҳои зерин инъикос меёбад: сифати шароити ташкили ҷараёни таълим, сифати татбиқ ва натиҷаҳои ҷараёни таълим [6, с. 36].

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бояд дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф таҳти таъсири омилҳои гуногуни муҳити беруна ва дохилӣ, ки асосан, ба ҷаҳонишавӣ,

инқилоби технологӣ, талабот ва пешниҳод, масъалаҳои рақобат ва баланд бардоштани масъулияти муассисаҳои таълимӣ алоқамандand, фаъолонатар ҷалб карда шаванд.

Таъмини фаъолияти самараноки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар шароити афзоиши рақобат, саҳми ҳар кадоми онҳо дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ бештар аз баланд бардоштани сифати таълим, тавассути қонеъ гардонидани талаботи донишҷӯён, инчунин, рейтинги муассисаҳои мазкур дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ вобаста мебошад.

Сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи меъёру нишондиҳандаҳои гуногун баҳо дода мешавад. Аз ҷумла, арзёбии таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба сифати таълим, сатҳи қаноатмандии корфармоён, донишу малакаи хатмкунандагони муассисаҳои мазкур, бо кор таъмин шудани хатмкунандагон, мутобиқати барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои давлатӣ аҳаммияти калон дорад.

Ба андешаи мо, барои баҳодиҳии сифати таълим ва такмили он, истифода бурдани модели арзёбии сифати таҳсилоти олӣ, ки аз ҳашт нишондиҳандаи асосии арзёбии сифати таълим ва як қатор меъёрҳои баҳодиҳӣ иборат аст, бамаврид мебошад.

Ҳашт нишондиҳандаи асосии арзёбии сифати таълим инҳо мебошанд: барномаи таълимӣ; таъминоти кадрии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ; имкониятҳои рушди касбии хатмкунандагон; инфрасохтор; хизматрасонии электронӣ; хизматрасонии китобхона; хизматрасонии маъмурӣ; мавқеи ҷойгиршавии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Модели баҳодиҳии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Нишондиҳандаҳо	Меъёрҳои баҳодиҳӣ
Барномаи таълимӣ	- нақшаи баланд бардоштани тахассуси донишҷӯён ва имкониятҳои худтатбиққунии онҳо; - мавҷудияти тафсилоти курсҳои муайян; - мавҷудияти ҷадвали ҳарҳафтаинаи дарсҳо; - мавҷудияти модулҳои фанҳои таълимии тахассусӣ ва фанҳои таълимии интихобӣ аз рӯйи ихтисос.
Таъминоти кадрии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ	- тахассуси академӣ; - таҷрибаи касбӣ; - корҳои илмӣ-тадқиқотӣ; - машварати дахлдори таълимӣ; - малакаҳои муошират.
Имкониятҳои рушди касбии хатмкунандагон	- дурнамои рушди касбии хатмкунандагон; - робитаи муассиса бо корфармоён; - такмили малакаҳои техникӣ; - такмили малакаҳои муошират; - малакаи забоншиносӣ; - имкониятҳои шуғл дар вақти холӣ аз таълим; - имкониятҳои идомаи таҳсил дар хориҷи кишвар; - мавҷудияти барномаҳои мубодила бо дигар муассисаҳо.
Инфрасохтор	- синфхонаҳо ва лабораторияҳои замонавӣ ва босифат; - хизматрасонии хӯроки умумӣ; - иншооти варзишӣ; - таҷҳизоти тиббӣ; - сифати баланди идоракунии биноҳои муассиса; - дастрасӣ ба чорабиниҳои иҷтимоию фарҳангӣ; - хобгоҳи донишҷӯён.
Хизматрасонии электронӣ	- пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ ва маъмурӣ тавассути сомонаи муассиса;

	- хизматрасонии самаранок, дақиқ ва зуд; - дастгирии саривақтии техникӣ. - e-service - дастрасӣ бо роҳҳои гуногун; - e-service - дастрасӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ.
Хизматрасонии китобхона	- мавҷудияти китобҳои дарсӣ ва маҷаллаҳо аз рӯйи ихтисосҳои алоҳида; - дастрасии хизматрасонии китобхона дар шакли электронӣ; - китобхонаи электронӣ; - кифоя будани ҷойҳои нишаст ва китобхонӣ; - китобдорони баландихтисос.
Хизматрасонии маъмурӣ	- кофӣ будани соатҳои корӣ; - мавҷудияти хидматҳои маъмурӣ дар сомонаи муассиса; - мавҷудияти дастгирии техникӣ барои хизматрасониҳо; - муносибати дӯстона; - дастурҳо ва низомномаҳои мушаххас ва фаҳмо.
Мавқеи ҷойгиршавии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ	- наздик будани маҳали ҷойгиршавии муассиса; - мавҷудияти хизматрасонии нақлиётӣ (берун аз шаҳраки донишҷӯён); - арзиши нақлиёт; - хизматрасонии нақлиётӣ байни биноҳои муассиса (дар шаҳраки донишҷӯён).

*Аз ҷониби муаллиф дар асоси адабиёт [4, с.125] таҳия шудааст.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд корҳои илмӣ-тадқиқотии омӯзгоронро дастгирӣ ва ҳавасманд намоянд, то ки дастовардҳои онҳо дар ҷараёни таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ истифода бурда шавад. Бояд ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дода шавад, ки дар тағйир додани баъзе паҳлуҳои ҷараёни таълим, ки нақшаҳои таълимӣ муайян кардааст, иштирок карда, бо ин роҳ имконияти ба шуғли муайян соҳиб гардидани хатмкунандагон, дастрасии донишҷӯён ба манбаъҳои нави дониш ва фароҳам овардани имкониятҳои касбиро зиёд кунанд.

Барои ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим бояд механизми идоракунии сифати таҳсилоти олии касбӣ дар шароити бозор таҳия карда шавад, ки демократикунонии минбаъдаи идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ташкили системаи давлатии таълимии доимиро таъмин намояд.

Механизми таъмини идоракунии сифати хизматрасонии бозории таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷузъи марказии идоракунии системаи маорифро «аз рӯйи натиҷаҳо» ташкил медиҳад. Омилҳое, ки механизми тайёрии босифати мутахассисонро муайян мекунанд, талаботи аттестатсия ва аккредитатсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Созишномаи Болония оид ба сифати таҳсилот мебошанд.

Ба андешаи мо, бо назардошти ҷараёни муҳоҷират ва вазъи муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарур аст, ки барои ҷавонон таълими яксолаи баъдимактабӣ ташкил карда шавад, то ихтисоси мушаххасеро касб намояд, ки талабот ба он на танҳо дар дохили кишвар, балки дар бозори ҷаҳонии меҳнат вуҷуд дорад.

Ба андешаи мо, омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки зарурати бо сифати баланд тайёр кардани мутахассисонро муайян мекунанд, инҳо мебошанд:

- афзоиши рақобат дар бозори хизматрасонии таълимӣ ва бозори меҳнат;
- талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ;
- татбиқи системаҳои идоракунии сифат дар соҳаи маориф;
- ташкили озмуни фармоиши давлатии тайёр кардани мутахассисон тавассути рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Омилҳои мазкур талаб мекунанд, ки механизми баланд бардоштани сифати таълим дар шароити муосир дар самтҳои зерин такмил дода шавад:

- ҷорӣ намудани моделҳои таҳсилоти бетанаффуси касбӣ, ки ба ҳар як шахс имкони ташаккул додани самтҳои инфиродии таълимиро бо мақсади рушди минбаъдаи касбӣ фароҳам меорад;

- ҷорӣ намудани номгӯйи нави касбҳо, ки ба барномаҳои дахлдори давлатии таҳсилот мутобиқат карда, ҳам ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ, ҳам ба талаботи бозори меҳнат ва ҳам ба ҳар як шахс мувофиқат мекунанд;

- ҷорӣ намудани технологияҳои мукаммали таълимӣ дар ҷараёни таълим, ки татбиқи самараноки моделҳои нави таълими муттасилро таъмин мекунанд [8, с.131].

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки метавонанд ҳайати профессорону омӯзгорони баландихтисосро ба кор ҷалб намоянд, дар ташаккули сифатҳои шахсии донишҷӯён нақши муассир бозида, онҳоро барои азхудкунии малакаҳои касбии дахлдор ҳавасманд мегардонанд.

Муносибати хуби омӯзгорон чи дар синф ва чи берун аз он дараҷаи қонеъ гардондани талаботи донишҷӯёнро ба ҷараёни таълим хеле баланд мебардорад. Усулҳои муосири таълимие, ки омӯзгорон истифода мебаранд, нишондиҳандаи муҳимми сифати таълим ба ҳисоб мераванд. Дар баробари ин, ҳар қадар қобилияти зеҳнии омӯзгорон баланд бошад, сатҳи азхудкунии дониши донишҷӯён ҳамон қадар баланд мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки сифати касбии ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бештар аз мақоми ин муассиса ҳамчун маркази илмию таълимӣ, омодагии омӯзгорон ба худрушддиҳӣ ва афзун намудани иқтидори педагогии муассиса, инчунин аз худ намудан ва татбиқ кардани усулҳои инноватсионии таълим, технологияҳои нави таълимӣ аз ҷониби профессорону омӯзгорон вобаста мебошад.

Омӯзиши таркиби ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар соли 2020 аз 4269 нафар профессорону омӯзгорон 337 нафар (7,9%) унвони докторӣ ва 849 нафар (19,9%) дорои унвони номзади илм мебошанд (ҷадвали 2)

Ҷадвали 2.

Шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020
Ҳамагӣ, нафар	**3593**	**3704**	**3894**	**3720**	**3923**	**4505**	**4269**
аз ҷумла унвони илмӣ доранд:							
- доктори илм	294	328	307	293	325	362	337
- номзади илм	728	748	767	731	816	839	849

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - 702 с.

Аз маълумоти ҷадвали 2. маълум мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи кормандоне, ки ба фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ машғул мебошанд, дар соли 2020 ҳамагӣ 4269 нафарро ташкил кардааст, ки ин рақам назар ба соли 2014 ба андозаи 676 нафар бештар мебошад. Бояд гуфт, ки аз шумораи умумии кормандоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) машғул мебошанд қисми бештарашонро номзадҳои илм ташкил медиҳанд - дар соли 2014 - 728 нафар, дар соли 2020 - 849 нафар, яъне ин нишондиҳанда дар соли 2020 назар ба соли 2014 ба андозаи 121 нафар бештар гардидааст (расми 1).

Ҳамин тавр, дар асоси муайян кардани таркиби ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса намудан мумкин аст, ки иқтидори кадрии муассисаҳои мазкур метавонанд дар ташаккули салоҳиятҳои дахлдори донишҷӯён, азхудкунии донишҳои касбӣ, малака ва маҳорати онҳо дар тамоми давраи таҳсил таъсир расонад.

Расми 1. Шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон

Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани сифати касбии ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани маҳорати касбии ҳайати профессорону омӯзгорон, ҳавасмандгардонии фаъолияти худрушддиҳии онҳо зарур аст. Иҷрои чунин чорабиниҳо имкон медиҳад, ки дар заминаи сифати баланди касбии ҳайати профессорону омӯзгорон сифати таълим баланд бардошта шавад.

Илова бар ин, гузаштани низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсилоти бисёрзина ва стандартҳои нави таълим робитаи зичтари ҳайати профессорону омӯзгоронро бо соҳаи истеҳсолот, бо дарназардошти азхудкунии мафҳумҳои муосири истеҳсолот ва соҳибкорӣ, такозо мекунад [5, с.256].

Тадқиқот имкон дод, ки самтҳои асосии баланд бардоштани сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муайян кунем:

- баланд бардоштани мақоми муассисаи таълимии давлатӣ;
- зиёд кардани маблағгузорӣ ба самти таҳсилоти олии касбӣ;
- иттилоотонӣ ва таъмини таҷҳизоти таълимӣ;
- таъмини мустақилияти иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии меҳнати ҳайати профессорону омӯзгорон, зиёд кардани намудани имтиёзҳо барои онҳо, инчунин баланд бардоштани мақоми кадрҳои педагогӣ;
- таҳкими заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф;
- мусоидат ба татбиқи амалии донишҳои касбӣ дар истеҳсолот;
- наздикшавии таҳсилот ва иқтисодиёт;
- дастрасӣ ба таҳсилоти олии босифат;
- аз худ кардани ду забони аврупоӣ аз ҷониби хатмкунандагон;
- воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ.

Ғайр аз ин, дар баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкили дуруст ва оқилонаи ҷараёни таълим, танзими технологияҳои таълим, ки тайёр кардани мутахассисонро бевосита таъмин мекунанд, нақши муҳим мебозад. Баланд бардоштани сифати таълим бо истифодаи воситаҳои зерин имконпазир мешавад: ҳавасмандгардонии таълим, хусусиятҳои технологияи таълим, мазмун ва ташкили ҷараёни таълим, баланд бардоштани талабот ба натиҷаҳои ҷараёни таълим [7, с.160].

Ҳамин тариқ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури муҳимми такмили таҳсилоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин салоҳияти тахассусии онҳо мебошад. Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар самти баланд бардоштани сифати таълим, муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки системаҳои идоракунии сифатро таҳия ва татбиқ намуда, воситаҳои такмили онро истифода баранд. Самти дигари баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ гузаронидани арзёбии мустақили экспертии сифати таҳсилот аз ҷониби намояндагони бозори меҳнат, яъне корфармоён мебошад.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [манбаи эл.]. URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1004_tj_0.pdf (санаи истифода: 23.04.2022).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [манбаи эл.]. URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/531_tj_0.pdf (санаи истифода: 24.04.2022).
3. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2021. - 702 с.
4. Килина, И.А., Понамарева Е.В., Траут Д.В. Сопровождение профессионального самоопределения студентов профессиональных образовательных организаций. Метод. рекомендации / Под ред. Е. Л. Рудневой. - Кемерово. - 2020. - С. 120-126
5. Миралиев, А.М., Шарипов Ф.Ф. Информатизация - ключевое направление развития системы образования Республики Таджикистан / А.М. Миралиев, Ф.Ф. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. - 2014. - №3. - С. 254-260.
6. Мирсаидов, А.Б. Содержание и структура имиджа учреждений сферы высшего профессионального образования (концептуальный подход) / А.Б. Мирсаидов // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. - 2020. - №3. - С. 32-41.
7. Мирзоев, А.Н., Қаҳорова М.А. Аккредитатсияи байналмилалӣ ҳамчун омили баланд бардоштани сифати таълим / А.Н. Мирзоев, М.А.Қаҳорова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ дар мавзуи “Аккредитатсияи байналмилалӣ - омили баланд бардоштани сифати таълим”. - Хуҷанд: Дабир, 2019. - С. 157-161
8. Солиев, Ш.Х. Муҳиммияти аккредитатсия дар рушди мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Х. Солиев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ дар мавзуи “Аккредитатсияи байналмилалӣ - омили баланд бардоштани сифати таълим”. - Хуҷанд: Дабир, 2019. - С. 129-133
9. Сысоева, Е.Ю. Инновационные методы обучения в системе профессионального образования / Е.Ю. Сысоева // Балтийский гуманитарный журнал. -2018. Т. 7. - №1(22). - С. 299-307.
10. Терзи, Н.В. Конкурентоспособность образовательной услуги и пути ее повышения в современных условиях / Н.В. Терзи // XXI век: итоги прошлого и проблемы настоящего плюс. - 2018. - №4(20). - С. 451-457.

САМТҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, равишҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ муайян карда шудаанд. Муқаррароти назариявии рушди сифати таҳсилоти олӣ дар шароити ноустувории бозори меҳнат, бо назардошти рақобатпазирии хатмкунандагони мактабҳои олӣ, асоснок карда шудаанд.

Муаллиф омилҳои дохилӣ ва беруниро, ки ба раванди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, муайян кардааст. Модели баҳодиҳии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия шуда, он ҳашт нишондиҳанда ва якчанд меъёрҳои арзёбии сифати таҳсилоти олиро дар бар мегиранд.

Муаллиф таъкид кардааст, ки сифати ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бештар аз омодагии онҳо ба рушди худтатбиқкунӣ, аз худ намудан ва татбиқи усулҳои инноватсионии таълим, технологияҳои нави таълимӣ аз ҷониби профессорону омӯзгорон вобаста мебошад.

Дар мақола, инчунин, самтҳои асосии сиёсати маориф оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ муайян ва таркиби ҳайати профессорону муаллимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ гардидааст. Самтҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, сифати таълим, таҳсилоти олии касбӣ, барномаҳои таълимӣ, маблағгузорӣ, стандартҳои давлатии таълим, иқтидори кадрӣ, талаботи бозори меҳнат, модел.*

НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ В ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются проблемы повышения качества образования в высших профессиональных учебных заведениях Республики Таджикистан. Выявлены основные подходы к повышению качества высшего образования. Обоснованы теоретические положения развития качества высшего образования в условиях нестабильности на рынке труда с учетом обеспечения конкурентоспособности выпускников высших учебных заведений.

Автором выявлены внутренние и внешние факторы, препятствующие процессу обучения в Республике Таджикистан. Разработано модель оценки качества образования в высшие профессиональные учебные заведения. Этот модель включает восемь показателей, которые имеют несколько критериев оценки качества высшего образования.

Подчёркивается, что качество профессорско-преподавательского состава вуза во многом зависит от готовности преподавателей к саморазвитию, овладения преподавательским составом инновационными методами обучения, новыми образовательными технологиями и так далее. Автор отмечает, что сложившаяся ситуация требует системного изучения проблем обеспечения высокого качества высшего образования в республике.

Определены основные направления образовательной политики повышения качества высшего образования и исследована структура профессорско-преподавательского состава высших учебных заведений Республики Таджикистан. Предложены основные направления повышения качества образования в высших учебных заведениях Республики Таджикистан.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, качество образования, высшее профессиональное образование, образовательные программы, финансирование, государственные образовательные стандарты, кадровый потенциал, требования рынка труда, модель.*

DIRECTIONS OF INCREASING QUALITY FORMATION IN HIGH PROFESSIONAL EDUCATIONAL INSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In given article are considered problems of increasing quality formation in high professional educational institutions of the Republic of Tajikistan. The main approaches will revealled to increasing quality higher education. The theoretical positions of the development quality higher education are motivated in condition of instability on the market of the labour with provision for provision of competitiveness graduate high educational institutions.

The Author are revealled internal and external factors, preventing process of the education in Republic of the Tajikistan. The designed model of the estimation quality formation in high professional educational institutions. This model includes eight factors, which have several standards of judgement quality higher education.

It is emphasized that quality professorial-teaching composition of the high school in much depends on readiness of the teachers to development itself, masterings by teaching composition

innovation by methods of the education, new educational technology and so on. The Author notes that established situation requires the system study of the problems of the provision high quality higher education in republic.

The certain main trends educational politicians increasing quality higher education. The explored structures professorial-teaching composition of the high educational institutions of the Republic of Tajikistan. The offered main trends of increasing quality formation in high educational institutions of the Republic of Tajikistan.

Keywords: *quality of the formation, educational programs, financing, state educational standards, trained potential, requirements market labour, model.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҷабова Фируза Олмаҳмадовна *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психология. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: 935671084. E-mail: f.o.rajabova@mail.ru*

Сведения об авторе: Раджабова Фируза Олмахмадовна *- Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики и психологии. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: 935671084. E-mail: f.o.rajabova@mail.ru*

Information about the author*:* ***Rajabova Firuza Olmahmadovna*** *- Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Pedagogy and Psychology. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. Phone: 93-567-10-84. E-mail: f.o.rajabova@mail.ru*

УДК 378.1174

ОБУЧЕНИЕ РУССКИМ ИМЕНАМ В ТАДЖИКСКОЙ АУДИТОРИИ

Шарипова Нозанин
Таджикский национальный университет

В процессе изучения русского языка в таджикской аудитории студенты встречаются с употреблением собственных личных имен. В связи с этим важно учитывать национально-культурную специфику этих лексических единиц.

Собственные личные имена разных народов существенно отличаются друг от друга (и от русских, в частности). В русском языке собственные личные имена имеют пять разновидностей: собственное имя, отчество, фамилия, прозвище и псевдоним. В истории личных имен можно выделить три этапа: языческий, христианский (когда церковь насаждала вместе с христианской религией имена, заимствованные византийской церковью от разных народов древности) и новый этап после Октября (когда в русский именослов стало проникать множество заимствованных имен и когда происходило активное имятворчество). Остановимся коротко на каждом этапе [9, с. 43].

Личными именами русских предков до X века служили различные признаки людей, их действия, а также предметы внешнего мира. Например, одни имена указывали, каким по счету ребенком он является в семье: *Вторий и Вторко, Третьяк, Шестой, Шестак, Девятый и Девятко* и т.д. Некоторые личные имена указывали на то, когда родился ребёнок: *Весна, Подосень, Полетко, Зима*. Были некоторые имена с нехорошими и некрасивыми звучаниями и значениями - они произошли от эмоционально окрашенных имен нарицательных с отрицательным значением: *Горе, Неудача, Захворай, Мертвой, Грязнуха* и т.д. (имена этого типа давались в качестве профилактики, чтобы предохранить ребенка от действия злых сил; особенно часто к помощи этих имён прибегали в семьях, где умирали дети).

Сходный принцип наречения имен до сих пор принят у ряда народов, у которых исчисление времени ведется по двенадцатилетнему циклу и каждый год этого цикла назван именем какого-нибудь животного: 1) мышь, 2) корова, 3) барс, 4) рысь, 5) дракон, 6) змея, 7) лошадь, 8) овца, 9) обезьяна, 10) курица, 11) собака, 12) свинья. Согласно поверьям, тот или иной год несёт в себе какие-то горести, поэтому люди должны вести себя должным образом, в соответствии с определенными традициями. Последний год цикла - год свиньи – считался особенно опасным для младенцев. Чтобы предохранить их от злых сил, от смерти, порчи и похищения им давались в качестве имен самые гадкие, буквально отталкивающие, даже неприличные слова, которые якобы отпугивали злых духов и сохраняли жизнь детям. Действительно, какому духу захочется похищать ребёнка, которого все зовут *Собачье ухо, Гниль, Гной* и т.д. Встречая в мусульманском мире такого человека с таким именем и зная циклы двенадцатилетнего времяисчисления, можно без труда определить его возраст. В настоящее время этот обычай ушел в прошлое. Таким образом, стремление давать обидные имена было свойственно не только одним русским.

Первые иноязычные имена были принесены на Русь варягами. Эти имена использовались только в княжеских семьях: *Рюрик* (крестьянин), *Аскольд* (золото), *Игорь* (хранитель), *Олег* (светлый).

Крещение Руси, имевшее место в годы правления киевского князя Владимира Святославича, оказало существенное влияние на формирование собственных имен. Принятие Древней Русью христианства, закрепленное браком Владимира с византийской царевной Анной, способствовало упрочению международных связей Руси, помогало русским знакомиться с западной, особенно с византийской культурой. Одновременно из Византии были заимствованы и христианские имена, которые стала давать людям церковь (при крещении). Называть разрешалось лишь узаконенными религией (канонизированными) именами, объявленными настоящими, «правильными» и записанными в специальных книгах – «Святцах». Все прочие имена были объявлены неканоническими (в том числе имена людей, исповедующих другую религию) или просто языческими (имена идолопоклонников).

Что же представляли собой византийские имена? Греки византийской эпохи собрали у себя лучшие по нарицательному значению и наиболее с их точки зрения благозвучные имена тех народов, с которыми поддерживали торговые и культурные отношения. Наряду с именами древнегреческого происхождения, в список византийских имен вошли имена древнеримские и древнееврейские.

Если мы начнем рассматривать христианские (канонические) имена по значению тех слов, от которых они произошли, то сразу же заметим в них свои особенности. Так, например, почти все имена древнегреческого происхождения подчеркивают в людях моральные и физические достоинства. Вот значения некоторых из них: *Андрей* –‘мужественный’, *Геннадий*-‘благородный’, *Никифор*- ‘победоносный’, *Тихон*-‘счастливый’, *Агата*-‘красивая’, *Глафира* –‘изящная’, *София* –‘мудрая’. Большинство римских имен также отмечает в людях хорошее: *Виктор*-‘победитель’, *Валентин*-‘сильный’, *Валерий* –‘здоровый’, *Пульхерия* –‘прекрасная’. Древнееврейские имена резко отличаются от греческих и латинских своей обращенностью к Богу: *Гавриил*-‘воин божий’, *Даниил*-‘сила божья’, *Михаил*-‘равный Богу’.

Обратимся к именам *Вера, Надежда, Любовь*. Согласно церковной легенде, мать *Веры, Надежды и Любови* звали *Софией* - имя греческое, - а жило это семейство в Риме. Таким образом, легенда ничего не дает нам для объяснения происхождения этих имен. Тем не менее, в греческих преданиях существовали символические *фигуры Вера (Пистис), Надежда (Элпи), Любовь (Агапе)*, но они не были связаны с Софией и их названия не давались людям в качестве имен. Очевидно, при составлении русского церковного именослова имена этих символических фигур послужили основой для создания русских имен *Вера, Надежда, Любовь* [10, с.16].

Итак, многие русские имена возникли на иноземной почве и ещё в X веке заимствованы Русью. У наших неграмотных прапрабабушек и язык-то вероятно не поворачивался, чтобы выговорить те имена, которые им дали при крещении, и слыхом они не слыхивали таких диковинных слов, и забывали, и переиначивали их, превращая имя *Аквилина - в Акулину, Феодор- в Федора, Дионисий - в Дениса, Диомид - в Демида, Иулиания - в Ульяну*. Так проходил процесс «обрусения» нерусских имен, процесс превращения их из чужих и трудных для произношения слов в слова свои, знакомые, близкие. Однако, несмотря на то, что подобным изменениям подвергались все без исключения канонические имена, многие из них так и остались чуждыми русскому языку и русскому народу. Люди отказывались называть своих детей такими некрасивыми, неприятными именами, как *Мардарий, Пафнутий, Ексакустодиан, Никтополиан, Евклей, Мельхисбек, Нафанаил, Флавиан, Паисий*. В связи с этим встречались случаи присвоения имен против воли родителей. Была и такая традиция: называть ребенка именем, которое стояло в церковном календаре напротив числа, когда он родился: допускались отклонения, правда, небольшие - на два-три дня, а то и на неделю. В этом, между прочим, разгадка того, почему на Руси было так много *Иванов*. Это имя было одним из наиболее простых, легких для произношения. Кроме того, им названы несколько святых: это по-церковному *Иоанн Предтеча, Иоанн Воин, Иоанн Богослов, Иоанн Златоуст* и другие, и всё это были святые, совершившие подвиг.

Новое имятворчество (после Октября) делится на несколько периодов, для каждого из которых характерна своя особая идеологическая направленность.

Имятворчество в 20-е годы развивалось в нескольких направлениях. В создаваемых именах люди стремились отразить революционные события, а также идеологию, настроения и атрибутику революции: *Революция, Ревмира (Революция мира), Ревдит (Революционное дитя), Интерна, Искра, Идея, Майя, Февралина, Октябрина, Ноябрина, Октябрь, Воля, Свобода, Смена, Новомир, Пионер, Декрета, Баррикада, Пурпур.* Многие имена перекликались с именами и фамилиями вождей революции (часто сложносокращенные слова и аббревиатуры): *Владилен, Вилен, Вилена, Никель, Будёна, Марксиана, Ленина, Энгельсина, Марлена*. В ряде имен запечатлены первые этапы индустриализации коллективизации: *Мартен* (в честь мартеновской печи), *Трактор, Электростанция, Подъём, Смычка, Энергия.*

В 30-е годы в новом имятворчестве отмечаются некоторые изменения. Сокращаются до минимума имена, отражающие революционные события, индустриализацию и

коллективизацию. На смену им приходят новые имена, связанные с советской действительностью 30-х годов. Среди них можно отметить немало надуманных сложносокращенных слов: *Лагшмивара* (лагерь Шмидта в Арктике), *Юнарма* (юная армия), *Мюда* (Международный юношеский день), *Нэра* (новая эра), *Ленэра* (ленинская эра). Встречаются также иностранные имена, переосмысленные в русском языке как сложносокращенные слова. Они «расшифровываются» на основе событий современности: *Гертруда* (герой труда), *Рената* (революция, наука, труд), *Изольда* (изо льда –так называли своих детей некоторые полярники), *Ким* (коммунистический интернационал молодежи). В 30-е же годы появляются имена по названиям химических элементов (особенно металлов) и сплавов: *Радий, Сталь, Торий, Никель, Гелий* (новое переосмысление старого церковного имени). В качестве имен употребляются такие идеологически значимые слова, как *Эра, Идеал*, а также некоторые оценочные слова: *Гений, Гения*.

Стремление к внутренней и внешней красоте привело к созданию женских имен по названиям цветов: *Астра, Гортензия, Лилия, Роза*. Имя *Роза* существовало ранее у евреев, уходя своими корнями в библейскую древность. *Роза* – русский перевод еврейского *Рейзел* на языке идиш и *Шойшано* – на древнееврейском языке. У русских это имя появилось как непосредственно происходящее от названия цветка.

В 30-е годы количество иностранных имен, даваемых детям, достигает максимума. Увлечение ими настолько сильно, что даются не только полные или сокращенные иностранные имена, вычитанные где-то: *Леонард, Альма, Генриетта, Дина, Лорэн, Жанна* (быть может, не без влияния *Жанны д'Арк*), *Жаннетта, Ивонна* и т.п., но и выдумываются новые имена, чем-то созвучные с иностранными: *Арлетта, Рида, Эллиса, Эльвина* и т.д.

Вторая мировая война резко обрывает новое имятворчество. Последние отголоски его наблюдаются в сороковые годы, когда появляется имя *Мира* как отражение мечты людей о мире, стремлении к нему и, наконец, достижения его.

Практика имятворчества прекращается в пятидесятые годы, когда многие из тех, кому в свое время были даны новые необычные имена, стали взрослыми и им в свою очередь пришлось выбирать имена для детей. Они отказались от фантазии своих родителей и предпочли выбрать одно из старых русских имен: *Андрей, Александр, Ольга, Елена, Наталья, Сергей, Евгений,* а многие из этих молодых родителей, достигнув совершеннолетия, сменили и свои имена, если они у них были очень уж необычными, на простые старые русские, чтобы у детей были простые отчества [12, с.54].

В русском языке кроме полного имени, носящего официальный характер, существуют производные уменьшительные формы, которые образуются с помощью различных суффиксов. Эти формы употребляются обычно в семейном кругу, в приятельском общении. Известно, что до XVIII века у русских была особая уничижительная форма личных имен для детей низших сословий (*Петрушка, Ивашка*). Ласкательные формы женских имен не употреблялись, их заменяли формами с суффиксом *–ка*: *Машка, Сашка, Наташка*.

Однако, уменьшительное имя –это не есть само имя. Настоящее имя записано в паспорте, им людей называют в официальных документах. Уменьшительное имя во многом зависит от личного желания человека и от желания окружающих его людей. И если *Екатерину* её близкие зовут не *Катя*, а - *Ина*, в этом нет никакого нарушения норм. Просто *Катя* более типично, а *Ина* –более индивидуально.

Следует отметить, что мужские и женские имена можно встретить в русских пословицах (*Любопытной Варваре на базаре нос оторвали*), в загадках (*Узловат Кузьма, развязать нельзя*). Многие личные имена входят в состав названий детских игрушек (*ванька-встанька, мишка*), в состав названий растений (*иван-да-марья, иван-чай*).

Интересна история слова «*хулиган*», которое происходит от имени собственного – от фамилии лондонского дворянина, настолько прославившегося неблаговидными поступками, что слово «*хулиган*» стало нарицательным не только в английском, но и во французском и русском языках. Наши военные носят *френч, галифе, макинтош* и вряд ли задумываются над тем, что все эти названия даны по фамилиям людей, впервые придумавших или вводивших в

армии эти виды одежды. Названия кулинарных изделий *сэндвич, наполеон* также происходят от имен собственных.

Предлагается следующая система упражнений, помогающая формированию навыков и умений по употреблению собственных личных имен в процессе общения.

З а д а н и е 1. *Прочитайте и перескажите текст. Как Вы думаете, почему родители давали детям следующие имена?*

Новые имена

В одной семье сыновья носили имена Иосиф, Также, Ещё раз, а дочери - Первая, Вторая, Третья. Когда родился четвертый сын, отец подумал, что это последний и назвал его Конец. Потом у него родилось ещё трое. Он назвал их Прибавление, Приложение, Дополнение.

З а д а н и е 2. *Объясните, как Вы понимаете следующие пословицы?*

Любопытной Варваре на базаре нос оторвали.

Один говорит про Фому, другой про Ерёму.

Один у Мирона сын, да и тот Мироныч.

Мели, Емеля, твоя неделя.

На бедного Макара все шишки валятся.

Затвердила ворона Якова одно про всякого.

Скучно Афонюшке на чужой сторонушке.

У Сидора обычай, у Карпа свой.

Ваша-то Катерина да нашей Орине двоюродная Прасковья.

Говорила Афанасью, быть-де ненастью: знай, поскакал да колёса растерял.

З а д а н и е 3. *Прочитайте текст русской колыбельной песни. Обратите внимание на употребление русских имен.*

Баю-баюшки-баю,
Живет мужик на краю,
Он не беден, не богат,
У него трое ребят:
Один Миша, Другой Гриша,
Третий Ванюшка-сынок,
На березоньке сидят,
Блины мазаны едят,
А березка скрип да скрип,
А сыночек Ваня спит.

З а д а н и е 4. *Прочитайте и запомните русские скороговорки. Постарайтесь их повторить.*

Петр Первый
Пошел погулять
Поймал перепелку,
Пошел продавать.
Просил полтинник,
Получил подзатыльник.

Шли три попа,
Три Прокопья-попа,
Три Прокопьевича,
Говорили про попа,
Про Прокопья-попа,
Про Прокопьевича.

На горе у пригорка
Стояли двадцать два Егорки-

Раз Егорка, два Егорка,
Три Егорка (и т(ак) д(алее) до 22).

З а д а н и е 5. *Вставьте пропущенные имена.*

Слова для справок: Ваня, Егор, Анна, Коля, Николай, Сергей, Катя, Катерина, Фекла.

Из-за лесу, из-за гор
Идет дедушка …..
Его девушки любили,
Кашей масленой кормили;
Каша масленая,
Ложка крашеная,
Ложка гнется,
Нос трясется,
Душа радуется.

….., ……., ……,
Сиди дома, не гуляй,
В окошко не гляди,
Девчонок не дразни.

……. – воробей,
Не гоняй голубей.
Голуби боятся,
На крышу садятся.

…….– банна,
Нога деревянна,
Блин толстой,
Погоняй, не стой.

….., ……., ……,
Нарисована картина,
А с картины на портрет,
Лучше ….. нашей нет.

….., ……,
Блины пекла,
Сковородник уронила,
Себе голову разбила.

….., ……, простота!
Купил лошадь без хвоста!
Сел задом наперед
И поехал в огород.
Съел кочан капусты,
Зарычал: «Как вкусно!»

З а д а н и е 6. *Запомните русские народные считалки.*

Таня, Маня, Лизавета
Ехали на лодке.
Таня, Маня утонули,
Кто остался в лодке?
–Лизавета.
– Хлоп тебя за это!

Ехал Ваня из Казани,
Полтораста рублей сани,
Двадцать пять рублей дуга,
Мальчик девочке слуга.
Ты, слуга, подай карету,
А я сяду и поеду,
Ты, слуга, подай метлу,
Я в карете подмету.

Из примеров видно, что с течением времени собственные имена становятся нарицательными именами [9, с.22-29].

Таким образом, в обучении русским именам в таджикской аудитории следует обратить внимание на:

- отличие собственных имен разных народов, в частности русских имён собственных;
- изучить личные имена русских предков до X века;
- внедрить сходные принципы наречения имен;
- ознакомить аудиторию с системой упражнений, помогающей формированию навыков и умений по употреблению собственных личных имен в процессе общения.

ЛИТЕРАТУРА

1. Гафуров, А.Г. Таджикская антропонимия / А.Г.Гафуров // Личные имена в прошлом, настоящем и будущем. – М.: Наука 1970. - С. 278-283.
2. Горбачевский, А.А. Слово об именах / А.А.Горбачевский // Памир, 1968. – №1. – С. 88-89.
3. Кисляков, Н.А. Семья и брак у таджиков. Труды Ин. этнографии АН СССР. Новая серия. Т. XXIV / Н.А.Ксиляков. – М.-Л., 1959.
4. Маслова, В.А. Лингвокультурология / В.А.Маслова. – М.: Академия, 2001. - 208 с.
5. Обучение иностранцев общению на русском языке. Теория и методика. // Сборник статей. – Ленинград: Издательство ЛГУ, 1983. – 150 с.
6. Потешки. Считалки. Небылицы [Текст] / сост., авт. вступ. статьи и примеч. А. Н. Мартынова. – М. : Современник, 1989. – 349 с.
7. Рузиева, Л.Т. Прецедентно -значимые тексты как когнитивный компонент культуры народа в системе обучения русскому языку в неязыковом вузе в лингвокультуроведческом аспекте / Л.Т.Рузиева. – Душанбе, 2019. – 424 с.
8. Сепир, Э. Избранные труды по языкознанию и культурологии / Э.Сепир. – М., 1993. - 165 с.
9. Суперанская, А.В. Как Вас зовут? Где Вы живёте? [Текст] / А.В.Суперанская. - М.: Наука, 1964. – 94 с.
10. Суперанская, А.В. Толкование имен / А.В.Суперанская // Наука и жизнь. – 1991. – № 4. - С.96 - 101.
11. Телия, В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты / В.Н.Телия. - М.: Языки русской культуры, 1995. - 288 с.
12. Щетинин, Л.М. Слова, имена, вещи. [Текст] / Л.М.Щетинин. - Ростов-на-Дону: РГУ, 1966. - 314с.

ОБУЧЕНИЕ РУССКИМ ИМЕНАМ В ТАДЖИКСКОЙ АУДИТОРИИ

В статье приводится национально-культурная специфика таких лексических единиц, как личные имена, употребление которых важно при изучении русского языка. Анализируется история развития личных имен русского народа. В процессе изучения русского языка в таджикской аудитории студенты встречаются с употреблением собственных личных имен. Собственные личные имена разных народов существенно отличаются друг от друга и от русских, в частности. В русском языке собственные личные имена имеют пять разновидностей: собственное имя, отчество, фамилия, прозвище и псевдоним. В истории личных имен можно выделить три этапа: языческий, христианский и новый этап после Октября. В связи с этим важно учитывать национально-культурную специфику этих лексических единиц.

По мнению автора статьи, русские фамилии - это ценнейший источник не только по истории развития русского языка и национальной культуры, но и как современный

лексическӣ материал, ценность фамильного именника с течением времени будет неуклонно возрастать.

Ключевые слова: *русскӣ язык, таджикская аудитория, занятие, студент, собственные имена, значение, уменьшительно-ласкательныӣ, история, традиция, личное имя, нарицательныӣ, норма слова.*

ОМӮЗИШИ НОМҲОИ РУСӢ ДАР ГУРӮҲҲОИ ТОҶИКӢ

Дар мақола хусусияти миллӣ ва фарҳангии чунин воҳидҳои лексикӣ, ба монанди номҳои шахс, ки истифодаи онҳо дар омӯзиши забони русӣ аҳаммияти муҳим дорад, инчунин, таърихи инкишофи номҳои шахсии халқи рус таҳлил карда шудааст. Дар ҷараёни омӯзиши забони русӣ дар аудиторияи тоҷик донишҷӯён бо номи худ дучор меоянд. Номҳои шахсии халқҳои гуногун аз ҳамдигар, аз ҷумла, русҳо хеле фарқ мекунанд. Дар забони русӣ номҳои шахсии хос ба панҷ намуд ҷудо мешаванд: номи хос, номи падар, насаб, лақаб ва тахаллус. Таърихи номҳои шахсиро ба се марҳила ҷудо кардан мумкин аст: бутпарастӣ, насронӣ ва марҳилаи нав пас аз октябр. Дар ин бобат хусусиятҳои миллию фарҳангии ин вохидҳои луғавиро ба назар гирифтан зарур аст

Ба андешаи муаллифи мақола, насабҳои русӣ на танхо оид ба таърихи инкишофи забони русӣ ва маданияти миллӣ, балки, ҳамчун маводи лексикии муосир низ сарчашмаи пуразриш мебошанд. Дар баробари ин, арзиши насаб бо мурури замон мунтазам меафзояд.

Калидвожаҳо: *забони русӣ, гурӯҳҳои тоҷикӣ, касб, донишҷӯ, исмҳои хос, маъно, тобиши навозишӣ, таърих, анъана, номи шахс, исми ҷинс, меъёри калима.*

STUDY OF RUSSIAN NAMES IN TAJIK GROUPS

The article presents the national and cultural specificity of such lexical units as personal names, the use of which is important in the study of the Russian language. The history of the development of personal names of the Russian people is analyzed. In the process of studying the Russian language in the Tajik audience, students encounter the use of their own personal names. The proper personal names of different peoples differ significantly from each other and from Russians, in particular. In Russian, proper personal names have five varieties: proper name, patronymic, surname, nickname and pseudonym. Three stages can be distinguished in the history of personal names: pagan, Christian, and a new stage after October. In this regard, it is important to take into account the national and cultural specifics of these lexical units.

Thus, it can be noted with confidence that Russian surnames are a valuable source not only on the history of the development of the Russian language and national culture, but also modern lexical material. At the same time, it is important that the value of a family name will steadily increase over time, with the distant era of the formation of Russian surnames.

Keywords: *Russian language, occupation, student, proper names, meaning, diminutive, history, tradition, personal name, common noun, word norm.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарипова Нозанин *- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забони русии факултетҳои ғайрифилологӣ. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: akila.ru@mail.ru*

Сведения об авторе: Шарипова Нозанин *- Таджикский национальный университет, ассистент кафедры русского языка для нефилологических факультетов. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: akila.ru@mail.ru*

Information about the author: Sharipova Nozanin *- Tajik National University, assistant of the Russian language department for non-philological faculties. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: akila.ru@mail.ru*

ТДУ: 903 (575.3)

АВЕСТО - НАХУСТИН ҚОМУСИ ТАМАДДУН ВА САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

Аслонов Ҳ. З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Авесто[1] куҳантарин осори хаттии мардуми ориёинажоди эронитабор буда, он қадимтарин ва пуразиштарин маъхаз оид ба омӯзиши таърихи Хуросону Ворорӯд маҳсуб меёбад. Авесто китоби муқаддаси маздоясно ба шумор рафта, дар он маънавиёт, ахлоқ, (рафтори нек, гуфтори нек, пиндори нек), қонуну қоида, эътикоду боварӣ, урфу одат (намоз-гузорӣ, қурбониҳо, ибодатҳои берун аз намоз ва тарзи иҷрои онҳо), ҷуғрофия, тиб, нуҷум, фалсафа ва ҷаҳонбинии зардуштиён дарҷ ёфтааст[2]. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби хеш «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» оид ба «Нахустин қомусномаи ниёгон» Авесто маълумоти пурқиммате дода, навиштааст: «Авесто қадимтарин ва мукаммалтарин сарчашмаи хаттии ниёгони мо – ориёиҳои бошандаи сарзамини Бохтару Суғд ва Хоразм будааст, ки аз лиҳози давраи пайдоиш тақрибан ба асрҳои XII-X то милод рост омада, онро ҳамзамону ҳамсоли китоби муқаддаси «Ведаҳо» мешуморанд. Нахустин падидаҳои Авесто дар байни қавму қабилаҳои ориёии Эрони Шарқӣ ба таври шифоҳӣ аз даҳон ба даҳон гузашта, дар маросимҳои динӣ, ситоиши худоён, ирсоли дуруду паём ба Офтобу Замин, оташу об, хоку бод, ҳамчунин тараннуми суруду ҳамосаҳо дар васфи олиҳаҳои обу ҳосил ва дигар оинҳои мавсимӣ риоя мешуд...» [22, с. 38.].

Номи Авесто аз калимаи форсии миёна «apastak» гирифта шуда, маънии «асос», «гузориш», «дастур», «ситоиш» ва ғайраро дорад. Аввалин матнҳои Авесто бо ҳуруфи оромӣ нигошта шудаанд. Баъдан, дар заминаи хатти паҳлавӣ алифбои махсус барои китобати он ихтироъ гардид. Тибқи ривоятҳои таърихӣ Авесторо дар ибтидо дар ду нусха, дар дувоздаҳ ҳазор пӯсти гов бо оби тилло нигоштаанд. Чунончи ба пиндорӣ бархе аз таърихнигорон ва авестошиносон, Зардушт бо фармони шоҳи Бохтар – Гуштосб (ҳамон Виштоспи овозадор) Авесторо, ки аз ҳазору дусад фрагард (боб) иборат буд, ҳамроҳ бо тафсири он «Занд» ба диндабира (хатти динӣ) дар тахтачаҳои тиллоӣ навишта, онро дар ганҷи шоҳӣ ё хазинаи оташкадаи Балх ниҳод.

Муаррих ва фақеҳи варзидаи форсу тоҷик Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар китоби «Таъриху-р-русули-ва-л-мулук» чунин менависад: «Ба соли сиюми подшоҳии Буштосб (Гуштосп (Gustasp) шакли Авестоии ин ном Виштосп (Vistaspa), шоҳи Бохтар – Ҳ.А.) Зародушт писари Асфимон зуҳур кард ва даъвои паямбарӣ дошт. Ва Буштосбро ба дини хеш хонд, ки дар аввал напазируфт ва сипас ба дини вай гаравид ва китоби вайро, ки ваҳӣ мепиндошт, пазируфт.

Китоби Зародушт ба пӯсти дувоздаҳ ҳазор гов ҳак шуда буд ва ба тилло мунаққаш шуда буд ва Буштосб онро дар Истахр дар ҷое ба номи Дазнабишт ниҳод…» [2, с.447-448.].

Давраи шаҳриёрии Виштосп ба охири асри VII ва оғози асри VI то милод рост меояд, ки муҳаққиқон онро шомили солҳои 660-583 то милод гуфтаанд. Виштосп муосири Зардушт мебошад. Давраи ҳукмронии Виштосп ба ду воқеаи бузурги таърихӣ марбут аст: а) ба зуҳури Зардушт ва фаъолияти ӯ; б) ҷанги бохтариён бо кӯчиҳои шимол ё сакоиҳо, ки акнун бо номи тӯрониён аниқтараш хиюнон, ки шояд хиёниён аз ҳамин решаи хиюнон баромада бошад, ёд мешуданд. (Хиюнон (хиёниён) ва ё тӯрониён бечунучаро аҷдодони имрӯзаи тоҷикон

[1]Барои маълумоти бештар дар бораи китоби Авесто ниг.: Авесто. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2014; Муъминзода Ҳ. Зардушт ва оини ӯ (бахши дуюм). – Душанбе, 1997.

[2] Барои маълумоти бештар дар бораи фиққи зардуштӣ ниг.: Доктор Муъин «Маздоясно ва адаби порсӣ». – Чопи дуввум. – Теҳрон, 1338.; Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон. – Душанбе, 2007. Бо нақл аз китоби эроншиноси маъруф Крестенсен «Эрон дар замони Сосониён», тарҷумаи Рашиди Ёсамӣ.; Мероси хаттии бостон. – Ҷилди 2. – Душанбе, 2016. – С. 40-124. (Гирдоварӣ ва тадвин: Шарифова Фарангис Худоиевна).

мебошанд). Вале дар баъзе адабиёт хиюнон ҷамъи хиюн – қабилаи турк хонда шудаанд, ки дар Осиёи Марказӣ ва Эрони Шарқӣ мезистаанд [8, с.62.]. Аммо ба ин ақида наметавон розӣ шуд. Зеро воқеияти таърих он аст, ки дар Осиёи Марказӣ, бахусус, Шарқи Эрон (Хуросон ва Варорӯд) аз қадимулайём аҷдодони тоҷикон – суғдиёну бохтариён, хоразмиёну портиён, фарғониён ва дигар қабоили ориёиҳои тӯронӣ (хиюнон (хиёниён), ҳайтолиён, йуҷиҳо, тахориҳо, сакоиҳо, масагетҳо, кидориҳо, усуниҳо, кангюйҳо ва ғайра зиндагӣ мекарданд. Яъне, аввалан, хиюнон яке аз ақвоми ориёии шарқӣ мебошанд. Дуюм ин, ки қабоили турк ба Варорӯд (Осиёи Миёна) хеле дертар, аниқтараш дар асри VI милодӣ баъди заволи давлати Ҳайтолиён ворид шуданд. Хиюнон дар Авесто hyaona, позанд hayun, санскрит turuska-samuha, чиноӣ hiung-nu=hun, форсии дарӣ hayun ёд шудааст [8, с. 62.].

Виштосп баъди қабули дини маздопарастӣ (зардуштӣ) аввал онро дар дарбори худ ҷорӣ намуд ва баъдан барои пазириши он бо ҳамқабилаҳои худ зараспҳо (бохтариҳо) ҷангида, онҳоро ба кеши зардуштӣ овард. Пас аз он ки мардум ба дини маздопарастӣ рӯй оварданд, Ваштисп оини зардуштиро мазҳаби расмии давлатӣ эълон кард. Ва ҳатто барои густариши он бо давлатҳои ҳамсоя ҷангҳои зиёд намудааст. Масалан, Виштосп – шоҳи Эрон бо Арҷосп (Arjasp) шакли авестоияш (Arejat-aspa) – шоҳи Хиюнон (Турон), ки Табарӣ номи ӯро Харзосиф ва Ибни Хурдодбеҳ Ҳазорасф гуфтаанд, солҳои 602-583 то милод ҷангҳои беамон бурдааст. Дар ин ҷанг турониён бохтариёнро шикаст дода, ҳатто пойтахти Бохтар шаҳри Балхро тасхир намуданд. Вале Виштосп бо ёрии писараш – Исфандиёр (навишти паҳлавӣ Spandi-dad), шакли авестоияш Speneto-data, ки шояд ҳокими Систон буд, солҳои 590-583 то милод турониёнро дар атрофи кули Ҳамун шикаст дода, ба шимол ронд ва дар соҳили Ваҳвидат (Омӯ) қалъаи Навдеҳ (байни шарқӣ ва ҷанубии Чорҷӯйи имрӯза) асос гузошт. Масалан, дар матни паҳлавии «Шаҳристонҳои Эрон» бунёди шаҳристони Навозак ба ӯ нисбат дода шудааст. «Андар Балхи бомӣ шаҳристони Навозак(ро) Исфандиёр писари Гуштоспон кард» [8, с. 64.].

Ёдгори Зарирон аз ҷанги Виштосп ва Арҷосп перомуни пазириши дини зардуштия ҳикоят мекунад. Тибқи ахбори Ёдгори Зарирон Арҷосп огоҳ мешавад, ки Гуштосп (Виштосп) аз оини собиқа даст кашида, бо писарону бародарон ва шоҳзодагону ҳамроҳони хеш дини зардуштиро пазируфтааст. Он гоҳ Арҷосп номае навишта, онро ба дасти ду тан аз сипоҳиёни ба худ наздикаш – Видрафши ҷоду (дар осори форсии дарӣ ин ном – Бидарафши ҷоду зикр шудааст) ва Номхвости Ҳазорон (Namxwast Hazaran) дода, бо ду ҳазор сипоҳ ба дарбори Виштосп мефиристад. «…Ва эшон дароянд ва ба Гуштоспшоҳ намоз бурданду нома бидиҳанд. Авроҳим (=Иброҳим)* меҳтари дабирон бар пой истод ва номаро баланд бихонд. Ва бар нома чунин навишта бувад, ки шунидам, ки шумо шаҳриёрон ин дини поки маздиснонро аз Ҳурмузд пазируфтед ва агар инро барои он доред, ки моро аз он гарон зиёну душворӣ шояд будан. Лек, агар шумо шаҳриёрон писандед ва ин дини покро раҳо кунед ва бо мо ҳамкеш бошед, он гоҳ шуморо ба шаҳриёрӣ парастем, он гоҳ сол ба сол бас зару бас аспи неку ва бас гоҳи шаҳриёрӣ ба шумо диҳем. Ва агар ин (динро) раҳо накунед ва бо мо ҳамкеш набошед, он гоҳ бар шумо расем, сабзро хӯрему хушкро сӯзем ва чаҳорпову дупоро аз кишвар ғулом кунем ва шуморо ба тамом гарон ва душворӣ кор фармоем…» [8, с.53.].

Ҳамин тавр, агар гуфтаи «Ёдгори Зарирон»-ро натиҷагирӣ намоем, метавонем ба чунин натиҷа бирасем: якум, тавре аз гуфтаи Ёдгори Зарирон дидем, то паёми Зардушт мардуми ориёӣ (аниқтараш бохтариён ва турониён) бар як оин (бар оини бисёрхудоӣ (санавӣ) будааст) ва дар оғоз онҳо авомили нек ва авомили бадро, яъне авомили муфиду судбахш ва ё авомили музирру зиёнбахши табиатро мепарастиданд*.

---

* Авраҳим (Avrahim) – сардори дабирони дарбори шоҳ Гуштосп; номи яҳудӣ буда, дар Иврит (Яҳудии бостон) Abraham, арабӣ Ibrahim, шакли позанд Abrahim – Д.С.).

* Барои маълумоти бештар дар бораи ақоиди ориёии қабл аз Зардушт руҷуъ шавад. Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон. – Душанбе, 2007. – С. 163-166.

Дуюм, Зардушт аз бошандагони Бохтар набудааст ва эҳтимоли қавӣ он аст, ки ӯ аз Варорӯд, аниқтараш аз аҳли Хоразм ва ё аз аҳли Суғд мебошад ва маҳз аз ин ҷо вай ба дарбори Виштосп – шоҳи Бохтар рафта ва ӯро ба оини маздоясно овардааст.

Сеюм, Арҷосп подшоҳи кишвари хиюнон (хиёниён) гуфта шудааст, вале Табарӣ ва Фирдавсӣ ӯро подшоҳи кишвари «турк» хондаанд, ки, албатта, ин гуфтаи онҳо ҳеҷ гоҳ маънои кадом яке аз ақвоми турк ва ё туркони имрӯзро надорад.

Мувофиқи ахбори «Шаҳристонҳои Эрон», Зардушт баъди он, ки Динро («Авесто»-ро) ба дарбори шоҳи Бохтар Виштосп овард ва он гоҳ, ки дар дарбори Виштосп мақому мартабаи баланд ёфт, бо фармони ӯ «Авесто»-ро ба дин-дабирӣ (хатти авестоӣ) дар тахтачаҳои тиллоӣ навишта, онро дар хазинаи оташкада ҷой дод. «Пас Зардушт Дин (Авесто) овард ва аз фармони Гуштоспшоҳ ҳазору дусад фрагард (бахш) ба дин дабирӣ (хатти авестоӣ) ба тахтаҳои заррин канду навишт ва ба ганҷи он оташ ниҳод. Пас, гуҷаста (малъун) Искандар (онро) сӯхт ва ба дарё афканд» [8, с.79.].

Ва тибқи ахбори Динкарт («Кори дин») бошад, ба фармони Кави Виштосп матни Авесто навишта шуда, як нусхааш дар Шиз (Ганҷи Шойгон – назди кӯли Урумия), нусхаи дигараш дар Дижи нибишт (Dizi nibist- китобхона, маркази асноди давлатӣ)-и Истахр ва нусхаҳои дигари он дар китобхонаҳову оташкадаҳои шаҳрҳои мухталифи Бохтар маҳфуз будааст. Ҳамчунин, дар ривоятҳои дигар аз Динкарт омада, ки Доро писари Доро дастур дод, ки Авесто ва «Занд» дар ду нусха таҳия карда шаванд. Тибқи ривоятҳои осори паҳлавӣ, Искандари Мақдунӣ баъди тасхири Эронзамин нусхаҳои мавҷудаи «Авесто»-ро, ки дар пӯсти даббоғишудаи барзаговҳо ва тахтачаҳои тиллоӣ сабт будааст, сӯзонида ва як нусхаи онро бо дархости устодаш Арасту ба кишвараш – Юнон мебарад ва дар он ҷо бо фармони Искандар Авесторо ба забони юнонӣ тарҷума карданд. Масалан, тибқи ахбори Гермипп, бо фармони Искандар дар асри IV то милод Феопомп ном донишманде ба омӯзиш ва таҳқиқи Авесто машғул будааст [22, с. 39].

Аз сӯзонида шудани Авесто, ба дасти Искандари бедодгар Абурайҳони Берунӣ низ дар «Осор-ул-боқия» менависад, ки Авесторо дар хизонаи Доро бини Доро, подшоҳи Эрон, нусхае буд тиллокоришуда, ки дар дувоздаҳ ҷилди гов навишта шуда буд. Ва чун Искандар оташкадаи форсро вайрон кард, ин нусхаро низ бисӯзонид ва ҳурбадонро аз дами шамшер гузаронид. Ва аз он вақт Авесто маълум шуд ва ба андозаи аз панҷ се қисми он ба куллӣ аз даст рафт. Ва дар асл сӣ «наск» буд. Ва боқимондаи он акнун дар дасти зардуштиҳост, ки ба андозаи дувоздаҳ «наск» аст» [3, с. 222].

Баъдан, дар асри I милодӣ дар аҳди шоҳаншоҳии Ашкониён (солҳои ҳукмрониашон 250 то милод – 226 милодӣ) бо фармони шоҳ Валахш (Вологеси I) солҳои 51-78 милодӣ) аз боқимондаҳои матнҳои Авесто ва он чизе, ки ба тарзи шифоҳӣ муъбадони зардуштӣ ҳифз доштанд, Авесто дубора гирдоварӣ ва китобат гардид. Масалан, донишманди саршиноси Эрон Маликушшуаро Баҳор бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ чунин менависад, ки: «…пас аз он ки, Искандари малъун бар Эрон даст ёфт, ҳар кас, ки ба роҳи муғмардӣ мерафт, бикушт, вале дар Систон чанд хонавода буданд, ки ҳар кадом нуске аз «Авесто»-ро аз бар доштанд ва билохира, чунин мерасонад, ки Авесто аз он аҳд сина ба сина аз хонаводае ба хонаводае мунтақил мешуд» [14, с. 63]. Аҳмади Тафаззулӣ бошад, бар хилофи ин андеша бар он аст, ки Авесто қарнҳо сина ба сина ҳифз мешуд, то ки билохир, дар даврони Сосониён бо хатти диндапирӣ (диндибира), ки аз чиҳилу ҳашт ҳарф – чаҳордаҳ ҳарфи садонок ва сивучаҳор ҳарфи ҳамсадо иборат буд, ҷамъоварӣ ва китобат шуд ва пас аз он ҳам мубадон барои иҷрои маросими динӣ бо як шуру шавқ ва боварию ихлоси баланд ба он ручуъ мекарданд, зеро он чи аз ҳама муҳим аст, аз ҳифз хондани он мебошад. Дар омади гап бояд гуфт, ки ориёиҳо хатро ихтирои аҳриман медонистанд ва чунин ақида доштанд, ки гуфтаҳои Аҳуромаздоро бояд аз ёд гуфт ва ин андеша яке аз сабабҳои дер китобат шудани Авесто гардид. Ба ақидаи аксари муаррихону донишмандон хатти Авастоӣ (диндабирӣ), дар аҳди Сосониён ба вуҷуд омадааст. Ва тавре гуфтем, баъзе аз донишмандон бо такя ба ин далел (яъне, хатти диндабирӣ) бар он бовaранд, ки Авесто маҳз дар аҳди Сосониён ба шакли китобат даромадааст. Вале ба ин ақида наметавон розӣ шуд. Зеро воқеияти таърих ин аст, ки қисмҳое аз Авесто ҳатто, қарнҳо пеш аз замони

шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён дар шакли хаттӣ вуҷуд доштааст ва ҳадалимкон дар аҳди Ҳахоманишиён, ки зардуштия ба дини расмии давлатӣ табдил меёбад, Авесто ба хатти оромӣ китобат гардидааст.

Авесто бори севвум дар аҳди ҳукмронии Сосониён (224-651) борҳо тадвину танзими алифбоӣ шуд. Нахуст дар замони фармонравоии бунёдгузори шоҳаншоҳии Сосониён Ардашери Бобакон (224-241) матни Авесто бо сарварии мубади мубадон Тансар таҳриру барқарор карда шуд. Ба қавли Динкарт, «Ардашер ҳирбадон ҳирбад Тансарро ба дарбори хеш хонд ва вайро фармуд, то Авесторо мураттаб созад» [16, с. 131]. Бори дуввум дар замони ҳукмронии писари Ардашери Бобакон – Шопури I (241-272) бо роҳбарии муъбади мубадон Картир қисмҳои марбут ба илмҳои тиб, нуҷум, ҳисоб ва фалсафа, ки аз матни таҳрири Тансар берун монда буданд, ба он зам гардид. Дар бораи муъбади мубадон Картир Айзен бо нақл аз эроншиноси маъруф Кристенсен мегӯяд: «Аз Картир, муъбади муъбадони замони Шопури аввал, ки пас аз ӯ низ муддате бар сари кор буд, се катиба дар Нақши Раҷаб, Сармашҳаду Каъбаи Зардушт боқист ва ҷузъиёти иқдомотиро, ки ба зӯри шамшер барои интишори дини Зардушт дар навоҳии мухталиф ба кор бурдааст, баён мекунад» [16, с. 134-135.]. Он чи ки аз катибаҳои сосонӣ дар бораи муъбади мубадон Картир нақл рафтааст он аст, ки дар аҳди раёсати рӯҳониёни мансаби зардуштиро доштанаш, бо пайравони адиёни дигар дар Эрон бисёр муносибати сахт мешудааст.

Дар аҳди ҳукмронии Шопури II (309-379) бори дигар бо роҳбарии Озарбади Меҳраспандон таҳриру такмили матни нисбатан комили Авесто анҷом ёфт. Бино ба ривояти аксари муаррихону авестошиносон, таълифи китоби Хурд-Авесто аз ҷониби Озарбади (ё Атурпати) Меҳраспандон анҷом пазируфтааст. Ва ниҳоят дар асри VI, аниқтараш дар охири замони шаҳриёрии Хусрави I Анушервон (531-579) Авесто боз аз нав таҳрир шуд ва ба забони паҳлавӣ тарҷумаву тафсир гардид, ки онро Занд (калимаи форсии миёна zand «дониш», «таълимот») меномиданд. Тибқи маълумоти Динкарт, Авестои аҳди Сосониён аз 1200 боб (фаргард) ва бисту як наск (китоб) иборат будааст. Бори охир Авесто аз тарафи ғосибони араб сӯзонда шуд. Баъдан, дар миёнаҳои асри XVIII, аниқтараш соли 1771 боқимондаҳои матнҳои «Авесто»-ро олими Фаронса Анкетил Дюперрон, ки нисбат ба омӯзиши дину оинҳои мардуми Шарқ, хосатан, мардуми эронитабор эҳтироми зиёд дошт, баъди сафар ба Ҳинд ӯ назди муъбадони зардуштӣ маросими динӣ ва хондани матнҳои қадимиро аз худ намуда, баъди бозгашт ба ватан чанде аз порчаҳои Авесторо тарҷума кард ва ин куҳанкитоб бо номи Занд-Авесто ва забони зандӣ машҳури олам гардид. Вале тарҷумаи Анкетил Дюперрон бисёр ноқис буд.

Тавре гуфта шуд, Авестои аҳди Сосониён аз бисту як наск (китоб) ва ҳазору дусад боб иборат буд. Вале баъди ҳамлаи аъроб то замони мо фақат чаҳоряки он боқӣ мондааст. Яъне, то ба имрӯз аз бисту як китоб танҳо панҷ китоб ва тақрибан сесаду панҷоҳ боби он расидааст: 1) «Ясно» - «назр», «ниёз», - маҷмуи матнҳои маросимӣ; 2) «Яштҳо» - «ниёиш», «ситоиш», яъне сурудҳо дар васфи худои дини зардуштӣ; 3) «Видевдат» ё «Вандидот» - қонуни зидди девҳо (дастурҳо дар бораи покизагӣ ҳангоми тоату ибодат); 4) «Виспарат» ё «Виспарад» - маҷмуи дуо ва матнҳои ибодатӣ; 5) «Хурд-Авесто» - зорию илтиҷо. Куҳантарин бахши Авесто «Готҳо» /сурудҳои паёмбар зардушт/ мебошад, ки шомили ҳабдаҳ боб аст.

Тавре дидем, Авестои то замони мо омада расида, камаш ду маротиба (бори аввал аз тарафи Искандари бедодгар ва бори дувум аз тарафи арабҳои саҳронишин) сӯзонида шуда ва борҳо аз нав тадвину таҳриф карда шудааст. Ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат аст, ки имрӯз муаррихону авестошиносон дар бораи шинохти воқеии Зардушт ва оини ӯ бо ҳам ихтилофи назар доранд. То ҷое, ки авестошиносони варзида Устод Пурдовуд, доктор Муин ва Ду Музил муддаӣ ҳастанд, ки зардуштияи (Авесто)-и замони Сосониён аз Авестои қадим, ки Зардушт оин ниҳода буд, ба куллӣ фарқ дорад. Зеро бино бар гуфтаи эшон, Зардушт, ки бар зиддӣ қурбонӣ кардан ва ҳар гуна ҳуруфот баромад карда буд, Авестои аҳди сосонӣ онро таҷдид намудааст. Маҳз ба ҳамин хотир аст, ки Устод Пурдовуд ва доктор Муин бар онанд, ки: «ойини ҳақиқӣ ва аслии Зардуштро бояд аз «Готоҳо» (Готҳо) ҷуст, чӣ баъдҳо ба мурур тасарруфоте дар он карданд ва, бахусус, ойини зардуштии давраи сосонӣ аз мабдаи худ бисёр дур гардид» [16, с.

175.]. То кунун ба ҷуз аз теъдоди андаке дар Эрон, зиёда аз сад ҳазор зардуштиён дар Ҳиндустон зиндагӣ менамоянд, ки онҳоро одатан «порсиён» меноманд. Порсиён натанҳо дини қадима, балки матнҳои қадимии дини зардуштиро маҳфуз медоранд.

Нуктаи дигаре, ки ин ҷо зикри он ба маврид аст, ин аст, ки то кунун дар илми таърих ва илми авестошиносӣ дар бораи шахсияти Зардушт, замони зиндагии вай, маҳалли таваллуди ӯ, таърихи таълифи китоби Авесто ва ватани китобати он, ойини зардуштӣ фикри ягона мавҷуд нест. Муътамадтарин манбаи хаттӣ перомуни ин масъала маҳз китоби Авесто маҳсуб меёбад, ки дар мақола ба таври васеъ шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Баъзе муаррихон ва авестошиносон бар онанд, ки Зардушт дар асрҳои X-VII то милод умр ба сар бурдааст ва Авесто маҳз дар ҳамин давра офарида шуда ва ватани тавлиди Авесто Варорӯд (Осиёи Миёна) ва шимоли Афғонистон мебошад. Албатта, бисёре аз рукнҳои таълимоти зардуштия, бахусус, дар масъалаи дину мазоҳиб (этиқоду боварӣ) то замони Зардушт ба таври шифоҳӣ вуҷуд доштанд, ки аксари онҳо ба аҳли умумияти ориёӣ, ҳиндуэронӣ ва ҳиндуаврупоӣ дохил мешуданд. Масалан, Меҳр (Митра)-Худои рушноӣ ва офтоб, ҳомии пурзӯри размандагон, Ардависура Анаҳито - олиҳаи серҳосилӣ ва обҳои равон дар байни ориёиҳои қадим, машҳур буданд, ки баъдан онҳо ба оини Зардуштӣ роҳ ёфтанд ва мавриди парастиши зардуштиён қарор гирифтанд.

Тибқи маълумоти “Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён”, Авесто дар ин сарзамин (Осиёи Миёна ва шимоли Афғонистон) дар асри ХХ-Х то милод ба шакли шифоҳӣ, яъне муноҷоту дуоҳо, ниёишу ситоиш, ояту сурудаҳо, ҳамосаву асотир аз даҳон ба даҳон гузашта, то аҳди Зардушт расидааст.

Ва Зардушти вахшур нахустин шуда, Авесторо аз муноҷоту сурудаҳои шифоҳӣ ва оятҳои аз даҳон ба даҳон расида, ба як низоми муайян ва шакли мукаммал дароварда, ба манзалати як китоби муқаддас намуд” [22, с. 43].

Пайдост, ки Авесто тафаккури як нафар нест ва он ҷаҳонбинӣ ва тамоми донишҳои қабл аз исломии Эрони бостонро мухтасаран дар худ фаро гирифта, ҳадалимкон қисмҳое аз он баъдҳо навишта шудааст. Яъне, Авесто фақат тафаккур ва ҷаҳонбинии Зардушт нест ва чунин гӯянд, ки “Готҳо” ё “Госа” қадимтарин қисми Авесто аст, ки маҳз ҳамин қисми Авесто аз тарафи Зардушт байни солҳои 630-583 то милод китобат шудааст [14, с. 42].

Зардушт (ин ном дар адабиёти форсии баъд аз исломӣ ба гунаи “Зардушт” ё “Зартушт” аст. Ва дар кутуби арабӣ “Заротушт” зикр шудааст. Шакли аврупоияш “Зороастр”) – паёмбари ориёӣ, шахсияти таърихист ва муҳаққиқон талаффузи аслии онро “Заратуштра” медонанд, ки ба маънии шутурбон, яъне дорандаи шутури зард аст. Тавре тазаккур додем, Зардушт шахсияти таърихист. Падараш Пурушаспа ва модараш Дуғдова ном доштаанд. Чунонки дар ин бора дар Авесто омада: «…ки ту дар хонадони ӯ (Пурушасп – Ҳ.А) зода шудӣ: ту, эй Зартушти поки девситез ва пайрави дини Аҳура аз дудмони Пурушасп» [1, с. 63].

Зардушт аз табақаи мубадон буд. Силсилаи насаби ӯ дар китоби «Мероси хаттии бостон» чунин омадааст:

«Зартушт, писари Пурушасп, Пуртаросп, Чийхнуш, Ҳйичазосп, Аҳурвазосп, Пайитиросп, Арижазорши, Харизар, Спитомон, Вайидишту, Айазим, Фриш, Ориж, Дуросруб, Манушчеҳр, Монуш Хурнар, Монуш Хурнок, Монуш, Ниревсанг, ки модараш Визаг – духтари Арйак, Сритак, Фризушак, Зушак, Фрагузак, Гузак духтари Эраҷ, писари Фаридуни Аспигон – ҳамаи даҳ аспигонҳо, Ҷам, Вивангҳон, Айангҳон, Анангҳон, Ҳушанг, Фравок, Сиёмак, Маштиҳ, Каюмарс» [12, с. 130].

Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ дар китоби “Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон” аз китоби “Эрон аз назари ховаршиносон”, таълифи доктор Ризозода Шафақ чунин иқтибос овардааст, ки “Зартушт паёми осмонии худро дар авосити қарни шашум (қабл аз милод) дар шимоли ғарбии Эрон оғоз кард. Номаш Заратуштра ба маънии дорандаи шутури заррин ва номи падараш Пурушасп, яъне дорандаи аспи хокистаранг ва номи модараш Дуғдуо, яъне касе, ки говҳои сафед дӯшидааст ва номи хонаводагияш “Спитама”, яъне сафед буда. Тамоми ин номҳо аз як зиндагонии нимачӯпонӣ ҳикоят мекунад” [16, с. 166].

Инчунин, ба андешаи иддае аз муаррихону пажуҳишгарон, Зардушт дар охири асри VII ва оғози асри VI то милод зиндагӣ кардааст. Ин ақида аз тарафи Б. Ғафуров низ дастгирӣ ёфтааст. “Дар замони ҳозира, ба ҳар ҳол, бо мушкилӣ метавон ба эътимоднокии ин таърих бовар намуд, гарчанде имкон дорад, ки дар ҳақиқат, Зардушт дар охири асри VII – оғози асри VI пеш аз милод зистааст” [7, с. 71]. Масалан, Абурайҳони Берунӣ дар китоби мондагори худ “Осор-ул-боқия” ва Масъудӣ дар асари пурқиммати хеш “Муруҷ-уз-заҳаб” милоди Зардуштро соли 660 то милод шумурдаанд. Ҳамчунин, бархе аз муаррихон таваллуди Зардуштро тахминан аз нимаи ҳазораи дуюми то милод сар карда, то соли 660 то милод ба қалам додаанд ва умри ӯро ҳафтод сол хондаанд [9, с. 226]. “Ктесий (404-358-и то мелод), табиби дарбори ҳахоманишӣ замони зиндагии Зардуштро асри XIII-и то мелод, Свид асри X-и то мелод ва Плутарх панҷ ҳазор сол пеш аз ҷанги Троя* донистаанд” [23, с. 42].

Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ аз Оқои Тақизода дар бораи таваллуди Зардушт чунин меорад, ки “Занн (гумон)-и қавӣ меравад, ки Зардушт 258 сол қабл аз истилои Искандар бар Эрон ва қатли Доро (331-330 қабл аз милод) буда ё 272 сол қабл аз вафоти Искандар (323 қабл аз милод) ва лизо мавзуи қобили баҳс иборат аз он хоҳад буд, ки ин фосила, чунончи гуфта шуд, то таваллуди Зардушт аст, ё беъсати ӯ ё имони Гуштосп. Ва бинобар ин, бояд таваллуди Зардуштро дар соли 588 қабл аз Масеҳ ва ё 630 қабл аз Масеҳ донист ва агар фосилаи 272 то вафоти Искандарро ҳақиқӣ фарз кунем, аъдоди фавқ 595 ва 625 ва 637 мешавад” [16, с. 167].

Дар “Ардовирофнома” замони зиндагии Зардушт сесад сол пеш аз ҳамлаи Искандари Мақдунӣ ба шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён зикр шудааст. Чун Искандар дар соли 330 то милод ба Эронзамин тохтааст, пас таърихи валодати Зардушт дар ҳудуди соли 660 то милод сурат гирифтааст [11, с. 97-99].

Тибқи маълумоти «Бундаҳишн» Зардушт дар соли саду даҳум аз подшоҳии Луҳросп аз тухмаи Фаридун ва аз пушти Пурушасп ва Дуғдуя ё Дуғдова ба дунё омадааст. «Чунин пайдост, ки аз худоии [шоҳии] Луҳроспшоҳ саду даҳ сол биянҷомида буд, ки ба рӯзи хурдод ва моҳи фарвардин [шашуми фарвардин] андар замон (яъне бомдодон) Зартушт ишками Дуғду (модари Зардушт – Ҳ.З.) бизод ва андар ҳамон замони зоиш бихандид. Аз он шигифтӣ ва фарра [фарри Зартушт] се зани ҷодугар ва хешону ҳамсоягон, ки ба ёрии Дуғду хонда шуда буданд, к-ишон перомун нишаста буданд, тарсиданд ва гуфтанд* ки: чи [ҳоле] ин буд, аз меҳӣ ва бузургӣ ва варҷаст ё густохӣ ва ҷасоратро [ст], пас бо шитоб ба хонаи хеш рафтанд ва ба он ҷодугарон огоҳӣ (âkâhiŝ) доданд. Ҳамаи [он] гумроҳон бо тарсу бим барои нобудии Зартушт чора намуданд. Ва Пурушасп (падари Зардушт – Ҳ. А.) ба фаррухӣ Зартушт ном ниҳод ӯро» [12, с. 147].

Дар китоби «Мероси хаттии бостон» давраи нубуввати Зардушт оғози ҳазораи чаҳорум гуфта шудааст. «Чун Густошпшоҳ сӣ сол шоҳӣ карда буд, ҳазора ба сар рисид. Пас, ҳазораи чаҳорум оғоз шуд. Дар он ҳазора, Зартушт динро аз Ҳурмузд пазируфту овард. Гуштоспшоҳ пазируфту ривоҷ бахшид. Бо Арҷосп корзоре шигифт кард. Бисёре аз эрониёну анирон аз миён рафтанд» [12, с. 98]. Тавре дар боло гуфтем, Табарӣ низ оғози нубуввати Зардуштро ба соли сиюмӣ подшоҳии Гуштосп баробар донистааст [2, с. 447].

Абурайҳони Берӯнӣ аз рӯйи тақвими эрониён (зардуштиён) зуҳури Зардуштро ба ҳазораи сеюми то милод хонда ва фосилаи байни ӯ ва Искандарро (356-323 то милод) дусаду панҷоҳу ҳашт сол гуфтааст. Ба қавли ӯ, он чи аз оғози ҷаҳон то замони Искандар гузаштааст, се ҳазору дусаду панҷоҳу ҳашт сол аст. «Эрониён ва маҷус* умри ҷаҳонро бинобар бурҷҳои дувоздаҳгона дувоздаҳ ҳазор сол донистаанд ва Зардушт, бунёдкунандаи дини эрониён чунин пиндоштааст, ки пайдоиши олам то замони зуҳури ӯ се ҳазор сол аст, ки кабисакардашуда ба чаҳоряк аст. Зеро худи ӯ солҳоро ҳисоб карда, нуқсонеро, ки аз ҷиҳати чаҳорякҳо лозим ояд, тасҳеҳ кардааст. Ва фосилаи зуҳури ӯ то оғози таърихи Искандар дусаду панҷоҳу ҳашт сол аст. Пас, он чи аз оғози ҷаҳон то замони Искандар гузаштааст, сеҳазору дусаду панҷоҳу ҳашт сол

* Ҷанги Троя дар ҳудуди асри XII-и то мелод сурат гирифтааст.

* гуфтанд (drâyit) – гуфтани аҳриманӣ.

* Маҷус – дар луғат, ба маънои пайрави дини зардуштия; ва габр, ба маънои оташпараст омадааст.

мебошад» [3, с. 28]. Ба ҳар тадбир милоди Зардушт ба охири асри VII ва оғози асри VI то милод рост меояд. Зеро тавре аз манобеи таърихӣ мушоҳида кардем, ӯ таълимоташро дар дарбори шоҳи Бохтар – Виштосп ҷорӣ намуд ва давраи шаҳриёрии Виштоспро муаррихон солҳои 660-583 то милод гуфтаанд. Яъне, Зардушт ҳамасри Виштосп буда, ба гуфти Абурайҳони Берунӣ, Виштосп «ҳафтод сол мардумро ба кеши Зардушт даъват кард. Ва ба қавли дигар, чилу шаш сол [3, с. 221].

Ҷойи милодашро бархе Атропатена (Озарбойҷон), зумрае шимоли ғарби Эрон, гурӯҳе Роғ (Райи Теҳрон), дастае Бохтар, иддае Суғду Хоразм ва ҳатто Фаластин хондаанд. Масалан, Абурайҳони Берунӣ Зардуштро аз мардуми Озарбойҷон дониста, дар “Осор-ул-боқия” чунин овардааст: «Сипас, Зардушт, писари сафеди Тумон зуҳур кард. Ва ӯ аз мардуми Озарбойҷон буд ва аз тухмаи Манучеҳр ва дар шумори аъёну ашрофи хонаводаҳои муқом (муғон). Зуҳури ӯ дар соли сиюм аз подшоҳии Гуштосп буд. Ва ӯ қасабе пӯшида буд, ки аз пешу ақиб чок дошт. Ва бар худ зунноре аз лиф баста ва намаде пурнақш дар бар дошт ва қоғазе куҳна бо худ дошт, ки бар синаи хеш гузошта буд» [3, с. 220].

«…Табарӣ, Ибн-ал-Асир, Мирхонд чунин навиштаанд, ки ӯ аз аҳли Фаластин буда, фаъолияти мазҳабии ӯ дар қаламрави Озарбойҷони муосир сипарӣ шудааст» [23, с. 48-49]. Масалан, Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар “Таъриху-р-русули-ва-л-мулук”-и хеш аз таърихнигор, ҷуғрофидон ва насабшиноси бузурги араб – Абумунзир ибни Муҳаммад ибни Соиби Калбӣ маъруф ба Ибни Калбӣ (ваф. с. 819 ё 821) ва аз ҷамъе аз уламои аҳли китоб ривоят мекунад, ки зуҳури Зардушт ба рӯзгори Гуштосб буд. Ва «Зародушт аз мардуми Фаластин буд ва ходими яке аз шогирдони Ирмиё[*] буд ва муқарраби ӯ буд ва бо вай хиёнат кард ва дурӯғ гуфт, ки нафринаш кард ва лаку пес гирифт (яъне пес шуд – Ҳ.А.). Ва ба диёри Озарбойҷон рафт ва дини маҷусро бунёд кард ва аз он ҷо пеши Буштосб рафт, ки ба Балх мақар дошт. Ва чун пеши вай шуд ва дини хешро вонамуд, Буштосб дил дар он баст ва мардумро ба қабули он водор кард ва бар сари ин кор аз раияти худ бисёр кас бикушт, то дини Зародуштро пазируфтанд» [2, с. 427-428].

Вале ривоятҳои паҳлавӣ – яке аз намунаҳои ҷолиби насри паҳлавӣ, ки ба зиндагӣ ва корномаи динии Зартушт бахшида шудааст, бар хилофи ин гуфтаҳо достони дигареро нақл мекунанд. Масалан, тибқи ривоятҳои паҳлавӣ: «Зартушт дар сисолагӣ ба дидор ва ҳампарсагӣ бо Ҳурмузд расид. Ин дидор ва ҳампарсагӣ ба ҳафт сол буд (ки даҳ сол ба дарозо анҷомид), то дин пазируфт. Нахуст дар Эронвиҷ[*] буд ва баъд дар Озарбойҷон, ки даҳ сол шуд. Дар ин муддат бадӣ ва ранҷу зиндони бисёреро Аҳриман барои вай пеш оварда, ки таҳаммул кард.

Аҳриман вайро аз пазириши дин манъ кард, аммо Зартушт напазируфт. Пас, ниҳонӣ устухони мардумонро дар анбони Зартушт ниҳод ва ба мардумон гуфт, Зартушт он нест, ки шумо пиндоштаед, балки вай як насокаш[*] аст. Пас, барои нишон додан ба мардум анбони Зартуштро вожгуна кард, ки аз он сару даст ва пои мардумон фурӯ рехт.

Пас, вайро бо сиву се банд бастанд ва дар замоне дароз чунон гуруснагӣ ва ташнагӣ ва неру ва тавони вай костӣ ёфт, ки биноӣ ва шунавоиаш осеб пайдо кард.

Пас аз он, Зартушт ба назди Виштосп рафт ва муддати ду сол кӯшид, то вайро ба пазируфтани дин мутамоил кунад. Ба ӯ гуфт: Эй Виштосп, динро бипазир, аз он ки хости Ҳурмузд ва Амшоспандон ва эзадони дигар дар ин аст, ки ту ба дин бигравӣ.

Виштосп гуфт: Ҳар гоҳ барои тақозои асб ё хоста ва мол ба назди ман омадаӣ, ҳар он чи хоҳӣ, бистон ва бирав. Аммо, Зартушт дигар бор вайро ба дин фаро хонд, ки имон биёварад».

Зардушт ба ӯ гуфт: «…Эй Виштосп, ки ҷаҳонро фармонравоӣ (ки ҳар гоҳ напазирӣ, ба ту он ҳоҳад рафт, ки бисёр неруманд буданд, пеш аз ту аз фармонравоён, ки чун дини Ҳурмузд напазируфтанд, бад-онҳо он подофараҳ рафт):

---

[*] Ирмиё ва ё Урмиё яке аз паёмбари бани исроил аст, ки Табарӣ ӯро ҳамрӯзгори Луҳросб медонанд.

[*] Эронвиҷ – тибқи назари муаррихон мавзеъҳои атрофи миёнаоб ва болооби рӯди Омӯ, яъне ҳудудҳои Суғд ва Хоразмро дар бар мегирифт.

[*] Насокаш – ин туҳмат дар тамоми манобеи паҳлавӣ зикр шудааст. Насокаш дар Авасто ба маънии мурдакаш ва муродифи ҷодугар аст.

Чун Ҳурмузд Ҷамро ба дин фаро хонд, пас Ҷам саркашӣ кард ва напазируфт ва гуфт Аствидодро* даст ба ман нарасад. Пас, ба муҷиби ин иддао ва ғурур гуфтор шуд ва девон ва мардумон вайро бикуштанд. Ҳурмузд Фаридунро низ ба дин фаро хонд, ки ӯ низ гуфтор ва даъвати Ҳурмуздро хор дошт, пас нотавонӣ бар ӯ чира шуд, чандон ки ҳатто натавонист тани хешро бар астар нигоҳ дорад, ки бияфтод ва бимурд. Пас, Гаршоспро ба дин фаро хонд, ки вай низ даъватро хор дошт. Ба сабаби ин нофармонӣ Акумандев* бар вай мусаллат шуд ва ӯро дар баландтарин ҷой бикушт.

Пас, Виштосп ҳамчунон динро напазируфт. Ҳурмузд Баҳман, Урдибиҳишт ва Озари Бурзинмеҳрро ба хонаи Виштосп фиристод. Онон ба Виштосп гуфтанд, ки: динро бипазир, ки агар динро бипазирӣ, эдун мо ҳама туро офарин (дуо) кунем, ки бархурдор бошӣ аз подшоҳии тӯлонӣ ва фармонравоии ба ком ва тавоноӣ ва дер зивӣ. Низ бархӯрдор бошӣ аз хоста ва шукуҳу бузургӣ. Туро писаре диҳам Пашутан ном, ки бе марг ва ҷовидон монад.

Ва агар напазирӣ динро, эдун бифармоем, каркасҳоро андар ҳаво, то гӯшти туро бихӯранд ва устухонҳоят бар замин монад. Пас, ҳамчунон Виштосп динро напазируфт.

Пас, Ҳурмузд Нариюсангро* фиристод, то пеши Урдибиҳишт шавад ва вайро бигӯяд, ки: Мангро дар май биёмез ва Виштоспро бинӯшон. Урдибиҳишт чунон кард. Чун Виштосп аз он бинӯшид, дарвақт беҳуш шуд. Пас онон равонашро ба гарзмон* бурданд ва шукӯҳу арҷмандии динпазириро ба ӯ нишон доданд. Чун аз он беҳушӣ ба худ омад, Ҳутусро* бонг кард, ки: Зартушт куҷост, то аз ӯ дин пазирам. Зартушт он садо шунид ва назди Виштосп шуд. Пас вай динро пазируфт.» [12 с. 144-145].

Тавре дидем, тибқи маълумоти осори паҳлавӣ Зардушт нахуст дар Эронвиҷ буд ва маҳз дар он ҷо аз Ҳурмузд динро пазируфт ва баъд озими Озарбойҷон шуд. Ва пас, аз он ҷо ба дарбори шоҳи Бохтар – Виштосп рафт. Ва чунонки мушоҳида кардем, Виштосп на яку якбора, балки, баъди раду бадали зиёд дини Зардуштияро пазируфт ва дар густариши он кӯшид.

«..Муҳаммади Шаҳристонӣ дар асараш «Ал-милал ва-н-ниҳал» падари Зардушт Пурушаспро аз аҳолии Озарбойҷон ва модараш Дуғдӯяро (Дуғдоваро – Ҳ.А.) аз мардуми Рай медонад. Муаллифони «Низом-ут-таворих» ва «Нафоис-ул-фунун» вайро аз Хуросон ҳисоб карда, чунин мешуморанд, ки Гуштосп дар ин ҷо ба ӯ гаравидааст.

Ибни Хурдодбеҳ*, Балозурӣ, Ибн ал-Фақеҳ, Масъудӣ, Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Ёқут ва Қазвинӣ маҳалли валодати ӯро Урумияи Озарбойҷон гуфтаанд. Китоби паҳлавии «Шаҳристонҳои Эрон» ӯро аз Рай гуфтаанд» [23, с. 48-49]. Масалан, дар “Шаҳристонҳои Эрон” омада, ки Зардушти Спитамон аз шаҳри Омард (Омул) буд [8, с.83.]. С.П. Толстов, И. Маркварт, Э. Бенвенист ва олимони дигарон Зардуштро аз аҳли Хоразм медонанд. Н. Нюнберг бошад, ӯро аз бошандагони Суғд ва ё ноҳияҳои ҳамсояи он меҳисобад [7, с.72.].

Аммо аксари авестошиносону муаррихон ӯро аз бошандагони Бохтар хондаанд. Масалан, муаррихи Юнони қадим Ктесий, ки солҳои 416-399 то милод беш аз ҳабдаҳ сол табиби дарбори подшоҳи Ҳахоманишиён – Ардашери II буд, Зардуштро аз аҳли Бохтар шумурдааст. Масалан, академик Б. Ғафуров бо такя ба ин далел чунин менигорад, ки: «ривояти хеле қадима мавҷуд буд, ки тибқи он Зардушт гӯё дар Бохтар зистааст. Ин ривоят дар асари муаллифи юнонӣ Ктесий (охири асри V- оғози асри IV пеш аз милод) ифода ёфтааст» [7, с. 67].

Ин ақида аз ҷониби Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дастгирӣ ёфтааст: «Ва ҳеҷ наметавон пиндошт, ки Ктесий дар дарбори шоҳони номии Эрон зиставу китобе бо номи «Таърихи Форс» навишта, макони зиндагии Зардуштро ба Эрон не, балки дидаву дониста ба Бохтар нисбат дода бошад» [22, с. 55].

---

* Аствидод (Astivdad) – аз авастоии Asto-vizato, номи деви марг аст, ки равони мурдагонро ба ёрии деве дигар ба банд баста ва ба Чинводпул мебурд.

* Акумандев – дар Авасто бадандеш, зиштманиш. Аз девҳои бузург ва паёмовари Аҳриман аст.

* Нариюсанг – паёмбар ва пайки Урмузд.

* гарзмон (garzmân) – биҳишт garo-demâna.

* Ҳутус – дар Авасто Hutaosa, зани Виштосп, ки чун худи ӯ аз хонадони Нӯзар будааст.

* Ибни Хурдодбеҳ, Зардуштро аз нажоди Манучеҳр ва аз мардуми Мӯқони Озарбойљон медонад.

«Рукниддини Ҳумоюнфаррух – яке аз донишмандони Эрони муосир дар ин бора навишта: «Ба тавре, ки медонем, он шонздаҳ кишвар ҳама дар шарқи Эрон ҳастанд, бинобар ин, дар Авесто ному нишони як шаҳр ё як кишвари воқеъ дар ғарби Эрон наомада ва метавон гуфт, ки ин маврид беҳтарин далелу гувоҳи содиқ аст ба ин ки Зардушт ҳеҷ гоҳ дар ғарби Эрон ва ё Озарбойҷон назистааст, чӣ агар ҷуз ин буд, имкон надошт, аз зодгоҳи худ мутлақан ёде накунад ва номи кишвар ё шаҳрро набарад» [23, с. 52].

Дар Авесто дар боби аввали «Видевдат» номҳои ҷуғрофии ватани ориёиҳои қадим зикр рафтааст. Масалан, Айиряна Ваеҷаҳ /Фарохнои Ориёно/, Гава /маскани зисти суғдиён/, Моуруи /Марви тавоно, ростипараст/, Баҳди /Бохтар/-и зебо бо дирафшҳои афрошта, Рағ /Рай/, Нисайа, ки байни Мару ва Бахдӣ воқеъ аст/, Ҳарайва (Ҳирот) ва ноҳияҳои дигар то мавзеъҳои Ҳинд ва Ҳарахватӣ (Арахозия). Аз ин бармеояд, ки ватани тавлиди Авесто ватани тоҷикон – Эрони Шарқӣ мебошад. Барои рӯшан сохтани ин ақида мо порчаеро аз матни Авесто меорем, ки он дар китоби муаррихи шинохтаи тоҷик Н. Ҳакимов омадааст.

«Ман, Аҳура, Маздо, аз нахустинзамин ва кишварҳои беҳамто Айиряна Ваеҷаҳро дар атрофи дарёи Датя офаридаам... Ман, Аҳура Маздо дувумин аз замин ва кишварҳои беҳтарин Гаваро, биофаридам, ки маскани суғдиён мебошад… саввум – Марв /Моуру/-и бузургу покдин.., чаҳорум – Бахди /Бохтар/ бо дирафшҳои барафрошта… панҷум – Нисайа /Нисо ё Нусай/…, шашӯм – Ҳирот /Харайва/… ҳафтум – Вайхэрет…, ҳаштум – Урва…, нуҳум – Хнатна /Гургон/…, даҳум – Ҳарахвати /Арахозия/…, ёздаҳум – Ҳайтуманта /Ҳилманд/…, дуваздаҳӯм – Рага /Рай. Пас аз ин Чаҳро.., Варна ва Ҳапта Ҳанду /Ҳафтруд/-ро биофаридам» [20, с. 58].

Аксари муаррихони бузурги асри ХХ-и тоҷик: Б. Ғафуров, Н. Неъматов, Ю. Яқубов ва дигарон Айиряна Ваеҷаҳ-ро мавзеи атрофи миёнаоб ва болооби рӯди Омӯ хондаанд, ва ватани тавлиди Авесторо Тоҷикистони имрӯза ҳадс задаанд. Вале аҷоибии кор боз дар он аст, ки зимнан дар Авесто омадааст, ки он ҷо «…даҳ моҳ зимистон аст ду моҳ тобистон…». Аммо ба ҳар тадбир ҷуғрофияи Айиряна Ваеҷаҳ аз ҳудуди Варорӯд (Осиёи Миёна) берун нест. Ва Зардушт низ аҳли Варорӯд, аниқтараш аз бошандагони Суғд ё Хоразм аст. Таърих гувоҳ аст, ки дар ибтидо даъвати ҳеҷ паёмбареро ҳамдеҳагони худ ва ё ҳамқабилаҳои худ ба хубӣ напазуруфтаанд ва онҳоро маҷбур ба ҷилои зодгоҳи худ ё маҳалу ватани худ кардаанд. Таърихи тамоми паёмбарони яҳуду насоро низ чунин аст. Ва ё масалан, паёмбари ислом Муҳаммад (с) дар зодгоҳи худ Макка дар роҳи даъвати мардуми сарсахт, ситезахӯ ва ғофилу мушрики қурайш чи қадар ранҷҳои зиёд кашид, зеро макиён дар аввал ба истиснои чанд тан даъвати ӯро напазируфтанд ва паёмбар (с) дар соли 622 маҷбур аз зодгоҳи худ – Макка ба Ясриб (Мадина) ҳиҷрат кард. Зардушт паёмбари ориёӣ низ аз ин истисно нест ва ӯ маҷбур мешавад, ки аз ватани худ – Варорӯд ба дарбори шоҳи Бохтар – Виштосб меравад ва дар он ҷо таълимоти худро ҷорӣ мекунад.

Ба ақидаи таърихшиноси шинохтаи тоҷик, академик Ю. Яқубов «Имрӯз исбот шудааст, ки Авесто моли мардуми тоҷик мебошад. Дар адабиёти авестоӣ вилоятҳои тоҷикнишин: Бохтар, Хоразм, Кобул, Суғд, Марв, Паракана (Фарғона) ва ғайра зикр шудаанд. Дар Авесто номи ягон ноҳияи Форс зикр нашудааст.

Дар Авесто ягон бор аз шоҳони Мод ва ҳахоманишӣ ёд намешавад. Яъне ин маънои онро дорад, ки Авесто пеш аз пайдо шудани давлати модҳо ва ҳахоманишиҳо китобат шудааст, ё китобаткунандагон аз вуҷуди онҳо маълумот надоштанд.

Модом ки Авесто дар Ориёи Шарқӣ, яъне дар Осиёи Миёна дар сарзамини тоҷикон навишта шуда бошад, пас Зардушт низ дар ҳамин сарзамин ба дунё омадааст. Аз адабиёти авестоӣ ба хубӣ маълум аст, ки модараш Дуғдова аз мулки Роғ буд ва худаш аз Дориҷ. Авестошиносон Роғро ба Райи Эрон нисбат додаанд, ки тамоман нодуруст мебошад. Роғи авестоӣ ҳамин Роғи Афғонистони кунунӣ аст. Ватани Зардушт низ Суғду Бохтар мебошад» [24, с. 4].

Тавре дар боло гуфтем, Авесто на танҳо китоби муқаддаси зардуштиён ба шумор меравад, балки он ҳамчун як донишномае (энсиклопедия) маҳсуб меёфт, ки тамоми донишҳои қаблазисломии Эрони бостонро мухтасаран дар бар мегирифт ва ҳамзамон он роҷеъ ба

омӯзиши таърихи аҳди бостони Варорӯд (Осиёи Вусто) қадимтарин ва пуразиштарин маъхаз ба шумор меравад. Ҷамъияте, ки Авесто онро тасвир мекунад, қабл аз ҳама, ҷамъияти патриархалии чорводорону барзгарони муқимӣ буда, дар он нобаробарии молӣ ва иҷтимоии аъзои ҷомеа мавҷуд аст. Тибқи ахбори авестошиносон, ҷамъияти авастоӣ дар давраи таълифи Авесто чаҳор табақа ва ё чаҳор зина будааст: нманйа (оила), виса (авлод), занту (қабила) ва даҳйу (мамлакат) ном доштааст. Чаҳорзина будани он аз рӯйи мафҳумҳои «нманйа» ва «нманйапати», «висйа» ва «висйапати», «зантума» ва «зантумапати», «даҳйума» (деҳ-йума), «деҳйумапати» ва «зардуштротема» низ маълум мегардад.

Тибқи маълумоти Авесто Нманйа – сардори дини оила; висйа – сарвари дини авлод; зантума – сардори дини қабила; даҳйума – сардори дини мамлакат; зардуштротема – роҳбари олии дини давлат мебошад. Мувофиқи гуфтаи Авестонманопати – сардори оила (хонавода), нманопатни – зани аз ҳама калони оила буда, сардори оила ба шумор меравад. Инҳо дар як вақт барои аъзоёни оила қозӣ /рату/ ҳам мебошанд. Оилаҳои бо ҳам хеши наздик, авлод /висйа/-ро ташкил медиҳанд. Виспатӣ – сарвари авлод ба ҳисоб мерафт. Ба авлод фақат хешони падарӣ шомил мешуданд. Фарзандони хоҳар аъзои авлоди падар буда наметавонистанд. Онҳо ба авлоди падарии худ дохил мешуданд. Зан пас аз ба шавҳар баромадан, ба авлоди шавҳараш дохил мешуд. Дар як вақт «виспати» қозӣ /висйа/ ва сардори деҳа низ ба шумор мерафт. Авлод аз якчанд гурӯҳи дигар «нафа» ташкил меёфт. «Нафа» гурӯҳи мардоне буданд, ки моликияти умумӣ доштанд. Ҳар «нафа» то сад марди озодро дар бар мегирифт. Тамоми фаъолияти «нафа» дар шӯрои он муҳокима мешуд. Шуро ҳар сари чанд вақт аз наврасони синнӣ то 15 сола имтиҳон мегирифт ва касоне, ки аз санҷиши балоғат мегузаштанд, бо миёнбанд ва куртаи муқаддас сарфароз гардонида, ба «нафа» ҳамчун аъзои комилҳуқуқ дохил мешуданд. Яъне, ба таъбири дигар синнӣ балоғат дар ҷамъияти давраи китобати Авесто аз 15 солагӣ будааст.

Дар Авесто иттиҳодияи авлодҳоро дар дохили қабила «занту» меномиданд. Пешвои қабила «зантупати» ном дошт ва пешвои динии онро зантума меномиданд. Дар ин давра дар ҳудуди қабилаҳо маҷлисҳои халқӣ ва шӯрои пиронсолон – «ханҷамана» /анҷуман/-ҳо гузаронида мешуданд. Иттифоқи қабилаҳо дар ҷойҳои калон ба вуҷуд меомаданд, ки ин иттиҳодия ва вилоятҳоро «даҳю» номида, сардори онҳоро «даҳюпатӣ» мегуфтанд. Даҳюпатӣ сардори мамлакат ба шумор мерафт. Ҳокимияти даҳюпатӣ аз тарафи шурои пиронсолон «ханҷамана» назорат карда мешуд. Ба қавли Н. Ҳакимов, «даҳюупатиҳо дар шумора зиёд буданд ва онҳоро давлатчаҳои хурд-хурд донистан мумкин аст» [20, с. 56]. Дар Авесто боз ду мафҳум аст, ки маънои ҳукмронро доранд. Ва инҳо – састар ва сатар (ё даҳюсастӣ) мебошанд.

Састар унвони ҳарбӣ буда, дар як вақт сардори ҳарбӣ ва ҳокими ноҳия ё вилоят ба шумор мерафт ва сатар (ё даҳюусастӣ) унвони ҳокими вилоят буда, ҳокими ҳокимҳо, яъне сардори састарҳо маҳсуб меёфт.

Тибқи ахбори Авесто, аввалин муттаҳидшавии вилоятҳо дар ҳудуди Ҳирот, кӯҳҳои Паропамис, водии Марв, соҳилҳои рӯдҳои Ҷайҳуну Сайҳун, Зарафшон ва баҳри Арал ба амал омадааст. Дар яке аз бахшҳои Авесто– Михр Яшт доир ба муттаҳидшавии вилоятҳо – «даҳюсасти», яъне ҳокими вилоятҳо сухан меравад. Вале то кунун исбот нашудааст, ки ин баҳамоии вилоятҳо ба сатҳи ташкилшавии давлат расида буд ё не.

Аз матнҳои Авесто чунин бармеояд, ки қабл аз ҳуҷуми Ҳахоманишиён дар Варорӯд (Осиёи Миёна) давлатчаҳои хурд-хурд вуҷуд доштанд, ки аз ҳисоби муттаҳид шудани қабилаҳо падид омада буданд. Давлатҳои қадимтарини ноҳияҳои зироатчигии Варорӯд аз давлатҳое, ки дертар пайдо шуданд, фарқи калон доштанд. Дар он давлатҳо ҷамъияти синфӣ нав шакл мегирифт. Қисми асосии мардум дар сохти авлодӣ умр ба сар бурда, аммо нобаробарии молумулкӣ вуҷуд дошт. Пешвоёни қабилаҳои калон ҳокимиятро ба даст гирифта, оҳиста-оҳиста худро шоҳ эълон намуда, ба мардум фармонравоӣ мекарданд. Бояд гуфт, ки доир ба ин давлатҳо сарчашмаҳои хаттии маҳаллӣ, қариб ки мавҷуд нест. Вале муаррихоини юнонӣ аз вуҷуд доштани се иттиҳодияи бузург: Хоразми бузург, шоҳигарии Бохтар ва Суғд, хабар медиҳанд.

Авесто дар бораи ҳайати табақавии ҷамъият низ маълумоти муфид медиҳад. Ҷамъияти Осиёи Вусто дар вақти таълифи Авесто аз табақаи деҳқон, барзгар, азада, бандак, вира, вайса,

париайтар иборат будааст. «Деҳқон шахсе буд, ки мулки (замин) фаровон ва вираи (ғуломи) зиёд дошт – яъне, феодал. Барзгар табақае маҳсуб мешуд, ки ба зироаткорӣ – киштукор шуғл меварзид – яъне деҳқон. Азат (озод) ё азатагон, ашроф, шояд шоҳон; бандак – шахси тобеъ, вале ғайриғулом; вира – ғайриоила, бештар ҳамчун марди ҳарб ё ғулом; вайса ва париайтар аъзоёни хурди оила. Шояд ҳамон вираҳое бошанд, ки пурра озод гардидаанд» [20, с. 57].

Авесто, инчунин, оид ба табақоти иҷтимоию касбӣ ҳам маълумот муфид медиҳад. Дар Авесто оид ба коҳин, ҷанговари дучархасавор, барзгар, чорводор ва ҳунарманд барин гурӯҳҳои иҷтимоию касбӣ маълумоти зиёд мавҷуд аст. Авесто дар бораи сохти маъмурии Осиёи Вусто низ қадимтарин ва муътамадтарин манбаи хаттии таърихӣ ба шумор меравад. Тавре гуфтем, дар Авесто борҳо мафҳумҳои даҳйу – мамлакат, кишвар ва вилоят истифода шудааст. Ва аз ҳама муҳимтараш Авесто оид ба ҷуғрофияи Варорӯд бисёр маълумоти муфид ва арзишманд медиҳад. Тавре гуфтем, дар Авесто номҳои ҷуғрофии Айиряна Ваеҷаҳ (паҳнои ориёно), Гава (маскани суғдиён), Марв (Моуру)-и бузургу покдин, Бахди (Бохтар) бо дирафшҳои барафрошта, Нисайа (Нисо) ё (Нусай), Ҳирот (Харайва)..., номбар шудаанд, ки тамоми ҳудуди имрӯзаи Осиёи Миёнаро дар бар мегирад. Ва ҳамаи ин гуфтаҳо бори дигар гувоҳи он аст, ки Авесто маҳз дар ҳудуди ҳамин ҷуғрофиё китобат шудааст, ватани Авесто ва маҳалли таваллуди Зардушт Варорӯд мебошад.

АДАБИЁТ

1. Авасто. Ҷилди I. — Душанбе: Бухоро, 2014. – 784 с.
2. Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Иборат аз ҳашт китоб. – К.1. – Душанбе, 2014. – 758 с.
3. Берунӣ, А. Осору-л-боқия / А. Берунӣ . – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.
4. Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад. Таърихи Табарӣ. Бо муқаддима ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев. – Теҳрон, 1380/2001. – Ҷилди 2. – 1632 с.
5. Абумансур Абдулмалик ибни Муҳаммад ибни Исмоили Саолибии Нишопурӣ. Таърихи Ғурур-ус-сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ. – Душанбе, 2014.
6. Гардезӣ, Абулҳай Заҳок ибни Маҳмуд. Зайн-ал-ахбор (Таърихи Гардезӣ). Бо кӯшиши Абдулҳай Ҳабибӣ. -Теҳрон, 1363. -400 с.
7. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна / Б.Ғ. Ғафуров. - Душанбе, 2008. - 870 с.
8. Додихудо, С. Адабиёти паҳлавӣ (Пажуҳиш, тарҷума ва ташреҳ). – Душанбе, 2003. – 286 с.
9. История таджикского народа. – Т.1. – Душанбе, 1998. – 852 с.
10. Қуръони Карим. (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе :ЭР-Граф, 2011. – 1260 с.
11. Муин М. Маздоясно ва адаби порсӣ. – Теҳрон, 1338. – 218 с.
12. Мероси хаттии бостон. Китоби II. Ҷ.1. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 478 с.
13. Мероси хаттии бостон. – Ҷилди 2. – Душанбе, 2016.
14. Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. – Душанбе, 2012. – 569 с.
15. Муъминзода, Ҳ. Зардушт ва оини ӯ (бахши дуюм) / Ҳ. Муъминзода. –Душанбе: Нашриёти ДДМТ, 1997. – 138 с.
16. Муртазо, М. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон / М. Муртазо. – Душанбе, 2007. – 416 с.
17. Форснома / И. Балхӣ; омодакунандагон Х. Рауфов, М. Ҷалилова – Душанбе: Дониш, 1989. – 160 с.
18. Фридрих, Нитше. Чунин гуфт Зардушт. // Садои Шарқ. – 1991. – №1.
19. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 10-ум / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Маориф, 2017. – 288 с.
20. Ҷумъа, Қ. Ориёно. Ҳазрати Зардушт: Романи таърихӣ / Қ. Ҷумъа, М. Карим. – Душанбе: Адиб, 2006. – 812 с.

21. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Китоби якум. – Душанбе, 2016. – 239 с.
22. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 364 с.
23. Яқубов, Ю. Зардушт / Ю. Яқубов // Маърифат. – Душанбе, 1995. – № 5-6.

АВЕСТО - НАХУСТИН ҚОМУСИ ТАМАДДУН ВА САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

Дар мақола бар асоси муътабартарин манобеи таърихӣ дар бораи Зардушт паёмбари маздоясно аҳаммияти таърихии китоби Авесто, замони зиндагии Зардушт, маҳалли таваллуди он, таърихи таълифи китоби Авесто ва ватани китобати он, ойини зардуштӣ ва ғайра маълумот дода шудааст.

Ба андешаи муаллифи мақола, Зардушт паёмбари маздоясно як шахсияти воқеӣ ва таърихӣ мебошад ва ӯ дар охири асри VII ва оғози асри VI то милод зиндагӣ кардааст, муосири шоҳ Виштосп буда, макони таваллудаш Ворорӯд (Суғд ва ё Хоразм) буда, маҳз аз ин ҷо ба дарбори Виштосп – шоҳи Бохтар рафта, ӯро ба яктопарастӣ овардааст ва фаъолияти мазҳабии ӯ дар Бохтар сипарӣ шудааст.

Ба ақидаи муаллифи мақола китоби Авесто - нахустин қомуси тамаддун танҳо ҷаҳонбинии Зардушт нест ва чунин гӯянд, ки “Готҳо” қадимтарин қисми Авесто аст, ки маҳз ҳамин қисм асар аз тарафи Зардушт китобат шудааст.

Дар мақола, инчунин, ба аҳаммияти таърихии китоби Авесто баҳои баланд дода шуда, зикр гардидааст, ки Авесто оид ба ҷуғрофияи Осиёи Вусто ва ҳайати табақавии ҷамъияти он қадимтарин ва муътамадтарин манбаи хаттӣ ба шумор меравад.

Калидвожа: *Авесто, Зардушт, паёмбар, қомус, тамаддун, маздоясно, Авесто – сарчашмаи таърихӣ, Ворорӯд, Виштосп, Суғд, Бохтар, Осиёи Вусто, сохтори ҷамъият.*

«АВЕСТА» — ПЕРВАЯ ЭНЦИКЛОПЕДИЯ ЦИВИЛИЗАЦИИ И ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК

В статье на основе достоверных исторических источников даётся информация о Заратустре - пророке Маздаясны, историческом значении книги «Авеста», жизни Заратустры, месте его рождения, истории сотворения книги «Авеста» и её отчизны, об обрядах зороастрийцев и т.п.

По мнению автора статьи, Зороастр - реальная и историческая фигура маздейисткой религии, а жил он в конце VII - начале VI веков до нашей эры и был современником царя Виштаспа и место его рождения является Вароруд (Согдиана и Хорезм). Именно оттуда он прибыл в дворец царя Виштаспа – царя Бактрии и привел его к монотеизму (единобожию), его религиозная деятельность закончилась также в Бактрии.

По мнению автора статьи, книга «Авеста» - первая книга цивилизации и это не только мировоззрение зороастрийцев и говорят, что "Готы" - самая древняя часть Авесты, что эта часть произведения написана Зороастром

В статье высоко оценивается историческая значимосить «Авеста» и отмечается, что она является древнейшим и наиболее достоверным письменным источником по географии Восточной Азии.

Ключевые слова: *Авеста, Зороастр, пророк, энциклопедия, цивилизация, Маздаясны, «Авеста»- исторический источник, Вароруд, Виштасп, Согд, Бактрия, Восточная Азия, структура общества.*

AVESTO – THE FIRST ENCYCLOPEDIA OF THE CIVILIZATION AND THE HISTORICAL SOURCE

In article is given information on the basis of reliable historical sources on Zarathustra - Mazdayasna's prophet, historical value of the book "Avesta", Zarathustra's life, the place of its birth, the history of creation of the book "Avesta" and its fatherland, about ceremonies of Zoroastrians and, etc.

According to the author of article, Zarathustra – a real and historical figure Mazdayasna religion, and lived in the end of VII - the beginning of the 6th centuries B.C. and was a contemporary of the tsar Vishtasp and the place of its birth is Warorud (Sogdiana and Khwarezm). Exactly from there it arrived in the palace of the tsar Vishtasp – the tsar of Bactria and led it to monotheism (monotheism), and its religious activity ended also in Bactria.

According to the author the sacred book "Avesta" - the first encyclopedia of a civilization was not only are written by thinking and Zarathustra's outlook but only its most ancient part Gathas which was written by Zarathustra.

In article the historical value of the book "Avesta" is highly appreciated and it is said that Avesta is the most ancient and most reliable written source on geography of East Asia and sectors of society.

Though the Zoroastrianism some scientists is considered dualism, it is impossible to call it pagan religion.

Keywords: *Avesta, Zarathustra, prophet, encyclopedia, civilization, Mazdayasna, Avesta as a source, Warorud (Transoxiana), Vishtasp, Bactria, Sogdiana, Eastern Asia, structure of society.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Аслонов Ҳошимҷон Зиёмудинович *– Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангӣ. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 918 34 66 40.*

Сведения об авторе: Аслонов Хашимджон Зиёмуддинович *– Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории и межкультурных отношений Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992) 918 34 66 40.*

Information about the author: Aslonov Hashimjon Ziyomudinovich – *Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of historical sciences, the associate professor of Department of History and the Intercultural relations. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev Str., phone: (+992) 918 34 66 40.*

УДК 792 (091), (575.3)

АВЗОИ ҶАҲОНИ МУОСИР ВА РАВНАҚИ ҲАМКОРИҲОИ КИШВАРҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИҲОИ ШАНХАЙ

Карамалишоев К.Н., Яқубшоев А. Х.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар шароити муосири рушди босуръати кишварҳои қудратманди ҷаҳон ва пешрафти технологияҳои нави компютерӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, муносибатҳои байналмилалӣ низ таҳаввулоти ҷиддие аз сар гузаронида истодаанд. Рақобати сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологии давлатҳои қудратманд, аз қабили ИМА, Чин, Русия, Иттиҳоди Аврупо, Англия ва кишварҳои дигар торафт шакли дигар мегирад. Ҷангҳои минтақавию дохилӣ, аз қабили ҷанги Сурия, рақобати Фаластин ва Исроил, нооромиҳои Ироқ, ҷанги дохилии Афғонистон ва дахолати ИМА ба он, дар минтақаҳо ва кишварҳои ҷаҳон пайваста рух додани амалиёт ва хатарҳои амали террористӣ, авҷ гирифтани фаъолияти ҷараёнҳо ва равияҳои хусусияти экстремистидошта, ҳаракатҳои миллатгароёна, неофашизм ва дигар падидаҳои манфии ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳон вазъияти байналмилалиро комилан тезу тунд мекунанд. Ҳамчунин, дигар мушкилоти глобалӣ, масъалаи ғизои солим, таъминот бо ғизо, экология, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, вирусҳои нави маргбор, норасоии доруворӣ, буҳрони моливию иқтисодӣ давлатҳои ҷаҳонро водор мекунанд, ки ба равишҳои ҳамгироию ҳамкорӣ ва дастаҷамъона нисбати ҳалли мушкилоти бавуҷудомада таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд. Дар ин росто, муносибатҳои байналхалқӣ дар масири ташаккул ва инкишофи алоқаҳои ҳамгироӣ, ҳамкориҳо дар доираи созмонҳои ҷаҳонию минтақавӣ сурат гирифта, фаъолияти ин гуна созмонҳо вусъат меёбад. Аллакай, таҷрибаи таърихии ҷаҳонӣ собит намудааст, ки бе ҳамкории муштарак дар алоҳидагӣ ягон кишвари дунё мушкилот зикршударо паси сар карда наметавонад. Аз ин рӯ, таъсис ва равнақи фаъолияти созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ мусоидаткунандаи ҳалли масоили мубрам, роҳи дурусти пешбурди муносибатҳои байналмилалӣ хоҳад буд.

Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти сиёсии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар минтақа низ зарурати ташкил додани созмонҳои хосияти ҳамгироидошта ба вуҷуд омад. Ҳамин тариқ, 26 апрели соли 1996 бо имзои Созишномаи таҳкими эътимод дар соҳаи низомӣ дар манотиқи наздисарҳадӣ аз ҷониби сарони кишварҳои Чин, Россия, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон “Панҷгонаи Шанхай” созмон ёфт. “Панҷгонаи Шанхай” [1, с. 120] барои таъсисёбии Созмони Ҳамкориҳои Шанхай замина гузошт. Ин кишварҳо ба муоҳида омаданд, ки соле бояд як маротиба мулоқот гузаронанд. Тибқи он, 24 апрели соли 1997 дар ш. Москва, 3 июли соли 1998 дар Алма-Ато, 24-26 августи соли 1999 дар Бишкек мулоқот гузаронида шуданд. Ҳамасола фаъолияти созмони мазкур пурқувваттар гардида, кишварҳои минтақаҳои дигар низ ба кори он таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуданд.

Санаи 5 июли соли 2000 дар шаҳри Душанбе мулоқоти навбатии “Панҷгонаи Шанхай” доир шуд. Тоҷикистон яке аз кишварҳои ташкилкунандаи ин созмон мебошад, ки баҳри рушди он корҳои зиёде анҷом додааст. Тоҷикистон ҳамеша баҳри тақвияти ҳамкориҳо ва ҳамгироиҳои судманди тарафайн кӯшишҳои зиёдеро анҷом дода, дар сиёсати хориҷии худ сиёсати «дарҳои кушода», сулҳхоҳона ва беғаразро пеш гирифтааст. «Тоҷикистон бо ҳамаи кишварҳои дуру наздик робитаҳои дӯстона ва эътирофи манфиатҳои тарафайнро дар асоси эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд густариш медиҳад” [2, с. 15-20]. Ин далели он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои хориҷи дуру наздик танҳо муносибатҳои дӯстона, тарафайн, судмандро тақвият медиҳад ва чунин муносиботро ҷонибдор аст. Ҳамеша баҳри нигоҳдории сулҳу субот ва оромӣ чи дар дохил ва чи берун аз марзҳои худ – дар минтақа ва ҷаҳон манфиатдор мебошад. Дар ҳамаи мулоқоти сарони давлатҳо ба ҳалли проблемаҳои манотиқи сарҳадӣ муваффақ гардида, бо истифода аз ин шарокату ҳамоиш дар доираи “Панҷгонаи Шанхай” густариши ҳамкориҳои мутақобилан муфиди сиёсию иқтисодӣ ва тиҷоратию фарҳангиро амри зарурӣ маънидод мекарданд.

Ҳамаи ин нишасту мулоқоти “Панҷгонаи Шанхай” боиси таъсисёбии як созмони бонуфузи минтақавию ҷаҳонӣ гардида, 15 июни соли 2001 дар Шанхай Эъломия дар бораи таъсис додани Созмони Ҳамкориҳои Шанхай имзо карда мешавад. Ба ин созмон Ҷумҳурии Узбекистон шомил карда мешавад. Ин созмон масоҳати давлатҳои аъзоро фаро гирифта, то соли 2014 тақрибан 30 млн 189 ҳаз. км мураббаъро ташкил медод. Дар ин ҳудуд ба ҳисоби умумӣ бештар аз 1,5 млрд аҳолӣ, ки ¼ аҳолии курраи заминро ташкил медиҳад, ба сар мебарад. (2. Ҳамон ҷо). Бо ҳамроҳ шудани Ҳиндустон ва Покистон соли 2017 масоҳати ин созмон ба 34 млн км мураббаъ ва аҳолии дар ин ҳудуд қарордошта ба 3 млрд 40 млн нафар рост меомад [5, с. 256].

Сохтори СҲШ аз механизми Шӯро иборат мебошад:

1. Шӯрои сарони давлатҳо - Шурои олии созмон ба ҳисоб меравад. Ин Шуро афзалият ва самтҳои асосии фаъолияти созмонро муайян менамояд. Инчунин, масъалаҳои муҳимро марбут ба сохти дохилӣ ва ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо, созмонҳои байналхалқиро баррасӣ менамояд. Шуро дар як сол як маротиба дар яке аз давлатҳои аъзо баргузор мегардад.
2. Шурои сарони ҳукумат - (Сарвазирон) буҷаи созмонро қабул менамоянд. Масъалаҳои муҳимро марбут ба иқтисодиёт, ҳамкориро дар самтҳои гуногон муоҳида мекунанд. Шуро дар як сол як маротиба баргузор мегардад.
3. Шурои Вазирони корҳои хориҷӣ - ба ҳаллу фасли масоили фаъолияти рӯзмарраи созмон машғул мебошад. Шуро як моҳ пеш аз оғози ҷаласаи Сарони давлатҳо гузаронида мешавад. Дар ҷамъомади ин Шуро Вазирони корҳои хориҷии шашгона иштирок мекунанд.
4. Машварати сарони вазорату идораҳо – ба доир намудани машварат ба таври мунтазам баҳри баррасии масоили мушаххаси инкишофи ҳамкорӣ дар тамоми соҳаҳо дар чаҳорчӯбаи Созмон машғул мебошад.
5. Шурои ҳамоҳангсозии миллӣ – ин Шуро дар як сол се маротиба баргузор мешавад.
6. Котибот - Мақоми доимоамалкунандаи Созмон ба шумор рафта, моҳи январи соли 2004 кори худро оғоз кард. Қароргоҳи он дар шаҳри Пекин ҷойгир буда, аз ҷониби котиби иҷроия роҳбарӣ карда мешавад, ки онҳоро сарони давлатҳо интихоб мекунанд. Муҳлати фаъолияти котиб се сол буда, ҳуқуқи дубора интихоб шуданро надорад. Вазифаҳои котибот ин дар сатҳи Олӣ баргузор ва гузаронидани машваратҳо, ҷабаҷогузории ҳуҷҷатҳо, омода намудани маърузаҳо барои буҷети солона ва дигар вазифаҳо маҳсуб меёбанд.
7. Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ – фаъолияти аввалиндараҷаи сохтори мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, сепаратизм мебошад.

Ин созмон ба кишварҳои аъзо имкон дод, ки тӯли солҳои охир бисёр корҳо ва амалиёти муштараки барои ҷонибҳо судмандро анҷом диҳанд. Дар доираи ҳамкориҳои ҳарбӣ машқҳои муштараки ҳарбии зиддитеррористии давлатҳои аъзои СҲШ ”Мирная миссия”- 2012 санаи 08-14 июни соли 2012 дар машқгоҳи “Чорух-Дайрон”-и вилояти Суғд бо иштироки қисмҳои низомии давлатҳои аъзои СҲШ баргузор гардид. СҲШ нияти ба блоки ҳарбӣ мубаддал гаштанро надошта, мақсади он танҳо мубориза бо зуҳуроти хавфноки замони муосир – терроризм мебошад. Фаъолияти СҲШ на танҳо мубориза бо зуҳуроти замони муосир - терроризм мебошад, балки масъалаҳои сиёсӣ, робитаҳои иқтисодӣ, масъалаи ҷавонон низ дар кору фаъолияти ин созмон ҷойгоҳи махсус ишғол мекунанд. Дар доираи Созмон Нақшаи ҳамкориҳои дарозмуддати иқтисодӣ байни давлатҳои аъзо қабул шудааст, ки мақсади он мусоидат намудан ба гардиши озоди мол, хизматрасонӣ ва технологияҳо дар байни шаш давлати аъзо ба ҳисоб меравад. Ҳамкориҳо, ҳамчунин, дар соҳаи тандурустӣ, фарҳанг, маориф, илм ва техника, кишоварзӣ, гумрук, энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, мубориза ба муқобили ҷиноятқорӣ ба тадриҷ ривоҷ меёбанд.

Дар даҳсолаҳои охир ба масъалаи ҷавонон дар сатҳи ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуда, муносибат ба ин проблема торафт тағйир меёбад. Ҷавонон ҳамчун неруи асосӣ ва шарики фаъоли кулли тағйирот ва дигаргуниҳо ҳисобида мешавад. Рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, дар умум, аз фаъолияти пурсамари инсон дар тамоми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа вобастагии ногусастанӣ дорад. Башарият ва ҷомеаи ҷаҳонӣ таърихан ба рушд ва тағйиру такмили тарзи ҳаёт майл дорад ва мазмуну моҳияти худи пешрафт ҳамеша яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб

меёбад. Вале дар аксар мавридҳо бештар ба бехатарии ҳаёт, зиндагии шоиста дар ҷаҳони нисбатан адолатнок ва инсондӯстона таваччуҳи бештар зоҳир карда мешавад.

Аз байни табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон бештар дар тақозои тағйирот, ислоҳот, пешрафт ва рушди босамар дар кулли соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ қарор доранд. Бад-ин васила, ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки ба масъала ва мушкилоту вазъияти ҷавонон, насли наврас, ҳамчун омили муҳимму асосии дигаргуниҳои ҳаёт назари ҷиддӣ зоҳир намояд. Вобаста ба ҳамин, 14 декабри соли 1995 СММ "Барномаи умумиҷаҳонии амали ҷавонон то соли 2000 ва баъди он"-ро қабул кард, Комиссияи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои гуманитарӣ, ҷавононро дар омилҳои пешрафту рушди босубот як зинаи муҳим маънидод намуд. Дар санади мазкур давлатҳои ҷаҳон назар ва мавқеи худро нисбат ба масъалаҳои ҷавонон муайян карда, баҳри ҳалли мушкилоти ҷойдошта кӯшиш ба харҷ дода истодаанд.

Дар даҳсолаи охири рушди муносибатҳои байналхалқӣ тарҳи сиёсии ҷаҳон ба куллӣ тағйир ёфтааст. Шароитҳои объективии ивази сиёсати ҷанг ва муноқишаю зӯроварӣ ба фарҳанги сулҳу ҳамкорӣ пурра фароҳам омадаанд. Ширкати ҷавонон дар фаъолияти ҷамъиятӣ низ пурра дигаргун шудааст. Насли ҷавон аз пешрафти ҳамкориҳо ва дӯстии дуҷониба ва бисёрҷонибаи мамлакатҳои ҷаҳон манфиатдор мебошад. Аммо дар маҷмӯъ, вазъияти ҷавонон дар ҷаҳони муосир яке аз мушкилоти ҷиддӣ ба назар мерасад.

Насли ҷавон дорандаи неруи азими зеҳнӣ мебошад, зеро маҳз дар айёми ҷавонӣ ҳар як фард метавонад зуд донишҳои нав, маҳорат ва малака, истеъдод ва қобилияти эҷодиро соҳиб шавад ва онҳоро такмил дода, ҳаёти худро ба роҳ монда, барои зиндагии шоиста шароити мусоидро фароҳам орад. Ҷавонон қисми солими аҳолии ҳар кишваранд, онҳо қисми фаъол, татбиққунандаи, назарияҳо, барномаҳо, нақшаҳо ва ташаббусҳои нав мебошанд.

Мутобқи маълумоти оморӣ, дар ҷаҳони муосир беш аз 1,8 млрд. ҷавонон ва наврасон аз синни 10 то 24 сола умр ба сар мебаранд [4, с. - 138]. Ҳамин гуна шумораи аҳолӣ як заминаи бузург барои рушду пешрафти иқтисодиёт ва иҷтимоиёт мебошад. Масъала ҳамин аст, ки ин захираҳои инсонӣ чир гуна оқилона мавриди истифода қарор дода шаванд ва то соли 2030 рушди устувор таъмин карда шавад? Аз посухи саҳеҳ ба саволи мазкур ояндаи неки ҷомеаи инсонӣ вобастагӣ дорад. Дар мадди аввал бояд маориф ва таълими ҷавонон, такмили маҳорату малака ва кору фаъолият, донишу қобилияти эҷодии насли ҷавон гузошта шаванд. Таълими босифат барои фаъолияти инноватсионӣ, ташаккули тафаккури нав, ҳалли самараноки мушкилоти мубрами ҷомеаи муосир имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Омили дигар ва асосии такондиҳандаи фаъолияти пурсамари ҷавонон дар ҷодаи пешрафт ва рушди устувор ин сармоягузорӣ мебошад. Маблағгузориҳои стратегӣ ба рушди насли ҷавони кишварҳо мусоидат намуда, барои ҷавонон имконияти амалигардонии ҳуқуқҳои худ ба таҳсил, ҳифзи саломатӣ, муҳофизат аз ҳар гуна шаклҳои табъиз ва зӯровариро фароҳам меорад.

Айни замон имконияти таҳияи барномаи амалиёт дар соҳаи рушди устувор ва васеъгардонии ҳуқуқу имкониятҳои ҷавонон вуҷуд дорад.

Дар раванди фаъолият доир ба таъмини рушди устувор дар дурнамо мақоми марказиро бояд ҷавонон ишғол намоянд.

Бо иштироки Давлатҳои аъзои СҲШ соли 2018 Озмуни ҷавонон доир ба инноватсия ва соҳибкорӣ, соли 2019 дар Чин семинар дар бораи идоракунии технопаркҳо, дар шаҳри Тошкент ҳафтаи идеяҳои инноватсионӣ «InnoWeek» гузаронида шуданд. Санаи 27 октябри соли 2020 аввалин Форуми стартапи СҲШ баргузор шуд, ки дар кори он 1,5 ҳаз. нафар аз тамоми ҷаҳон ширкат варзид. Насли ҷавон бо андешаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, неруи худ заминаи муҳимми рушди устувори кишварҳои аъзои СҲШ маҳсуб меёбад.

Созмони Ҳамкориҳои Шанхай созмони амалкунандаи байналмилаӣ мебошад ва он дар асоси "Панҷгонаи Шанхай"- иттиҳоди сиёсӣ таъсис дода шуд.

Бо ташаббуси Президенти Федератсияи Россия В.В. Путина 15 июни соли 2006 дар ш. Шанхай масъалаи созмондиҳии ассамблеяи ҷавонони СҲШ пешниҳод гардид. Консепсияи созмонидиҳии Шурои ҷавонони СҲШ дар ш. Пекин моҳи майи соли 2007 ба тасвиб расид. Нахустин Ассамблеяи ҷавонон 2-5 майи соли 2009 дар ш. Екатеринбург барпо шуд, ки дар он Конференсияи муассисии Шурои ҷавонони СҲШ баргузор гардид. Шурои ҷавонони СҲШ

мақоми танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои ҷавонон, иттиҳодияҳо ва ҳаракатҳои давлатҳои аъзои СҲШ маҳсуб меёбад. Мақсади Шурои ҷавонон СҲШ ҳамкорӣ ва табодули таҷриба миёни насли ҷавони кишварҳои аъзо дар соҳаҳои мухталифи рушди шахситяи ҷавонон мебошад, ки қобили қабул будани сиёсати бунёдии СҲШ ва амалишавии миссияи таърихии онро таъмин карда тавонад [3, с. 10]. Шурои ҷавонони СҲШ дар асоси нақшаҳои ҳамасола лоиҳаҳоро доир ба ташкил кардани "Харитаи ҷавонони СҲШ", Бизнес-инкубатор дар фазои СҲШ, Агентии байналмилалии иттилоотии ҷавонони кишварҳои СҲШ амалӣ месозад, Нишасти Шурои ҷавонон 30 октябри соли 2020 бо ташаббуси ҷониби Русия баргузор шуд ва дар он дурнамои рушд ва ҳалли масъалаи ҷавонон матраҳ гардиданд.

Дар доираи СҲШ дар самти барномаҳои ҷавонон чорабиниҳои зеҳнӣ ва натиҷаҳои лоиҳаҳои инноватсионии онҳо, аз қабили Бизнес-инкубатори байналмилалии кишварҳои аъзои СҲШ, конференсияҳо дар мавзуъҳои мухталифи мубрами ҷаҳони муосир гузаронида мешаванд. Ҳамчунин, чорабиниҳои маърифатӣ – «Баҳори донишҷӯёни кишварҳои СҲШ ва БРИКС», «Модели СҲШ» баргузор мешаванд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки насли наврас ҳамеша ба саволҳои мухталиф доир ба механизмҳои қабули қарорҳои саҳеҳ, вокуниш ба таҳдидҳои муосир, мушкилоти глобалии ҷаҳон ва амсоли инҳо посух меҷӯяд. Ҷавонон ҳамеша ба амалҳои фаъол, даъвати дигарон барои ҳамкорӣ ва кумак майл доранд, зеро маҳз ҷавонон доир ба мушкилоти худ маълумоти аниқ доранд ва ягона роҳи ҳалли инноватсионии онҳоро пешниҳод карда метавонанд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар доираи СММ мақсадҳои асосии рушди устуворро муайян намудааст. Мақсадҳои рушди устувор ба беҳбудии ҳаёт ва ҳифзи сайёраи мо равона шудаанд. Ба мақсадҳои асосии рушди устувор инҳо шомиланд: аз байн бурдани камбизоатӣ, бартараф намудани гуруснагӣ, сиҳатӣ ва некуаҳволӣ, таҳсилоти босифат, баробарии гендерӣ, энергияи сабз, кори арзишманд ва афзоиши иқтисодӣ, саноатикунонӣ, инноватсия ва инфрасохтор, кам кардани нобаробарӣ, мубориза бо тағйирёбии иқлим ва ғ. [6, с. 58].

Дар арафаи Иҷлосияи 73 -юми Ассамблеяи Кулли Созмони Милали Муттаҳид панҷ самти афзалиятноки беҳтар намудани зиндагии ҷавонон муайян карда шуданд:

- ҷалби ҷавонон ба ҳалли мушкилоти муосир;
- тавсеаи дастрасӣ ба таҳсилот ва тандурустӣ;
- беҳбудии вазъи иқтисодӣ;
- фароҳам овардани шароит барои татбиқи ҳуқуқҳои худ;
- дастгирии ҷавонон дар ҳолатҳои низоъ ва буҳрон [7, с. 51-52].

Стратегияи нави "Ҷавонон – 2030" бо ташаббуси "насли имкониятҳои номаҳдуд" мустаҳкам мегардад. Лоиҳаи мазкур имконоти ҷавононро дар беҳтар кардани сифати зиндагӣ, васеъ менамояд.

Боиси зикр аст, ки маҳз ҷавонон як заминаи асосӣ барои рушди ояндаи кишварҳои аъзои СҲШ мебошанд. Давлатҳои аъзои СҲШ ба рушду инкишофи созмонҳои ҷавонон ва ҳамкориҳои онҳо диққати хоса зоҳир менамоянд. Ҷалб намудани ҷавонон ба равандҳо ва чорабиниҳои байналмилалии фарҳангӣ, илмӣ, иқтисодӣ, таълимӣ имконият медиҳад, ки онҳо неруи зеҳнӣ ва ақлонӣ, эҷодию иҷтимоӣ, таҳсилотӣ ва маънавӣ-ахлоқии худро тақвият бахшанд, дустӣ ва ҳамдигарфаҳмиро бо халқияту миллатҳо ва дину мазҳабҳои дигар мустаҳкам намоянд, ки ин барои пешбурди муносиботи ояндаи байналмилалӣ заминаи муҳим хоҳад шуд.

Барои ҷалби таваҷҷуҳ ва ҳаввасмандии ҷавонон ба фаъолияти СҲШ ва пешбурду рушди ҳамкориҳои кишварҳои аъзо, чорабиниҳои мухталиф, аз қабили мубоҳисаҳо, конференсияҳо дар сатҳи гуногун, чорабиниҳои варзишӣ ва фарҳангӣ, форумҳо, фестивалҳо баргузор карда мешаванд. Ҳамаи ин чорабиниҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷавонон омили асосии неруи зеҳнии ҷомеа мебошанд.

Дар баробари ин, насли ҷавон бо хатару таҳдидҳои мухталифе дар ҷаҳони муосир рӯ ба рӯ мешаванд, онҳо объекти таъсиррасонии ташкилотҳо ва неруҳои иртиҷоӣ, радикалӣ мешаванд.

Аз ин хотир, ҳар як давлати дунё, созмони байналмилалӣ, кулли ҷомеа вазифадоранд, ки дар ҳидояти ҷавонон ба роҳи дуруст, нигоҳ доштани онҳо аз шомилшавӣ ба ҳар гуна созмону ташкилотҳои радикалӣ, террористӣ, экстремистӣ фаъолияти худро пурзӯр намоянд.

Боиси зикр аст, ки дар шароити шиддатёбии хар гуна хатару таҳдидҳои глобалӣ равнақ додани ҳамкориҳои кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Шанхай муҳим мебошад. Зеро таъмини амният, пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ ва рушди устувори иқтисодӣ танҳо дар заминаи роҳандозии муносиботи судманди тарафайн, мавҷудияти боварию эътимод ва саъю талоши дастаҷамъона имконпазир аст.

АДАБИЁТ

1. Акбаршои, И. Государства Центральной Азии в интеграционных процессах / И. Акбаршои. – Душанбе, 2007. – 157 с.
2. Артём, Устименко: ШОС Потенциал и тенденции развития в контексте итогов саммита глав государств // Народная газет. – 2005. – № 4. – С. 12.
3. Додхудоев, Х. А. Таджикско-китайские отношения в рамках национальных интересов Республики Таджикистан / Х.А. Додхудоев. – Душанбе, 2003. – 760 с.
4. Зокиров, Г.Н. Гули Мурод / Г.Н. Зокиров // Национальные интересы Таджикистан. – Душанбе, 1997. – С. 13 – 14
5. Комиссина, И.Н. Куртов А. А. Шанхайская Организация Сотрудничества / И.Н. Комиссина, К.А. Кокарев // Россия в Азии: проблемы взаимодействия: сборник статей. – М.: Изд-во Российского института стратегических исследований, 2006 - С. – 316.
6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи аҳамияти «Панҷгонаи Шанхай» // Ҷумҳурият. - 2001. – 06 апр.
7. Умаров, Ф. Нақши Созмони Ҳамкории Шанхай дар раванди ҳамгироии минтақавӣ / Ф. Умаров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2006. – №3. – С-70.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи асри XXI // Независимая газета. – Душанбе, 2000.
9. Юлдашев, К. Эмомали Рахмонов - основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана. - Душанбе: Ирфон, 2001. – 95 с.

АВЗОИ ҶАҲОНИ МУОСИР ВА РАВНАҚИ ҲАМКОРИҲОИ КИШВАРҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИҲОИ ШАНХАЙ

Дар мақола масъалаҳои умумии ташаккул, густариш ва рушди фаъолияти СҲШ мавриди баррасӣқарор дода шудааст. Зикр гардидааст, ки дар марҳалаи кунунии рушди муносибатҳои минтақавӣ СҲШ яке аз созмонҳои бонуфуз ва афзалиятноки давлатҳои қитъаи Авруосиё ба шумор меравад. Нақш ва саҳми СҲШ дар рушди соҳаҳои гуногуни муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ, таъмини амният ва ҳамкории кишварҳои узви ин созмон муайян карда шудааст.

Ба андешаи муаллифони мақола, шароити хамкории мамлакатҳои аъзои СҲШ сол то сол беҳтар мегардад. Дар чаҳорчӯби СҲШ марказҳо, ҳамоишҳо, конфронсҳо дар соҳаҳои гуногун ташкил карда шудаанд. Барои ҷалби таваҷҷуҳ ва майлу хоҳиши ҷавонон ба фаъолияти СҲШ ва рушди ҳамкориҳои кишварҳои узв чорабиниҳои гуногун, аз қабили мубоҳисаҳо, конфронсҳо дар сатҳҳои гуногун, чорабиниҳои варзишӣ ва фарҳангӣ, ҳамоишҳо, фестивалҳо баргузор мешаванд. Ҳамаи ин рӯйдодҳо нишон медиҳанд, ки ҷавонон омили асосии рушди неруи зеҳнии ҷомеа мебошанд ва ба фаъолияти созмон ҷалб намудани онҳо аҳамияти калонро молик аст. Фаъолияти Шурои ҷавонони СҲШ дар заминаи эътимод, эҳтироми мутақобилаи манфиати ҷонибҳо, ҳалли вазифаҳо ва проблемаҳои минтақавию глобалӣ ба роҳ монда шудааст.

Калидвожаҳо: *Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Ҷумҳурии Тоҷикистон, амният, ривоҷи ҳамкориҳои минтақавӣ, минтақаи Осиё, сулҳ, ҳамоҳангӣ, ҷавонон ва рушди ҳамкориҳо.*

СОСТОЯНИЕ СОВРЕМЕННОГО МИРА И РАЗВИТИЕ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ СТРАН-УЧАСТНИКОВ ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА

В статье рассматриваются общие вопросы становления, расширения и развития ШОС. Определяется роль и вклад ШОС в развитие различных сфер межгосударственных и региональных отношений, в обеспечении безопасности и сотрудничества государств-членов. На современном этапе развития региональных отношений ШОС является одним из влиятельных и приоритетных организаций государств евроазиатского континента

Проведение различных мероприятий под эгидой этой организации имеет большое значение для сплоченности государств-членов организации в деле развития двусторонних и многосторонних отношений.

Условия сотрудничества стран-участниц расширяются год от года. В рамках ШОС организованы центры, форумы, конференции по различным направениям. Для привлечения внимания и интереса молодежи к деятельности ШОС и развития сотрудничества между государствами-членами проводятся различные мероприятия, такие как дебаты, конференции различного уровня, спортивные и культурные мероприятия, форумы, фестивали. Все эти события свидетельствуют о том, что молодежь является ключевым фактором интеллектуального потенциала общества. Деятельность Молодежного совета ШОС основанана на доверии, взаимоуважения, взаимного уважения интересов сторон, решения стоящих задач и проблем.

Ключевые слова: *Шайнхайская Организация Сотрудничества, Республика Таджикистан, безопасность, развития регионального сотрудничества,, азиатский регион, мир, согласие, организация сотрудничества, молодёжь и развитие сотрудничества.*

THE STATE OF THE MODERN WORLD AND THE DEVELOPMENT OF COOPERATION BETWEEN THE MEMBERS OF THE SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION

At the present stage of development of regional relations, the SCO is one of the most influential and priority organizations of the states of the Eurasian continent. This article discusses the general issues of the formation, expansion and development of the SCO. The role and contribution of the SCO to the development of various spheres of interstate and regional relations, security and cooperation of the member states of the organization is determined.

The holding of various events under the auspices of this organization is of great importance for the cohesion of the member states of the organization in the development of bilateral and multilateral relations.

Year after year, the conditions for cooperation between member countries are increasing. Within the framework of this SCO, centers, forums, conferences in various areas have been organized. To attract the attention and interest of young people to the activities of the SCO and develop cooperation between member states, various events are held, such as debates, conferences at various levels, sports and cultural events, forums, festivals. All these events show that youth is a key factor in the intellectual potential of society. The activities of the SCO Youth Council are built on the basis of trust, trust, mutual respect, mutual respect for the interests of the parties, the solution of the tasks and challenges.

Keywords: *organization, security, cooperation, Asian region, peace, accords, events, cooperation organization, youth.*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Карамалишоев Карамалишо Нуралишоевич - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсия. Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи. Саид Носир, 33. Тел.: (+992) 93832 27 68; E-mail.ru.: sosim_08@mail.ru*

Якубшоев Афруз Хубоншоевеч – *Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангӣ. Нишонӣ:*

734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992)934523834. E-mail: yakubshoev_88@mail.ru

Сведения об авторах: *Карамалишоев Карамалишо Нуралишоевич - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, доцент, начальник управления по науке и инновациям. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саид Носир, 33. Тел.: (+992) 93832 27 68; E-mail.ru.: sosim_08@mail.ru*

Якубшоев Афруз Хубоншоевич *– Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, старший преподователь кафедры истории и межкультурной коммуникации. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992)934523834. E-mail: yakubshoev_88@mail.ru*

Information about the authors: *Karamalishoev Karamalisho Nuralishoevich - Academy of Public Administration under the Preident of the Republic of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head of the Science and Innovation Department. Phone: (+992) 93832 27 68; E-mail.ru.: sosim_08@mail.ru*

Yaqubshoev Afruz Khubonshyevech *- Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, senior lecterer of History and Intercultural communication. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., Phone: (+992)934523834. E-mail: yakubshoev_88@mail.ru*

ТДУ: 947 (575.3)

АЗ ТАЪРИХИ НАВИНИ САНОАТИ ТОҶИКИСТОН: ЗАМИНАҲО, ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФ

Муллоҷонов А. К.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар замони истиқлоли давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ташаккул ва рушди саноатикунонии кишвар якчанд стратегияву консепсия ва барномаҳои давлатӣ қабул шудааст, ки соҳаи мазкур яке аз самтҳои муҳимми рушди иқтисоди миллии кашвар ба шумор меравад. Татбиқи Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 декабри соли 2003, № 523), Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 марти соли 2014, № 144), Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 марти соли 2018, №159), Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 октябри соли 2005, № 422), Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 5 октябри соли 2009, № 574), Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 марти соли 2019, №128), Барномаи рушди саноати хӯрокворрии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 июли соли 2019, №373), Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 майи соли 2020, №293) ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Солҳои рушди саноат» эълон намудани солҳои 2022-2026 аз ҷумлаи тадбирҳои муҳимми рушди ин соҳа ба шумор мераванд.

Дар иртибот ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай давлати агросаноатии дорои иқтисодиёти гуногунсоҳа ба ҳисоб меравад. Соҳаҳои асосии саноатии кишвар металлургияи ранга, электроэнергетика, маъданҳои кӯҳӣ, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, инчунин, саноати сабук ва хӯрокворӣ мебошанд. Аммо сарфи назар аз диверсификатсияи нисбии иқтисодиёт, соҳаҳои онро тараққикарда номидан мумкин нест. Ин ҳам ба омилҳои сиёсати иктисодӣ ва ҳам ба як қатор сабабҳои таърихӣ вобаста аст.

Соҳаҳои ҳозиразамони махсусгардонии хоҷагии халқи Тоҷикистон қисман мероси иқтисодиёти нақшавии ИҶШС мебошанд. Ба ибораи дигар, дар мамлакат истеҳсоли аксари намудҳои маҳсулоти саноат дар солҳои ҳокимияти шуравӣ ба роҳ монда шуда буд. Ҳамчунин, ҷолиби диққат аст, ки дар ин давраи таърихӣ ҶШС Тоҷикистон дар сохтори хоҷагии халқ дар муқоиса аз дигар чумҳуриҳои ИҶШС мавқеи нисбатан пастро ишғол мекард [1]. Аммо ин аҳамияти давраи шуравиро дар таърихи Тоҷикистон кам намекунад. Масалан, то соли 1975 ҳаҷми маҳсулоти саноат дар ҷумҳурӣ назар ба соли 1940 - 14 баробар ва назар ба соли 1913 - 121 баробар афзуд [2].

ҶМШС Тоҷикистон дар соли 1924 бо роҳи тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ ташкил ёфта, баъд аз он соли 1929 ба ҶШС Тоҷикистон табдил ёфт. Дар он солҳо роҳбарияти ҳизбии мамлакат дар мавриди саноатикунонӣ дар назди ҷумҳуриҳои иттифоқӣ вазифаҳои баланд гузошта буд [3]. Аммо ин ҳадафҳои бе ин ҳам бузургро баъзе монеаҳои табиӣ: релефи душвори табиӣ, зичии пасти аҳолӣ, нарасидани мутахассисони соҳибихтисос ва дигар омилҳо душвор мегардонд.

Ба сифати вазифаҳои аввалиндараҷаи рушди босуръати саноати ин минтақа зарурати рушди бахшҳои нақлиётию инфрасохторӣ, сохтмони роҳҳо ва таъмини робитаҳои нақлиётиро метавон номбар намуд. Аз ин масъала имконияти ба амал баровардани саноатикунонии босуръат дар ибтидои солҳои 20-ум вобаста буд. Дар асри гузашта дар шароити бероҳӣ ва душвориҳои кӯҳсори Тоҷикистон сохтмони аввалин корхонаҳо имконнопазир буд. Вобаста ба ин, 38,8 фоизи тамоми маблағҳои аз ҷониби роҳбарияти ҳизбӣ барои рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон ҷудошуда ба сохтмони нақлиёт ва инфраструктура равона карда шудааст [4].

Дар баробари барпо намудани сохтмони инфрасохторӣ ба ҷумҳурӣ мутахассисони махсус ва отрядҳои коргарони дигар ноҳияҳои Иттиҳоди Шуравӣ фиристода шуданд. Барои муқоиса, то миёнаҳои солҳои 20-ум дар Тоҷикистон тақрибан 990 ҳазор нафар зиндагӣ мекарданд. То охири даҳсола ба ҶШС Тоҷикистон бештар аз 10 ҳазор нафар одамон аз вилоятҳои Русия омаданд, ки дар байни онҳо олимон, бинокорон ва муҳандисони баландихтисос низ буданд.

Саҳмгузорӣ дар сармояи инсонии ҷумҳурӣ як навъ такон ба омӯзиши захираҳои табиии Тоҷикистон гардид. Маҳз дар ҳамин давра таҳқиқоти геологӣ ва ҳадафҳои тараққӣ додани саноати истихроҷ ба миён гузошта шуд. Дар миёнаи солҳои 30-юм дар Тоҷикистон конҳои қалъагии Консой ва такелини мавзеи Қаромазор ба истифода дода шуд [5].

Дар баробари ин, иқтидори хоҷагию иқтисодии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ИҶШС дертар ошкор гардид. Ба ғайр аз ин, аз ҷониби роҳбарияти кишвар ба саноати вазнин диққати зарурӣ дода намешуд.

Дар натиҷа, бештар дар Тоҷикистон саноати сабук, хӯрокворӣ ва коркарди маҳсулоти хом инкишоф ёфт. Дастгирии соҳаҳои саноати вазнин аз ҷиҳати иқтисодӣ ба мақсад номувофиқ ҳисобида мешуд. Иқтидори хоҷагии халқ ба таври объективӣ нокифоя буд. Вале ба ин нигоҳ накарда, дар як муддати кӯтоҳ дар давраи то солҳои ҷангӣ дар ҷумҳурӣ даҳҳо корхонаҳои саноатии самтҳои гуногун ташкил карда шуд (қариб 270 корхонаҳои саноатӣ) [6].

Вазъият дар давраи ҶБВ ҳангоме, ки ба Тоҷикистон қисман таҷҳизоти заводҳо ва дар умум баъзе заводҳо кӯчонида шуданд, дигаргун шуд. Дар натиҷаи маҷбуран кӯчонидани иқтидори истеҳолӣ ба ҶШС Тоҷикистон танҳо соли 1942 250 корхонаҳои нави саноатӣ бунёд карда шуд. Аллакай дар солҳои 1944-1945 дар ҷумҳурӣ як қатор зерсоҳаҳои саноати мошинсозӣ ба миён омад [7].

Дар давраи пасазҷангӣ дар Тоҷикистон ба инкишофи пойгоҳи энергетика ва сӯзишвории худӣ диққати махсус дода мешуд. Ҷиҳати иҷрои вазифаҳо дар минтақа таҳқиқоти геологӣ гузаронида шуда, маконҳои пайдоиши захираҳои хоми минералӣ омӯхта шуд. Дар натиҷа дар охири солҳои 50-ум барои ҶШС Тоҷикистон соҳаҳои нави тилло ва кимиё ба амал омад [8].

Зинаи баландтарини инкишофи иқтисодиёти ҶШС Тоҷикистон ба солҳои 70-90-ум рост меояд. Ин ба ташаббусҳо вобаста ба инкишоф додани иқтидори энергетикӣ, ки дар боло зикр гардид, дар навбати худ ба инкишофи соҳаҳои металлургияи ранга таъсир расонид, вобаста буд.

Мавриди зикр аст, ки бисёр объектҳои азими сохтмони инфрасохторе, ки оғоз ёфта буданд, анҷом наёфтанд. Масалан, дар солҳои 1986-1990 роҳбарияти ҳизбии мамлакат ба кор андохтани НОБ-ҳои Роғун ва Помирро ба нақша гирифта, сохтмони НОБ-и Сангтуда оғоз ёфт. Аммо он солҳо дар ИҶШС ва махсусан, дар Тоҷикистон омилҳои буҳрони иҷтимоию сиёсӣ вуҷуд доштанд. Инчунин, моҷарои ҳарбии Афғонистонро, ки ба суст шудани тараққиёти иқтисодиёти ҶШС Тоҷикистон таъсири манфӣ расонданд, нисбат додан лозим аст. Аз сабаби вусъат ёфтани ҷанги Афғонистон дар солҳои 80-90-уми асри гузашта роҳбарияти шуравӣ аз инкишоф додани иқтидори нақлиётию транзитии Тоҷикистон, ки бо Ҷумҳурии Демократии Афғонистон ҳамсарҳад аст, худдорӣ менамуд.

Сарфи назар аз омилҳои зикршуда барои тараққӣ додани иктисодиёти Тоҷикистон дар солҳои 1971-1990 корҳои зиёд анҷом дода шудааст. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноат назар ба нишондиҳандаҳои соли 1970 то соли 1990-ум 251,4 фоизро ташкил дод. Дар комплекси электроэнергетика афзоиши 461,0 фоиз, дар саноати мошинсозӣ – 366 фоиз; дар саноати сабук – 191 фоиз, дар саноати хӯрокворӣ – 193,2 фоиз. Дар комплекси металлургӣ дар солҳои 80-ум афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноат ба дараҷаи 270 фоиз, дар саноати нафту кимиё – 220 фоиз муқаррар карда шуда буд. Афзоиши интенсивии соҳаҳои муайяншудаи саноат дар ин солҳо имконият медиҳад, ки дар бораи дигаргуниҳои сохтори иқтисодиёти ҶШС Тоҷикистон сухан ронем. Агар дар миёнаи асри ХХ вазни қиёсии саноати вазнин дар иқтисодиёти Тоҷикистон аз 5 фоиз зиёд набошад, пас то соли 1970 ин нишондиҳанда 7 фоиз ва то соли 1990 арзиши нишондиҳанда қариб 20 фоиз қатъ гардид. Дар баробари ин, асоси маҳсулоти

минтақавии Тоҷикистонро ҳамоно махсусгардонии соҳавии он – кишоварзӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ муайян мекард [12].

Бо сабабҳои объективии таърихӣ рушди интенсивии иқтисоди Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-ум суст шуд. Моҳи сентябри соли 1991 аз Иттиҳоди Шуравӣ ҷудо шудани кишвар эълон шуд. Ин давра ба мисли дигар давлатҳои навтаъсис Тоҷикистонро ба як қатор проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мувоҷеҳ гардонид. Азбаски иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба комплекси хоҷагии халқи Иттифоқи Шуравӣ дохил мешуд, занҷирҳои мавҷудаи саноатӣ-истеҳсолӣ қариб дар як лаҳза аз байн рафтанд. Маҳсулоти заводҳои Тоҷикистон дигар ба вилоятҳои Русия содирот намешуд. Кишварҳои Аврупои Шарқӣ низ аз моли саноати сабуки Тоҷикистон даст кашиданд. Неругоҳҳои дар Ӯзбекистон ҷойгиршуда низ ба қонеъ кардани ниёзҳои дохилии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Ӯзбекистон равона карда шуданд. Илова бар ин, дар марз бо ҳамсояи ҷанубӣ - Афғонистон, ки дар ин солҳо марҳалаи нави авҷ гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ мушоҳида мешуд, хатарҳои азим ба миён омаданд.Тараққиёти иқтисодиёти Тоҷикистони даврони шуравӣ асоси системаи муосири иқтисодии давлати имрӯза гардидааст. Дар он давра соҳаҳои махсусгардондашудаи саноати ҷумҳурӣ ташкил ёфта, лоиҳаҳои калони энергетикӣ ба амал бароварда шуда, мактабҳои илмӣ-академӣ ташкил карда шуданд, барномаи азими дарозмуҳлати тараққиёти интенсивии ҳам Тоҷикистон ва ҳам ҷумҳуриҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ тарҳрезӣ гардид. Аммо воқеияти солҳои 90-ум боиси гузариши фаврии давлатҳои навтаъсис аз модели иқтисодии нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ гардид. Дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи ба куллӣ аз нав сохтани комплекси хоҷагӣ ва барқарор намудани муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ гузошта шуд. Дар даҳсолаҳои охири мавҷудияти Давлати Шуравӣ Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ-аграрии Иттифоқ табдил ёфта, дараҷаи инкишофи саноат дар байни 15 ҷумҳуриҳои Иттифоқ Тоҷикистон ҷойи 10-умро ишғол мекард. Миқдори корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ соли 1991 ба 2308 адад мерасид. Аз миқдори умумии корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ 425 адад корхонаҳои нисбатан калон буда, аз онҳо 207 корхонаҳои соҳаи вазнин ва 119 адад корхонаҳои соҳаи сабук буданд.

Истиқлол дар таърихи давлатдории тоҷикон ва сарнавишти миллати тоҷикон оғози марҳилаи сифатан нав гардида, барои шинохт ва дарёфти роҳу равиш ва самтҳои афзалиятноки пешрафти соҳаҳои гуногуни кишвар, заминаи устувору пойдор фароҳам овард.

Мутаассифона, ҷанги шаҳрвандӣ ба раванди инкишофи саноати ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонид. Дар солҳои 90-уми асри XX корхонаи алюминии тоҷик барои ҷумҳурӣ ягона манбаи ба даст даровардани асъори хориҷӣ ба ҳисоб мерафт. Ба ивази ин асъор ғалла ва таҷҳизоти зарурӣ харида шуд. Хулоса, корхонаи номбурда бо маҳсулоти худ мардуми ҷумҳуриро, солҳои душвори 90-ум, аз гуруснагӣ раҳо дод. Вале махсусан дар солҳои муқовиматҳои ҷанги шаҳрвандӣ, завод дар ҳолати хеле ногувор қарор дошт. Сабаби асосии чунин ҳолат, ин қатъ гардидани интиқоли ашёи хом – хокаи алюминӣ аз давлатҳои ҳамсоя буд. Дар натиҷа моҳҳои январ-июли соли 1990 ба хориҷа ҳамагӣ 90,2 ҳазор тонна арзиз фурӯхта шуд. Ҳол он, ки иқтидори нақшавии завод 517 ҳазор тонна алюминӣ муайян шуда буд [14].

Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намуд, ки он барои таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи боътимод фароҳам меорад. Соҳаи саноат, ки қисми таркибӣ ва пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад, дар замони Шуравӣ дар доираи муносибатҳои кооператсияи байниҳамдигарии собиқ ҷумҳуриҳои иттиҳод фаъол буд. Тоҷикистон ҳамчун кишвари истеҳсол ва содиркунандаи ашёи хом металлҳои ранга, нодир, асил ва қиматбаҳо, ашёи хом ва нимтайёри саноати бофандагӣ, маводи ғизоӣ, меваю сабзавотро барои коркарди минбаъда ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр ба корхонаҳои ҷумҳуриҳои ҳамсоя интиқол медод.

Саноати имрӯзаи Тоҷикистон дорои заминаи маҷмӯии инкишофёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад. Онро зиёда аз 90 самти истеҳсолот ва намудҳои маҳсулот, ки ба соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, истеҳсоли қувваи

барқ, истихроҷи ангишт, саноати сабук, мошинсозӣ, коркарди маъдан ва кимиё, масолеҳи сохтмон ва саноати хӯрокворӣ тааллуқ доранд, муаррифӣ мекунанд.

Дар шароити имрӯза энергетика асоси пешравии иқтисодиёти ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Дараҷаи инкишофи он аз мавҷудияти сарчашмаҳои энергетикӣ нафт, газ, ангишт ва неругоҳи барқии обӣ вобастагии қавӣ дорад. Ҷумҳурии мо аз ин сарчашмаҳо танҳо имконияти зиёди сохтани неругоҳҳои барқии обӣ ва захираҳои зиёди ангиштро дорад. Аз ҷумла, иқтидори захираҳои гидроэнергетикии мамлакати мо ба 527 млрд кВт мерасад. Аз ин 220,6 млрд кВт имконият барои истифодабарӣ дорад. Аммо имрӯзҳо ҷумҳурии мо аз ин имкониятҳо ҳамагӣ 6,5% - ро истифода мебарад. Имконияти зиёд кардани содироти неруи барқ ба мавҷудияти захираҳои нисбатан арзони гидроэнергетикӣ ва дар заминаи онҳо бунёди неругоҳҳои барқи обӣ алоқаманд аст. Зарфияти гидроэнергетикии ҷумҳурӣ ниҳоят баланд аст. Он аз ҷиҳати назариявӣ дар як сол қариб 527 млрд кВт/соат ва аз рӯи ҳисоби техникӣ-иқтисодӣ 230 млрд кВт/соат мебошад. Ҳоло иқтидори умумии ҳамаи пойгоҳҳои обии барқии ҷумҳурӣ 4070 ҳазор кВт-ро ташкил медиҳад.

Неругоҳи барқии обии Роғун, ки 27 сентябри соли 1976 ба таври расмӣ, ба сохтмонаш оғоз намуданд, яке аз сохтмонҳои азими Шуравӣ ба ҳисоб мерафт ва мебоист пурра аз ҳисоби буҷаи Иттифоқ сохта мешуд. Иқтидори солонаи он 3,6000 млн кВт соат, миқдори агрегатҳо – 6 адад ва баландии сарбанди он 335 метр муайян шуда буд. Охирҳои солҳои 80-уми асри XX аллакай баландии сарбанди сохташудаи ин неругоҳ ба 40 метр расид. Пас аз барҳамхӯрии ИҶШС рафти корҳои сохтмонӣ қатъ гардид. Соли 2009 корҳои барқароркунии сохтмонӣ дар НБО-и «Роғун»аз нав оғоз гардид. Ин заруриятро қарори Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба қатъ намудани интиқоли барқ ба вилояти Суғд боз ҳам тезонид. Нахустин агрегати НБО-и «Роғун» 16 ноябри соли 2018 ва агрегати дуюм 9-сентябри соли 2019 ба истифода дода шуд.

Сохтмони неругоҳи барқии обии Сангтӯда ҳам ҳанӯз соли 1985, яъне дар замони Шуравӣ ба нақша гирифта шуда буд. Соли 1987 Ҳукумати Иттифоқ барои ин сохтмон 3 млн. сӯм ҷудо кард. То аввали асри XX ҳамагӣ 20%-и маблағ аз худ карда шуд. Дар он солҳо сохтани танҳо як адад неругоҳ дар назар дошта шуда буд ва соли 1994 бояд сохтмони он ба итмом мерасид. Соли 1993 он лоиҳа ба ду қисм - Сангтӯда – 1 ва Сангтӯда – 2 тақсим карда шуд [12]. Ҳукумати ҷумҳурӣ зарурияти неруи барқро ба инобат гирифта, аз соли 1996 сар карда, барои сохтани **Неругоҳи барқии обии Сангтӯда-1**, ҳар сол аз буҷаи давлат 1-2 млн. доллари америкоӣ ҷудо мекард. Аммо чунин маблағгузорӣ ягон натиҷаи иқтисодӣ надода, танҳо аз соли 2005 дар қисми Сангтӯда 1 корҳои сохтмонӣ ҷоннок гардид. Ҳанӯз 16 феврали ҳамон сол барои сохтани он аз тарафи ширкати русиягии «Интер РАО ЕЭС» ва Вазорати энергетикаи Тоҷикистон ҷамъияти саҳҳомии Русияю Тоҷикистон – «НБО Сангтӯда – 1» таъсис ёфт.

Санаи 15 апрели соли 2005 ба корҳои барқароркунии сохмони НОБ-и Сангтӯда расман ҳусни оғоз бахшида шуда, 15 декабри соли 2006 дар ҷойи сарбанди ин неругоҳ маросими бастани дарёи Вахш бо роҳи тарконидани соҳилҳо барпо гардид. Санаи 20 январи соли 2008 агрегати якум ва июли соли 2009 агрегати охирин – чаҳоруми он ба кор дароварда шуд. Иқтидори неругоҳ 670 мегаватт, иқтидори солонааш 2,7 млрд кВт ва баландии сарбандаш – 75 метр мебошад. Хароҷоти умумии сохтмон – 482 млн. доллари америкоӣ муайян гардид. Мавриди зикр аст, ки 75% саҳмияҳоро тарафи Русия («ЕЭС Русия») соҳиб шуд. Боқимонда (25%) ба ихтиёри Тоҷикистон монд. Бояд зикр намуд, ки ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар аввали соли 2022 беш аз 3,7 миллиард киловат-соатро ташкил дод. Ин нишондиҳанда нисбат ба январ-феврали соли 2021 9,8 дарсад бештар аст [16].

Дар соҳаи энергетикаи Тоҷикистон захираҳои бузурги обии энергетикӣ мавҷуданд. Вобаста ба ин, бо мақсади рушд ва афзун намудани иқтидори содиротии соҳаи энергетика зарур аст, ки анҷоми чорабиниҳои пешбинишуда ва оғозшуда оид ба барқарорсозӣ, навсозӣ, таҷдид ва сохтмони иншооти энергетикӣ аз ҳисоби сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ таъмин карда шавад.

Дар баробари ба кор андохтани навбати дуюми НОБ-и Шӯроб дар дарёи Вахш, НОБ-и Даштиҷум ва азхудкунии ҳавзаи дарёи Зарафшон қувваи барқ соле ба 57-60 миллиард кВт/соат

мерасад ва дар натиҷаи азхудкунии интенсивии захираҳои обу энергетикии ҳавзаи дарёи Панҷ истеҳсоли кувваи барқ дар як сол ба 80 миллиард кВт/соат мерасад [16].

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон содироти неруи барқи зиёдатӣ, ҳам ба кишварҳои ҳамсоя ва ҳам ба кишварҳои хориҷи дур (кишварҳои Осиёи Марказӣ, Покистон, Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Чин) дар назар аст. Норасоии ҷиддии иқтидори энергетикӣ дар тӯли сол ва арзиши баланди тавлиди неруи барқ дар Покистон метавонад ин кишварро ба эҳтимоли зиёд ба бозори содиротии неруи барқи Тоҷикистон табдил диҳад. Афғонистон тамоми фаслҳои сол ба норасоии бузурги неруи барқ дучор мешавад, аз ин рӯ, ин аз воридот вобаста аст. Амалишавии лоиҳаи минтақавии CASA-1000, ки интиқоли неруи барқро аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистону Покистон пешбинӣ мекунад, барои иқтисодиёти Тоҷикистон метавонад, манфиати зиёд орад. Дар доираи CASA-1000 хатҳои интиқоли барқ бо дарозии умумии зиёда аз 1200 километр сохта мешаванд. Арзиши умумии лоиҳа 1 миллиарду 170 миллион долларро ташкил медиҳад. Маблағгузори асосии лоиҳа Бонки Ҷаҳонӣ мебошад, ки аллакай маблағгузорӣ дар ҳаҷми 526,5 миллион доллар грант ва қарзро барои лоиҳа ҷудо кардааст. Қисми боқимондаи маблағгузории CASA-1000 аз ҷониби як қатор шарикони дигари рушд, аз ҷумла, Бонки Исломии Рушд ва Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ таъмин карда мешавад.

Умуман, инфрасохтори обу энергетика сармояталаб аст. Аз ин рӯ, дар солҳои наздик зарур аст, ки механизми нави бозори сармоягузорӣ, ки қодир ба ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба ин соҳа мебошад, таъсис дода шавад.

Дар тӯли 30 соли истиқлоли давлатӣ бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ садҳо корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ эҳё гардида, ҷойҳои корӣ барқарор шуданд. Агар дар соли 1992 дар ҷумҳурӣ 1628 корхонаҳои саноатӣ вуҷуд дошта бошанд, пас шумораи онҳо имрӯз ба 2319 адад расида, зиёда 100 ҳазор нафар аҳолии мамлакатро ба кор таъмин мекунанд [12].

Дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар ҷумҳурӣ ба 5 млрд 721 млн сомонӣ расонида шуда, суръати афзоиш нисбат ба соли 2018 115,9% баробар шуда, афзоиш 792,9 млн сомониро ташкил дод. Дар ҳамаи соҳаҳои саноат пешравӣ дида шуда, рушди он дар тамоми минтақаҳо (ВМКБ, Хатлон, Суғд ва НТҶ) аз нақша зиёдтар мебошад.

Мавриди зикр аст, ки Тоҷикистон бори нахуст дар таърихи истиқлол дар тиҷорат ба дастовардҳои Бузург ноил шуд. Соли 2021 ҳаҷми содирот ба беш аз 2 миллиард доллар расид. Ин баландтарин нишондод дар таърихи истиқлоли кишвар аст. Соли 2020 ҳаҷми содирот 740 миллион доллар арзёбӣ шуда буд [16].

Дар соли 2021 аз Тоҷикистон аз ҳама бештар ашёи хом содир шуда буд. Металҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ба маъруфтарин маҳсулот табдил ёфтанд. Онҳо наздик ба 40 дарсади содироти ашёи хомро ташкил медиҳанд. Дар ҷойи дуюм маъданҳо ва консентратҳо (16 фоиз), сипас, пахта (9,5%) ва алюминӣ (6%) қарор гирифтаанд. Дар ҷойи дуюм маъданҳо ва консентратҳо (16%), пахта (9,5%) ва алюминӣ (6%) дар ҷойи сеюм қарор доранд. Ғайр аз ин, Тоҷикистон ба кишварҳои дигар 4,5 фоиз қувваи барқ, 4 фоиз сурма, 2 фоиз семент, 1,7 фоиз сабзавоту мева фиристодааст. Кишвар аз ҳама камтар металли сиёҳ (1 фоиз) ва либос (0,9 фоиз) содир кардааст [16].

Бояд зикр намуд, ки рушди тавлидоти саноатӣ дар кишвар аз аввали соли ҷорӣ ба 484,3 миллион доллар расидааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Тоҷикистон дар 2 моҳи соли равон нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 бо арзиши муқоисавӣ 12,4% афзоиш ёфтааст. Тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави кишвар, афзоиши ҳаҷми он беш аз 6,2 миллиард сомонӣ (484,3 миллион доллар) аст [16].

Сӣ сол барои таҳкими истиқлоли воқеии як давлат аз лиҳози вақти таърихӣ мисли як сония аст. Агар ин 30 солро таҳлил кунем, метавон мушоҳида кард, ки имконияти воқеӣ барои рушд дар Тоҷикистон танҳо баъди солҳои 2000 фароҳам омада, 10 соли он барои расидан ба Ваҳдати миллӣ сарф шуд ва дар ояндаи наздик ҳамаи он нақшаву ҳадафҳои муҳимми стратегии кишвар, бахусус, ҳадафи саноатикунонии босуръат амалӣ гардида, Тоҷикистони азиз, ба яке аз давлатҳои пешрафта табдил хоҳад ёфт.

Ҳамин тариқ, саноати кишвар дар оянда бо истифода аз шароити мусоиди рушд метавонад, имкониятҳои содиротии худро афзун намуда, ба як бахши муҳимми рушди иқтисоди Тоҷикистони муосир табдил ёбад.

АДАБИЁТ

1. История таджикского народа. Т.5. Новейшая история (1917-1941 гг.) / Под ред. академика Академии наук Республики Таджикистан Р.М. Масова. - Душанбе, 2004. – 752 с.
2. История таджикского народа. Т.6. Новейшая история (1941-2010 гг.) / Под ред. академика Академии наук Республики Таджикистан Р.М. Масова. – Душанбе, 2011. – 688 с.
3. Кабутов, М. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Кабутов. – Душанбе, 2005. – 178 с.
4. Каландаров, Н.М. Экономика ГБАО / Н.М. Каландаров. – Душанбе: Дониш, 1985. – 332 с.
5. Кистанова, В. Размешение производительных сил / В. Кистанова, Н.Капилов. – М., 1994. – 588 с.
6. Мирзоев, Р.К. На пути к прогрессу / Р.К.Мирзоев. – Душанбе: Дониш. 1992. – 544 с.
7. Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 5 январи соли 2010. – Душанбе, 2010 – С.7-16
8. Набиева, Р.А., Таърихи халқи тоҷик / Р.А. Набиева, Зикриёев Ф.Б. – Душанбе, 2006. – 194 с.
9. Нурназаров, М., Хоҷагии халқи Тоҷикистон / М. Нурназаров, М.Раҳимов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 160 с.
10. Раҳмон, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ / Иборатаз 3 ҷилд. - Душанбе: Ирфон, 2001. – 704 с.
11. Сайидзода, З., Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон / З. Сайидзода, П.Давлатзода., А. Даминова. – Душанбе: Контраст, 2018. – 422 с.
12. Файзи истиқлол-25. – Душанбе: Маориф, 2016. – 480 с.
13. Худойбердиев, М, Географияи Тоҷикистон / М. Худойбердиев М. Раҳимов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 192 с.
14. Ҳотамов, Н.Б. Таърихи халқи тоҷик / Н.Б. Ҳотамов, Д.Довудӣ, М.Исоматов С. Муллоҷонов. - Душанбе, 2019. – 568 с.
15. Шимов, В.Н. Региональная эффективность общественного производства: Проблемы. Методы измерения. Пути повышения. Минск, 1986. - 167 с.
16. Сомонаи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон [маводи эл.]. URL: http://sanoat.tj/ (санаи дастрасӣ: 08.06.2022)

АЗ ТАЪРИХИ НАВИНИ САНОАТИ ТОҶИКИСТОН: ЗАМИНАҲО, ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФ

Дар мақола вазъи саноат дар Тоҷикистон дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст. Муаллиф зикр намудааст, ки саноати имрӯзаи Тоҷикистон дорои заминаи маҷмӯии инкишофёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад. Онро зиёда аз 90 самти истеҳсолот ва намудҳои маҳсулот, ки ба соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, истихроҷи ангишт, саноати сабук, мошинсозӣ, коркарди металл ва маҳсулоти химиявӣ, масолеҳи сохтмон ва саноати хӯрокворӣ тааллуқ доранд, муаррифӣ мекунанд.

Зикр гардидааст, ки агар 30 соли истиқлоли давлатиро таҳлил кунем, метавон мушоҳида кард, ки дар Тоҷикистон имконияти воқеӣ барои рушд танҳо баъди солҳои 2000 фароҳам омада, 10 соли он барои расидан ба Ваҳдати миллӣ сарф шуд ва дар ояндаи наздик ҳамаи он нақшаву ҳадафҳои муҳимми стратегии кишвар, бахусус, ҳадафи саноатикунонии босуръат амалӣ гардида, Тоҷикистони азиз, ба яке аз давлатҳои пешрафта табдил хоҳад ёфт.

Ҳамзамон, муаллиф дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи иқтисодиёт, махсусан, дар соҳаи саноат таҳлил намуда, масъалаҳои суръатбахшии рушди устувори саноат, таъсиси корхонаҳо, ҷорӣ намудани навовариҳои техникию технологӣ дар истеҳсолоти саноатиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлоли давлатӣ, шуравӣ, саноат, иқтисодиёт, корхона, завод, фабрика, технология.*

ИЗ НОВЕЙШЕЙ ИСТОРИИ ПРОМЫШЛЕННОСТИ ТАДЖИКИСТАНА: ПРЕДПОСЫЛКИ, СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

В статье исследуется состояние промышленности Таджикистана в период государственной независимости Республики Таджикистан. Автор отметил, что современная промышленность Таджикистана имеет развитую и технически оснащенную комплексную базу и охватывает различные направления. Она представлена более чем 90 направлениями производства и видами продукции, которые относятся к областям добычи и переработки полезных ископаемых, угледобычи, легкой промышленности, машиностроения, металлообработки и химической продукции, строительных материалов и пищевой промышленности.

Упоминается, что если проанализировать 30 лет государственной независимости, то можно заметить, что реальная возможность для развития в Таджикистане появилась только после 2000-х годов и 10 лет было потрачено на достижение национального единства. В ближайшем будущем все эти важные стратегические планы и цели страны, особенно цель быстрой индустриализации, будут реализованы, и Таджикистан станет одной из развитых стран.

При этом автор анализирует достижения Республики Таджикистан в области экономики, особенно в области промышленности. Рассмотрены вопросы ускорения устойчивого развития промышленности, создания предприятий, внедрения технических и технологических новшеств в промышленное производство.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, государственная независимость, Советский Союз, промышленность, экономика, предприятие, завод, фабрика, технология.*

FROM THE MODERN HISTORY OF THE INDUSTRY OF TAJIKISTAN : BACKGROUND, CURRENT CONDITION AND DEVELOPMENT PROSPECTS

The article considers the condition of industry in Tajikistan during the period of state independence of the Republic of Tajikistan. The author noted that the modern industry of Tajikistan has developed and technically equipped complex base and covers various areas. It is represented by more than 90 areas of production and types of products that relate to the areas of mining and processing of minerals, coal mining, light industry, mechanical engineering, metalworking and chemical products, building materials and the food industry.

It is mentioned that if we analyze 30 years of state independence, we can see that a real opportunity for development in Tajikistan appeared only after the 2000s and 10 years were spent on achieving national unity. In the near future, all these important strategic plans and goals of the country, especially the goal of rapid industrialization, will be implemented, and Tajikistan will become one of the developed countries.

At the same time, the author analyzes the achievements of the Republic of Tajikistan in the field of economy, especially in the field of industry. The issues of accelerating the sustainable development of industry, the creation of enterprises, and the introduction of technical and technological innovations in industrial production are considered.

Keywords: *Republic of Tajikistan, state independence, Soviet Union, industry, economy, enterprise, plant, factory, technology.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Муллоҷонов Асадулло Кучакович *- Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14, тел.: (+992) 939127272. E-mail:* asadullo1976@mail.ru

Сведения об авторе: Муллоджонов Асадулло Кучакович *– Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандитат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин. Адрес: 734067, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, тел.:(+992) 939127272. E-mail: asadullo1976@mail.ru*

Information about the author: Mullojonov Asadullo Kuchakovich *- Tajik state university of finance and economics, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities. Address: 734067, Dushanbe, Nahimov street 64/14, tel.: (+992) 939127272. E-mail:* asadullo1976@mail.ru

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ – ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Мухторов З.М., Ғафуров З.С. Вижагиҳои маъноӣ ва луғавии сленгҳои компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....5

Мамадназаров А., Парвоева Н.З. Вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ дар муқоиса бо забони англисӣ.....12

Джамирова Л.И. Лексемы, характеризующие пожилых людей третьего возраста в русском и таджикском языках…….....19

Сулаймонов Б.С. Ҳамбастагиҳои забонӣ ва мантиқӣ аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ.....27

Саидасанова Р. Қ. Таҳлили этнолингвистии лексикаи хешутаборӣ дар забони шуғнонӣ.....34

Халимова С. Ш. Особенности перевода поэзии с таджикского языка на русский на примере творчество основоположника таджикско-персидской литературы Абуабдулла Рудаки (на примере некоторых профессионализмов).....39

Хасанова Ш.Р. Фразеологизмы, характеризующие человека по социальным свойствам в русском языке…….....…….....……47

Ҳасанзода А. А., Раҳимов А.И. Шарҳи вожаҳои қадимии эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» ва муқоисаи онҳо бо лаҳҷаҳои тоҷикӣ.....52

Абдулаҳадов И. Роҳҳои истифодабарии сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ.....58

Маҳмадиев Х. Гунанокӣ ва мутазоди воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....66

Шарипова Н. Некоторые особенности прецедентных имён в русском и таджикском языках…….....…75

Шоназаров З.М. Роҷеъ ба таснифи воҳидҳои луғавии бемуодили забон.....82

Шукурова Т.Ф. Высказывание как коммуникативный акт……..……...….88

АДАБИЁТШИНОСӢ – ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Давлатбеков Л. Таъсирпазирии ашъори Сайид Замониддини Адими Шуғнонӣ аз мухаммасоти Сайидои Насафӣ.....93

Зоиров Ҳ.З. Баҳсе дар тасҳеҳ ва матншиносии номаҳои Ҷомӣ.....99

Изатзода З.Т. Баррасии мазмун ва мундариҷаи “Пандномаи Анӯшервон”-и Бадеи Балхӣ.....105

Галимова М.Б. Особенности восприятия басен И.А. Крылова музыкальной аудитории.....111

Шарипов Ш.Р. Ҳисомезӣ ва тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ.....117

Каримова М. Р. Тасвири зан-модар дар ашъори Раҳмат Назрӣ……...……...123

Кудратова С.Н. Сочетание формы и стиля рубаи Лоика Шерали.....130

Раджабова К.Х. Взаимосвязь и художественные процессы в литературе Востока….....…138

ПЕДАГОГИКА

Гулназарзода Ж.Б., Шосаидзода С.Ҳ. Арзёбии сифати таҳсилот: муносибати квалиметрӣ.....144

Раҷабова Ф.О. Самтҳои баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....152

Шарипова Н. Обучение русским именам в таджикской аудитории…….....….....161

ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

Аслонов Ҳ.З. Авесто - нахустин қомуси тамаддун ва сарчашмаи таърихӣ…….....…168

Карамалишоев К.Н., Яқубшоев А.Х. Авзои ҷаҳони муосир ва равнақи ҳамкориҳои кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Шанхай.....181

Муллоҷонов А.К. Аз таърихи навини саноати Тоҷикистон: заминаҳо, вазъи кунунӣ ва дурнамои инкишоф.....188

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишкадаи забонҳо» пешниҳод мегарданд.

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз ҳама гуна китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Саидов С.А.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с. 25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи МАТС (ГОСТ) 7.1-2003 ва МАТС (ГОСТ) 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шаванд;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф;

– ба мазмуну муҳтавои мақолаҳо муаллифон масъул мебошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник института языков»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times Nев Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Саидов С.А.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [6, с. 42]. То есть, литература №6 и страница 42;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес места работы автора);

–авторы несут ответственность за содержание статей.

ПАЁМИ
ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих)

Маҷаллаи илмии «Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих» соли 2011 таъсис ёфтааст. Дар як сол 4 маротиба нашр мегардад. Шакли чопии маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зеринро барои чоп қабул менамояд:

Илмҳои филологӣ (10.00.00), педагогӣ (13.00.00) ва таърих (07.00.00).

Шакли пурраи электронии маҷалла дар сомонаи маҷалла (www.payom.ddzt.tj) дастрас аст.

ПАЁМИ
ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО
(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих)

2022. № 2 (46)

Шумораро ҳайати зерин омода намуд:
Котиби масъул: Миракзода Ф.Ю.
Муҳаррири масъул: Шосаидзода С.Ҳ.
Мусаҳҳеҳи забони тоҷикӣ: Шарипов Ш.Р.
Мусаҳҳеҳи забони русӣ: Ҳоҷатов Б.Д.
Мусаҳҳеҳи забони англисӣ: Азизмуродов М.Р.

Паёми Донишкадаи забонҳо
(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих):
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Сомонаи маҷалла**:** www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

Дар матбааи ҶДММ “Нушбод” ба табъ мерасад.
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 148/1.
Ба чоп супорида шуд: 12.07.2022. Ба чоп имзо шуд: 14.07.2022.
Формати 60х841/8. Қоғази офсетӣ. Нашрӣ офсетӣ.
Теъдод 100 нусха.

ВЕСТНИК
ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)

Научный журнал «Вестник института языков. Серия филологических, педагогических и исторических наук» основан в 2011 г. Выходит 4 раза в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: филологические науки (10.00.00), педагогические науки (13.00.00) и исторические науки (07.00.00).

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте журнала (www.payom.ddzt.tj).

ВЕСТНИК
ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ
(серия филологических, педагогических и исторических наук)

2022. № 2 (46)

Над номером работали:
Ответственный секретарь: Миракзода Ф.Ю.
Ответственный редактор: Шосаидзода С.Х.
Корректор таджикского языка: Шарипов Ш.Р.
Корректор русского языка: Ходжатов Б.Д.
Корректор английского языка: Азизмуродов М.Р.

Вестник института языков
(серия филологических, педагогических и исторических наук):
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.
Сайт журнала**:** www.payom.ddzt.tj
E-mail: payom@ddzt.tj
Тел.: (+992 37) 232-87-30

Отпечатано в типографии ООО “Нушбод”.
734003, г. Душанбе, ул. Н.Карабоева, 148/3.
Сдано в печать: 12.07.2022. Подписано к печати 14.07.2022.
Формат 60х841/8. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз.